ISSN 2710-4672

# ПАЁМИ ДОНИШГОҲИ ОМӮЗГОРӢ
## БАХШИ ИЛМҲОИ ФАЛСАФА, ҲУҚУҚ ВА СИЁСАТШИНОСӢ

***Нашрияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ***

# ВЕСТНИК ПЕДАГОГИЧЕСКОГО УНИВЕРСИТЕТА
## СЕРИЯ ФИЛОСОФИЯ, ПРАВО И ПОЛИТИЧЕСКИЕ НАУКИ

***Издание Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни***

# HERALD OF THE PEDAGOGICAL UNIVERSITY
## SERIES OF PHILOSOPHY, LAW AND POLITICAL SCIENCES

**Publication of the Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Ayni**

**№ 3 (19)**

**Душанбе – 2025**

**ISSN 2710-4672**

***Маҷалла соли 2021 таъсис ёфтааст***

*Маҷалла аз 01.10.2024 шомили феҳристи маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Дар маҷалла мақолаҳои илмӣ аз рӯи самтҳои зерин нашр мешаванд: 09.00.00 – Илмҳои фалсафӣ, 12.00.00 - Илмҳои ҳуқуқшиносӣ, 23.00.00 – Илмҳои сиёсатшиносӣ*

*Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 майи соли 2023 таҳти № 293/МҶ-97 аз нав ба қайд гирифта шудааст.*

*Маҷалла шомили пойгоҳи иттилоотии «Шохиси иқтибосоварии илмии Русия» (ШИИР) шудааст, ки дар сомонаи Китобхонаи миллии маҷозӣ ҷойгир аст.* http: //elibrary.ru

***Суроға:*** *734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 121*

***Тел.:*** *(+992 37) 224-20-12*

***Факс:*** *(+992 37) 224-13-83*

***Почтаи электронӣ:*** *vestnik.tgpu@gmail.com*

***Сомонаи маҷалла:*** *http: // filosofiya.tgpu.tj*

**Сармуҳаррир:** ***Ибодуллозода Аҳлиддин Ибодулло*** *– доктори илмҳои таърих, профессор, ректори ДДОТ ба номи С. Айнӣ*

**Муовини сармуҳаррир:** ***Раҷабзода Сироҷиддин Икром*** *– доктори илмҳои химия, профессор, муовини ректор оид ба корҳои илмии ДДОТ ба номи С. Айнӣ*

**Котиби масъул:** ***Холов С.С.***

## ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:

***Самиев Бобо Ҷураевич*** *- доктори илмҳои фалсафа, профессор*
***Назариев Рамазон Зибуҷинович*** *- доктори илмҳои фалсафа, профессор*
***Султонзода Соқӣ Аслон*** *- доктори илмҳои фалсафа, профессор*
***Ҳайдаров Рустам Ҷурабоевич*** *- доктори илмҳои фалсафа, профессор*
***Худойдодзода Фаррух Бегиҷон*** *- доктори илмҳои фалсафа, профессор*
***Зикирзода Ҳобил*** *- доктори илмҳои фалсафа, дотсент*
***Раҳимзода Маҳмад Забир*** *– доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, узви вобастаи АМИТ*
***Сафарзода Анвар Ислом*** *– доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор*
***Меликов Умрилло Асадуллоеивч*** *- доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор*
***Раҷабов Саидумар Одинаевич*** *- доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор*
***Азиззода Убайдулло Абдулло*** *- доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор*
***Сангинзода Дониёр Шомаҳмад*** *- доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор*
***Муҳаммад Абдураҳмон Навруз*** *- доктори илмҳои сиёсӣ, профессор, узви вобастаи АМИТ*
***Қувватзода Сайдулло Зувайд*** *– доктори илмҳои сиёсӣ, дотсент*
***Каримов Шамсиддин Турсунматович*** *– доктори илмҳои сиёсӣ, профессор*
***Муродова Нигина Сулаймоновна*** *– доктори илмҳои сиёсӣ, дотсент*
***Қозиён Шариф Қозӣ*** *– номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, доктори илмҳои сиёсӣ, профессор*

***© ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 2025***

**ISSN 2710-4672**

***Журнал основан в 2021 году***

*Журнал включен в перечень рецензируемых научных журналов Республики Таджикистан с 01 октября 2024 года. В журнале публикуются научные статьи по следующим направлениям: 09.00.00 - Философские науки, 12.00.00 - Юридические науки, 23.00.00 - Политические науки*

*Журнал зарегистрирован в Министерством культуры Республики Таджикистан с 1 мая 2023 года под номером № 293/ЖР-97*

*Журнал включен в «Российский индекс научного цитирования» (РИНЦ), размещенный на платформе Национальной электронной библиотеки.* http: //elibrary.ru

***Тел.:*** *(+992 37) 224-20-12*

***Факс:*** *(+992 37) 224-13-83*

***Электронная почта:*** vestnik. tgpu@gmail. com

***Сайт журнала***: http: // filosofiya.tgpu.tj

**Главный редактор**: ***Ибодуллозода Ахлиддин Ибодулло*** - *доктор исторических наук, профессор, ректор ТГПУ им. С. Айни*

**Зам. главного редактора**: ***Раджабзода Сироджиддин Икром*** - *доктор химических наук, проректор по научной работе ТГПУ им. С. Айни*

**Ответственный редактор**: ***Холов С.С.***

**РЕДАКЦИОННАЯ КОЛЛЕГИЯ:**

***Самиев Бобо Джураевич*** - *доктор философских наук, профессор,*
***Назариев Рамазон Зибуджинович*** - *доктор философских наук, профессор*
***Султонзода Соки Аслон*** – *доктор философских наук, профессор*
***Хайдаров Рустам Джурабоевич*** – *доктор философских наук, профессор*
***Худойдодзода Фаррух Бегиджон*** - *доктор философских наук, профессор*
***Зикирзода Хобил*** - *доктор философских наук, дотсент*
***Рахимзода Махмад Забир*** – *доктор юридических наук, профессор, член – корр. НАНТ*
***Сафарзода Анвар Ислом*** – *доктор юридических наук, профессор*
***Меликов Умрилло Асадуллоевич*** – *доктор юридических наук, профессор*
***Раджабов Саидумар Одинаевич*** – *доктор юридических наук, профессор*
***Азиззода Убайдулло Абдулло*** – *доктор юридических наук, профессор*
***Сангинзода Дониёр Шомахмад*** - *доктор юридических наук, профессор*
***Мухаммад Абдуррахмон Навруз*** – *доктор политических наук, профессор, член – корр. НАНТ*
***Кувватзода Сайдулло Зувайд*** – *доктор политических наук, доцент*
***Каримов Шамсиддин Турсунматович*** – *доктор политических наук, профессор*
***Муродова Нигина Сулаймоновна*** – *доктор политических наук, доцент*
***Козиён Шариф Кози*** – *кандидат юридических наук, доктор политических наук, профессор*

***© ТГПУ имени С. Айни, 2025***

**ISSN 2710-4672**
***The journal was founded in 2021***
*The journal is included in the list of peer-reviewed scientific journals of the Republic of Tajikistan since October 1, 2024. The journal publishes scientific articles in the following areas: 09.00.00 - Philosophical Sciences, 12.00.00 - Legal Sciences, 23.00.00 - Political Sciences*
*The Journal is registered by the Ministry of Culture of the Republic of Tajikistan on May 1, 2023 for No. 293/ZhR-97*
*The Journal is included in the database of «Russian Science Citation Index» (RISC), placed on the platform of the National Digital Library. http: //elibrary.ru*

***Phone***: *(+992 37) 224-20-12*

***Fax:*** *(+992 37) 224-13-83*

***E-mail:*** *vestnik.tgpu@gmail.com*

***Journal website:*** *http://filosofiya.tgpu.tj*

**Editor-in-chief:** ***Ibodullozoda Ahliddin Ibodullo*** - *Doctor of Historical Sciences, Professor, Rector of the TSPU named after S. Ayni*

**Deputy Editor-in-chief:** ***Rajabzoda Sirojiddin Ikrom*** - *Doctor of Chemical Sciences, Professor, Vice-rector on Scientific Affairs of TSPU named after S. Ayni*

**Executive Editor:** ***Kholov S.S.***

**THE EDITORIAL BOARD:**

***Samiev Bobo Jurayevich*** - *Doctor of Philosophy, Professor*
***Nazariyev Ramazon Zibujinovich*** - *Doctor of Philosophy, Professor*
***Sultonzoda Soqi Aslon*** - *Doctor of Philosophy, Professor*
***Haydarov Rustam Juraboevich*** - *Doctor of Philosophy, Professor*
***Khudoidodzoda Farrukh Begijon*** - *Doctor of Philosophy, Professor*
***Zikirzoda Hobil*** - *Doctor of Philosophy, Associate Professor*
***Rahimzoda Mahmad Zabir*** - *Doctor of Law, Professor, Corresponding Member of the NAST*
***Safarzoda Anvar Islom*** - *Doctor of Law, Professor*
***Melikov Umrillo Asadulloevich*** - *Doctor of Law, Professor*
***Rajabov Saidumar Odinaevich*** - *Doctor of Law, Professor*
***Sanginzoda Doniyor Shomahmad*** - *Doctor of Law, Professor*
***Azizzoda Ubaydullo Abdullo*** - *Doctor of Law, Professor*
***Muhammad Abdurrahmon Navruz*** - *Doctor of Political Science, Professor, Corresponding Member of the National Academy of Sciences of Tajikistan*
***Quvvatzoda Saidullo Zuvaid*** - *Doctor of Political Science, Associate Professor*
***Karimov Shamsiddin Tursunmatovich*** - *Doctor of Political Science, Professor*
***Murodova Nigina Sulaymonovna*** - *Doctor of Political Sciences, Associate Professor*
***Qoziyon Sharif Qozī*** - *Candidate of Legal Sciences, Doctor of Political Science, Professor*

***© TSPU named after S. Ayni, 2025***

## ИЛМҲОИ ФАЛСАФӢ / ФИЛОСОФСКИЕ НАУКИ

**Самиев Б.Ҷ., Бердиёрова Г.И.**
Фаҳмиш ва таҳлили фалсафии мафҳуми ҷомеаи шаҳрвандӣ дар консепсияҳои гуногуни илмӣ...... ............ 7
**Кенҷаева Л. Э.**
Ҳукм ҳамчун шакли тафаккур дар таълимоти мантиқии Насируддини Тӯсӣ ............ 14
**Шаҳнозаи Вализода**
Нигоҳе ба тамаддуни Майя ҳамчун ганҷинаи қадимӣ ............ 20
**Тураев Ф.Р., Авғонова З.А.**
Масъалаи тарбия ва ташаккули шахсият дар даврони муосир
(дар мисоли ҷомеаи тоҷик) ............ 28
**Хасанова З. А., Курбанова М. У.**
Мифологические истоки современной таджикской культуры ............ 35
**Хаитов Ф.К.**
Взаимосвязь миграции и гражданского общества в Таджикистане ............ 43
**Насимҷони С.**
Аҳамияти таълимоти маорифпарварон барои пешрафти ҷомеаи муосири тоҷик ............ 52
**Саидумаров С.С.**
Маънавиёти миллӣ - моҳият ва сохтори он (таҳлили иҷтимоӣ – фалсафӣ) ............ 59
**Салимов Ю.Б.**
Таъсири ҷомеаи шабакавӣ ба тафаккури ҷавонон ............ 65
**Норбоев Ю. М.**
Ташаккул ва такомули фалсафаи математика дар Юнони қадим............ 71
**Файзуллоев Ғ.Ф., Насриддинов Ҳ.Н.**
Фазилатҳои ахлоқӣ ва ирфонӣ дар такомули маънавии инсон............ ..... 78

## ИЛМҲОИ ҲУҚУҚШИНОСӢ / ЮРИДИЧЕСКИЕ НАУКИ

**Сангинзода Д.Ш., Рофиева А.Ҳ.**
Ҷанбаҳои ҳуқуқии таъсири зеҳни сунъӣ ба рушди соҳибкорӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ ... ............ 87
**Аламов Ҳ. Н.**
Ниҳодҳои идоракунӣ ва ҳуқуқии давлти Тоҳириён ............ 94
**Латипова С., Абдусамадзода С.**
Танзими ҳифзи маълумотҳои шахсӣ ҳангоми истифодаи зеҳни сунъӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ............ 99
**Абдуллозод М.А.**
Мушкилоти ҳуқуқии истифодаи зеҳни сунъӣ дар соҳаи энергетика дар давлатҳои хориҷӣ ва тавсияҳо барои такмили Қонунгузории Тоҷикистон ............ 103

## ИЛМҲОИ СИЁСАТШИНОСӢ / ПОЛИТИЧЕСКИЕ НАУКИ

**Шарифзода А.А.**
Самараҳои сиёсати созандаи Президенти Тоҷикистон дар самти рушди таҳсилоти миёнаи умумӣ ... ............ 108
**Шамолов А. А., Зикиров Ҳ.**
Буҳрони Сурия: сабабҳои мутташанич гардидани авзоъ ва паёмадҳои он дар кишвар ....... 116
**Нуриддин П., Назризода Д.**
Ленин ва тақсимбандии Туркистон: таҳлили сиёсӣ ва таъсири супоришҳо ба ташаккули идентификатсияи тоҷикон ............ 123
**Зиёев С.Н.**
Нақши Иттиҳоди Аврупо дар мубориза бар зидди терроризм............ 131
**Хусайнзода А. Б.**

Религиозный фактор и информационные войны в условиях глобализации и национальная безопасность Таджикистана....... 140
**Сафарзода М.А.**
Имиҷи сиёсӣ ва заминаҳои ҳуқуқии он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ....... 149
**Ахиева С.У.**
Сотрудничество со странами СНГ в контексте внешней политики Республики Таджикистан ....... 155
**Мусоев И.М.**
Нигоҳе ба тартиботи ҷаҳонии асри XXI....... 160
**Мустаҷобова Р. М.**
Мақоми ваҳдат дар афкори сиёсӣ – фалсафии тоҷик ....... 165
**Абдуллоев Н. С.**
Воқеияти олами муосир ва ҳадафҳои геополитикии Тоҷикистон дар равнади таҳияи он..... 172
**Давлатов Р. М.**
Робитаҳои Афғонистон ва Чин дар пасманзари тағйири низомҳои сиёсӣ дар Афғонистон: мушкилот ва дурнамо ....... 179
**Рустамӣ Ф. Ф.**
Таърихи ташаккул ва татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон дар Тоҷикистон дар солҳои (1992-2021) ....... 185

ТДУ 141.7:316.334.3

# ФАҲМИШ ВА ТАҲЛИЛИ ФАЛСАФИИ МАФҲУМИ ҶОМЕАИ ШАҲРВАНДӢ ДАР КОНСЕПСИЯҲОИ ГУНОГУНИ ИЛМӢ

***Самиев Б.Ҷ.***
*Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ*
***Бердиёрова Г.И.***
*Коллеҷи тиббии шаҳри Панҷакент*

Дар мавриди фаҳмиши мафҳуми “шаҳрванд” дидгоҳҳои гуногун мавҷуд мебошанд. Аммо таҳлил ва муқоисаи назархоҳиҳо нишон медиҳанд, ки аз ҷанбаи этимологӣ ё баромад мафҳуми “шаҳрванд” (“гражданин”) аз калимаҳои полис (шаҳр)-и юнонӣ ва “град” (“город”)-и русӣ таркиб ёфтааст.

Ин фаҳмишро бо муқоисаи чанд нукта метавон асоснок кард. Масалан, ба андешаи ҷомеашинос В.И.Дал «Шаҳрванд - сокини шаҳр, шаҳрӣ, шаҳрнишин, узви умумияти одамон ё шаҳр, ки дар зери идораи як ҳукумати умумӣ, ҳар як шахс ё инсон, ки мансубият ба ин халқ, кишвар ва давлат доранд, мебошад». [4, с.389-390] Донишмандони рус С.И.Ожегов ва Н.Ю.Шведова бошанд, шаҳрванд гуфта шахсеро дар назар доранд, ки сокини доимии ҳамон кишвар аст, барои ҳифзи он омода аст ва дорои ҳуқуқҳо ва уҳдадориҳо махсус мебошад».[8, с.143]

Дар “Луғати фалсафии муосир” дар заминаи такмил додани таърифҳои қаблӣ шаҳрванд гуфта, фарди алоҳида, ки ҳуқуқҳои заруриро ҷиҳати озодона истифода бурдани ваколатҳои худ дорад, барои иҷрои амалҳои хеш қобилият ва масъулияти пурраи ҷавобгариро дар назди қонун, ҷамъият ва дигар шаҳрвандон зарурӣ мешуморад, фаҳмида мешавад. [12, с.164]

Аз муқоисаи ин фаҳмишҳо бармеояд, ки ҳама таърифҳо мазмунан ба якдигар монанд мебошанд ва нуктаи ниҳоии онҳо ин аст, ки шаҳрванд - ин мақоми муайяни иҷтимоии шахс аст, ки ӯ аз рӯйи ҳуқуқ ва уҳдадориҳо ба он нойил мегардад.

Мафҳуми «ҷомеаи шаҳрвандӣ» бошад, таърихан иртиботи ногусастанӣ бо мафҳуми «шаҳрванд» дорад, ки маншаи худро аз фалсафаи қадим гирифтааст. Чунки юнониёни қадим худро берун аз полис (шаҳр) тасаввур карда наметавонистанд. Полис - ин умумияти муайяни муташаккили одамон фаҳмида мешуд. Ба ақидаи мутафаккирони юнонӣ аъзои полис будан маънои шаҳрванд буданро дошт, аммо на ҳамаи одамони дар полис маскунбуда, шаҳрванд баҳисоб мерафтанд. Ғуломон, хориҷиён ва афроди ғайриқонунӣ таваллудшударо мутафаккирони юнонӣ шаҳрванд намеҳисобиданд.

Файласуфи юнонӣ Афлотун [10, с.260] бори аввал дар баробари “давлати сиёсӣ” вуҷуд доштани “ҷоеаи шаҳрвандӣ”-ро эътироф кардааст. Ба андешаи ӯ ҷомеаи шаҳрвандӣ чунин ҷомеае мебошад, ки барои қонеъ кардани талаботи шаҳрвандон хизмат мекунад.

Файласуфи дигари юнонӣ Арасту инсонро мавҷуди сиёсӣ, вуҷуде, ки қобилияти фарқ кардани некиро аз бадӣ, адолатро аз беадолатӣ дорад, меҳисобад. Қайд мекунад, ки танҳо ҷамъият шароитро барои такомули инсон муҳайё менамояд. Инсон қодир аст, ки тавассути зиндагӣ дар ҷомеа ба фазилатҳои олӣ нойил гардад. Ӯ мафҳумҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ҷомеаи сиёсӣ (давлат)-ро аз рӯйи мавҷудияти ҳувиятӣ ва мазмун як мешуморад. [1, с.376-644]

Бо вуҷуди ин мафҳуми civis (истилоҳи лотинӣ буда, маънои "шаҳрванд"-ро дорад) аз истилоҳи юнонии polites тафовут дорад. Ба он хотир, ки шаҳрванди Рим бояд сифатҳои зерини ахлоқиро дошта бошад: меҳрубонӣ, хайрхоҳӣ, саховатмандӣ, самимият, ватандӯстӣ. Инчунин, барои пойдории сулҳ бояд ҷанговар бошад. Дар робита бо ин, образи шаҳрванд дар Рим образи ҳарбӣ-аристократиро ифода мекард.

Ҳамин тавр, дар аҳди қадим шаҳрванд мавҷуди расмӣ ба ҳисоб мерафт. Барои ӯ иштирок дар соҳаи давлатдорӣ - кори бошараф маҳсуб меёфт. Манфиати давлатро аз манфиати шахси алоҳида ҷудо намепиндоштанд. Умуман, ҷомеаи шаҳрвандӣ, ки онро маҷмуи шаҳрвандон ташкил медод бо давлат айният медоданд.

Дар асрҳои XV-XVII бо баробари ташаккул ва рушд ёфтани донишҳои илмӣ ва методологияи таҳқиқи масъала аз ҷанбаи назариявӣ ва системанок таҳқиқ кардани падидаи ҷомеаи шаҳрвандӣ, муайян кардани фарқиятҳои мавҷудаи байни давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ аз мавзуи калидии муҳаққиқони соҳа қарор гирифт. Бавижа, Н.Макиавелли андар боби фарқияти байни давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар зерманзари муносибат ба ахлоқ ва сиёсат ибрози назар карда, қайд карда буд, ки давлат аз маҷмуи муносибатҳои сиёсӣ иборат буда ва сиёсат муносибати ғайриахлоқӣ аст. Аммо дар тафовут аз он ҷомеаи шаҳрвандӣ маҷмуи муносибатҳои ғайрисиёсӣ буда, ҷавҳари онро ахлоқ ташкил медиҳад ва мувофиқ ба талаботи он давлат бояд ба ҳаёти шахсии шаҳрвандон дахолат накунад, аммо иҷрои уҳдадориҳои шаҳрвандонро назорат барад. Бо вуҷуди мушаххас кардани тафовути байни давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ Н.Макиавелли низ зикр менамояд, ки давлат ба ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ бояд ба давлат вобастагии зич дошта бошанд.

Марҳилаи муҳимми ташаккули муносибатҳои нав ба фаҳмиши мафҳуми шаҳрвандӣ аз эътирофи хусусияти таърихии ҳуқуқи инсон сарчашма мегирад. Дар ин марҳила Томас Гоббс яке аз аввалин файласуфоне буд, ки талаботи давлати сохибихтиёр ва ягонаро ба миён гузошт, ки маънои бартараф кардани нобаробарӣ ва гуногунҷанбагии ҳуқуқро, ки хос барои давраи асримиёнагӣ буд, дошт. Дар тафовут аз дигар мутафаккирон ӯ қайд карда буд, ки ҷомеаи шаҳрвандӣ бо давлат айният доранд. [3, с.731]

Т.Гоббс маҳз дар рисолаи "Левиофан" тасдиқ намуд, ки одамон табиатан баробаранд (баробарӣ шартӣ аст, аммо он вуҷуд дорад). [3, 93] Аз ин сабаб мусовот дар баробари баробарии умедҳо ҷиҳати расидан ба мақсадҳо ба вуҷуд омад. Баъдан нобоварӣ ба ҳамдигар боис гашт, ки рақобат, ҷанг ба муқобили ҳама, ки дар чунин ҷанг ягон амал наметавонад ғайриодилона бошад, шуълаи оташи худро фурӯзон кард. Бо вуҷуди ин, ҳавасҳо вуҷуд доранд, ки одамонро ба сулҳу осоиш мойил мекунанд. Аз ин ҷо Т.Гоббс қонуни табииро коркард карда, менависад, ки «Инсон бояд сулҳро ҷӯяд ва пайравӣ аз он кунад". [3, с.129]

Ба ақидаи Т.Гоббс қонуни табиӣ дастуре фаҳмида мешавад, ки ақлонӣ таҳия шудааст. Мувофиқ ба он барои шахс иҷрои он корҳое, ки ба ҳаёти ӯ зараровар мебошанд, манъ аст. Ҷомеаи шаҳрвандӣ ба мисли давлат қайд мекунад ӯ ин ҳолати иҷтимоӣ аст, ки алайҳи ҷанг муқобил меистад ва хостори низоми осоиштаи ҷомеа мебошад. Бо ин дидгоҳ Т.Гоббс ду андешаи мухолиф, ду ҳолати иҷтимоии одамон - табиӣ ва тамаддуниро мушаххас менамояд.

Сиёсатшиноси тоҷик Г.Зокиров низ дар боби пайдоиши ҷомеаи шаҳрвандӣ ва тафриқаи он аз давлат таҳқиқот анҷом дода, ба чунин хулоса меояд, ки "Дар аввал мафҳуми мазкурро Т.Гротсий ва Т.Гоббс истифода намудаанд. Мафҳуми "ҷомеаи шаҳрвандӣ"-ро барои ифодаи инкишофи таърихии ҷомеаи инсонӣ, гузариши инсон аз мавҷудоти табиӣ ба ҳолати мутамаддин истифода бурдаанд". [5, с.3] Аз диди муҳаққиқи тоҷик донишмандони аврупоӣ дар аввал мафҳуми "Ҷомеаи шаҳрвандӣ"-ро аз мафҳумҳои "давлат" ё "ҷомеаи сиёсӣ" чандон фарқ намекарданд, аммо дар ягон мавриде "ҷомеаи шаҳрвандӣ"-ро бо мафҳуми "давлат" ба як маъно истифода набурдаанд.

Намояндагони дигари назарияи натуралистӣ низ чун ҳамназарони худ ҷомеаи шаҳрвандиро як ҳолати табиӣ мешуморанд. Онҳо байни ҷомеаи шаҳрвандӣ ва давлат тафовути ҷиддиеро намегузоранд. Зеро ҷомеа хусусияти табиӣ дошта, давлат ҷомеаи шаҳрвандиро ташаккул медиҳад.

Ибораи ҳолати табиӣ бошад, на маънои беэътиноӣи ба қонунҳо, балки ба қонунҳои табиие, ки зуровариро манъ карда, аъзои худро барои эҳтиром доштани моликият ва дастгирӣ аз сулҳ даъват мекунанд, фаҳмида мешавад. Ҳамин тавр, И.Кант мафҳуми «мухтории ахлоқӣ»-и шахсро истифода мебарад, ки мувофиқ ба он дар бораи тартиботи ҳуқуқӣ метавон ҳамон вақт сухан гуфт, ки он ҷо ҷомеа новобаста аз давлат воситаҳо ва таҳримҳоро, ки онҳо метавонанд фарди алоҳидаро маҷбур намоянд то меъёрҳои умумиэътирофшударо риоя дорад, истифода барад. Ба ақидаи И.Кант зарур аст, ки фард аз ҳолати табиӣ, ки дар он ҳар кас аз рӯйи ақлонияти худ рафтор мекунад ва бо ҳамаи қувваҳо муттаҳид мегардад, барояд. Зеро ҷомеаи шаҳрвандӣ – ин муҳитест, ки тартибҳои амалиро, ки тавассути онҳо худ ба худ зуҳури амали тасодуфӣ зарур мегардад, фаҳмид. [6, с.63]

Ба андешаи Г.В.Гегел «Ҷомеаи шаҳрвандӣ як фарқиятест, ки байни оила ва давлат эҷод карда мешавад. Ҳарчанд инкишофи ҷомеаи шаҳрвандӣ нисбат ба рушди давлат дертар шурӯъ мешавад». [6, 228] Умуман, ҷомеаи шаҳрвандӣ ба фаҳмиши В.Гегел муқобили давлат баромад мекунад, аммо на ба он маъно, ки манфиатҳои ахлоқӣ ва иҷтимоии он гуногунанд, балки аз рӯйи пайдоиш онҳо куллан иттиҳодияҳои мутлақи одамон мебошанд. Ҷомеаи шаҳрвандӣ барои манфиатҳои шахсӣ хизмат мекунад, бинобар ин, ҷомеаи шаҳрвандӣ барои мавҷудияти давлат зарур мебошад.

Ҷон Локк бошад, муътақид бар он назар буд, ки ҷомеаи шаҳрвандӣ аз давлат дида пештар пайдо шудааст. Пайдоиши давлатро маҳсули рушду инкишофи ҷомеаи шаҳрвандӣ шуморида, ҳамзамон қайд мекунад, ки он дар вақти зарурат боз аз байн меравад.

Файласуфи фаронсавӣ Жан-Жак Руссо низ андешаи Ҷ.Локкро тақвият дода, пайдоиши давлатро натиҷаи рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ меҳисобад. Ҷомеае, ки барои пайдоиши давлат замина гузошта, асоси шартномаи ҷамъиятиро ба вуҷуд овардааст. Ба ақидаи ӯ, мавҷудияти шартнома оид ба озодиҳо ва маҳдудиятҳо моҳияти чунин ҷомеаро ташкил медиҳад. Яъне, он нафаре, ки аввалин шуда қитъаи заминро тоза карда, гуфт ки “ин аз они ман аст” – ӯ асосгузори ҷомеаи шаҳрвандӣ мебошад, таъкид дошт файласуф. [7]

Шарл Луи Монтеске низ ақидаи ҳамназарони худро дар бораи пайдоиши ҷомеаи шаҳрвандӣ ва давлат тақвият дода, иловатан зикр намуда буд, ки давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ шабеҳи ҳамдигар намебошанд, вале бе якдигар вуҷуд доштанашон ногузир аст. Аз байн бурдани яке аз онҳо боиси шиддатнокӣ ва ба таркиши иҷтимоӣ дучор омадани ҷомеа мегардад. Дар баробари ин, афзалияти ҷомеаи шаҳрвандӣ нисбат ба давлат пеш аз ҳама дар он зоҳир мегардад, ки ҷомеаи шаҳрвандӣ қудрат дорад, ки пеши роҳи диктатура ва худкомагиро дар низоми давлатдорӣ бигирад. [9, с.542]

Дар асоси таҳлилу муқоисаи андешаҳо ва нуктаи назари мухталифи муҳаққиқон метавон натиҷагирӣ намуд, ки имрӯз дар риштаи илмҳои ҷомеашиносӣ андар фаҳмиши илмии мафҳуми “ҷомеаи шаҳрвандӣ” ба чунин консепсияҳои илмӣ дучор омад:

- ҷомеаи шаҳрвандӣ навъи ҷомеаест, ки бар хилофи анархия (анархия аз калимаи юнонии ἀναρχία гирифта шуда, маънои беҳокимиятиро дорад) – ҷомеае, ки дар он давлат ва қонун вуҷуд надорад, баромад мекунад;
- ҷоемаи шаҳрвандӣ ҷомеаест, ки ба муқобили фаъолият ва назму насақи идораи калисо пайдо шудааст;
- ҷомеаи шаҳрвандӣ ҷомеаест, ки маҷмуи муносибатҳои ҷамъиятиро дар бар гирифта, ба давлат муқобил мебошад;
- ҷомеаи шаҳрванди як падидаи наврӯидаест, ки хосси тамаддуни Ғарб мебошад.

Мувофиқ ба таърифе, ки дар “Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқӣ” нисбати ибораи мазкур дода шудааст, ин аст, ки ҷомеаи шаҳрвандӣ - ҷомеаест, ки сатҳи муайяни ҳолати иқтисодӣ, иҷтимоӣ, ташкилӣ, равонӣ, ахлоқӣ, байнифардӣ ва иттилоотии ҷомеаро таъмин мекунад. [11, с.563] Пас, аз ин таъриф бармеояд, ки ҷомеаи шаҳрвандӣ чунин ҷомеаест, ки дар он шаклҳои гуногуни моликият мавҷуд буда, шаҳрвандон вобаста ба касб, шуғли дошта ба навъҳои гуногуни фаъолият машғул мешаванд. Мустақиман андешаи худро озодона изҳор медоранд, барои тарғиби ақидаҳои худ иттиҳодияҳои гуногун барпо менамоянд, то ки манфиатҳояшон ҳимоя гарданд.

Умуман, шароитҳоеро, ки барои пайдоиши ҷомеаи шаҳрвандӣ мусоидат карданд метавон ба таври зер нишонрас кард: мавҷудияти демократия дар соҳаи иҷтимоӣ; ҳифз гаштани ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон; сатҳи муайяни фарҳанги шаҳрвандӣ; фаъолнокии шаҳрвандии аҳолӣ; таъмини пурраи ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон; худидоракунӣ; тақвият ёфтани гуногунандешӣ, озодии сухан ва баёни озоди ақида; мароқи зиёд зоҳир кардан ба қишри миёнаи аҳолӣ ва ғайра. Нишонаҳои асосии мавҷудияти ҷомеаи шаҳрвандӣ бошанд, инҳоянд: дорои муносибатҳои иқтисодии рушдёфта будани ҷамъият; эътирофи ҳуқуқ ва озодиҳои табии инсон ва ҳифзи самаранокии онҳоро таъмин кардан; мавҷуд набудани монополияи идеологӣ дар ҷамъият ва худидора будани корҳои шахсии инсонҳо ва ғайра.

Ҳамин тавр, мазмунан, ҷомеаи шаҳрвандӣ бо давлати ҳуқуқбунёд иртиботи зич дорад. Ба он хотир, ки давлати ҳуқуқбунёдро он ҷойе метавон бунёд кард, ки дар он макон ҷомеаи шаҳрвандии дар шакли зарурӣ ташаккулёфта мавҷуд бошад. Зеро дар ин ҷомеа қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ танизимкунандаи ҳама гуна амалу рафтор ва муносибатҳои шаҳрвандон: иқтисодӣ, фарҳангӣ, оилавӣ, иттилоотӣ, наждӣ ва ғайра, ки бе дахолати давлат сурат мегиранд, мебошанд. Яъне дар сатҳи зарурӣ ҳуқуқу озодиҳои шахс қадр карда мешаванд. Аммо набояд ҷамъиятро аз давлат, ки маҳсули инкишоф ва як шакли мавҷудияти он мебошад ҷудо кунем. Танҳо талабот пеш меояд, ки бо ин вижагириҳои хосси ҷомеаи шаҳрвандӣ соҳаи сиёсиро аз ғайрисиёсӣ, давлатро аз ҷамъият фарқ карда тавонем.

Дар маҷмуъ, инсон унсури муҳимми ҷомеаи шаҳрвандӣ аст, вале ӯ дар алоҳидагӣ қудрати қонеъ кардани талаботи моддию маънавии худро надорад ва бинобар ин, ба ҳамкорӣ, меҳнати дастаҷамъӣ, робита барқарор кардан бо ҳамдигар, аз ҷумла давлат эҳтиёҷ дорад. Бахусус, давлат, ки барои рушди фаъолияти соҳибкорӣ, ҳифзи моликият, тартибот, таъмини рақобати озод, мубориза бар зидди ҷинояткорӣ, фасодзадагӣ ва ғайра ба шаҳрвандон шароити муътадил фароҳам меорад, пас шаҳрвандон вазифадор мебошанд, ки назди давлат уҳдадориҳои худро иҷро намоянд. Дар сурати иҷро намудани уҳдадориҳо давлат ҳақ надорад, ки ба дигар корҳои шахсии инсон дахолат намояд.

Ниҳоят, ҳамаи ин вижагириҳо ифодакунандаи он маъно мебошанд, ки ҷомеаи шаҳрвандӣ - ҷомеаи ҳуқуқӣ, демократӣ, гуманистӣ ва сулҳдӯстона маҳсуб ёфта, дар он роҳёбии ҳар гуна навъи зӯрӣ ба шахсият ҷой надорад. Баръакс, дар он ҷомеа принсипҳои адолат, баробарӣ риоя карда шуда, ҳуқуқ ва озодҳои инсон пурра ҳифз карда мешаванд. Дар асоси ин таҳлилу баррасиҳо месазад зикр кард, ки ҷомеаи шаҳрвандӣ дорои вазифаҳои мушаххас мебошад:

- ҳифзи соҳаи хусусии ҳаёти одамон;
- риоя ва назорати ҳифзи ҳуқуқҳои конститутсионии давлати ҳуқуқбунёд ва тақсими ҳокимият;
- муътадил нигоҳ доштани муносибатҳои ҷамъиятӣ ва равандҳо, таъмини тавозун байни соҳаҳои давлатӣ ва молиявии ҷомеа;
- ҳимояи манфиатҳои ҷамъиятӣ;
- бурдани мубориза созишоваранда барои дар ҳаёт татбиқ кардани принсипҳои конститутсионии давлати ҳуқуқбунёд;
- роҳ надодан ба зуҳури амалҳои коорупсионӣ дар ҷомеа ва ғайра.

Ҷомеаи шаҳрвандӣ як унсури муҳим дар низоми тавозуни ҷомеаи муосир буда, имкон медиҳад, ки фаъолияти ниҳодҳои давлатӣ ва соҳибкорӣ назорат ва маҳдуд карда, аз нақзи қонун ва дахолати аз ҳад зиёди онҳо ба ҳаёти шахсии шаҳрвандон пешгирӣ карда шавад. Ҷомеаи шаҳрвандӣ имкон медиҳад, ки манфиатҳои гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ ба таври муассир пешбарӣ карда, ҳуқуқҳои онҳо, аз ҷумла тавассути пешбурди ташаббусҳои қонунгузорӣ ҳифз карда шаванд. Ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, ки дар асоси ҳамкорӣ ва шарикии гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ амал мекунанд, бояд зиддиятҳои иҷтимоиро танзим намуда, муносибатҳои иҷтимоиро ба ҳам мувофиқ гардонанд.

Бояд гуфт, ки мувофиқ ба Конститутсия дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон бунёди давлати ҳуқуқбунёд ва ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳадафи асосӣ ва муҳим ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, ин санад барои ташаккул ва рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон нақши муассир гузошт. Аз ҷумла, Тоҷикистонро давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ, ягона ва иҷтимоӣ эълон кард, ки моҳияти онро иштироки васеи шаҳрвандон дар идоракунии корҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ ташкил медиҳад. Ҳокимияти давлатиро ба се навъ: ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва суд, ки падидаҳои асосии давлати ҳуқуқбунёд ва ҷомеаи шаҳрвандӣ мебошанд, тақсим намуда, бо ин васила байни ин шохаҳо, равияҳои гуногуни сиёсӣ ва мафкуравӣ гуногунандешии сиёсиро кафолат дод. Ба он хотир, ки агар давлати тозабунёди тоҷикон талош варзад, ки дар қатори давлатҳои мутараққии ҷаҳони муосир ҷой гирад, бояд аз арзишҳои умумибашарӣ пуштибонӣ кунад, махсусан гуногунандешии сиёсиро қабул намояд.

Ҳамин тавр, агар ҷомеаи шаҳрвандӣ унсури муҳимми ҷомеаи иҷтимоӣ бошад, пас Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пеш аз ҳама вазъи ҳуқуқии ҷомеаи шаҳрвандиро

таъмин намуд. Бавижа, шарафи инсон, эҳтиром ба шахсият ва оиларо ба сифати пояи асосии сохтори ҷамъиятиву сиёсӣ ва давлатӣ эътироф кард. Аз ин рӯ, метавон бо эътимод ироа дошт, ки ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон баъд аз қабули ин санади тақдирсоз ташаккул ёфтааст. Ба андешаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ҷомеаи шаҳрвандӣ зодаи давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёду дунёвӣ мебошад ва дар навбати худ ҳар қадаре, ки ҷомеаи шаҳрвандӣ инкишоф ёбад, давлати демократӣ ҳам ба ҳамон андоза пеш меравад.

Мувофиқи маводи муътамад ҳоло дар кишвар 7 ҳизби сиёсӣ ва қариб дуюним ҳазор созмони ҷамъиятӣ бо дархосту пешниҳодҳои созандаи худ таъсиргузор буда, онҳо дар доираи талаботи оинномавии худ ба хотири пешрафти соҳаҳои гуногуни сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангии Тоҷикистон саъю талош мекунанд". [13]

Ё худ «Конститутсия ҳуқуқи ҳар шахсро ба озодии сухан, нашр, истифодаи воситаҳои ахбори омма, иштирок дар ҳаёти сиёсӣ ва идораи давлатӣ, муттаҳид шудан, иштирок дар ташкили ҳизбҳои сиёсӣ, иттифоқҳои касаба ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ихтиёран дохил шудан ва баромадан аз онҳо, муроҷиат намудан ба мақомоти давлатӣ ва дигар ҳуқуқҳои инсонро таҳким бахшида, кафолати таъмин ва амалишавии онҳоро аз ҷониби тамоми мақомоти давлатӣ муқаррар кардааст. Дар ҳамин радиф баъди ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ дар асоси Конститутсия барои таъсиси ниҳодҳои демократӣ замина гузошта шуда, механизми ҳамкории мақомоти ҳокимияти давлатӣ бо ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ таъмин гардид, ки ин иқдом барои густариши минбаъдаи ислоҳоти иқтисодиву иҷтимоӣ, ҳалли проблемаҳои ҳаётӣ ва рушди андешаи давлатдории миллӣ мусоидат намуд. Дар заминаи Конститутсия ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ташкилотҳои гуногун таъсис дода шуда, фаъолияти воситаҳои ахбори омма дар шароити озод ва гуногунандешӣ пеш бурда мешавад ва мустақилияти ҳизбҳои сиёсӣ кафолат дода шуда, худидоракунии маҳаллӣ ҳамчун принсипи муҳимми демократӣ эътироф карда шудааст”. [14]

Дар баробари Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва қабул гардидани Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ", "Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ", "Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот", "Дар бораи мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ" ва ғайра имконият фароҳам оварданд, ки дар ҷомеаи мусоири тоҷик шаклҳои мухталифи равияҳои сиёсӣ ва ақидатӣ ташаккул ёбанд, халқ ба сифати манбаи ҳокимият баромад карда, озодии сухан, интихоб, машғул шудан ба шаклҳои гуногуни фаъолият ва ғайра риоя гарданд.

Дар маҷмуъ, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мафҳумҳои “ҷомеаи шаҳрвандӣ” ва “давлат” айнан як маъноро ифода накарда, бо вуҷуди бо ҳамдигар алоқамандии зич доштан, аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳамчун шакли умумияти одамон ба сифати манбаи ҳокимияти давлатӣ баромад мекунад. Ҳаёти моддию маънавии шаҳрвандонро таъмин сохта, манфиату талаботашонро қонеъ мегардонад. Давлат ҳамчун ифодаи расмии ҷомеаи шаҳрвандӣ унсури асосии низоми сиёсӣ, ифодагари манфиатҳои умум мебошад.

***Адабиёт***


1. Аристотель. Сочинения: в 4 т. Т. 4. – М.: Мысль, 1983. – 830 с.
2. Баранов, П. А. Обществознание. Полный справочник / П. А. Баранов, А. Воронцов, С. Шевченко. – М.: АСТ: Астрель, 2015. – 542 с.
3. Гегель, Г. В. Ф. Философия права / Г. В. Ф. Гегель. – М.: Мысль, 1990. – 524 с.
4. Гоббс, Т. Сочинения: в 2 т. Т. 2 / Т. Гоббс. – М.: Мысль, 1991. – 731 с.
5. Даль, В. И. Толковый словарь живого великорусского языка: в 4 т. Т. 1 / В. И. Даль. – М.: Русский язык, 1978. – 699 с.
6. Зокиров, Г. Ҷомеаи шаҳрвандӣ / Г. Зокиров. – Душанбе, 2001. – 31 с.
7. Кант, И. Метафизика нравов: в 2 ч. / И. Кант. – М.: Мир книги; Литература, 2007. – 400 с.
8. Кара-Мурза, С. Г. Общество граждан [Электронный ресурс] / С. Г. Кара-Мурза. – Архивная копия от 23 октября 2018 г. – Режим доступа: Wayback Machine.
9. Ожегов, С. И. Толковый словарь русского языка: 80000 слов и фразеологических выражений / С. И. Ожегов, Н. Ю. Шведова. – М.: Азбуковник, 1999. – 944 с.

10. Платон. Сочинения: в 3 т. Т. 3 / Платон. – М.: Мысль, 1971. – 681 с.
11. Современный философский словарь / под ред. В. Е. Кемерова. – М., 2004. – 864 с.
12. Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар маҷлиси Шӯрои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 27 янв. 2017.
13. Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқӣ / зери таҳрири М. А. Маҳмудов. – Душанбе: ЭР-граф, 2009. – 563 с.
14. Donish.org [манбаи интернетӣ]. – Тартиби дастрасӣ: https://donish.org/en/course/learn/ . (Санаи муроҷиат: 21.05.2025)

## ТАҲЛИЛИ ФАЛСАФИИ МАФҲУМИ ҶОМЕАИ ШАҲРВАНДӢ ДАР КОНСЕПСИЯҲОИ ГУНОГУНИ ИЛМӢ

Ҷомеаи шаҳрвандӣ падидаи мураккабест байни шаҳрванд ва давлат. Мантиқан низ як маъноро ифода намекунанд, бо ҷузъиёти махсус аз ҳамдигар фарқ доранд. Бо вуҷуди ин, байни онҳо робитаи зич вуҷуд дорад. Яъне, агар ҷомеаи шаҳрвандӣ ифодакунандаи инкишофи таърихии ҷомеаи инсонӣ, гузариши инсон аз мавҷуди табиӣ ба ҳолати мутамаддин, маҷмуи муносибатҳои ҷамъиятӣ, оилавӣ, иқтисодӣ, маданӣ, динӣ ва ғайра, ки бе дахолати давлат инкишоф меёбанд, бошад, пас давлат унсури асосии низоми сиёсӣ, воситаи муҳимми қонеъ гардонидани талаботи инсонҳо аст. Ба маънои дигар, давлат ифодаи расмии ҷомеаи шаҳрвандӣ мебошад, ки манфиатҳои умумро ҳимоя менамояд.

Дар робита бо ин, муаллифони мақола кушидаанд, ки ба таври системанок пайдоиши ҷомеаи шаҳрвандӣ ва хусусиятгириҳои онро дар таърихи афкори сиёсӣ-иҷтимоии марҳилаҳои мухталиф таҳлилу муқоиса карда, сабабҳои ташаккули онро дар шароити ҷомеаи Тоҷикистони соҳибистиқлол мушаххас намояд.

**Калидвожаҳо:** инсон, ҷомеа, шаҳрванд, умумиятҳои одамон, ҷомеаи шаҳрвандӣ, давлат, ҷомеаи сиёсӣ, ҳолати табиӣ, ҳолати тамаддунӣ, манфиатҳои шахсӣ, манфиатҳои давлатӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, воситаҳои ахбори омма.

## ФИЛОСОФСКИЙ АНАЛИЗ ПОНЯТИЯ ГРАЖДАНСКОГО ОБЩЕСТВА В РАЗЛИЧНЫХ НАУЧНЫХ КОНЦЕПЦИЯХ

Гражданское общество представляет собой сложное явление между гражданами и государством. Логически они также не выражают один и тот же смысл, отличаются друг от друга особыми деталями. Однако между ними существует тесная связь. То есть, если гражданское общество представляет собой историческое развитие человеческого общества, переход человека от естественного существа к цивилизованному состоянию, совокупность социальных, семейных, экономических, культурных, религиозных отношений, развивающихся без вмешательства государства, то государство является основным элементом политической системы, важным инструментом удовлетворения потребностей человека. Другими словами, государство является официальным выражением гражданского общества, защищающим общие интересы.

В этой связи авторы статьи предприняли попытку системно проанализировать и сравнить возникновение гражданского общества и его особенности в истории политической и общественной мысли разных этапов, а также выявить причины его становления в условиях независимого таджикского общества.

**Ключевые слова:** человек, общество, гражданин, общности людей, гражданское общество, государство, политическое общество, естественное государство, цивилизованное государство, личные интересы, государственные интересы, политические партии, средства массовой информации.

## PHILOSOPHICAL ANALYSIS OF THE CONCEPT OF CIVIL SOCIETY IN VARIOUS SCIENTIFIC CONCEPTS

Civil society is a complex phenomenon between citizens and the state. Logically, they also do not express the same meaning, they differ from each other in special details. However, there is a close connection between them. That is, if civil society represents the historical development of human society, the transition of man from a natural being to a civilized state, a set of social, family, economic, cultural, religious relations, developing without state intervention, the state is the main element of the political system, an important instrument for satisfying human needs. In other words, the state is the official expression of civil society, protecting common interests.

In this regard, the authors of the article attempted to systematically analyze and compare the emergence of civil society and its features in the history of political and social thought at different stages, as well as to identify the reasons for its formation in the context of an independent Tajik society.

**Keywords**: man, society, citizen, communities of people, civil society, state, political society, natural state, civilized state, personal interests, state interests, political parties, mass media.

**Дар бораи муаллифон**

Самиев Бобо Ҷураевич
доктори илмҳои фалсафа, профессор, мудири шуъбаи фалсафаи фарҳанг
Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ
E-mail: samiev.veshab@mail.ru.

Бердиёрова Гулбарг Ибодуллоевна
номзади илмҳои фалсафа, дотсенти кафедраи ҷомеашиносӣ
Коллеҷи омӯзгории шаҳри Панҷакент
E-mail: gulbargd@mail.ru

**Об авторах**

Самиев Бобо Джураевич
доктор философских наук, профессор, заведующий отделом философии культуры
Институт философии, политологии и права имени А. Баховаддинова НАНТ
E-mail: samiev.veshab@mail.ru

Бердиёрова Гулбарг Ибодуллоевна
кандидат философских наук, доцент кафедры общественных наук
Педагогический колледж города Пенджикент
E-mail: gulbargd@mail.ru

**About the Authors**

Samiev Bobo Juraevich
Doctor of Philosophy, Professor, Head of the Department of Philosophy of Culture
Institute of Philosophy, Political Science and Law named after A. Bahovaddinov, NAST
E-mail: samiev.veshab@mail.ru

Berdiyorova Gulbarg Ibodulloevna
Candidate of Philosophical Sciences, Associate Professor of the Department of Social Scinces
Pedagogical College of Panjakent
E-mail: gulbargd@mail.ru

ТДУ 16+161/168:891.550

# ҲУКМ ҲАМЧУН ШАКЛИ ТАФАККУР ДАР ТАЪЛИМОТИ МАНТИҚИИ НАСИРУДДИНИ ТӮСӢ

***Кенҷаева Л. Э.***

*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ*

Дар илми мантиқ ҳукм (қазия) ҳамчун шакли тафаккур ба ҳисоб меравад. Ҳукм, ки дар заминаи мафҳум ба вуҷуд меояд, ба мисли мафҳум воқеияти объективие, ки берун аз шуури инсон ва новобаста ба он вуҷуд дорад, инъикос намуда, хусусият, алоқа, муносибати ашёҳо ва нишонаҳои онҳоро тавассути тасдиқ ва инкор таҷассум менамояд.

Табиист, ки ҳукмҳо доимо ё ҳақ ва ё дурӯғ мешаванд. Дар сурати мазмуни муҳокима ба воқеият мувофиқ омадан, ё воқеиятро дуруст инъикос намудан, ҳукм ҳақ мешавад. Агар мазмуни муҳокима ба воқеияти реалӣ мувофиқ наояд ва олами берун аз шуури инсонро инъикос нанамояд, ҳукм дурӯғ дониста мешавад.

Омӯзиши осор ва таҳлилу муқоисаи ақидаҳои мантиқии Насируддини Тӯсӣ нишон медиҳад, ки агар дар ибтидои садаи XI роҳнамо ва ҳомии андешаҳои мантиқии Арасту дар Шарқи мусулмонӣ Абуалӣ Ибни Сино бошад, пас дар садаи XIII-ум Хоҷа Насириуддини Тӯсӣ ин рисолатро бар ухда гирифтааст. Ӯ аз мавқеи пешгузаштагони идеявии худ Абунасри Форобӣ, Ибни Сино, Баҳманёр ва дигарон тавонист, ки на танҳо андешаҳои онҳо, балки ақидаҳои асосии мутафаккирони Юнони Қадимро ҳам ҳимоят ва инкишоф диҳад.

Дар таълимоти мантиқии Насируддини Тӯсӣ масъалаҳои маърифат ҷойи муҳимро ишғол мекунанд, ки дар онҳо на танҳо ба нақши ҳиссиёт, балки дониши ақлӣ, яъне мантиқӣ низ баҳои баланд медиҳад. Ба ақидаи мутафаккир маърифати ҳиссӣ дар бораи ҷанбаҳои зоҳирӣ, аён, мушоҳидашаванда ва хосиятҳои ашёву предметҳо маълумот медиҳад. Маърифати мантиқӣ (ақлӣ) бошад, ба дарк, тавзеҳ ва ворид шудан ба моҳияти онҳо моро ворид менамояд. Аз ин рӯ, ӯ дониши бевоситаро аз дониши бавосита ба таври равшан фарқ кунонида, таъкид мекунад, ки дониши бавосита пеш аз ҳама ба мафҳум, ҳукм ва тафаккури мантиқӣ асос ёфтааст, ки мазмуни асосии илми мантиқро ташкил медиҳад.

Ба андешаи Насируддини Тӯсӣ «Ҳар як дониш наметавонад аз ду муқаррарот озод бошад, ё ҳангоми гуфтор он аз тасдиқ ва инкор муҷаҳҳаз аст, ки онро мафҳум (тасаввур) меноманд ва ё ҳамбастагӣ дар шакли тасдиқ ё инкорро дорад, ки онро ҳукм (тасдиқ) меноманд. Маслан, намунаи мафҳум: «Ҳайвони сухангӯ» ва мисоли тасдиқкунанда ё ҳукми он: «Ин ҳайвон сухангӯ аст» ё «Ин ҳайвон сухангӯ нест»» [11, с.3-4].

Ҳукмро мутафаккир дар робитаи ногусастанӣ бо ифодаи забонии он, яъне ҷумла баррасӣ мекунад. Он ҳамчун шакли фикр тавсиф карда мешавад, ки объектҳои воқеиятро тавассути тасдиқ ё инкор инъикос мекунад. Дар баробари ин, ҳамчун шакли махсуси тафаккур, ҳукм ҳамеша ё дуруст аст ё ғалат. Ин аст, ки ӯ менависад: «Ҳар сухане, ки ба воситаи тасдиқ ё инкор баъзе маълумотро ифода менамояд, ҳукм (қазия) номида мешавад» [11, с.35].

Ҳукм, мегӯяд Насируддини Тӯсӣ, танҳо бо воситаи ҷумлаҳои ҳикоягӣ ифода мешавад. Хусусияти ҷумлаи ҳикоягӣ дар он аст, ки вай метавонад тасдиқ ё инкори чизеро дар бораи чизе ифода кунад. Дигар навъҳои ҷумла, аз қабили савол, илтиҷо, дархост, амр, нидо ва ғайра тасдиқ ё инкорро ифода карда наметавонанд. Баръакси мафҳум, ки бо як калима ё ибора ифода мешавад, муҳокима як мафҳуми мураккаб, аз таркибҳо ифода ёфта, ки дар он аз муносибати байни ду қисм як гуфтор дуруст ва дигаре ғалат мебошад, ташкил медиҳад.

Насируддини Тӯсӣ дар идомаи андешаҳои худ таъкид мекунад, ки хусусияти фарқкунандаи ҳар ҳукм ҳақиқат ё дурӯғ будани он аст, зеро ба ақидаи ӯ, ҳар ҳукм дар худ гуфтори ҳақ ё ботилро инъикос мекунад. Зеро «мумкин нест, ки як ҳукм ҳам дуруст ва ҳам бардурӯғ бошад, чунки онҳо ба ҳамдигар муқобиланд. Ҳамчунин, ҳукм наметавонад ғайривоқеӣ ё дурӯғ бошад. Дар чунин ҳолат он дар бораи чизе иттилое дода наметавонад» [11, с.78].

Агар дар таркиби ҳукм, мегӯяд Насируддини Тӯсӣ беш аз ду қисм ҷой дошта бошад ва ба ҳамдигар мутталлиқ, алоқаманд набошанд, пас на як, балки чанд ҳукм мешавад. Ҳамин

тавр, ӯ хулоса мекунад, ки ҳар як ҳукми одӣ дорои се унсур аст, аммо се қисм нест. Унсурҳои ҳукм иборатанд аз: предмети фикр, маълумот дар бораи предмети фикр ва пайвандак. Ҷузъҳои ҳукм субъект (мавзуъ), предикат (маҳмул) мебошанд. Гузашта аз ин, Насируддини Тӯсӣ таъкид мекунад, ки пайвандакро дар таркиби ҳукм узви мустақил наметавон ҳисобид ва агар ба ҳисоб гирифта шавад ҳам, пас, онро метавон танҳо ҷузви шаклӣ («ҷузви суварӣ») номид, на ҷузви моддӣ («ҷузви моддӣ»).

Ба осонӣ пай бурдан мумкин аст, ки Насируддини Тӯсӣ мисли Арасту, Форобӣ ва Ибни Сино ҳар тасдиқу инкорро бо ҳақ ё ботил баҳо дода, мутобиқат ё номутобиқатии андешаҳоро ба худи воқеият тавсиф мекунад.

Таснифоти ҳукмҳо паҳлуи дигари таълимоти муттафаккир дар бараси ин мавзуъ ба ҳисоб меравад. Бояд қайд кард, ки тибқи таснифоти анъанавӣ ҳукмҳо ба предикативӣ (категориявӣ), пайвасткунанда ва ҷудокунанда тақсим карда мешаванд. Эҳтимол, чунин тақсимот дар мактаби мантиқии равоқиён (стоикҳо) сурат гирифта буд.

Насируддини Тӯсӣ аввал ҳукмро ба ду гурӯҳ ҷудо мекунад: предикативӣ («ҳамлӣ») ва шартӣ («шартӣ») ё ҳолатӣ («вазъӣ»). Ҳукми предикативӣ, ба ақидаи ӯ, ҳукмест, ки ҳолати муайяни воқеиятро баён мекунад ва аз ду истилоҳи ҷудогона иборат аст, ки дар он истилоҳи ифодакунандаи предикат ба субъект шабоҳат дода мешавад. Ин маънои онро дорад, ки доираи субъект ба доираи предикат дохил мешавад. Гузашта аз ин, пайвандак хусусияти хоси предикати субъектро ифода мекунад, масалан, «Зайд бинанда аст». Маълум аст, ки дар таълимоти мантиқии мутафаккир субъекти ҳукм, чун қоида, пеш аз предикат аст.

Аммо, мегӯяд Насируддини Тӯсӣ, «баъзе мантиқшиносон ва ба хусус мантиқдонҳои қадим дар ифодаи лафзӣ предикатро дар ҷойи аввал ва субъектро дар ҷойи дуюм гузоштаанд. Масалан, мегӯянд: «Ҳайвон барои ҳама одамон ё барои баъзе ҷисмҳо сухангӯ аст» ва «барои ягон маъдан ё барои баъзе ҷисмҳо сухангӯ нест». Аз ин рӯ, барои ҷилавгирӣ аз иштибоҳ бояд ба ҳукм диққат дод, на ба калимаҳои гузаштаи баъд баёндошта» [11, с.69].

Насируддини Тӯсӣ дар таснифи ҳукми предикативӣ, асосан ба Арасту ва Ибни Сино такя мекунад. Ба ақидаи Насируддини Тӯсӣ ҳукмҳои предикативӣ аз рӯйи тавсифи аломатҳои миқдории субъект ба шахсӣ ё фардӣ, хусусӣ (ҷузъӣ) ва умумӣ (куллӣ) тақсим мешаванд. Агар дар ҳукми предикативӣ субъект як фард ё мафҳуми ҷудогона бошад, пас онро ҳукми шахсӣ ё воҳид меноманд. Чунин ҳукм, мегӯяд Насируддини Тӯсӣ, вобаста ба сифати пайванд метавонад тасдиқӣ ё инкорӣ бошад. Намунаи ҳукми тасдиқӣ ин: «Зайд нависанда аст» ва барои ҳукми инкорӣ «Зайд нависанда нест» мебошад. Вақте ки мутафаккир дар ҳукми предикативӣ идома медиҳад, хусусияти миқдории предмет равшан ифода меёбад, пас он ба ҳукми муайян табдил меёбад. Агар он аниқ ифода нашавад, ҳукм норавшан мешавад. Ҳукми муайян метавонад умумӣ ё махсус бошад. Ҳукмҳое, ки дар он субъект тамоми объектҳои гурӯҳи муайянро фаро мегирад, умумӣ номида мешавад. Масалан, «Ҳама одамон нависандаанд». Агар предмети ҳукми предикативӣ баъзе предметҳои гурӯҳи муайянро фаро гирад, он гоҳ хусусист. Ё худ «Баъзе одамон нависандаанд» як ҳукми хоси тасдиқкунанда ва «Баъзе одамон нависанда нестанд» инъикоси як ҳукми радшаванда мебошад, ки мутафаккир онро чунин баён мекунад: «Ҳама мардум нависанда нестанд» ё «На ҳар кас нависанда аст» [11, с.83].

Ба ақидаи Насируддини Тӯсӣ, ҳукме, ки дар он мансубияти хоси муайян нисбат ба ҳамаи объектҳои ба предмет дохилшуда ё тасаввуршаванда инкор карда мешавад, умуман инкорӣ номида мешавад. Масалан, «Ҳеҷ одам нависанда нест». Ҳамин тариқ, Насирддини Тӯсӣ чаҳор навъи ҳукми предикативиро муайян мекунад, ки ба ақидаи ӯ, ҳамчун сарчашмаи силлогизми одии категориявӣ хизмат мекунанд.

Дар таълимоти мантиқии Насируддини Тӯсӣ ҳукми шартӣ ҳадди ақал аз ду ҳукми сода иборат аст, ки аввалро гузашта муқаддам меноманд ва дуюмиро толӣ меноманд.

Чунон ки мутафаккир таъкид мекунад, пешгузаштагон (тақаддум) ва идомадиҳандагон (тааххур) ҳукмҳои шартиро дар панҷ маънӣ корбаст кардаанд: "Аввалан, дар замон, ҳамчун авлавияти дирӯз ба имрӯз, падар ба писар, ҳозираи гузашта ва ворис имрӯз ба дирӯз, писар ба падар, ҳозир ба гузашта.

Дуюм, тобеият, чун афзалияти воҳид ба ду, ҷавҳар ва араз. Ё пай дар пайии ду ба як, ҷавҳар ва араз. Маънои ин пешгомӣ ин аст, ки дар ҷое, ки баъдӣ ҳаст, қаблӣ низ ҳаст. Аммо, дар он ҷое, ки қаблӣ вуҷуд дорад, зарур нест, ки баъдӣ вуҷуд дошта бошад. Ба ин, инчунин шароити пешина нисбат ба шароити созгордошта, иртибот дорад.

Саввум, аз рӯйи табиат, ҳамчун авлавияти ҷинси боло ба ҷинси миёна ва бартарияти ҷинси миёна ба ҷинси поёнӣ ва бартарияти ҷинси поёнӣ ба навъ... дар илм бартарияти манбаъҳои хулосаҳо, ҳарфҳои калима, гуфторҳо ва ғайра.

Чаҳорум, бартарӣ бар пояи иззат, чунон ки муаллим аз шогирдон, омӯзгор аз шогирд ва шогирдон аз устодони худ пеш аст.

Панҷум, бартарият аз рӯйи моҳият, чун авлавияти сабаб ба натиҷа ва пайомади натиҷа ба сабаби он ва ғайра» [11, с.58-59].

Дар боло зикр гардид, ки ҳукмҳои шартӣ, ба ақидаи Насируддини Тӯсӣ аз ду ва зиёда муқарарот иборатанд, ки метавонанд аз ҷанбаи категориявӣ ҳукмҳои пайвандкунанда ва ҷудокунанда бошанд. Ин маънои онро дорад, ки ҳукмҳои шартӣ метавонанд аз ду категория, аз ду пайвандак, аз ду ҷудошаванда ва инчунин аз ҳукмҳои омехта сохта шаванд.

Ҳамин тавр, Насируддини Тӯсӣ шаш навъи ҳукмҳои шартӣ-ҷудокунандаро мушаххас менамояд: ҳукмҳое, ки аз ду предикат сохта мешаванд; ҳукмҳое, ки аз ду ҳукми пайвасткунанда иборат мебошанд; ҳукмҳое, ки аз ду ҳукми ҷудокунанда таркиб ёфтаанд; ҳукмҳое, ки аз предикативҳо ва ҳукмҳои пайвасткунанда ташкил ёфтаанд; ҳукмҳое, ки аз предикативҳо ва ҳукмҳои ҷудокунанда таркиб ёфтаанд ва ҳукмҳое, ки аз муҳокимаҳои пайвасткунанда ва ҷудокунанда иборат мебошанд.

Барои он ки хонанда чунин таассуроте пайдо накунад, ки гӯё Насируддини Тӯсӣ дар таълимоти мантиқии худ ҳукмҳои пайвасткунанда (пайвандӣ), шартӣ (импликативӣ) ва муодилӣ (баробарӣ)-ро ба назар нагирифтааст, қайд мекунем, ки ӯ воқеан пайвастагӣ ва ҷудосозиро ҳамаҷониба таҳлил мекунад ва ҳукмҳои импликативӣ ва эквивалентиро ба эътибор мегирад.

Тавре мутафаккир таъкид мекунад, «дар ҳукмҳои предикативӣ баъзан ҷойи субъект ё ҷойи предикатро метавонад зиёда аз як вожа иваз намояд ва ба ин далел ҳукм воқеият бисёр хоҳад шуд. Масалан, вақте мегӯед: «Зайд ва Амр нависандагонанд». Ин воқеан аз ду ҳукм иборат аст: “Зайд нависанда аст” ва “Амр нависанда аст”. Агар гӯйӣ: «Зайд ва Амр нависанда ва шоиранд», пас ин ҷо чаҳор ҳукм мавриди назар қарор мегирад: «Зайд нависанда аст», «Зайд шоир аст», «Амр нависанда аст», «Амр шоир аст» [11, с.72].

Ба ақидаи Насируддини Тӯсӣ ҳукмҳои пайвасткунанда ва ҷудокунанда на танҳо аз ду ҳукми предикативӣ тавассути пайвандаки мантиқии «ва», балки аз шумораи бештари ҳукмҳои сода сохта мешаванд. Вай дар руҳияи мантиқи муосир семантикаи ҳукмҳои конъюнктивиро медиҳад. Ба ақидаи ӯ, ин гуна ҳукм танҳо дар як ҳолат дуруст аст, ки ҳамаи таркибҳо маънои ҳақиқиро ба худ гиранд ва дар мавридҳои дигар ҳукми пайвандкунада дурӯғ хоҳад буд. Ба ақидаи мутафаккир, гоҳо ҳукмҳои пайвандкунанда дар забон на пурра, балки ба шакли ихтисор баён мешаванд.

Насируддини Тӯсӣ борҳо таъкид мекунад, ки ҳақиқат ё дурӯғ будани ҳукми шартӣ (импликативӣ) вобаста ба мавқеъ ё ҳолати он нест, балки ба маъноҳои имконпазири ҷисмҳои таркибии он вобаста аст. Дар ин маврид ӯ менависад: «Ҳақиқат ё дурӯғ будани ҳукми импликативӣ аз мазмуни қисмҳои таркибии он (яъне антеседент ва консеквент - Л. К.) вобаста аст. Агар тамоми қисмҳои таркибии ҳукмҳои импликативӣ, ки ба таври алоҳида гирифта мешаванд, дурӯғ бошанд, он гоҳ онҳо дурустанд, на дурӯғ” [11, с.72].

Насируддини Тӯсӣ мазмуни воқеии ҳукми шартиро тавсиф карда менависад, ки «Ё ҳарду қисми ҳукми импликативӣ дуруст аст, ё ҳарду қисмаш дурӯғ аст, ё ҳарду қисмат эҳтимолан ҳақиқӣ ё дурӯғ аст, ё баръакс, аввалин ҳукм дурӯғ аст ва дуюмӣ эҳтимол дорад, ё баръакс» [11, с.72].

Ба ақидаи Насируддини Тӯсӣ, ҳукми шартӣ танҳо дар як ҳолат дурӯғ аст, яъне он гоҳ аз муқаддими ҳақиқӣ натиҷаи нодуруст бармеояд, масалан, «Зайд агар мард бошад, санг аст». Дар ҳама ҳолатҳои дигар, ҳукми шартӣ (импликативӣ) дурустанд.

Бар асоси таҳлили ин мисолҳо ба зеҳн кашидани диаграммае душвор нест, ки робитаи байни антеседент ва консеквентро, ки дар мантиқи асримиёнагӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст, инъикос дорад. Насируддини Тӯсӣ онро дар се маврид ташхис мекунад: вақте антесдент ва консеквент воқеианд; вақте антеседент дурӯғ ва консеквент ҳақ, вақте ки антеседент ва крнсеквент дурӯғ мебошанд. Танҳо дар як ҳолат, вақте ки антеседент ҳақиқӣ ва консеквент дурӯғ бошад, ҳамаи ҳукмҳо дурӯғ мебошанд. Таҳлили фавқуззикр гувоҳӣ медиҳад, ки мутафаккир на танҳо импликацияи моддӣ, балки навъҳои дигари онро низ ба назар мегирад.

Бар асоси гуфтаҳои зикрёфта метавон ба андешаи Г.И.Рузавин ва П.В.Тавант розӣ шуд, ки бо таъкиди онҳо «Таълимот оид ба ҳукмҳои материалиро мантиқшиносони схоластикӣ аз арабҳо иқтибос гирифта бошанд» [8, с.25].

Дар хотимаи баррасии масъала мо дар бораи таснифоти ҳукмҳои пешниҳодкардаи Насируддини Тӯсӣ махсус таъкид карданием, ки ҳукмҳои шартиро дар давраи қадим намояндагони мантиқи равоқиён таҳия кардаанд. Ҳарчанд, Насируддини Тӯсӣ ба маънои дурусти ин вожа ҳукмҳои пайванкунандаро, ки бо истифода аз пайвандаки мантиқии “ва” сохта шудаанд, аз ду ва ё зиёда ҳукми сода ба таври хос фарқ намекунад, бо вуҷуди ин, аксари ҳукмҳое, ки мутафаккир онҳоро шартан конъюнктивӣ меномад, дар мантиқи рамзии муосир ҳукмҳои конъюнктивӣ ё импликативӣ номида мешаванд. Дар мавриди ҳукмҳои шартии дизъюнктивӣ (мунфасил) бошад, онҳо ба ҳукмҳои дизъюнктивӣ мувофиқат мекунанд. Ҳамин тариқ, фарқи аслии назарияи қазовати Насриддини Тӯсӣ ва назарияи мушобеҳи Арасту ва бархе аз пайравони ӯ дар он аст, ки таълимоти ӯ фарогири на танҳо ҳукмҳои предикативӣ (категорӣ), балки ҳукмҳои шартӣ мебошад.

Гуфтаҳои боло гувоҳӣ медиҳанд, ки Насируддини Тӯсӣ бидуни ҳеҷ тардид тафовути сохтории байни ҳукмҳои предикативӣ ва шартиро дарк кардааст. Тибқи он, агар ҳукмҳои предикативӣ аз субъект (мавзуъ) ва предикат (махмул), ки бо калима ё ибора ифодашудаанд иборат бошанд, пас, ҳукмҳои шартӣ аз антеседент ва консеквент, ки ҳар кадоми онҳо дар алоҳидагӣ ҳукм аст, таркиб ёфтаанд. Назари мутафаккир дар мавриди ҳукмҳои шартии пайвасткунанда ва шартан дизъюнктивӣ (мунфасила) ба тафсири муосири онҳо комилан мувофиқ аст. Ин ва дигар мувофиқатҳо гувоҳ аз онанд, ки мутафаккир ҷузъиёти қазиявиро ба таври муфассал матраҳ намуда, ҳанӯз дар асрҳои XIII ҷойгоҳи ин категорияи мантиқӣ ва таснифи ҷузъиёти онро ба таври муфассал мушаххас намудааст.

***Адабиёт***


1. Аль-Фараби. Логические трактаты. – Алма-Ата, 1975. – 478 с.
2. Бартольд, В. В. Мусульманский мир: сочинения. Т. 6. – Москва, 1966. – 782 с.
3. Болтаев, М. Н. Вопросы гносеологии и логики в произведениях Ибн Сины и его школы. – Душанбе, 1965. – 600 с.
4. Гринев-Гриневич, С. Б. Терминоведение. – Москва, 2008. – 304 с.
5. Динонӣ, И. Насируддини Тӯсӣ – файласуфи. – Теҳрон, 1384 ҳ. – 202 с.
6. Диноршоев, М. Философия Насириддина Туси. – Душанбе, 2012. – 189 с.
7. Ленин, В. И. Полное собрание сочинений. Т. 29. – Москва, 1987. – 324 с.
8. Рузавин, Г. И., Таванец, П. В. Мархилаҳои асосии инкишофи мантиқи расмӣ // Масъалаҳои фалсафии мантиқи формалии муосир / Г. И. Рузавин, П. В. Таванец. – Москва: Язык русский, 1962. – С. 22–27.
9. Ризовӣ, М. Аҳвол ва осори Насируддин. – Теҳрон: Доварпаноҳ, 1356 ҳ. – 722 с.
10. Сулаймонов, Б. С. Логико-гносеологические воззрения Абу Насра Фараби. – Душанбе, 2016. – 146 с.
11. Таърихи фалсафаи тоҷик. Ҷ. 2. – Душанбе: Дониш, 2016. – 892 с.
12. Тӯсӣ, Н. Асос-ул-иқтибос. – Теҳрон, 1373 ҳ. – 627 с.
13. Тӯсӣ, Н. Масориъ-ул-масориъ. – Теҳрон, 1405 ҳ. – 398 с.
14. Тӯсӣ, Н. Ахлоқи Носирӣ. – Душанбе, 2009. -627с.
15. Тӯсӣ, Н. Равзаи таслим ё тасаввурот аз каломоти Хоҷа Насируддини Тӯсӣ. – Душанбе, 2016. – 220 с.

## ҲУКМ ҲАМЧУН ШАКЛИ ТАФАККУР ДАР ТАЪЛИМОТИ МАНТИҚИИ НАСИРУДДИНИ ТӮСӢ

Муаллиф дар мақола ба масъалаи муҳимми мантиқии асримиёнагӣ – ҳукм ҳамчун шакли тафаккур рӯ оварда, ин мавзуъро аз рӯйи осори барҷастатарин мантиқшиноси ҳамин давр, Насируддини Тӯсӣ баррасӣ намудааст.

Ӯ иброз медорад, ки ҳукмҳои мантиқӣ дар масъалагузоириҳо ва натиҷагириҳои ин мутафаккир дар шакли олӣ ба роҳ монда шуда, на танҳо барои ташаккули методҳои донишмандони Шарқ, балки барои тамоми муҳаққиқон ва омӯзандагони ин соҳа заминаи мусоидро фароҳам овардаанд.

Ҷойгоҳи ҳукм ҳамчун категорияи мантиқӣ дар мақола вобаста ба низоми таҳқиқоти илмӣ устуворона баррасӣ шуда, муаллиф қайд мекунад, ки мантиқшиносии Насируддини Тӯсӣ дар пояи ақлгароӣ ба роҳ монда шуда, ба густариши ҷаҳонбинии илмӣ мусоидат мекунад. Ҳамчунин, масъалаҳое, ки барои хирадгароии шинохти олам марбутанд аз ҷониби мутафаккир тавассути тарҳрезиҳои мантиқӣ баррасӣ мешаванд. Чунин равиши устувори мантиқӣ имконият медиҳад, ки бисёре аз ин пажуҳишҳо бо натиҷаҳои мантиқӣ мувофиқат кунанд.

Таҳлилҳои муаллиф нишонрас буда, исбот месозанд, ки машшоиёни шарқӣ, махсусан, Насируддини Тӯсӣ ҳукмро ҳамун категорияи мантиқӣ табақабандӣ намуда, ба сода ва мураккаб тақсим намуда, дар навбати дигар, ҳар яке аз ин қисматҳоро бо таснифи илмӣ шарҳ додааст.

Аз таҳлилҳои муаллиф метавон хулоса намуд, ки андешаҳои мантиқии Насируддини Тӯсӣ дар ин айём ба ташаккули ақлгароӣ таъсири мусбат мерасонанд ва инсониятро ба ояндабинии наку ҳидоят мекунанд.

**Калидвожаҳо:** ҳукм, маърифати ҳиссӣ, маърифати ақлӣ, ҳукми мунфасила, ҳукми муттасила, ҳукми шартӣ, инкорӣ, тасдиқӣ, тафаккур, мафҳум, Насируддини Тӯсӣ.

## СУЖДЕНИЕ КАК ФОРМА МЫШЛЕНИЯ В ЛОГИЧЕСКОМ УЧЕНИИ НАСИРУДДИНА ТУСИ

В статье автор обратился к важному вопросу средневековой логики - суждению как форме мышления, и рассмотрел эту тему на основе работ виднейшего логика того периода Насируддина Туси.

Он указывает, что логические суждения в вопросах и выводах этого мыслителя утвердились в высшей форме и создали благоприятную основу не только для формирования научных методов восточных ученых, но и для всех исследователей и учеников в этой сфере.

В статье рассматривается место суждения как логической категории по отношению к системе научных исследований, и автор отмечает, что логика Насируддина Туси основана на рационализме и способствует расширению научного мировоззрения. Также вопросы, связанные с мудростью познания мира, рассматриваются мыслителем посредством логических конструкций. Такой надежный логический подход позволяет многим из этих выводов согласовываться с логическими результатами данной конструкции.

Анализ автора показателен и доказывает, что восточные учёные, особенно Насируддин Туси, отнесли предложение к одной логической категории, разделили его на простое и сложное и объяснили каждую из этих частей научной классификацией.

Из анализа автора можно сделать вывод, что логические идеи Насируддина Туси в наши дни положительно влияют на формирование интеллекта и ведут человечество к лучшему будущему.

**Ключевые слова:** Суждение, чувствительное познание, рациональное познание, дизъюнктивное суждение, конъюнктивное суждение, условное суждение, отрицательное суждение, утвердительное суждение, мышление, понятие, Насируддина Туси.

## JUDGMENT AS THE FORM OF THINKING IN THE LOGICAL DOCTRINE OF NASIRUDDIN TUSI

In article the author addressed an important question of medieval logic - to judgment as a form of thinking, and considered this subject on the basis of works of the most prominent logician of that period Nasiruddin Tusi.

He specifies that logical judgments in questions and conclusions of this thinker were approved in the highest form and created a favorable basis not only for formation of scientific methods of east scientists, but also for all researchers and pupils in this sphere.

In article the place of judgment as logical category in relation to the system of scientific research is considered, and the author notes that she of the logician Nasiruddin Tusi is based on rationalism and promotes expansion of scientific outlook. Also, the questions connected with wisdom of knowledge of the world are

considered by the thinker by means of logical designs. Such reliable logical approach allows much of these conclusions to be coordinated with logical results of this design.

The analysis of the author is indicative and proves that east scientists, especially Nasiruddin Tusi, referred the offer to one logical category, divided it into simple and difficult and explained each of these parts with scientific classification.

From the analysis of the author it is possible to draw a conclusion that the logical ideas of Nasiruddin Tusi positively influence today formation of intelligence and conduct mankind to the better future.

**Keywords:** judgment, sensitive knowledge, rational knowledge, disjunctive judgment, conjunctive judgment, conditional judgment, negative judgment, affirmative judgment, thinking, concept, Nasiruddin Tusi.

**Дар бораи муаллиф**

Кенҷаева Латофат Эргашевна
номзади илмҳои фалсафа, дотсенти кафедраи фалсафа ва фарҳангшиносӣ.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ,
Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Email: Director@prestige-art.tj

**Об авторе**

Кенжаева Латофат Эргашевна
кандидат философских наук, доцент кафедры философии и культурологии
Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни
Адрес: 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17.
Email: Director@prestige-art.tj

**About the author**

Kenzhaeva Latofat Ergashevna
Candidate of Philosophy, associate professor of the Department of Philosophy and cultural studies
Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini.
Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki Avenue, 17.
Email: Director@prestige-art.tj

ТДУ 930.85(728.3)

# НИГОҲЕ БА ТАМАДДУНИ МАЙЯ ҲАМЧУН ГАНҶИНАИ ҚАДИМӢ

***Шаҳнозаи Вализода***

*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ*

Тамаддуни Майя як тамаддуни Месоамрикоӣ буд, ки аз қадим то давраи аввали муосир вуҷуд дошт. Он бо маъбадҳои қадимӣ ва глифҳо маълум аст. Ин тамаддун инчунин бо санъат, меъморӣ, математика, тақвим ва низоми астрономӣ машҳур мебошад. Тамаддуни Майя дар минтақае, ки имрӯз аз ҷанубу шарқи Мексика, тамоми Гватемала, Белиз ва қисматҳои ғарбии Гондурас ва Салвадор иборат аст, инкишоф ёфтааст. Ба он пастиҳои шимолии нимҷазираи Юкатан ва баландкуҳи Гватемала Серра-Мадре, иёлоти Чиапаси Мексика, чануби Гватемала, Салвадор ва қисмати ҷанубии соҳили уқёнуси Оромро дар бар мегирад. Имрӯз, наслҳои онҳо, ки дар умум бо номи Майягиҳо маъруфанд, беш аз 6 миллион нафарро ташкил намуда, бо зиёда аз бисту ҳашт забонҳои боқимондаи Майя ҳарф мезананд ва тақрибан дар ҳамон минтақае, ки аҷдодонашон мезистанд, умр ба сар мебаранд.

"Майя" як истилоҳи муосирест, ки ба таври умумӣ ба халқҳои мухталифе, ки дар ин минтақа сукунат доштанд, истифода мешавад, зеро халқҳои майя дар тӯли таърихи худ ҳисси ҳуввияти этникӣ ва ваҳдати сиёсиро надоштанд.

Сарчашмаҳои барвақти мустамликавии испанӣ ва Майязабонон дар нимҷазираи Юкатан истилоҳи "Майя"-ро барои ифодаи ҳам забони гуфтугӯи юкатекии Майя ва ҳам минтақаи атрофи он Майяпан истифода мебурданд. Истилоҳи "Майя" аз шаҳри Майяпан гирифта шудааст [13, с.64].

Таърихи тамаддуни Майя ба се давраи асосӣ тақсим мешавад: то классикӣ, классикӣ ва баъд аз классикӣ. Пеш аз ин давраи бостонӣ буд, ки дар он аввалин деҳаҳои муқимӣ ва инкишофи аввали кишоварзӣ ба вуҷуд омадаанд [16, с. 26].

Дар давраи архаикӣ, то соли 2000 пеш аз милод, аввалин рушди кишоварзӣ ва бунеди деҳаҳои аввалин мушоҳида шудаанд. Дар давраи токлассикӣ (тақрибан 2000 пеш аз милод то 250 милод) аввалин ҷамъиятҳои мураккаб дар минтақаи Майя таъсис ефтанд ва парвариши зироатҳои асосӣ аз ҷумла, ҷуворимакка, лӯбиё, каду ва қаламфури тез ба роҳ монда шуд. Аввалин шаҳрҳои Майя тақрибан дар соли 750 пеш аз милод ташаккул ёфтанд ва то соли 500 пеш аз милод ин шаҳрҳо дорои меъмории муҷасамавӣ буданд, аз ҷумла маъбадҳои калон бо фасадҳои боҳашамат.

Дар давраи охири пеш аз классикӣ як қатор шаҳрҳои калон дар ҳавзаи Петен ба вуҷуд омадаанд ва шаҳри Каминалю дар Гватемала хеле инкишоф ёфта буд. Оғози тақрибан соли 250-и милодӣ, давраи классикӣ асосан ҳамчун вақте муайян карда мешавад, ки Майя ёдгориҳои ҳайкалиро бо санаҳои Ҳисоби Лонг баланд мебардоранд. Дар ин давра тамаддуни Майя бо бисёр шаҳр-давлатҳои бо як шабакаи мураккаби тиҷоратӣ алоқамандро инкишоф доданд.

Марказҳои асосии аҳолии пеш аз Колумбия дар водиҳои калонтарин, ба монанди водии Гватемала ва водии Кветсалтенанго буданд. Дар баландкуҳҳои ҷанубӣ қулаҳои вулқонӣ ба соҳили уқёнуси Ором мувозӣ мегузаранд. Баландкӯҳҳо ба самти шимол то Верапаз паҳн шуда, тадриҷан ба Шарқ мефароянд [16, с. 5].

Майяҳо аввалин тамаддуни худро дар давраи то классикӣ инкишоф доданд. Сукунатҳо тақрибан дар соли 1800 пеш аз милод дар минтақаи Соконускои соҳили Уқёнуси Ором таъсис ёфтаанд ва майяҳо аллакай зироатҳои асосиро кишт мекарданд. Дар давраи миёнаи то классикӣ деҳаҳои хурд ба шаҳрҳо табдил ефтанд. Нақбе дар идораи Петени Гватемала аввалин шаҳри хуб ҳуҷҷатгузоришуда дар Майя мебошад, ки дар он биноҳои калон тақрибан ба соли 750 пеш аз милод тааллуқ доранд, сохта шуда буданд. Тақрибан дар соли 400 пеш аз милод майяҳо манораҳоро бо санъати баланд месохтанд. Дар давраи охири то классикӣ, шаҳри азими Эл-Мирадор васеъ шуда, масоҳати он тақрибан 16 километри мураббаро фаро мегирифт [11, с. 28].

Давраи классикӣ асосан ҳамчун даврае муайян карда мешавад, ки дар давоми он дар Майя ёдгориҳои таърихиро бо истифода аз тақвими ҳисобҳои дароз бардоштанд [1, с.47]. Ин давра авҷи сохтмонҳои азим ва шаҳрсозӣ, ба қайд гирифтани катибаҳои муқаррарӣ буда, рушди назарраси ақлонӣ ва ҳунарӣ, махсусан дар минтақаҳои ҷанубӣ ба ҳисоб мерафт. Манзараи сиёсии давраи классикии Майя ба давраи Эҳёи Италиё ё Юнони Классикӣ монанд буд. Калонтарин шаҳрҳо аз 50 000 то 120 000 аҳолӣ доштанд.

Дар давраи классикии ибтидоӣ, шаҳрҳои тамоми минтақаи Майя зери таъсири шаҳрҳои бузурги Теотихуакан дар водии дурдасти Мексика қарор доштанд. Дар соли 378-и милодӣ Теотихуакан ба Тикал ва дигар шаҳрҳои наздик ба таври қатъӣ дахолат кард, ҳокимони онҳоро барканор кард ва сулолаи наве аз ҷониби Теотихуакан пуштибонишударо таъсис дод [2, с.17]. Ин мудохиларо Сияҷ Как ("Зодаи оташ"), ки дар аввали соли 378 ба Тикал омад, сарварӣ мекард.

Соли 629 Балаҷ Чан Кавил, писари подшоҳи Тикал Кинич Муваан Ҷол II, барои бунёди шаҳри нав дар Дос Пилас дар минтақаи Петексбатун фиристода шуд, ки зоҳиран ҳамчун посгоҳ барои васеъ кардани қудрати Тикал берун аз дастрасии Калакмул буд. Дар давоми ду даҳсолаи оянда ӯ барои бародар ва сарвари худ дар Тикал содиқона мубориза бурд. Соли 648 подшоҳи Юкном Чейн II аз Калакмул Балаҷ Чан Кавилро забт кард. Пас аз он Юкном Чёни II Балаҷа Чан Кавилро ба тахти Дос Пилас ҳамчун ворисӣ худ баргардонд. Пас аз он ӯ ба сифати шарики вафодори Калакмул хизмат кард.

Давраи пас аз классикии Майя тақрибан солҳои 950-1539-и мелодиро дар бар мегирад. Пас аз таназзули Чичен Итза, минтақаи Майя то инкишофи шаҳри Майяпан дар асри 12 қудрати бартаридошта надошт. Дар наздикии соҳилҳои баҳри Кариб ва халиҷ шаҳрҳои нав ба вуҷуд омада, шабакаҳои нави тиҷоратӣ ба вуҷуд омаданд.

Яке аз муҳимтарин шаҳрҳои баландкӯҳи Гватемала дар ин вақт Кумаркаж, пойтахти салтанати Киче буд. Ҳукумати иёлатҳои Майя, аз Юкатан то кӯҳҳои Гватемала, аксар вақт ҳамчун як шӯрои муштарак ташкил карда мешуд. Аммо дар амал як узви шӯро метавонист ба сифати ҳокими олӣ баромад кунад, аъзоёни дигари шӯро бошанд, ба ҳайси мушовир хизмат мекарданд.

Шаҳри Майяпан тақрибан соли 1448 пас аз як давраи ноорамиҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ, ки аз бисёр ҷиҳат шикасти давраи классикии тамадуни Майяро дар минтақаи ҷанубӣ ба миён овард, ба як шаҳри тарақикардашуда мубаддал гашт [9, с. 347].

Бисёре аз деҳаҳои Майя аз ҳокимияти мустамликавии Испания дур монданд ва дар аксар маврид идораи худро идома медоданд. Ҷамъиятҳои Майя ва наслҳои онҳо ҳаёти ҳаррӯзаи анъанавии худро нигоҳ медоштанд. Ҳунарҳои мардумӣ аз қабили бофандагӣ, сафолӣ ва сабаддӯзӣ дар ин давра идома ёфтанд. Бозорҳои ҷамоатӣ ва савдои маҳсулоти маҳаллӣ низ пас аз истилоҳо идома ёфтанд. Баъзан маъмурияти мустамлика иқтисоди анъанавиро барои ба даст овардани хироҷ дар шакли сафол ё матоъҳои пахтагин ташвиқ мекарданд, гарчанде ба онҳо одатан хусусиятҳои аврупоӣ дода мешуданд. Эътиқод ва забони майяҳо сарфи назар аз кӯшишҳои пуршиддати мубаллиғони католикӣ ба тағйирот тобовар буданд. Тақвими маросими 260-рӯза дар ҷамоаҳои муосири Майя дар минтақаҳои Гватемала ва Чиапас истифода мешуд.

Намояндагони калисои католикӣ дар бораи Майя гузоришҳои муфассал навиштанд, то кӯшишҳои онҳо дар густариши масеҳият ва ғарқи тамаддуни Майя ба империяи Испанияро таҳким бахшанд. Пас аз он, коҳинони гуногуни испанӣ ва мансабдорони мустамликавӣ дар бораи харобаҳое, ки дар Юкатан ва Амрикои Марказӣ дидан карда буданд, тавсифҳо кардаанд. Дар соли 1839 сайёҳ ва нависандаи Амрикоӣ Ҷон Лойд Стивенс бо ҳамроҳии меъмор ва рассоми англис Фредерик Кэтервуд ба дидани як қатор маконҳои Майя баромаданд [10, с.105].

Дар ибтидои асри 20, Осорхонаи Пибоди ба ҳафриёт дар Копан ва дар нимҷазираи Юкатан роҳбарӣ мекард. Дар ду даҳсолаи аввали асри 20 дар дарки тақвими Майя, шинохти худоҳо, санаҳо ва мафҳумҳои динӣ натиҷаҳои назаррас ба даст омаданд. Аз соли 1930 инҷониб кофтуковҳои археологӣ ба таври назаррас афзоиш ёфта, дар саросари минтақаи Майя ҳафриётҳои калон гузаронида шуданд [2, с.17].

Дар солҳои 60-ум майяшиносон Х. Эрик ва С. Томпсон ақидаеро баён намуданд, ки шаҳрҳои Майя аслан марказҳои таркшуда ба ҳисоб мерафтанд, ки ба ҷамъияти пароканда дар ҷангал хизмат мекарданд ва тамаддуни Майяро коҳинони осоишта идора мекарданд. Ин ақидаҳо ба пешрафти назаррас дар рамзкушоии хат дар охири асри XX, ки аз ҷониби Генрих Берлин, Татяна Проскурякова ва Юрий Кнорозов пешниҳод шуда буданд, моҳияти худро аз даст доданд. Бо пешрафтҳо дар дарки хатти Майя аз солҳои 1950 инҷониб, амалиётҳои ҷангии подшоҳони Классикии Майя ошкор шуда нуқтаи назари осоишта будани Майяҳоро зери шубҳа қарор медиҳанд [3, с.8].

Ҷамъияти Майя аз давраи пеш аз классикӣ ба таври шадид ба ду табақа элита ва мардуми оддӣ тақсим шуда буд. Бо мурури замон аҳолӣ афзоиш ефта, бахшҳои гуногуни ҷамъият беш аз пеш хусусияти махсусро гирифта, сохтори сиёсӣ торафт мураккабтар мешуд. Дар давраи то классикӣ, вақте ки аҳолӣ хеле рушд ёфту шаҳрҳои зиёд шуданд, қишри сарватманди ҷомеа афзоиш ёфт. Ҳамчунин синфи миёнае ташаккул ёфта буд, ки ба он косибон, коҳинон ва мансабдорон, тоҷирон ва сарбозон низ дохил мешуданд. Ба ҳайати табақаи поенӣ деҳқонон, хизматчиён, коргарон ва ғуломон дохил мешуданд. Заминҳо дар ихтиёри ашрофон ё хешовандони онҳо буданд. Онҳо чунин мепиндоштанд, ки замин моликияти аҷдодон аст ва робитаи байни замин ва аҷдодон тавассути дафни ҷасади онҳо дар дохили биноҳои истиқоматӣ тақвият дода мешуд [4, с. 470].

Савдо ҳамчун ҷузъи асосӣ дар рушди тамаддуни Майя ба шумор мерафт. Шаҳрҳое, ки ба муҳимтарин марказҳои тиҷоратӣ табдил ёфтанд, одатан дастрасӣ ба молҳои муҳими тиҷоратӣ доштанд. Муҳимтарин шаҳрҳои шимолии нимҷазираи Юкатан дастрасиро ба манбаъҳои намак назорат мекарданд. Майяҳо истеҳсолкунандагони асосии пахта буданд, ки барои истеҳсоли матоъҳои бофандагӣ дар саросари Месоамерика мусоидат мекарданд [16, с. 51].

Майяҳо дар саросари минтақаи худ ва дар саросари Месоамерикаи бузург ва берун аз он ба тиҷорат машғул буданд. Ҳамчун мисол, дар маҳали дурдасти Теотихуакан, дар маркази Мексика, як маҳаллаи тоҷирони Майяи давраи ибтидоии классикӣ кашф карда шудааст. Дар дохили Месоамерика берун аз минтақаи Майя, роҳҳои тиҷоратӣ махсусан ба маркази Мексика ва соҳил пайваст буданд. Дар давраи ибтидоии классикӣ, Чичен Итза ҳамчун маркази васеи тиҷоратӣ қарор дошт, ки дискҳои тиллоиро аз Колумбия ва Панама ва фирӯзиро аз Лос-Серриллос, Ню-Мексико воридот мекард. Тиҷорати тулонии ҳам молҳои гаронарзиш аз ҷониби хонаводаи ашрофзодагон назорат мешуд. Молҳои боарзише, ки тавассути савдо ба даст оварда мешуд, ҳам барои истифодаи ҳокими шаҳр ва ҳам ба сифати туҳфаҳои гаронбаҳо барои тақвият додани садоқати тобеон ва иттифоқчиён истифода мешуд.

Роҳҳои тиҷоратӣ на танҳо молҳои моддиро таъмин менамуданд, балки ба ҳаракат ва мубодилаи афкори одамон дар саросари Месоамерика мусоидат мекарданд. Бинобар сукути шаҳрҳои муҳим дар минтақаи Майя тағйиротҳо дар хатсайрҳои тиҷоратӣ ба вуқӯъ пайваст ва дар ҳар як аз нав ехёшавии тамаддуни Майя, ба мисли рушди тамаддуни то классикӣ, гузариш ба давраи Классикӣ ва азбайнравии давраи Классикӣ ин роҳҳои тиҷоратӣ накши муҳим бозидаанд. Масалан, дар давраи роҳбарии Манш Чол зироатҳои бонуфузи какао, аннато ва ванилинро ба Верапази мустамликавӣ содирот мекарданд [16, с. 660].

Санъати Майя аслан санъати дарборӣ буд. Он қариб танҳо ба табақаи элитаи Майяҳо ва ҳаёти онҳо бахшида шудааст. Ин санъатро муҷассамаҳо ҳайкалчаҳо ва дигар боқимондаҳо ки аз маводҳои зудтаҷзияшаванда ва мустаҳкам сохта шуда буданд муарифӣ мекунанд ва робитаи ин тамадунро бо аҷдодони Майяҳо ифода менамоянд. Ҳарчанд Майяҳо санъати бою ғанӣ доштанд вале танҳо як қисми ками он то замони мо омада расидаанд. Ин санъат нисбат ба дигар анъанаҳои санъати Амрикоӣ бештар мавриди омузишу таҳқиқот қарор гирифтааст. Санъати Майя дорои сабкҳои зиёди минтақавӣ буда, дар Амрикои қадим аз ҷиҳати дорои матни нақлӣ беназир аст. Авҷи аълои санъати Майя ба давраи охири классикӣ рост меояд.

Майягиҳо ба ранги сабз ё сабзи торик бартарӣ медоданд. Мутаносибан, онҳо ба ранги сабзи себ ва дигар сангҳои сабз баҳои баланд дода, онҳоро бо худои офтоб Кинич Ажау

алоқаманд медонистанд. Онҳо бозёфтҳо, аз ҷумла мозаика ва моҳтобҳои хурд ва каллаҳои вазнашон 4,42 кг-ро кандакорӣ мекарданд [16, с. 340].

Аҳли ашрофи Майя ба тағйир додани дандон машғул мешуданд ва баъзе ашрофон дандонҳои худро нефрит мекашиданд, ки ин аз рушди соҳаи дандонпизишкӣ дар ин сарзамин дарак медиҳад. Ниқобҳои маросими дафнии мозаикиро низ аз нефрит месохтанд, ба монанди ниқоби Кинич Ҷанаб Пакал, подшоҳи Паленк. Муҷассамаи сангини Майя ба сабти бостоншиносӣ ҳамчун анъанаи мукаммал ворид шуда, ба он ишора мекунад, ки он шояд аз анъанаи ҳайкалтарошии чӯбӣ сарчашма гирифта бошад. Аз сабаби пусиши чӯб, пайкараҳои сохташудаи чӯбии Майя қариб тамоман аз байн рафтааст. Чанд осори чӯбине, ки то ҳол боқи мондаанд, муҷассамаҳои сеҳаҷма ва сатҳҳои иероглифӣ ба шумор меравanд.

Муҷассамаи сангӣ инчунин шаклҳои дигар дошт, ба монанди сатҳҳои релефии оҳаксанг дар Паленке ва Пиедрас Неграс. Дар Дос Пилас, Копан, Яхчилон ва дигар мавзеъҳо зинапояҳои сангин бо ҳайкалтарошӣ оро дода шуда буданд. Зинапояи иероглифӣ дар Копан дарозтарин матни иероглифии Майяро дар бар мегирад ва аз 2200 глиф иборат аст [16, с.3 40].

Бузургтарин муҷассамаҳои Майя аз иморатҳои меъморшуда иборат буданд, ки аз гил сохта шудаанд. Шакли ноҳамвор дар рӯйпӯши гаҷӣ дар девор гузошта шуда, шакли сеҳаҷма бо истифода аз сангҳои хурд сохта шудааст. Ниҳоят, ин бо қабати лой пӯшонида шуда, ба шакли тайёр рехта шудааст. Ниқобҳои азим барои ороиши иморатҳои маъбад дар давраи пеш аз классикӣ истифода мешуданд ва чунин ороиш то давраи классикӣ идома дошт.

Майяҳо анъанаи деринаи расмкашии деворӣ доштанд ва дар Сан Бартоло расмҳои гарони махсусан коркардшуда дарёфт шудаанд, ки ба солҳои 300 то 200 пеш аз милод тааллуқ доранд [15, с. 83]. Деворҳо бо гаҷ пӯшонида шуданд ва тарҳҳои коркардшуда ба қабати ҳамвор ранг карда шуданд. Аксарияти чунин расмҳои деворӣ боқи намондаанд, аммо қабрҳои давраи ибтидоии классикӣ, ки бо рангҳои қаймоқӣ, сурх ва сиёҳ рангубор шуда буданд дар Каракол, Рио Азул ва Тикал кашф карда шудаанд. Дар байни деворҳои боқимонда беҳтарин силсилаи мукаммали расмҳои классикӣ дар Дер Бонампак пайдо карда шудаанд.

Санъати бофандагии тамадуни Майя дар сабтҳои бостоншиносӣ хеле кам муаррифӣ шудааст, гарчанде ки дар муқоиса бо дигар фарҳангҳои пеш аз Колумбӣ, аз қабили Ацтекҳо ва минтақаи Анд, ки аҳамияти хеле арзишмандеро доро буд. Парчаҳои нассоҷӣ кашф карда шуданд, аммо беҳтарин далели санъати нассоҷӣ дар он аст, ки он дар дигар шакл, ба монанди расмҳои деворӣ ё сафолҳои рангкардашуда нишон дода шудаанд. Ин муарифгари элитаи дарбори Майя мебошад, ки бо матоъҳои пурдабдаба оро дода шуда буданд, ки одатан онҳо аз пахта буданд. Ҳамчунин пусти ягуар ва оҳу низ истифода мешуданд. Керамикаҳо намуди маъмултарини боқимондаи санъати Майя мебошанд. Майяҳо дар бораи чархи кулолгар маълумот надоштанд ва зарфҳои майя тавассути печонидани тасмаҳои ғелондашудаи гил ба шакли дилхоҳ сохта мешуданд. Гарчанде ки кулолҳои тамаддуни Майя шишабандӣ карда нашудаанд, дорои ороиши хуб буданд. Керамикаҳои онҳо бо лӯлаҳои гили омехта, минералҳо ва гилҳои ранга оро дода мешуданд.

Аз қабрҳои давраи охири классикӣ дар ҷазираи Ҷайна, дар шимоли Юкатан як миқдор ҳайкалҳои хеле хуби сафолӣ дарефт шуданд. Баландии онҳо аз 10 то 25 сантиметр буда, бо тафсилоти зебо ва дастӣ сохта шудаанд [16, с. 378]. Пайкараи сафолии полихромии услубӣ, аз он ҷумла плитаҳои зебои рангшуда ва зарфҳои слиндрӣ пайдо шудааст. Он маҷмӯи хусусиятҳо, аз қабили иероглифҳои бо ранги гулобӣ ё сурхи саманд ва саҳнаҳо бо раққосони ниқобпӯшро дар бар мегирифт. Яке аз хусусиятҳои фарккунандаи инъикоси воқеии ин тамаддун ба таври ҳаетӣ мебошад.

Мавзӯи дар зарфҳо инъикос ёфта ҳаёти дарбории минтақаи Петен дар қарни 8-ум ба мисли ҷамъомадҳои дипломатӣ, зиёфатҳо, хунрезиҳо, размоварии ҷанговаронро дар бар мегирад. Устухони одамон ва ҳайвонот ҳайкалтарошӣ мешуданд ва устухонҳои одам ҳамчун туҳфаҳо ва ёдгориҳои ниёгон ҳисобида мешуданд. Тақрибан дар асри 10 милодӣ металлургия аз Амрикои Ҷанубӣ ба Месоамерика омад ва Майяҳо ба сохтани ашёи хурд аз тилло, нуқра ва мис шурӯъ карданд. Майяҳо бо куфтани металлҳои тунук ашёҳо ба монанди муҳраҳо, зангӯлаҳо ва дискҳо месохтанд. Дар асрҳои охирини пеш аз истилои Испанӣ, майяҳо усули

гумшудаи мумиро барои рупуш кардани пораҳои хурди металлӣ истифода мебурданд [10, с.76].

Бояд қайд намоем, ки яке аз самтҳои кам омӯхтаи санъати халқии Майя ҳунари граффит мебошад. Иловатан граффит, ки қисми ба нақша гирифташудаи ороиш аст, дар сатҳи деворҳои дохилӣ, фаршҳо ва курсиҳо, дар як қатор биноҳо, аз ҷумла маъбадҳо, манзилҳо ва анборҳо кандакорӣ шудааст. Граффити дар 51 макони Майя, махсусан дар ҳавзаи Петен ва ҷануби Кампече ва минтақаи Ченес дар шимолу ғарби Юкатан сабт шудааст. Дар Тикал, ки дар он миқдори зиёди граффити сабт шудааст, мавзӯъи расмҳо маъбадҳо, одамон, худоён, ҳайвонот, овезаҳо ва тахтҳоро дар бар мегирад [5, с.405].

То соли 2000 пеш аз милод қабилаҳои Майя бо забони ягона гап мезаданд, ки онро забоншиносон протомайя номидаанд [3, с. 274]. Таҳлили забоншиносии луғавии аз нав таҳияшудаи протомайя нишон медиҳад, ки ватани аслии протомайяҳо минтақаи куҳистони ғарбӣ ё шимолии Гватемала буд, ҳарчанд ин далелҳо дақиқ нестанд. Протомайяҳо дар давраи то классикӣ аз ҳам ҷудо шуданд ва ин боис гардид, ки гурӯҳҳои асосии забонҳои Майя, ки ин оиларо ташкил медиҳанд ба мисли Хуастекан, Кичеани Бузург, Куанжобалаи Бузург, Мамеан, Целталан-Чолан ва Юкатекан ба вуҷуд оянд.

Ин гурӯҳҳо дар давраи пеш аз Колумбӣ боз аз ҳам ҷудо шуда, зиёда аз 30 забонро ба вуҷуд овардаанд, ки то замони муосир боқӣ мондаанд. Забони қариб ҳамаи матнҳои классикии тамаддуни Майя дар тамоми қаламрави Майя ҳамчун Чолан шинохта шудааст. Матни охири давраи пеш аз классикӣ аз Каминалю, дар баландкӯҳҳо, инчунин ба забони Чолан марбут аст.

Низоми хатии майя яке аз дастоварди беназири сокинони то Колумбии Амрико мебошад. Ин системаи хати мукаммалтарин ва хеле инкишофёфтаи зиёда аз даҳ шоха буда, дар Месоамерика инкишоф ёфтааст. Қадимтарин катибаҳо бо хатти майя ба солҳои 300-200 пеш аз милод, дар ҳавзаи Петен рост меоянд [10, с. 83]. Хатти аввалини майя дар соҳили укёнуси Ором дар кишвари Гватемала дар охири асри 1 мелодӣ ва ибтидои асри 2 пайдо шуда аст [8, с. 14]. Тақрибан солҳои 250-уми мелодӣ, хатти Майя ба як системаи хаттии расмӣ ва мукаммал табдил ёфт.

Калисои католикӣ ва мансабдорони мустамликавӣ, бахусус Диего де Ланда, матнҳои Майяро дар ҳар ҷое, ки меёфтанд, нобуд мекарданд ва ин сабаби нестшавии қисмате аз хатти Майяҳо гардид, аммо тасодуфан чаҳор китоби беҳамтои пеш аз Колумбии ин тамаддун, ки ба давраи пас аз классикӣ тааллуқ доранд, маҳфуз нигоҳ дошта шудаанд.

Ин китобҳо ҳамчун Кодекси Мадрид, Кодекси Дрезден, Кодекси Париж ва Кодекси Майяи Мексика (қаблан ҳамчун Кодекси Гролиер маълум буд, ки то соли 2018 мавриди баҳси амиқ қарор дошт) ба ҳисоб мерафтан. Ҳафриётҳое, ки дар мавзеъҳои минтақаи Майя гузаронида шудаанд, аксар вақт пораҳои дигари росткунҷаи гаҷ ва сангҳои рангаро ошкор кардаанд, ки рамзҳо ба ҳисоб мерафтанд. Аксари навиштаҷоти боқимондаи Майяи то Колумбӣ ба давраи классикӣ рост меоянд ва дар катибаҳои сангини мавзеъҳои Майянишин, дар тахтасангҳо ё дар зарфҳои сафолӣ дарҷ ёфтаанд.

Майяҳо низоми ҳисобкунии сатр ва нуқтаҳо, ки асоси рақамҳои Майя мебошад, то соли 1000 пеш аз милод дар Месоамерика истифода мешуд. Майяҳо онро дар давраи охири пеш аз классикӣ қабул карда, рамзи сифрро илова кардаанд [16, с.101]. Ин шояд аввалин падидаи маълуми идеяи сифри возеҳ дар саросари ҷаҳон бошад, гарчанде, ки он аз низоми хатти Бобулӣ дертар буд. Аввалин истифодаи аниқи сифр дар ёдгориҳое, ки ба соли 357 мелодӣ тааллуқ доранд, ба вуқӯъ омадааст. Дар истифодаи аввалини худ, сифр ҳамчун ишғолкунандаи ҷой хизмат мекард, ки мавҷуд набудани ҳисобҳои тақвимии мушаххасро нишон медиҳад. Ин баъдтар ба рақаме табдил ёфт, ки барои анҷом додани ҳисоб истифода мешуд ва дар матнҳои иероглифӣ дар тӯли зиёда аз ҳазор сол, то даме ки системаи хаттӣ аз ҷониби империяи испанӣ нобуд карда шуда буд, истифода мешуд.

Системаи асосии шумора аз нуқта барои ифода кардани як ва сатр барои ифодаи панҷ иборат аст. Дар давраи баъдтклассикӣ рамзи ниҳонӣ сифрро ифода мекард дар давраи Классикӣ бошад глифҳои дигар истифода мешуданд. Рақамҳои Майя аз 0 то 19 такрори ин рамзҳоро истифода мебурданд. Қиммати рақам аз рӯи мавқеи он муайян карда мешуд дар

баробари боло рафтани адад, арзиши асосии он ба бист зарб зада мешуд. Ба ин тартиб, аломати пасттарин воҳидҳоро ифода мекард, аломати дигари боло зарбҳои бистро ифода мекард ва аломати боло, ки чандкаратаи 400-ро ифода мекард ва ғайра. Масалан, рақами 884 бо чаҳор нуқта дар сатҳи поёнтарин, чаҳор нуқта дар сатҳи дигари боло ва ду нуқта дар сатҳи дигар пас аз он навишта мешавад, то $4 \times 1 + 4 \times 20 + 2 \times 400 = 884$ баробар шавад. Бо истифода аз ин система майяҳо тавонистанд ададҳои бузургро сабт кунанд [3, с.249]. Ҷамъи оддиро метавон бо иловаи нуқтаҳо ва сутунҳо дар ду сутун иҷро кард, то дар сутуни сеюм натиҷа ҳосил шавад.

Системаи тақвими Майя, дар баробари дигар тақвимҳои Месоамерикоӣ, дар давраи пеш аз классикӣ пайдо шудааст. Аммо, маҳз майяҳо буданд, ки тақвимро ба дараҷаи олитарини худ тартиб дода, гардишҳои Моҳ ва Офтоб, гирифтан ва ҳаракати сайёраҳоро бо дақиқият нишон додаанд. Дар баъзе мавридҳо, ҳисобҳои тақвими Майя нисбат ба дигар ҳисобҳои тақвимӣ дар ҷаҳони қадим дақиқтар буданд. Масалан соли офтобии Майя нисбат ба соли Ҷулиан дақиқтар ҳисоб карда мешуд. Тақвими Майя бо расму оинҳои онҳо алоқаи зич дошт ва он дар тафаккури динии Майяҳо низ нақши муҳим мебозид.

Инчунин Майяҳо ҷирмҳои осмониро бодиққат мушоҳида менамуданд. Ҳарчанд астрономияи Майя асосан аз ҷониби коҳинон барои фаҳмидани давраҳои гузаштаи вақт ва тарҳрезии онҳо ба оянда барои пешгӯиҳо истифода мешуд, он инчунин баъзан татбиқи амалӣ низ дошт [17, с. 265]. Коҳинон-мунаҷҷимон мушоҳидаҳои дақиқ доштанд ва гирифти Офтоб ва Моҳ, ҳаракатҳои Зуҳра ва ситораҳоро сабт мекарданд, ки онҳо бо ҳодисаҳои таърихии гузашта чен карда мешуданд, бо тахмини он, ки ҳодисаҳои шабеҳ дар оянда ба вуқуъ хоҳанд омад [2, с. 192].

Тасвири ҳодисаҳо нишон медиҳад, ки коҳинон бо истифода аз чашми оддӣ ва бо ёрии чубҳои салиб, ки ҳамчун асбоби мушоҳидавӣ истифода мешуданд, мушоҳидаҳои астрономӣ анҷом медоданд [3, с. 261]. Таҳлили чанд рамзҳои боқимондаи давраи пас аз классикӣ нишон дод, ки дар замони равобит бо аврупоиҳо, майяҳо тақвимҳои гирифти офтоб, дигар тақвимҳо ва донишҳои астрономиро сабт карда буданд, ки дар он замон нисбат ба донишҳои мавҷуда дар Аврупо дақиқтар буданд.

***Адабиёт***


1. Coe, Michael D. The Maya (Sixth ed.). New York: Thames & Hudson. – 1999, p. 47.
2. Demarest, Arthur. Ancient Maya: The Rise and Fall of a Rainforest Civilization. Cambridge, UK: Cambridge University Press. – 2004. p. 17.
3. Foster, Lynn. Handbook to Life in the Ancient Maya World. New York: Oxford University Press. – 2002, p. 8.
4. Gillespie, Susan D. "Rethinking Ancient Maya Social Organization: Replacing "Lineage" with "House"". American Anthropologist. 102 (3): 467–484. – 2000,
5. Hutson, Scott R., “The Art of Becoming: The Graffiti of Tikal” Latin American Antiquity 22(4):403-426. 2011, Hutson, Scott R., and Aline Magnoni.
6. Koch, Peter O. John Lloyd Stephens and Frederick Catherwood: Pioneers of Mayan Archaeology. Jefferson, North Carolina: McFarland. – 2013, p. 105.
7. Lovell, W. George. "The Highland Maya". In Richard E.W. Adams; Murdo J. Macleod (eds.). The Cambridge History of the Native Peoples of the Americas, Vol. II: Mesoamerica, part 2. Cambridge: Cambridge University Press. pp. 392–444. – 2000. p. 400.
8. Martin Simon, Nikolai Grube. Chronicle of the Maya Kings and Queens: Deciphering the Dynasties of the Ancient Maya. London and New York: Thames & Hudson. – 2000, p. 25–26.
9. Masson, Marilyn A.; Carlos Peraza Lope. "Militarism, Misery and Collapse". In Marilyn A. Masson; Carlos Peraza Lope (eds.). Kukulcan's Realm: Urban Life at Ancient Mayapán. Boulder: University Press of Colorado. – 2014.
10. Miller, Mary. Maya Art and Architecture. London and New York: Thames & Hudson. – 1999, pp. 238.
11. Olmedo Vera, Bertina. A. Arellano Hernández; et al. (eds.). The Mayas of the Classic Period. Mexico City: Consejo Nacional para la Cultura y las Artes. – 1997.
12. Quezada, Sergio. The Colonisation of the Peninsula Maya. Vol. 18. Merida, Yucatan, Mexico: Secretaría de Educación del Gobierno del Estado de Yucatán. – 2011, p. 17.

13. Restall Matthew, Wolfgang Gabbert. Maya Ethnogenesis and Group Identity in Yucatán, 1500-1900 [Text]. – University Press of Colorado. –2017, p. 91-130.
14. Rice, Prudence M., Don S. Rice. "Introduction to the Kowoj and their Petén Neighbors". University Press of Colorado. pp. 3–15. – 2009, p. 5.
15. Saturno, William A., David Stuart, Boris Beltrán. "Early Maya Writing at San Bartolo, Guatemala". Science. New Series. 311 (5765): 1281–1283. 2006., p 1281–83.
16. Sharer, R. J., Traxler, L. P. The Ancient Maya [Text]. – Stanford University Press. – 2006, – pp. 931.
17. Van Stone, Mark (January 2016). "What We Think We Know About Maya Mathematics and Astronomy". Inspiration of Astronomical Phenomena VIII: City of Stars. 501: 265.
18. Zorich, Zach. "The Maya Sense of Time". Archaeology. Vol. 65, no. 6. New York: Archaeological Institute of America. pp. 25–29. – 2012,

## НИГОҲЕ БА ТАМАДДУНИ МАЙЯ ҲАМЧУН ГАНҶИНАИ ҚАДИМӢ

Дар мақолаи «Нигоҳе ба тамаддуни Майя ҳамчун ганчинаи қадимӣ» тафсири ҳаматарафаи тамаддуни Майя сурат гирифта, сохтори мураккаби иытимоӣ, комёбиҳои беназир ва мероси муҳими мадании он нишон дода шудааст. Муаллиф ба хронологияи таърихии ин тамаддун ҳамчунин ба зуҳурот ва таназзули он таваҷҷуҳи хос зохир намуда, аҳамияти муҳими таърихиву фарҳангии онро зикр намудааст.

Ҷанбаҳои калидӣ, ки дар ин мақола зикр ёфтаанд, фаҳмиши амиқи онҳо роҷеъ ба илми математика ва астрономия, таҳияи тақвими Майя ва инчунин мӯъҷизаҳои меъмории шаҳрдории онҳо ба монанди маъбадҳо ва аҳромҳо баён шудаанд. Дар мақола инчунин системаи мураккаби хати Майяҳо, ки бо номи иероглифҳо маъруф аст ва нақши он дар сабти рӯйдодҳои таърихӣ, матнҳои диннӣ зиёд аст, баррасӣ шуда, он сохтори сиёсии Майяро, ки ба шаҳр-давлатҳои подшоҳон тақсим карда шуда буд, нақши дин дар ҳаёти ҳаррӯзаи онҳо, аз ҷумла эътиқоди онҳо ба худоён ва аҳамияти маросимҳоро инъикос намудааст. Дар мақола масъалаи омилҳои муҳити зист, низоъҳои дохилӣ ва камшавии захираҳоро ҳамчун сабабҳои эҳтимоли аз байн рафтани ин тамаддун дарҷ намудааст. Мақола бо нишон додани таъсири доимии Майя ба фарҳанги муосир, бахусус дар Амрикои Марказӣ, ки наслҳои онҳо дар он ҷо бисёр анъанаҳо ва забонҳои аҷдодони худро нигоҳ медоранд, хотима меёбад. Мақола хуб таҳқиқ шуда, назари мутавозини достовардҳо ва мушкилоте, ки тамаддуни Майя рӯ ба рӯ шудааст, манбаи арзишманд барои фаҳмидани яке аз пешрафтатарин ҷомеаҳои пеш аз Колумбия мегардад.

**Калидвожаҳо:** Майя, тамаддун, фарҳанг, иероглиф, Месоамрикоӣ, Чичен Итза, тақвим, ҷамъият, анъана, шаҳр-давлат

## ВЗГЛЯД НА ЦИВИЛИЗАЦИЮ МАЙЯ КАК НА ДРЕВНЕЕ СОКРОВИЩЕ

В статье «Взгляд на цивилизацию Майя как на древнее сокровище» представлен всесторонний анализ цивилизации Майя, раскрыта её сложная социальная структура, уникальные достижения и важное культурное наследие. Автор уделяет особое внимание исторической хронологии этой цивилизации, её расцвету и упадку, подчёркивая её значительное историко-культурное значение.

Ключевые аспекты, затронутые в статье, включают глубокое понимание математики и астрономии, создание календаря Майя, а также архитектурные чудеса их городского строительства, такие как храмы и пирамиды. Также рассматривается сложная система письменности Майя, известная как иероглифическая, и её роль в фиксации исторических событий и религиозных текстов. Отражена политическая структура Майя, основанная на городах-государствах, роль религии в повседневной жизни, вера в богов и значение ритуалов.

В статье также рассматриваются экологические факторы, внутренние конфликты и истощение ресурсов как возможные причины исчезновения этой цивилизации. Завершается работа указанием на постоянное влияние Майя на современную культуру, особенно в Центральной Америке, где их потомки сохраняют многие традиции и языки предков. Статья тщательно исследована и представляет собой ценный источник для понимания одной из самых развитых доколумбовых цивилизаций.

**Ключевые слова:** Майя, цивилизация, культура, иероглифы, Мезоамерика, Чичен-Ица, календарь, общество, традиция, город-государство

## A VIEW OF THE MAYA CIVILIZATION AS AN ANCIENT TREASURE

The article “A View of the Maya Civilization as an Ancient Treasure” presents a comprehensive interpretation of the Maya civilization, highlighting its complex social structure, unique achievements, and

significant cultural heritage. The author pays special attention to the historical chronology of this civilization, its rise and decline, and emphasizes its important historical and cultural value.

Key aspects discussed in the article include the Maya's deep understanding of mathematics and astronomy, the development of their calendar, and the architectural marvels of their urban planning, such as temples and pyramids. The article also explores the complex writing system of the Maya, known as hieroglyphs, and its role in recording historical events and religious texts. It reflects the political structure of the Maya, divided into city-states ruled by kings, the role of religion in daily life, their belief in gods, and the importance of rituals.

The article addresses environmental factors, internal conflicts, and resource depletion as possible reasons for the civilization's disappearance. It concludes by showing the lasting influence of the Maya on modern culture, especially in Central America, where their descendants continue to preserve many ancestral traditions and languages. The article is well-researched and serves as a valuable source for understanding one of the most advanced pre-Columbian societies.

**Keywords:** Maya, civilization, culture, hieroglyphs, Mesoamerican, Chichen Itza, calendar, society, tradition, city-state

**Дар бораи муаллиф**
Шаҳнозаи Ализода
Номзади илмҳои фаслафа, муаллими калони кафедраи фалсафа ва фарҳангшиносӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ
Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
E mail: valizoda_sh90@mail.ru

**Об авторе**
Шахнозаи Вализода
Кандидат философских наук, старший преподаватель кафедры философии и культурологии
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17.
E-mail: valizoda_sh90@mail.ru

**About the Author**
Shakhnozay Valizoda
Candidate of Philosophy, Senior Lecturer in the Department of Philosophy and Cultural Studies
Tajik State Pedagogical University named after S. Aini
Address: 17 Rudaki Avenue, Dushanbe, 734025, Republic of Tajikistan
E-mail: valizoda_sh90@mail.ru

ТДУ 37.032

# МАСЪАЛАИ ТАРБИЯ ВА ТАШАККУЛИ ШАХСИЯТ ДАР ДАВРОНИ МУОСИР (ДАР МИСОЛИ ҶОМЕАИ ТОҶИК)

***Тураев Ф.Р., Авгонова З.А.***
*Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ*

Ҷомеаи муосир дар аввали асри XXI новобаста аз мушкилиҳои мавҷуда ботадриҷ пеш рафта истодааст ва албатта ҳамаи ин пешравиҳо бо шарофати шахсиятҳо муяссар мегардад. Маҳз дар ҳамин шабу рӯз барои давлатҳои миллӣ ба мисли Тоҷикистон омӯзишу ташаккули шахсияти муосири донандаи илмҳои замонавию ҳимояткунандаи арзишҳои миллӣ чун боду ҳаво зарур аст.

Масъалаи омӯзиши шахс яке аз муаммои мубрамтарини фалсафаи иҷтимоӣ дар тамоми давру замони инкишофи фалсафа ба ҳисоб мерафт. Ҳукуматдорони даврони Шуравӣ баҳри тарбияи шахсияти инкишофётаи муосири ба тамоми талаботҳои ҷомеаи он замон мувофиқат мекардагӣ, кӯшиши зиёд менамуданд. Донишмандон вазифадор гардида буданд, ки аз ҷиҳати назариявӣ унсурҳои асосии тарбияи шахсияти навро вобаста ба давраи гузариш аз ҷомеаи тосармоядорӣ ба сотсиалистӣ муайян намоянду роҳҳои ҳаллашро пешниҳод кунанд. Чунин масъалагузорӣ пеш аз ҳама ба давлатҳои Осиёи Марказӣ ва махсусан Тоҷикистон рабт дошт, зеро тоҷикистониён давраи капитализмро пушти сар нанамуда буданд. Ҳақиқатан дар замони Шуравӣ нисбат ба ин масъала корҳои зиёд ба анҷом расонида шудаанд ва аксарияти барномаҳои ғоявии онҳо баҳри тарбияи инсони башардӯст ва риоякунандаи адолати иҷтимоӣ равона гардида буданд. Пешравию таззодҳои замони муосир аз мо талаб менамояд, ки маротибаи дигар сари масъала ҷамъ шавему аз нигоҳи илмҳои гуногун онро дида бароем, зеро "инсоният дар руйи хати қирмизии хатарнок қарор дорад ва олимон набояд онро убур намоянд" [4. с. 144].

Маврид ба зикр аст, ки бо вуҷуди пош хурдани Иттиҳоди Шӯравӣ ва таъсиси давлатҳои мустақил ин масъала ҳамчун доғи рӯз боқӣ мондааст. Ба андешаи файласуфи тоҷик Х. Идиев "одатан равандҳои тағйирпазир ба самти инкор намудани таҷрибаи гузаштаи эҷодиёти ҷомеа равона намегарданду, балки дар асоси таҷрибаи мусбии эҷодии наслҳои гузаштаи ҷомеа ба ташаккули арзишҳои самтофари инсонҳо, муайян намудани самти инкишофу бунёди ҳуввиятӣ ва ғ. машғуланд" [2. с. 186].

Равандҳои тағйирпазири ҷомеа файласуфон ва фалсафаро барои аз нигоҳи нав дида баромадани масъалаи шахси муосири замони ҷаҳоншумулӣ дар ҷомеаи тоҷикон, водор менамояд. Ва моро зарур аст, ки барои таҳлили мавзӯъ саволҳои мушаххаси зеринро ба миён гузорем: Лиқо ва ё чехраи шахси муосир дар чӣ зоҳир мегардад? Ба кадом унсурҳо бояд шахс бартарӣ диҳад? Барои ба вуҷуд овардани шахсияти муосири тадриҷан инкишофёфта кадом монеаҳо вуҷуд доранд? Барои ба вуҷуд наомадани ихтилофҳо дар байни ҷавонон, давлат кадом корҳои амалиро бояд анҷом диҳад? Барои ташаккули шахсияти ҳаматарафа инкишофётаи тадриҷан устувори муосир кадом муҳити иҷтимоӣ мусоидтар аст? Илова бар ин барои мо "мутахассисон накши ҳувияти миллиро ҳамчун субъекти фаъолияти иҷтимоӣ – таърихӣ, ки дорандаи низоми рушдёфтаи, коммуникатсионӣ, ба душ гирифтани ҳисси масъулияти ягона, шуури ягона, худшиносӣ, зеҳният, мақсади ягона ва ғ." [5. с. 177] заруранд. Албатта баҳри таҳлили мавзӯъ доираи мақолаи мо кифоягӣ намекунад, аммо ҳамчун муҳаққиқи фалсафа то андозае ба он рушанӣ меандозем.

Тарбия ва ташаккули шахсияти муосир барои Тоҷикистони мустақил яке аз вазифаҳои аввалиндараҷа ба ҳисоб меравад, зеро ҳодисаҳои охири ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки ҷавонони орӣ аз ҳамагуна идеологияи ғайр, барои бунёди давлати миллӣ вазифаи аввалиндараҷаи на танҳо давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон балки ҳар як фарди баору номуси кишвар мебошад. Дар баробари мустаҳкам гардидани унсурҳои бунёдии давлатсозӣ барои ҷавонон ҷаҳонбинӣ ва идеалҳои иҷтимоӣ ҳама вакт дар ҳолати тағйирпазирӣ қарор доранд ва моро зарур аст, ки анъанаю рафтору амали ҳаммилатони хешро бозбинӣ намуда, ба шароити муосир мутобиқ гардонем, зеро "Анъанаҳои миллӣ пеш аз ҳама бо «шуури милӣ», «руҳи миллӣ» ва

«характери миллӣ» пайванди ногусастанӣ доранд. Барои...анъанаҳои миллӣ ..., ҳисси масъулияти миллӣ, ҳолати ботинӣ, идеали миллӣ, талаботи миллӣ ва самти фаъолияти фард аҳамият додан лозим аст, зеро ин хусусиятҳо дар раванди шебу фарози таърихи миллат бениҳоят суфта гардидаанд ва бо анъанаҳо ниҳоят печидаанд, ки онҳоро аз ҳамдигар ҷудо кардан душвор аст” [6. с. 349].

Ҳангоми таҳлили ташаккули давлатдории навини тоҷикон мо ба унсурҳои мухталиф вомехӯрем ва бинобар ин зарур донистем, ки ин марҳиларо ба се зина шартан тақсим намоем: марҳилаи аввал солҳои 1991 – 1997 – ро фаро мегирад, ки онро давраи ба даст овардани истиқлолияти сиёсӣ ва ворид гардидан ба ҷанги таҳмилӣ ном бурдан мумкин аст. Марҳилаи дуюм солҳои 1997 - 2006 – ро фаро мегирад, ки ҳамчун замони мустаҳкамгардии институтҳои ҷомеа ва ҷустуҷӯи модели дунявию демократӣ ном бурдан мумкин аст. Марҳилаи сеюм аз соли 2007 то ба имрӯзро фаро мегирад, ки онро метавон давраи ҳалли вазифаҳои стратегӣ баҳри ба таъмини истиқлолияти сиёсӣ, иқтисодӣ ва рушди ҷомеаи шаҳрвандию гузаштан ба ҷомеаи индустралӣ ном бурдан мумкин аст. Албатта баҳри дар фазои иҷтимоӣ, махсусан дар байни ҷавонон ва дигар гурӯҳҳои иҷтимоӣ фаъолият намудан, шахсияти ба худ хоси ҳамон давра лозим мешавад.

Ба ҳамагон маълум аст, ки дар марҳилаи аввали соҳибистиқлолӣ новобаста аз он, ки шакли давлатдории мо тоҷикон тағйир ёфта бошад ҳам, рақобати шадид байни тарафдорони ҳокимияти қонунӣ ва исломгароёни тундгаро баръало дида мешуд. Маҳз дар ҳамин давра шуури тундгароии динии ҷавонон хело хатарнок гардида буд. Зеро дар дохили кишвар қуввахое сари қудрат омадан мехостанд, ки зери ниқоби “демократиякунонии ҷомеа” нақшаҳои манфури хешро амалӣ карданӣ мешуданд, аз он бархе ҳатто иддао доштанд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба Ҷумҳурии исломӣ табдил диҳанду онро аз рӯи қонунҳои шариат идора намоянд. Барои амалӣ намудани мақсадҳояшон аз ҳама қишри осебпазири ҷомеа - ҷавононро ба сафи худ ҷалб менамуданд. Аксари саркардагони ба ном “пуштибонони ислом” рӯи рост ғояҳои инсондӯстии ҷомеаи собиқ комунистиро танқид намуда, унсурҳои дунявиятро зери шубҳа мебурданд, ки боиси ҷанги шаҳрвандӣ гардид. Дар шароити суст гардидани ҳокимияти давлатӣ ва мавҷуд набудани ғояҳои ягонаи миллӣ мубориза баҳри ба даст овардани ҳокимият хело тезу тунд гардид ва ҳатто равияҳои тундгарое пайдо шудандy мехостанд дар Тоҷикистон давлати мусулмоние бунёд намоянд, ки ба кишварҳои мусулмонии дорои низоми суннатӣ ҳастанд, монанд бошад. Дар натиҷа Тоҷикистон ба як бухрони амиқи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ ғуттавар гардид.

Маврид ба зикр аст, ки мардуми Тоҷикистон танҳо дар нимаи дуюми солҳои ҳаштодуми асри гузашта, ба муҳити иқтисоди бозоргонӣ ворид гашт ва ин фазо боис ба он шуд, ки баъзе аз афроди ҷомеа аз вазъият макорона истифода бурда, бархеи дигарро бо фиребу найранг ба доми худ андохта истифода мебурдандy аз ҳисоби онҳо манфиатҳои моддии ҳангуфт ба даст меоварданд. Иқтисоди бозоргонӣ аз шахс психологияи бозоргониро талаб менамояд, яъне арзишҳои дигарро талаб менамояд, ки унсурҳои фардиятгароиро дар худ ниҳон дорад. “Хусусияти инкишофи ҷомеаи муосир талаб менамояд, ки фардияти инсониро ҳамчун арзиши умумифарҳангӣ баҳо диҳем ва тарбияи чунин инсон танҳо тавассути якҷоянамоии тамоми дастовардҳои олитарини тамаддуни башарӣ имконпазир аст” [3. с. 285]. Ба эътибор нагирифтани хусусиятҳои инфиродии инсон боиси паст гардидани мустақилияти тафаккур мегардад. Асосан тарафдорони ғояи муқобили фардиятгароӣ онро барои тарбияи шаҳрванди “гапдаро” истифода бурда, оммаро барои иҷрои ҳаргуна амали барояшон (гурӯҳи ҳокимиятдорон) манфиатнок истифода мебаранд.

Ҷомеаи миллии тоҷикон ба чунин ҳолати фазои иҷтимоӣ омода набуданд ва аксарият ба ҳолати ҳайратзадагӣ афтиданд. Давраи гузариш аз низоми коллективии замони Шӯравӣ ба низоми иқтисоди бозоргонӣ барои мардуми оддӣ хело вазнин пушти сар шуд. Дар ин ҳолат ашхосе бурд намуданд, ки ҳарчи зудтар ба умеди дигарон нашуда, зиндагии хешро зери қонуниятҳои иқтисоди бозоргонӣ ба сомон даровარданд. Аз нигоҳи илмӣ ин равандро давраи гузариш аз шуури коллективӣ ба шуури фардиятгароӣ ном мебаранд.

Яке аз масъалаҳои ҳалталаби он замон бартараф намудани ғояи “бад будани моликияти шахсӣ” ба ҳисоб меравад, зеро дар давоми ҳафтод соли ҳокимияти Шӯравӣ дар зеҳну зеҳнияти мардум шиори “ҳама барои як кас” ҷой гардида буд. Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, мо набояд дар психологияи шахс андешаи фардиятгароӣ ва ё коллективизмро мутлақ гардонему ба ҳамдигар муқобил гузорем. Ба ҳамин мазмун К. Валверде таъкид менамояд: “низомҳои бузурги коллективӣ қурбонии хатогии хеш гардиданд, зеро мехостанд, ки шахсиятҳо ба ҷомеа ҳарчӣ зудтар мувофиқ гарданд” [1. с. 360]. Илова бар ин фардиятгароӣ низ метавонад, ҷанбаҳои манфиро ба бор биёрад, ба мисли худпарастии баланд ва ё нисбат ба атрофиён беэътиноӣ зоҳир намудан.

Марҳилаи дуввум (1997 - 2006) – ро шартан метавон давраи итмоми ҷанги шаҳрвандӣ ва мустаҳкам гардидани институтҳои ҳокимияти давлатӣ ном бурд. Дар ин давра давлат на танҳо барои барқарор намудани хоҷагии халқ ва иқтисодиёти зарадидаи давраи баъди ҷанги таҳмилӣ машғул гардид, балки ба масъалаҳои дарёфти ғояи миллӣ, ташаккул ва тарбияи ҳисси ватандӯстӣ, ҳувияти миллӣ, дар ҷавонон ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ барои ҷавонон ниҳоят зарур буд. Ҳангоми мавҷуд набудани идеологияи ягона, нақши асосиро идеологияи истиқлолхоҳӣ ва ватандӯстӣ бозиданд. Маҳз дар ҳамин давра барои мустаҳкам намудани мустақилият, озодихоҳӣ ва ватандӯстии миллии хеш омӯзиш ва ё аз сари нав таҳлил намудани гузаштаи пурифтихори худ мавқеи асосӣ пайдо намуд. Аҳли зиё ва ҳукуматдорон дар симои давлати Сомониён ва асосгузори он Исмоили Сомонӣ, бунёдгузори Эҳёи Аҷам ва аввалин давлати миллии тоҷикон ҳамчун ғояи муттаҳидкунандаи миллатро пайдо намуданд. Барои сохтмони ҳувияти миллӣ офаридани образҳои идеалҳои миллӣ дар соҳаҳои мухталиф хеле зарурӣ ба ҳисоб мерафт. Дар ин самт давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор корҳои назаррасро ба итмом расонид, ки боиси таҳсин мебошад. Аз ҷумла, бахшида ба бузургони ниёгони миллати тоҷик (Рудакӣ, Абуҳанифа, Фирдавсӣ, Сино ва ғ.) солҳои гуногун бахшида мешуданд, ки доир ба ҳаёту эҷодиёти онҳо конфронсҳо ва симпозиумҳои баналмилалӣ баргузор мегардид.

Демократикунонии ҳаёти иҷтимоӣ – сиёсии ҷомеа ба қишрҳои гуногун ва махсусан ҷавонон имкониятҳои навро ба вуҷуд овард. Маҳз дар ҳамин давра барои ба даст овардани ихтисос ва касбҳои замонавӣ барои ҷавонон давраи нав фаро расид, зеро барои таҳсил намудан дар кишварҳои дуру наздик ва ё донишгоҳҳои бонуфузтарини дунё монеаҳои субъективию сиёсӣ аз байн рафтанд. Илова бар ин давлат барои баланд бардоштани иқтисодиёт ва пайдо намудани кадрҳои миллӣ дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа, мувофиқ ба талаботи замон ҷавонони болаёқатро ба донишгоҳҳои бурунмарзӣ сафарбар менамуд.

Ҷанги таҳмилӣ барои соҳаҳои иҷтимоӣ – иқтисодии Тоҷикистон пайомадҳои ногуворро ба бор овард ва ин пеш аз ҳама ба «фирори мағзҳо» оварда расонид. Ташвишовараш дар он буд, ки қишри осебпазир ва меҳнаткаши ҷомеа – ҷавонон ба муҳоҷират рӯй оварданд.

Дар охир метавон хулоса кард, ки маорифпарварону тараққихоҳон барои пешрафти ҷомеаи муосири тоҷик нақши муассире гузоштаанд. Омӯзишу таҳлил ва муқоисаи корҳои тадқиқотии ба анҷомрасида исбот менамояд, ки мақсаду ҳадафи маорифпарварон ба сӯи пешрафту тараққиёт раҳнамун кардани ҷомеа, инчунин раҳо намудани мардум аз хурофоту таассуб ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, ҳаракати маорифпарварӣ ҷанбаи маърифатпазирӣ ва маънавиятгустарӣ дошта, тарғибгари андешаҳои тараққихоҳона ва ташаккулдиҳандаи ҳувияти миллӣ мебошад.

***Адабиёт***


1. Айнӣ, С. Ёддоштҳо. Қисми III / С. Айнӣ. — Сталинобод, 1950. — 331 с.
2. Айнӣ, С. Куллиёт. Қисми I / С. Айнӣ. — Сталинобод, 1958. — 346 с.
3. Айнӣ, С. Таърихи инқилоби Бухоро / С. Айнӣ; баргардон аз ӯзбекӣ ва таҳия Р. Ҳошим. — Душанбе: Адиб, 1987. — 240 с.
4. Асирӣ, Т. Ашъори мунтахаб / Т. Асирӣ. — Душанбе: Адиб, 1987. — 192 с.
5. Боқиев, Ҳ. Мактабу мориф аз дидгоҳи маорифпарварон [манбаи интернетӣ] / Ҳ. Боқиев. — Тартиби дастрасӣ: https://cyberleninka.ru/ (санаи муроҷиат: 27.02.2025).
6. Дониш, А. Наводир-ул-вақоеъ / А. Дониш. — Сталинобод: Нашриёти Тоҷикистон, 1957. — 343 с.
7. Раҷабов, З. Маорифпарвар Аҳмади Дониш / З. Раҷабов. — Душанбе: Ирфон, 1964. — 308 с.
8. Табаров, С. Мунзим / С. Табаров. — Душанбе: Ирфон, 1991. — 150 с.
9. Ҳодизода, Р. Адабиёти тоҷик дар нимаи дувуми асри XIX / Р. Ҳодизода. — Душанбе: Дониш, 1968. — 291 с.
10. Ҳошим, Р. Сухан аз устодон ва шогирдон / Р. Ҳошим. — Душанбе: Ирфон, 1983. — 270 с.
11. Ҳотамов, Н. Б. Таърихи халқи тоҷик (Аз солҳои 60-уми асри XIX то соли 1924) / Н. Б. Ҳотамов. — Душанбе: Амри илм, 2001. — 359 с.
12. Шукуров, М. Насри реалистӣ ва таҳаввули шуури эстетикӣ / М. Шукуров. — Душанбе: Ирфон, 1987. — 454 с.


## АҲАМИЯТИ ТАЪЛИМОТИ МАОРИФПАРВАРОН БАРОИ ПЕШРАФТИ ҶОМЕАИ МУОСИРИ ТОҶИК


Мақола ба таҳқиқи андешаҳои маорифпарварони охири асри XIX ва ибтидои асри XX ба монанди Аҳмади Дониш, Савдо, Шоҳин, Ҳайрат, Садриддин Айнӣ, Тошхоҷаи Асирӣ, Мирзосироҷи Ҳаким ва дигарон бахшида шудааст. Онҳо муътақид бар он буданд, ки бо таъсири ақидаҳои маорифпарварона ва ислоҳотхоҳонаи хеш ба дигаргун кардани низоми идораи давлатӣ, риоя кардани меъёрҳои адолати иҷтимоӣ ҳангоми баррасии масъалаҳои марбут ба қишрҳои гуногуни аҳолӣ, тағйир додани барномаҳои таълимӣ, махсусан дар мадрасаҳои Бухоро дар баробари илмҳои динӣ ба толибилмон омӯзонидани илмҳои дунявӣ, ба кишвари пешрафта табдил додани аморати Бухоро ва ғайра мебошад.


Мақсади асосии ҷараёни маорифпарварӣ беҳтар намудани вазъи иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангии кишвар ва мувофиқ ба талаботи ҷомеаи башарӣ тараққӣ додани он буд. Намояндагони ин ҷараён асосан аз табақаи зиёиён иборат буданд. Онҳо мехостанд дар заминаи арзишҳои фарҳангии тоисломӣ, исломӣ ва талаботи ҷомеаи башариву вазъи иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии аморати Бухоро, бо роҳи ворид кардани ислоҳот дар раванди низоми идоракунӣ, дуруст ҷо ба ҷо гузории маъмурини давлатӣ, раванди

таълим тавассути таъсиси мактабҳои усули нав, тағийр ва такмили нақшаҳои таълимӣ ва дар заминаи онҳо таҳия ва таълифи китобу дигар воситаҳои таълимӣ, раҳо кардани мардум аз шуури тақлидии динӣ ва муносибатҳои куҳнашуда кишварро пешрафта гардонида, зиндагии шоистаи мардумро таъмин намоянд.

Маорифпарварон бо тамоми ҳастии хеш маориф ва пешрафти илму техникаи дунявиро тарғибу ташвиқ мекарданд. Онҳо бовар доштанд, ки тавассути илму дониш оммаро аз зулму истибдод, аз ҷоҳилию нодонӣ наҷот додан мумкин аст.

**Калидвожаҳо:** маориф, ислоҳот, илму дониш, техника, тараққиёт, маорифпарварон, рӯшанфикр, гуманизм, меҳнат, нодонӣ, дунявӣ.

## ЗНАЧЕНИЕ ПРОСВЕТИТЕЛЬСКОГО УЧЕНИЯ ДЛЯ РАЗВИТИЯ СОВРЕМЕННОГО ТАДЖИКСКОГО ОБЩЕСТВА

Статья посвящена исследованию идей просветителей конца XIX и начала XX вв., таких как Ахмади Дониш, Савдо, Шохин, Хайрат, Садриддин Айни, Тошхоҷаи Асири, Мирзосирожи Хаким и другие. Они исходили из того, что посредством просветительских и реформаторских идей можно преобразовать систему государственного управления, обеспечить соблюдение принципов социальной справедливости при рассмотрении вопросов, касающихся различных слоёв населения, изменить учебные программы, в особенности в медресе Бухары, обучая учащихся наряду с религиозными науками и светским дисциплинам, превратить эмират Бухары в развитую страну и др.

Основная цель просветительского движения заключалась в улучшении социального, экономического и культурного положения страны и её развитии в соответствии с требованиями мирового сообщества. Представители этого движения в основном принадлежали к прослойке интеллигенции. Они стремились на основе культурных ценностей доисламского и исламского периода, а также требований человеческого общества и социально-экономических условий эмирата Бухары, через проведение реформ в системе управления, правильное назначение государственных чиновников, развитие образования посредством создания школ нового метода, изменения и совершенствования учебных планов, а также подготовки и издания учебников и других пособий, освободить народ от религиозного догматизма и устаревших отношений, сделать страну развитой и обеспечить достойную жизнь народу.

Просветители всей своей деятельностью пропагандировали образование и развитие светской науки и техники. Они верили, что посредством науки и знаний можно освободить народ от угнетения и тирании, невежества и неосведомлённости.

**Ключевые слова:** просвещение, реформы, наука и знания, техника, прогресс, просветители, интеллигенция, гуманизм, труд, невежество, светский.

## THE IMPORTANCE OF ENLIGHTENMENT TEACHINGS FOR THE DEVELOPMENT OF MODERN TAJIK SOCIETY

The article is devoted to the study of the ideas of the enlighteners of the late 19th and early 20th centuries, such as Ahmad Donish, Savdo, Shohin, Khairat, Sadriddin Aini, Toshkhodjai Asiri, Mirzosiroji Hakim and others. They believed that through their enlightenment and reformist ideas it was possible to transform the system of state administration, ensure adherence to the principles of social justice in addressing issues concerning different strata of the population, revise educational curricula—especially in the madrasas of Bukhara—by teaching students secular sciences alongside religious disciplines, and turn the Emirate of Bukhara into a developed country, among other reforms.

The main purpose of the Enlightenment movement was to improve the social, economic and cultural conditions of the country and to promote its development in accordance with the requirements of human society. The representatives of this movement mainly came from the intelligentsia. They sought, based on the cultural values of the pre-Islamic and Islamic periods, as well as the social, economic and cultural circumstances of the Emirate of Bukhara, to reform governance, ensure proper appointment of state officials, develop education through the establishment of new-method schools, revise and improve curricula, and prepare and publish textbooks and other educational materials. They aimed to free people from religious dogmatism and outdated social relations, to modernize the country, and to secure a dignified life for the people.

The enlighteners consistently promoted education and the development of secular science and technology. They believed that through knowledge and learning the people could be liberated from oppression and tyranny, ignorance and backwardness.

**Keywords:** enlightenment, reforms, science and knowledge, technology, progress, enlighteners, intellectuals, humanism, labor, ignorance, secular.

**Дар бораи муаллиф**
Насимҷони Саидаъзам
докторанти PhD-и шуъбаи таърихи фалсафа
Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинов
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рудаки, 33
E-mail: saidazamn@mail.ru

**Об авторе**
Насимджони Саидазам
докторант PhD отделения истории философии
Институт философии, политологии и права имени А. Баховаддинова
Национальная академия наук Таджикистана
Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 33
E-mail: saidazamn@mail.ru

**About the Author**
Nasimjoni Saidzam
PhD Candidate, Department of History of Philosophy
Institute of Philosophy, Political Science and Law named after A. Bahovaddinov
National Academy of Sciences of Tajikistan
Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 33
E-mail: saidazamn@mail.ru

ТДУ: 130.122

# МАЪНАВИЁТИ МИЛЛӢ - МОҲИЯТ ВА СОХТОРИ ОН (ТАҲЛИЛИ ИҶТИМОӢ – ФАЛСАФӢ)

***Саидумаров С.С.***

*Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М. С. Осимӣ*

Пешравии илмӣ, технологӣ ва фарҳангии ҷаҳони муосир бори дигар моро водор мекунад, ки мавқеи миллати тоҷикро дар тамаддуни имрӯзаи ҷаҳонӣ таҳлил намоему бурду бохтҳои хешро дар даврони истиқлол баррасӣ кунем, то ин ки мавқеи миллати худро дар ҷодаҳои гуногуни тамаддуни башарӣ мустаҳкамтар намоем, зеро “инсоният дар руйи хати қирмизии хатарнок қарор дорад ва олимон набояд онро убур намоянд” [10. с. 144]. Бинобар ин таҳлили мавзуи маънавиёт ва маънавиёти миллӣ яке аз мубрамтарин масъалаҳои замони муосир на танҳо барои тоҷикон балки барои тамоми инсоният гардидааст, зеро ба андешаи А. Швейтсер “дастовардҳои моддӣ ҳанӯз фарҳанг шуда наметавонанд” [22, с. 15], Ҳақ ҷониби Суқроти бузург аст, ки шиори “Худро бишнос” – ро ба миён овард, ки то ба имрӯз мубрамияти хешро аз даст надодааст ва ҳар як инсони солимақл бахри дарки ҳастӣ, моҳият ва рисолаташ ба ин савол то охири умр ҷавоб меҷӯяд.

Барои мо тоҷикон дарки пурраи ҳастии маънавии фардӣ ва миллиамон баъд аз ба даст овардани истиқлоли давлатӣ боз ҳам муҳимтар гардид, зеро инсоният кайҳо боз дарк намудааст, ки танҳо инсони дорои маънавиёти олӣ метавонад, қуллаҳои гуногуни фаъолиятро фатҳ намояду маъруф гардад. Ба ҳамагон маълум аст, ки “Баъд аз пароканда гардидани Иттиҳоди Шӯравӣ ва соҳибистиқлол гардидан Ҷумҳурии Тоҷикистон яку якбора ба ҷанги таҳмилӣ фурӯ рафт, ки мушкилиҳои нави иҷтимоиро ба вуҷуд овард. Пеш аз ҳама дар ин марҳилаи таърихӣ аз Тоҷикистон гурези мағзҳо шурӯъ шуд ва сипас аҳолӣ бахри бо кори мавсимӣ ё доимӣ таъмин гаштан ба муҳоҷират рӯй оварданд” [15, с. 64], ки сатҳи маънавиёти ҷомеа бетаъсир намонд.

Дар фарҳанги забонӣ нашри соли 1969 “Маънавиёт – олами фикрӣ ва руҳӣ, маънавиёти инсон мабдаи сурати вуҷуди навъиёти ӯст. “Ахлоқи Носирӣ”” [17, с. 665], омадааст. Ба ҳамин мазмун дар “Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ” – и соли 2010 чунин омадааст: “Маънавиёт ҳамаи он чи ки ба олами рӯҳӣ ва ғоявию ахлоқӣ мансуб аст; олами ботинӣ; ҳаёти маънавӣ; арзишҳои мавнавӣ” [18, с. 823]. Дар фарҳанги тафсирии забони русӣ ба маънои хосияти руҳ, ҳолати бартарият доштани маънавиёт, ахлоқ ва хирад бар моддиёт [14] дарҷ гардидааст. Аксарият мафҳуми маънавиёт ва маъниро ҳамреша медонанд, ки мафҳуми маънӣ дар фарҳанги тоҷикӣ чунин омадааст: “Маънӣ – мазмуни калом, мафҳум... фалсафӣ – моҳият, чигунагӣ, мазмун” [17, с. 665]. Дар “Фарҳанги тафсирии забони тиҷикӣ” – и соли 2010 чунин омадааст: “Маъно – он чи калима, ишора, аломат, мақсад, мурод, манзур,.. моҳият, мазмун; маънии зиндагӣ// маънии ҳаёт, мафҳуми ҳаёт; он чи инсон барои он ба дунё омадааст...” [18, с. 824]. Илова бар ин ба андешаи баъзе аз муҳаққиқон калимаи маънавиёт бо мафҳуми “Маънас” – и ҳинди қадим ҳамреша буда, дар санскрит маънои “Фазои хирад” – ро дорад [23, с. 13], ки аксарияти муҳаққиқон чунин тафсирнамоиро бепоя мехонанд. Аз гуфтаҳои боло маълум мегардад, ки мафҳуми маънавиёт новобаста аз фаҳмишҳои гуногун бо дунёи ботинии инсон рабт дораду унсурҳои фаҳмиш, дониш, заковат ва ғайраро муттаҳид менамояд. Маҳз дар ҳамин давра тарбияи насли навраси дорои маънавиёти баланду ҳифзкунандаи арзишҳои миллӣ барои мо тоҷикон ҳамчун боду ҳаво зарур аст, зеро “шаҳрванди ору номуси миллӣ дошта, аз пешравиҳои замона қафо намонаду дар баробари ин унсурҳои бунёдии миллии хешро нигоҳ дораду, манфиати миллату давлати хешро дар ҳамагуна ҳолатҳо ҳифз намояд” [11, с. 26].

Мафҳуми маънавиёт хусусияти инфиродӣ ва ҷамъиятиро дорад, зеро ҳамаи фардҳо ҷамъиятро ба вуҷуд меоранд. Пас мо дар аввал ба тафсири маънавиёти фардӣ машғул мегардем.

Бунёди инсони муосирро маънавиёт ташкил медиҳад, ки предмети омӯзиши илмҳои зиёд мебошад, аммо аксарияти муҳаққиқон бар он андешаанд, ки маънавиёти инсон ба мисли хонаи

қулфкардашудаи дастнорас аст. Раванди умри инсон – раванди амалигардонии маънавиёташ ба ҳисоб меравад, зеро шахс баҳри расидан ба ҳадафҳояш нақша ва амалҳои боақлонаро истифода мебарад. Маънавиёти инсон бо ҷон ва руҳаш робитаи ногусастанӣ дорад ва ҷонро ҳамчун ҷавҳари ғайримоддии идеалӣ ном мебаранд, ки ҳангоми фавт абадан (аз рӯи баъзе равияҳои фалсафӣ муваққатан) бадан (моддиёт) – ро тарк менамояд. Бинобар ин доир ба омӯзиши маънавиёти инсон аз қадимулаём муҳаққиқон назарияҳои гуногунро пешниҳод намудаанд, ки мухтасаран, муҳтавояшонро меорем.

Назарияи материалистони вулгарӣ нисбат ба дигар назарияҳо аҷибтар аст. Мувофиқи андешаи онҳо (намояндагонаш: Ксенофан, Левкипп, Демокрит, Фохт, Бюхнер, Молешотт ва диг.) ҷон ва руҳ вуҷуд надоранд, зеро онҳо ғайримоддиянду тавассути усулҳои илмҳои табиӣ омӯхтанашон номумкин аст. Албатта баъдтар ин хатогии онҳо дар равиши таҳқиқоти дигар мутафаккирон исботи худро ёфт. Назарияи дигаре ки ин масъаларо бозтоб намудааст, назарияи Нафс ва Тан мебошад. Аксарият сарманшаи онро ба Суқрот нисбат медиҳанд, ки ба шогирдонаш чунин таълим медод: “... доир ба танатон, доир ба боигарии моддӣ ва дигар чизҳо ғамхорӣ накунед, зеро накӯкорӣ аз боигарӣ сарчашма намегирад... ҳар он чизе ки барои инсон хуб мебошад барои давлат низ хубӣ меорад” [6, с. 20-21]. Маҳз ҳамин гуфтаҳои Суқротро метавон ҳамчун шиор ғамхорӣ нисбат ба нафси хеш шарҳ дод, зеро дар тақвияти суханҳои эшон донишмандони баъдина ба мисли Афлотун, Декарт ва Кант назари хешро баён намудаанд. Унсури марказии маънавиёти инсонро хусусияти фикр кардан ва ибрози ирода медонанд. Баъдтар ин назария дар таҳқиқотҳои Н. Малбранш, В. Вундт барин равоншиносони машҳур таҷассум ёфтааст, ки маънавиёт (нафс) ва танро ҳамчун ду унсури ба ҳамдигар параллел (баробар) баҳо додаанд. Назарияи дигар ба файласуфони классикии Олмон Гегел ва Фейербах рабт дорад, ки моҳияти инсонро баҳо додаанд. Ба андешаи Гегел инсон барандаи “Руҳи ҷаҳонӣ” мебошад ва қобилияти инсон доир ба худшиносӣ ва маърифати олами иҳотакарда, бавуҷудоварандаи меъёрҳои ахлоқӣ ва ғайра ифодаи он аст, ки инсон бо руҳи мутлақ алоқамандӣ доранд [25, с. 564]. Баръакси Гегел, Фейербах ба инсон ҷомаи психофизиологӣ пӯшонидааст ва таъкид менамояд, ки дар ирода, тафаккур ва ҳиссиёт моҳияти мутлақи инсон ниҳон аст [26, с. 64]. Назарияи дигаре, ки маънавиётро матраҳ намудааст – назарияи теологӣ ба ҳисоб меравад, ки мувофиқи он инсон як низоми дорандаи тан, ҷон ва руҳ мебошад. Дар Сураи Исро, ояти 85 – и Қуръон чунин омадааст: “Ва туро аз Руҳ суол мекунам, бигӯ: “Руҳ аз фармони парвардигори ман аст; ва Шумо аз илм, ба ҷуз андаке, (чизе) дода нашудаед” [5, с. 290]. Дар тафсири “Анвор-ул Қуръон” он чунин шарҳ ёфтааст; “Ҳақ таъоллоҳ илми руҳро дар ҳавзаи ихтиссоси худ қарор дода ва анбиёи хешро бар он огаҳ накардааст. Ва ба шумо аз илм дода нашуда, магар андаке. Яъне илми Худои мутаъол ба шумо дода андак аст ва ҳар қадар башар ба майдони маданият инкишоф ёбад, башар аз густураи бекарони маълумот ба чузъи андаке аз илм баҳра надорад. Ва маълумоти он нисбат ба маҷҳулоташ бисёр ночиз аст. Аз сиёқи оят бармеояд, ки ин маънии ҳар чанд дар кулли улум мисдоқ дорад бештар нозил бар илму дониши дар бораи руҳ аст” [13, с. 441]. Ба ҳамин мазмун дар антропологияи масеҳият чунин омадааст: тани инсон хона ва оинаи ҷонаш мебошад ва ҷон оина ва хонаи руҳ [3, с. 12]. Дар маҷмӯъ назарияи теологӣ маънавиётро фардӣ баҳо надода, онро ба коллектив нисбат медиҳад, илми муосир қудрати онро надорад, ки ба пуррагӣ ин назарияро рад кунад ва ё исбот. Яке аз назарияҳои дигари таҳлилкунандаи маънавиёт – назарияи космофизикӣ ба ҳисоб меравад, ки маънавиёти инсонро ба ҷавҳари кайҳонӣ рабт медиҳанд. Масалан, Л.Н. Гумилёв таъкид менамояд, ки “ҷангҷӯ будани баъзе аз миллатҳо ба энергияи космобиологӣ вобастагӣ дорад” [4, с. 324].

Дар илми равоншиносӣ низ доир ба ин масъала андешаи ягона вуҷуд надорад, ки баъзе аз онҳоро мухтасаран шарҳ медиҳем. Яке аз онҳо бо номи равоншиносии интроспективӣ (В. Вундт, Т. Липс, К. Мюрбе ва диг.) маълум аст, ки мувофиқи он падидаҳои равонӣ нисбат ба тан ва ҷони инсон мустақиланд. Механизмҳои амиқи ҳаёти маънавии инсон хело содда гардонида шудаанд, табиати маънавии инсон хусусияти ҳастии инсонро ифода намуда, аз доираи мушоҳида берунанд ва ба шакли иллюзия баромад мекунанд [1, с. 269]. Доир ба илми равоншиносӣ муҳаққиқ Т.А. Флоренская чунин таъкид менамояд: “равоншиносӣ руҳро ба

“қисматҳо” тақсим намуда, онро ба марг маҳкум намудааст ва ин ба равоншиносии бемаънавиёт оварда мерасонад” [19, с. 123]. Ҳамаи инро ба инобат гирифта равоншиносии анъанавӣ шахсро ҳамчун низоми тан – руҳ – маънавиёт предмети таҳқиқоти хеш қарор додааст. Масалан, шахсро ҳамчун амалигардонии қувваи эҷодиёт (А. Маслоу), баланд намудани эътиқод ва имконияти амалигардонии ғояҳо (К. Родҷерс) баҳо додаанд. Намояндаи равоншиносии башардӯстӣ Р. Мей маънавиёти инсонро на ҳамчун хусусияти паталогӣ, балки ҳамчун имкониятҳои зиёд баҳо додааст. Аз ин бармеояд, ки инсонро бе маънавиёт тасаввур кардан ғайриимкон аст, зеро инсон эҷодкорона ба муҳит мутобиқ гардида, онро эҷодкорона ба талабот мувофиқ карда, истифода мебарад [7, с. 34].

Дар илми педагогика низ доир ба омӯзиши маънавиёт диққати махсус зоҳир мешавад. Ш.А. Амонашвилӣ чунин таъкид менамояд, ки педагогика ҳамчун илм, имконияти баланд бардоштани руҳу маънавиёти инсонро дорад [2, с. 103]. Маврид ба зикр аст, ки дар даврони Шӯравӣ ҳангоми таълиму тарбия дар макотиби миёна ва олӣ ба унсурҳои миллии мо кам аҳамият медоданд, зеро “дунё дар як ҷой намеистад, пас маорифро низ мебояд ҳамқадами замон бошад ва технологияҳои навинро такя ба пешравиҳои илмҳои педагогӣ ва писхологӣ дар раванди таълиму тарбия васеъ ба кор баранд” [16. с. 96]. Хушбахтона ин масъала баъд аз соҳибистиқлолии кишвар мунтазаму муназзам роҳи ҳалли худро ёфта истодааст.

Таҳлили ВАО ва дигар китобу мақолаҳои илмӣ аз он шаҳодат медиҳанд, ки сатҳи маънавиёти мардум дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хело паст рафтааст ва аксарият барои он бонги хатарро баланд кардаанд, ки насли наврас ва ҷавонон дорои маънавиёти ниҳоят коста мебошанд. Дар ин ҷода “давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳри тарбияи насли худогоҳу ватандӯст аз принсипҳои ҷомеаи демокративу дунявӣ истифода мебарад” [21. с. 143], аммо то ба ҳол камбудиҳо вуҷуд доранд. Бинобар ин моро зарур аст, ки хусусиятҳои онтологии маънавиётро матраҳ намоему унсурҳои бунёдии онро мавриди таҳлил қарор дода, пешравӣ ва бохти маънавиёти ҷомеаро муайян намоем. Маҳз дар ҳамин ҳолат моро зарур аст, ки робитаи диалектикии маънавиёти фардӣ ва ҷамъиятиро мавриди таҳлил қарор диҳем, зеро дар бисёр маврид аксарият ақаллиятро пахш менамоянд. Робитаи шахсони маънавиёти олидошта бо ашхоси маънавиёти пастдошта таҳқиқи мушаххаси илмиро талаб менамояд ва маҳз дар ҳамин вазъият хусусияти табиӣ маънавиёти ҷомеа ҳувайдо мегардад.

Дар таърихи фалсафа мо бо гуфтаҳои яке аз файласуфони Юнони антиқа Гераклит вомехӯрем, ки нахустасоси ҳамаи оламро дар оташ медид. Албатта аз як тараф гуфтаҳои оддӣ намоянд ҳам аз ҷониби дигар маънои онро дорад, ки ҳама унсурҳои табиат дар як сатҳ намеистанд ва доимо дар тағйиротанд, пас маънавиёти ҷомеа низ доим дар ҳолати рушд ва ё пастравӣ қарор дорад. Ҳангоми таҳлили адабиёти илмӣ чунин унсурҳои муайянкунандаи бунёдии маънавиёти ҷомеаро метавон дарёфт кард: иҷтимоӣ – фарҳангӣ, арзишӣ, башардӯстӣ, ахборотӣ – виртуалӣ.

Доир ба унсури иҷтимоӣ - фарҳангии маънавиёти ҷомеа дар байни муҳаққиқони соҳа андешаи ягона вуҷуд надорад, аммо аксарият ба он назаранд, ки ҳангоми ташаккули маънавиёти ҷомеа ҷанбаҳои иҷтимоӣ ва фарҳангӣ нақши ҳалкунандаро мебозанд. Маҳаки асосии маънавиёти инсонро идеалҳои ахлоқии шахс, рафторҳои идеалӣ ҳангоми муоширát ташкил медиҳанд, ки бо идеали иҷтимоии оммаи иҳотакардаи фард робитаи ногусастанӣ дорад. Қабул ва пайгирӣ намудани арзишҳои олии маънавии ҷомеа фардро то ба дараҷаи шахси комил рушд медиҳад [8, с. 133]. Таҳлили адабиёти гузаштаи мо аз он шаҳодат медиҳад, ки ҳама вақт нависандагони мо барои хонандагонашон ва умуман ҷомеа арзишҳои маънавии мусбиро аз қабили некӣ, адолат, дониш, заковат, мардонагӣ ва ғ. дар фарҳанги миллатамон тарғиб намудаанд.

Мувофиқи таълимоти аксиология - арзишҳо новобаста аз офариданашон дар рафти ташаккули таърихии инсоният, қудрати идоранамоии рафтори инсонро доранд. Маънавиёти ҷомеаро маънавиёти фардҳои алоҳида ташкил диҳад ҳам, баъзе аз афроди ҷомеа ба маънавиёти омма таъсиргузортаранд, ки албатта зери таъсири арзишҳо ин амалҳоро содир менамоянд. Ба таври дигар агар шарҳ диҳем, дар шуури мо фаҳмише пайдо мешавад, ки метавонем арзишро ҳамчун “рубинои ҷомеаи инсонии олами фарҳангии офарандаи ҳама гуна гуногунии

равандҳои иҷтимоӣ – фарҳангӣ” [9, с.197] ном барем. Гуфтаҳои болозикр аз он шаҳодат медиҳанд, ки арзишҳоро агар инсон офарида бошад ҳам, аммо имрӯз онҳоро лаҷоми идоракунандаи ҷомеа ном бурдан мумкин аст.

Мафҳуми бунёдии башардӯстӣ муҳаббат нисбати инсоният ба ҳисоб меравад. Дар ин ҳолат сухан дар бораи муносибати байни модару фарзанд, марду зан, бародару хоҳар ва ё муҳаббат ба субъекти муайян намеравад, зеро дар ин маврид муҳаббати байниҳамдигарӣ хусусияти ирратсионалии аз нигоҳи қонунҳои мантиқӣ шарҳ доданашавандаро ном бурдан мумкин аст. Хусусияти башардӯстии маънавиётро метавон аз нигоҳи муҳаббат ба инсоният шарҳ дод, ки онро баъзе муҳаққиқон чунин дарҷ кардаанд: Ба андешаи Л.Н. Толстой дар ҳақиқат тамоми инсониятро дӯст доштан ғайри имкон аст, зеро инсони солимақл дар ин ҳолат метавонад тамоми қудрати хешро сарф намояду инсон будани хешро аз даст диҳад ва ба марг мубтало гардад. Ба андешаи М. Хайдеггер бошад, “ вазифаи мо – баргардондани инсоният ба инсоният мебошад” [20, с. 271]. Дар ҳамин маврид Ж.П. Сартр чунин таъкид менамояд: “муҳаббат ихтилоф ба ҳисоб меравад” [12, с. 381]. Ҷанбаи башардӯстии маънавиёт хусусияти нисбӣ дораду инсон наметавонад дар як маврид ҳамаи одамонро дӯст дорад, аммо барои ҳамон ашхоси писандидааш бояд атрофиёнро эҳтиром намояд.

Ҳаёту фаъолияти инсони муосирро бе Интернет ва олами виртуалӣ тасаввур намудан ғайриимкон аст ва маънавиёти инсон низ аз он истисно буда наметавонад. Маврид ба тазаккур аст, ки дар аввали асри XXI ин унсури маънавиёт мавқеи калидиро ишғол намуда истодааст. Ба андешаи муҳаққиқон Интернет ҳамчун падидаи фарҳангӣ шуури таърихии инсонҳоро тағйир додаистода бошад ҳам, ахбори дохилаш босуръат иваз гашта истодааст ва шуури инсонӣ низ онро ба пуррагӣ имкони ҳазм кардан надорад. Аниқтараш дар Интернет “дар тортанакхонаи замони муосир, гузашта, оянда ва холигӣ ба ҳам омехта шудаанд” [24, с. 87-88]. Албатта аз Интернет ва фазои виртуалӣ роҳи гурез нест, пас моро мебояд, ки дар шуури аҳолиамон фарҳанги истифодабарии онро омӯзонем, то ин ки онҳо ҷанбаҳои мусбии ин падидаи фарҳангиро дар маънавиёти хеш ҷойгир намоянд.

Дар ҳошияи суханҳои боло гуфтан мумкин аст, ки маънавиёти инсон – доираи фаъолияти ҷамъиятиаш ба ҳисоб меравад, ки бо истеҳсолоти арзишҳои маънавӣ ва қонеъгардонии талаботи маънавӣ алоқаманд аст. Ба қавли дигар маънавиёти фардӣ олами ботинии инсон буда, ахлоқ ва майл намудан ба фаъолияти ақлиашро фаро мегирад. Ба маънавиёти инсон метавон дониш, эътиқод, ҳиссиёт, талабот ва кӯшиши ба мақсадрасиро ворид намуд. Маънавиёти инсон дар ду шакли фаъолият зуҳур мекунад: фаъолияти ба истеҳсолот ва офаридани арзишҳои маънавию фардӣ нигаронидашуда; фаъолияти ба нигоҳ доштан ва ба аз худ намудану истифода бурдани арзишҳои фарҳангӣ. Шахсе, ки фаъолияташро дар асоси маънавиёт ба роҳ мемонад, ҳама вақт дар фикри ташаккул ва худсозии хеш аст, зеро вай метавонад моҳияти ҳаёт, муҳаббат, хайр, адолат ва ғайраро дарк намояду унсури бунёдии инсонӣ – виҷдонро истифода барад. Илова бар ин шахси дорои маънавиёти баланд ба ҳама бурду бохтҳои зиндагӣ ботаҳаммул буда, хатогиҳои хешро ҳамчун дарси ибрат қабул менамояд. Маҳз маънавиёт унсури бунёдии инсон ба ҳисоб рафта, тарбияи инсони маънаван бойи ҳифзкунандаи манфиатҳои миллӣ вазифаи аввалиндараҷаи аҳли зиё мебошад.

### *Адабиёт*


1. Аксютич, В. Под сенью Креста / В. Аксютич. – Москва: [б. и.], 1995. – 560 с.
2. Амонашвили, Ш. А. Вера в ребенка рождает гениев // Мир психологии. – 1996. – № 2. – С. 101–113.
3. Лука (Военно-Ясенецкий), архиепископ. Дух, душа и тело. – Москва: [б. и.], 1997. – 57 с.
4. Гумилев, Л. Н. Этногенез и биосфера Земли / Л. Н. Гумилев. – Санкт-Петербург: [б. и.], 2001. – 639 с.
5. Қуръони карим (асл ва матни тарҷумаи тоҷикӣ). – Душанбе: Ирфон, 2007. – 616 с.
6. Лосский, Н. О. Бог и мировое зло / Н. О. Лосский. – Москва: [б. и.], 1994. – 436 с.
7. Мэй, Р. Искусство психологического консультирования / Р. Мэй; пер. с англ. Т. К. Круглова. – Москва: [б. и.], 2001. – 144 с.

8. Оганов, А. А., Хангельдиева, И. Г. Теория культуры: учеб. пособие для вузов / А. А. Оганов, И. Г. Хангельдиева. – Москва: ФАИР-ПРЕСС, 2004. – 416 с.
9. Плотников, В. И. Ценностный мир человека и его судьба // Двенадцать лекций по философии / В. И. Плотников. – Екатеринбург: Изд-во Урал. гос. юр. акад., 1996. – С. 193–224.
10. Рахимов, М. Х., Тураев, Ф. Р. Трансгуманизм и будущее человечества / М. Х. Рахимов, Ф. Р. Тураев // Вестник Таджикского национального университета. – 2019. – № 4. – С. 141–144. – EDN CBWKZR.
11. Саидумаров, С. С., Тураев, Ф. Р., Саидов, Б. Б. Шуури инноватсионӣ: мушкилот ва роҳи ҳалли он (таҳлили иҷтимоӣ-фалсафӣ) / С. С. Саидумаров, Ф. Р. Тураев, Б. Б. Саидов // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. Бахши илмҳои фалсафа, ҳуқуқ ва сиёсатшиносӣ. – 2024. – № 2–3(14–15). – С. 26–30. – EDN FYLIGW.
12. Сартр, Ж. П. Бытие и ничто: опыт феноменологической онтологии / Ж. П. Сартр. – Москва: Республика, 2000. – 639 с.
13. Тафсири «Анвор ул Қуръон». Ҷ. 3. – Теҳрон, 1385 [2006]. – 527 с.
14. Толковый словарь Ожегова [Манбаи интренетӣ]. – Тартиби дастрасӣ: https://gufo.me/dict/ozhegov/духовность (Санаи муроҷиат: 23.05.2025)
15. Тураев, Ф. Р. Масъалаи “шахсияти маргиналӣ” дар замони муосир (таҳлили иҷтимоӣ-фалсафӣ) / Ф. Р. Тураев // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. – 2024. – № 4. – С. 64–69.
16. Умаров, А. К. Просвещение Республики Таджикистан в начальный период государственной независимости / А. К. Умаров // Вестник Таджикского национального университета. – 2017. – № 3–4. – С. 91–97. – EDN ZQJGKX.
17. Фарҳанги забони тоҷикӣ: дар 2 ҷилд. Ҷ. 1: А–О. – Москва: Советская энциклопедия, 1969. – 948 с.
18. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ: дар 2 ҷилд. – Душанбе: [б. и.], 2008. – Ҷ. 1: А–Н. – 950 с.; Ҷ. 2: О–Я. – 945 с.
19. Флоренская, Т. А. Начала христианской психологии / Т. А. Флоренская. – Москва: [б. и.], 1995. – 236 с.
20. Хайдеггер, М. Письмо о гуманизме / М. Хайдеггер // Время и бытие. Статьи и выступления. – Санкт-Петербург: Наука, 2007. – С. 266–305.
21. Шарифзода, Р. Ф., Сафарзода, А. И. Таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии ҷинояти дар хатар монондан мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Узбекистон / Р. Ф. Шарифзода, А. И. Сафарзода // Труды Академии МВД Республики Таджикистан. – 2023. – № 2(58). – С. 141–148. – EDN RITKQM.
22. Швейцер, А. Культура и этика / А. Швейцер. – Москва: Прогресс, 1973. – 343 с.
23. Эркаев, А. «Маънавият – миллат нишони» / А. Эркаев. – Ташкент: Маънавият, 1999. – 131 с.
24. Ямпольский, М. Б. Изображение: курс лекций / М. Б. Ямпольский. – Москва: Новое литературное обозрение, 2019. – 424 с.
25. Hegel, G. V. F. The science of logic / G. V. F. Hegel. – Moscow: [b. i.], 1999. – 1068 p.

## МАЪНАВИЁТИ МИЛЛӢ - МОҲИЯТ ВА СОХТОРИ ОН (ТАҲЛИЛИ ИҶТИМОӢ – ФАЛСАФӢ)

Дар мақола муаллиф масоили муҳимми ҷаҳони муосир маънавиёти миллӣ - моҳият ва сохтори онро таҳлилу баррасӣ кардааст. Дар рафти таҳлил мафҳумҳои маънавиёт ва маънӣ, таърихи таҳаввул ва назари донишмандон вобаста ба ин масъала муфассал нишон дода шудааст. Махсусан, унсурҳои фардӣ ва ҷамъиятии мафҳуми маънавиёт таҳлил гардида, хусусиятҳои хосси фарққунандаи он ва механизми таъсиркунандаи маънавиёти фардӣ ба оммавӣ инъикос гардидааст. Ҳамзамон, таҳдиди хатарҳо ба давлати миллӣ дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон ва роҳҳои пешгириву муқобилият ба онҳо ба таври мухтасар баён шудаанд. Махсусан таъкид гардидааст, ки паст гардидани маънавиёти насли наврас ба оянда давлатҳои миллӣ ба мисли Тоҷикистон чӣ гуна таъсир дорад ва бахри дар ин раванд бебокона қадам задан ба кадом самтҳои таълиму тарбияи насли навраси хеш аҳамият диҳад, таҳқиқ гардидаанд.

**Калидвожаҳо:** маънавиёт, маънӣ, маънавиёти оммавӣ, маънавиёти миллӣ, глобализатсия, деглобализатсия, давлати миллӣ, демократия.

## НАЦИОНАЛЬНАЯ ДУХОВНОСТЬ - ЕЕ СУЩНОСТЬ И СТРУКТУРА (СОЦИАЛЬНО-ФИЛОСОФСКИЙ АНАЛИЗ)

В статье автор проанализировал важные вопросы современного мира национальной духовности - ее сущность и структуру. В ходе анализа подробно описаны понятия духовности и его смысла, эволюционная история и взгляды ученых на этот вопрос. В частности, анализируются индивидуальные и общественные элементы концепции духовности, отражаются ее отличительные особенности и механизм воздействия индивидуальной духовности на общественность. В то же время кратко изложены угрозы национальному государству на примере Республики Таджикистан и пути их предотвращения и противодействия. В частности, было подчеркнуто, что снижение нравственности подрастающего поколения влияет на будущее национальных государств, таких как Таджикистан, и было исследовано, каким направлениям обучения и воспитания своего подрастающего поколения придавать особое значение в этом процессе.

**Ключевые слова:** духовность, смысл, массовая духовность, национальная духовность, глобализация, деглобализация, национальное государство, демократия.

## NATIONAL SPIRITUALITY - ITS ESSENCE AND STRUCTURE (SOCIO-PHILOSOPHICAL ANALYSIS)

In the article, the author analyzes key issues of national spirituality in the modern world, focusing on its essence and structure. The study provides a detailed examination of the concept of spirituality and its meaning, the stages of its historical evolution, as well as the views of scholars on this subject. Particular attention is given to the individual and social dimensions of spirituality, its distinctive features, and the mechanisms through which personal spirituality influences society.

In addition, the article briefly outlines threats to the national state using the example of the Republic of Tajikistan, along with strategies for their prevention and counteraction. It is especially emphasized that the decline in the moral values of the younger generation poses risks to the future of nation-states such as Tajikistan. The author also explores which areas of education and upbringing of young people should be prioritized in addressing this challenge.

**Keywords:** spirituality, meaning, mass spirituality, national spirituality, globalization, deglobalization, nation-state, democracy.

**Дар бораи муаллиф**
Саидумаров Саидвоҳид Саидбурҳонович
номзади илмҳои фалсафа, дотсенти кафедраи фанҳои ҷомеашиносӣ
Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М. С. Осимӣ
Суроға: 734042, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони академикҳо Раҷабовҳо 10
E-mail: svd-2010@mail.ru

**Об авторе**
Саидумаров Саидвоҳид Саидбурҳонович
кандидат философских наук, доцент кафедры общественных наук
Таджикский технический университет имени М. С. Осими
Адрес: 734042, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Академиков Раджабовых, 10.
E-mail: svd-2010@mail.ru

**About the Author**
Saidumarov Saidvohid Saidburhonovich
Candidate of Philosophical Sciences, Associate Professor, Department of Social Sciences
Tajik Technical University named after M. S. Osimi
Address: 734042, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Academicians Rajabovs Avenue, 10.
E-mail: svd-2010@mail.ru

ТДУ 316.77:316.346.32-053.6

# ТАЪСИРИ ҶОМЕАИ ШАБАКАВӢ БА ТАФАККУРИ ҶАВОНОН

*Салимов Ю.Б.*

*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ*

Баррасии мавзӯи ҷомеаи шабакавӣ ва таъсири он ба ҷавонон моро водор месозад, ки ба омӯзиши интернет ва нақши иттилоот дар равандҳои муосири иҷтимоӣ ва фарҳангӣ муроҷиат намоем. Арзёбии интернет ҳамчун падидаи навбатии рушд, ки миллионҳо одамонро дар тамоми сайёра бо ҳам мепайвандад, бидуни дарки он, ки мавҷудияташ ба шарофати рушди илм ва технология, яъне рақамикунонӣ иртибот дорад, инчунин бо назардошти афзоиши рӯзафзуни ҳаҷми иттилоот, ки бояд интиқол ёфта, ба низом дароварда шавад, имконнопазир аст.

Қобили зикр аст, ки интернет на танҳо шабакаест, ки компютерҳои мустақилро бо ҳам мепайвандад ва пур аз манбаҳои иттилоот аст, балки «шабакаи шабакаҳо» буда, инсонҳоро дар шакли аккаунтҳои иҷтимоӣ бо ҳам мепайвандад. Он дорои якчанд хусусиятҳои истисноӣ мебошад: системаи мураккаб, ғайримутамарказ, бе иерархия дар муҳити компютерҳои пайвастшуда ва системаи кушодае, ки сохтори худро пайваста тағйир медиҳад.

«Рақамикунонӣ — ин ҷорӣ намудани технологияҳои муосири рақамӣ ба соҳаҳои гуногуни ҳаёт ва истеҳсолот мебошад» [7]. Дар давраи Индустрия 4.0 ё инқилоби чоруми саноатӣ, рақамикунонӣ бо технологияҳои муосир омили муҳими рушди ҷомеаҳои муосир ба ҳисоб меравад. Аммо, дар баробари ин, ин таҳаввулоти нав омилҳои нави хатарро низ ба бор меорад. Барои риояи адолат бояд қайд кард, ки рақамикунонӣ ҷанбаҳои манфӣ низ дорад, зеро имрӯз инсоният бо ҷиноятҳои онлайнӣ, зӯроварии рақамӣ ва кибертерроризм рӯбарӯ шудааст, ки барои давлатҳои миллӣ хатари воқеӣ эҷод мекунанд.

«Таҳти таъсири рақамикунонӣ, инсоният дар раванди дигаргунсозии иҷтимоӣ қарор дорад. Рақамикунонӣ, пеш аз ҳама, ба ҳамаи мо — ҷомеа таъсир мерасонад. Он рафтори иҷтимоии моро, яъне тарзи муошират, харид, кор кардан ва ҳатто ошиқ шуданро тағйир медиҳад. Ин пешравӣ масъулиятро ба вуҷуд меорад, хусусан вақте ки сухан дар бораи коркарди маълумот ё истифодаи алгоритмҳо меравад» [5, с. 78].

Муҳаққиқ Р. Ҳайдаров бар он назар аст, ки дар шароити Индустрия 4.0, ки онро ҳамчун инқилоби чоруми саноатӣ мешиносанд, нақши рақамикунонӣ ва истифодаи технологияҳои муосир омили калидӣ барои рушди ҷомеаҳои муосир мебошад. Ин раванд на танҳо як василаи техникии нав, балки заминаи асосӣ барои тағйироти сохторӣ ва сифатӣ дар зиндагии иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ ба шумор меравад. Бо шарофати рақамикунонӣ, имкониятҳои нав дар соҳаҳои истеҳсолот, идоракунӣ, таълим, тандурустӣ ва муносибатҳои иҷтимоӣ фароҳам меоянд, ки ҷомеаро ба сатҳи сифатан нав мебаранд. Муҳаққиқ ба хулосае меояд, ки бе истифодаи самараноки технологияҳои рақамӣ, рушди устувор ва ҳамқадами ҷомеа бо равандҳои ҷаҳонӣ ғайриимкон аст.

Дар ҷомеаи муосир интернет заминаи мусоид барои ташаккули ҷомеаи шабакавӣ фароҳам овард. Интернет ба рушди падидаи нав дар ҳаёти инсоният — раванди рақамикунонӣ — сабаб гардид. Бо пайдоиши саноати 4.0, рақамикунонӣ ба як тамоюли нав дар ҷомеаи муосир табдил ёфт. Саноати 4.0 ё инқилоби чоруми саноатӣ, маъруф бо номи “Industry 4.0”, мафҳумест, ки бори аввал соли 2011 дар “Намоишгоҳи саноатии Ганновер” дар Олмон истифода шуда, ба дигаргуниҳои куллии босуръати технологӣ дар саноат ва истеҳсолот дар асри XXI ишора мекунад [6].

Мафҳуми илмии ҷомеаи шабакавӣ дар илм, бахусус дар илмҳои иҷтимоӣ, истилоҳи нав ба ҳисоб меравад. Фаҳмиши ҷомеаи шабакавӣ ин табдили сохтори гуногуни иҷтимоӣ дар асри иттилоотӣ мебошад, ки дар платформаҳои рақамӣ ба монанди Facebook, Instagram, WhatsApp, Telegram, TikTok ва ғайра таҷассум меёбад. Ҷомеаи шабакавӣ навъи ҷомеаест, ки фаъолияти иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ дар фазои маҷозӣ ташаккул меёбад.

Бори аввал муҳаққиқи машҳури испанӣ Мануэл Кастелс дар соҳаи ҷомеашиносӣ бо таҳқиқоти худ дар бораи ҷомеаи шабакавӣ (network society) дар охири асри XX чунин баён

намудааст: «Ҷомеаи шабакавӣ як падидаи нав аст, ки ҳамчун назария пас аз ҷомеаи иттилоотӣ матраҳ шудааст. Назарияи мазкур бо афзоиш ва рушди шабакаҳои иҷтимоии виртуалӣ алоқаманд буда, ҳамчун як консепсияи назариявии мустақил ва васеъ барои тавсифи ҷомеаи муосир таъриф мешавад» [2, с. 240–241].

Назарияи Кастелс фарқияти байни «макон» ва «фазо»-ро муҳим арзёбӣ мекунад. Макон — як чизи ҷисмонӣ аст, ки дар он ҷаҳони воқеӣ ҷойгир мебошад, дар ҳоле ки фазо — таҷассуми зеҳни инсон аст, макони воқеии ҳамеша дар гардиш ва тағйирёбӣ. Фазо бештар дар бораи он аст, ки мо перомуни макони физикӣ чӣ гуна дарк ва фикр мекунем — ин як идеяи абстрактӣ дар зеҳни мост. Макон физикӣ буда, дар он фаъолиятҳои воқеии ҷаҳонӣ ба вуқӯъ мепайванданд — ба монанди шаҳр, бино ё ҳуҷра. Фазо бошад, як сохтори абстрактӣ ё зеҳнӣ аст, ки инъикосгари он мебошад, ки одамон макони физикиро чӣ гуна қабул ва шарҳ медиҳанд. Аз ин рӯ, он ҳамчун фазои равандҳои динамикӣ ва доимо тағйирёбанда тавсиф мешавад.

Маҳз тавассути ВАО-и рақамӣ, технологияҳои босуръати коммуникатсионӣ ва васоити нави баландсуръат, интиқоли иттилоот бо суръати баланд маънои ҷой ва маконро дар зеҳни инсон тағйир медиҳад. Ба илова, тамоюли таъсири технологӣ дар зери таъсири интернети мобилӣ ва технологияҳои мобилӣ тақвият ёфтааст. Ин дидгоҳро олимони бритониёӣ Ҷон Урри ва Эллиот пешниҳод кардаанд. Онҳо ба хулосае омаданд, ки технологияҳои мобилӣ, ки ҳоло қодиранд дар ҷайби инсон ҷой гиранд, муоширати фаврӣ ва муносибатҳои иҷтимоиро тағйир медиҳанд ва чунин таъсирро пайваста нигоҳ медоранд [1].

Инқилоби расонаҳои рақамӣ фаҳмиши инсонро дар бораи «макон» ба таври амиқ тағйир дода, онро аз мафҳуми собити ҷисмонӣ ба як сохтори равонии тағйирпазир табдил медиҳад, ки пайваста тавассути ҷараёни иттилоот, пешрафти технологӣ ва ҳамкории иҷтимоӣ дар муҳити рақамӣ таҷдид мешавад.

Ин тағйирот аҳамияти шабакаҳо ва ҷараёнҳои иттилоотиро дар ташаккули сохтори иҷтимоии муосир таъкид намуда, ба ҳаракат ба сӯи ҷомеае ишора мекунад, ки ҷойгиршавии ҷисмонӣ аҳамияти камтар дошта, дарки он тавассути технология ва пайвастшавии рақамӣ осонтар мегардад.

Мануэл Кастелс шабакаро ҳамчун маҷмӯи гиреҳҳо ё нуқтаҳои ба ҳам пайвастшуда ва алоқаманд тавсиф мекунад, ки дар он ҳар як гиреҳ ҷузъ ё объекти инфиродӣ мебошад. Дар ин чаҳорчӯба, шабака бо пайвастҳое тавсиф мешавад, ки ин ҷузъҳоро ба ҳам мепайванданд ва шабакаи мураккаби муносибатҳоро ташкил медиҳанд. Ин шабакаҳо барои ташкили ҳамкориҳои иҷтимоӣ ва сохторҳо ҳам дар сатҳҳои маҳаллӣ, ба монанди ҷамоатҳои маҳаллӣ, ва ҳам дар сатҳҳои глобалии воқеияти иҷтимоӣ, ба монанди системаҳои ҷаҳонӣ, хидмат мекунанд. Кастелс тасдиқ мекунад, ки шабакаҳо барои ҷомеаи муосир асос буда, шакли нави иҷтимоиро ифода мекунанд, ки сохторҳои иерархии анъанавиро ба куллӣ иваз менамоянд [2, с. 242].

Паҳншавии мантиқи шабакавӣ — принсипҳое, ки тарзи кор кардани шабакаҳоро роҳнамоӣ мекунанд — боиси тағйироти амиқ дар соҳаҳои гуногун, аз ҷумла равандҳои истеҳсолӣ, ҳаёти таҷрибавӣ, муносибатҳои қудратӣ ва рушди фарҳангӣ мегардад. Ин тағйирот тавассути пешрафти технологияҳои иттилоотӣ, ки ҳамчун заминаи моддии рушди фарогири шабакаҳо дар тамоми соҳаҳои иҷтимоӣ хидмат мекунанд, сурат гирифта, инфрасохтори моддиро барои ворид шудан ва тағйир додани институтҳои иҷтимоӣ таъмин менамоянд.

Кастелс ҷомеаи шабакавиро ҳамчун як ҷомеа тавсиф мекунад, ки дар он муносибатҳои иҷтимоӣ асосан тавассути шабакаҳои ба ҳам алоқаманд ташкил карда мешаванд. Ин шабакаҳо системаҳои кушода мебошанд, ки қобилияти тавсеаи номаҳдуд доранд. Онҳо метавонанд гиреҳҳои навро дар бар гиранд — хоҳ шахсони алоҳида, хоҳ созмонҳо ё ғояҳо — ба шарте ки ин гиреҳҳо қобилияти муошират дар сохтори мавҷудаи шабакаро дошта бошанд. Ин ошкорбаёнӣ ва мутобиқшавӣ таҳаввулоти динамикии созмони иҷтимоиро дар асри рақамӣ дастгирӣ намуда, шабакаҳоро дар потенсиали афзоиши онҳо ба таври куллӣ бемаҳдуд месозад [2, с. 249].

Ҳамин тавр, метавон дар бораи хусусиятҳои асосии ҷомеаи шабакавӣ чунин шарҳ дод, ки он дар муҳити маҷозӣ ташаккул ёфта, имкони таъсис ва нигоҳ доштани робитаҳоро бидуни

маҳдудияти замонӣ ва ҷуғрофӣ фароҳам меорад. Дастрас будани интернет ва рушди техникаи муосир, аз ҷумла компютер ва телефонҳои мобилӣ, дар шабакаҳои иҷтимоӣ ба монанди Facebook, Instagram, TikTok, YouTube ва ғайра муҳити иҷтимоии муосирро комилан тағйир медиҳад.

Раванди гузариш аз муҳити физикии олам ба фазои маҷозӣ ҳамзамон омӯзиш, муошират, кор, фарҳанг ва дигар ҷанбаҳои ҳаёти инсонро фаро мегирад. Чунин раванд ба нафароне, ки малакаи истифодаи иттилооти рақамиро доранд, дар ҷомеа нуфузи баланд мебахшад. Инсонҳо дар шакли аккаунтҳои иҷтимоӣ на танҳо муошират мекунанд, балки ҳамчун воситаи таъсиррасонӣ, худмуаррифӣ ва ташаккули симои иҷтимоӣ дар муҳити шабакавӣ фаъолият менамоянд. Дар маҷмӯъ, ин тамоюл тафаккури иҷтимоии инсонҳо, хусусан ҷавононро, ба таври ҷиддӣ тағйир медиҳад.

Ҷавонон ҳамчун табақаи фаъоли ҷомеаи имрӯз «яке аз қишрҳои муҳимми ҳаёти иҷтимоии ҷамъият ба шумор рафта, қувваи бузург ва нерӯи созандаи ҳар як халқу миллат мебошанд» [3, с. 97]. Онҳо бо ҳузури худ дар муҳити рақамӣ дар ташаккул, паҳнкунии иттилоот ва ташреҳи воқеият фаъол ба назар мерасанд. Аз нигоҳи илмҳои иҷтимоӣ, ба хусус фалсафаи иҷтимоӣ, дар марҳалаи ташаккули худшиносӣ, арзишҳо ва интихоби равиши зиндагӣ, муҳити шабакавӣ ба ҷавонон таъсири хос мерасонад.

Тибқи мушоҳидаҳо, дар даҳсолаи охир равандҳои таълим, тарбия ва рушди тафаккури ҷавонон, ки қаблан аз муҳити оила ва мактаб маншаъ мегирифтанд, ҳоло ба муҳити маҷозӣ ва ҷомеаи шабакавӣ вобастагии рӯзафзун пайдо кардаанд. Имрӯз ҷавонон барои дарёфти дониш, шиносоӣ бо фарҳангҳои гуногун, пайгирии рӯйдодҳои ҷаҳонӣ ва ифрози афкор бештар аз шабакаҳо ҳамчун манбаи иттилоот истифода мебаранд.

Баъзан ба назар мерасад, ки рушди тафаккури шабакавии ҷавонон ҷаҳонро на тавассути тартиби анъанавӣ ё илмӣ, балки тавассути тасвирҳо, иттилооти кӯтоҳ ва наворҳои ҷаззоби блогерон дарк менамоянд. Бо ҳамин тариқ, чунин тамоюл дар шуури ҷавонон, тарзи фикррони онҳо ва интихоби рафтори иҷтимоии онҳо нақши муассир мегузорад.

Бо назардошти имкониятҳои мусоид барои рушди шахсият, фаровонии маълумот, тавонмандии таҳлил ва созандагӣ, метавон паҳлуҳои мусбии ин равандро чунин номбар кард:

- Дастрасӣ ба иттилооти гуногун ва баланд бардоштани донишҳои рақамӣ. Ҷомеаи шабакавӣ шароити мусоид фароҳам меорад, ки ҷавонон ба китобхонаҳои рақамӣ, курсҳои омӯзиши онлайн ва сомонаҳои илмӣ дастрасӣ пайдо кунанд. Чунин имкониятҳо барои донишандӯзӣ ва таҳлили мустақили иттилоот хизмат мерасонанд.
- Шабакаҳои иҷтимоӣ ҳамчун платформа барои ифрози афкор, истеъдод, фаъолияти эҷодӣ, худшиносӣ ва худмуаррифӣ. Фазои маҷозӣ ба ҷавонон имкон медиҳад, ки маҳорати касбӣ ва фарҳангии худро муаррифӣ намоянд ва мақоми хоса дар ҷомеа пайдо кунанд.
- Рушди тафаккури танқидӣ ва фаъолияти муқоисавӣ. Тавассути шабакаҳо бо назарияҳо ва афкори мухталиф рӯ ба рӯ шуда, тафаккури танқидӣ ва қобилияти муқоиса инкишоф меёбад.
- Ташаккули ҷаҳонбинии кушод. Ҷавонон метавонанд арзишҳои миллии худро бо арзишҳои умумибашарӣ мутобиқ созанд ва дидгоҳи ҷаҳонӣ пайдо намоянд.
- Таҳкими фаъолиятҳои шаҳрвандӣ ва ҳимоят аз ҳуқуқҳо. Шабака воситаи муассир барои иштирок дар зиндагии сиёсӣ ва иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад. Ҷавонон метавонанд дар аксияҳо, барномаҳои ихтиёрӣ ва муҳокимаҳои ҷамъиятӣ ширкат варзанд.

Боиси зикр аст, ки имрӯз ҷомеаҳо барои боло бурдани потенсиали зеҳнии ҷавонони худ аз тамоми имкониятҳо ба таври самаранок истифода мебаранд. Инсони муосир барои имкониятҳои зеҳнии худ ҷаҳони мураккаб бунёд сохтааст ва дигар наметавонад самти рушд ва тараққиёти шахсии худро ба таври рӯшан дарк ва пешгӯӣ кунад [3, с. 98].

Гарчанде ҷомеаи шабакавӣ имкониятҳои фаровон барои рушди шахсият ва донишандӯзии инсон фароҳам меорад, таъсири манфии он ба тафаккур ва ҷаҳонбинии ҷавонон низ эҳсос мешавад. Тағйироти босуръати муҳити иттилоотӣ ва вобастагии аз меъёр зиёд ба шабакаҳои иҷтимоӣ метавонад натиҷаҳои номатлуб ба бор оварад, аз ҷумла:

- Коҳиши қобилияти фикрӣ ва таваҷҷуҳ. Ҷавонон бештар ба иттилооти кӯтоҳ, унвонҳои ҷалбкунанда ва тасвирҳои таъсирбахш таваҷҷуҳ мекунанд, ки метавонад қобилияти фикрӣ ва таҳлили муфассалро заиф созад.
- Вобастагӣ ба телефон ва шабакаҳои иҷтимоӣ. Ин яке аз масъалаҳои нигаронкунанда дар ҷомеаи муосир аст. Вақти зиёди худро дар муҳити маҷозӣ мегузаронанд, ки метавонад боиси хастагии рӯҳу равон, эҳсоси танҳоӣ ва поёнравии худбаҳодиҳӣ гардад.
- Коҳиши малакаи муошират. Муошırати зинда ва фарҳанги гуфтугӯ, ки дар фазои рақамӣ асосан тавассути паёмҳо, эмодзиҳо ва иборахои кӯтоҳ сурат мегирад, метавонад малакаи муошırати рӯ ба рӯ, яъне шифоҳӣ ва эҳтироми фарҳанги гуфтугӯиро коҳиш диҳад.

На ҳамаи иттилооте, ки дар шабакаҳои иҷтимоӣ нашр мешавад, ҳамеша санҷидашуда, яъне илман тасдиқшуда ё дорои асоси воқеӣ ба ҳисоб намеравад. Албатта, чунин ахбори қалбакӣ (фейк ньюс) ба фаҳми ҷавонон таъсири манфӣ расонида, метавонад ҷаҳонбинии онҳоро таҳриф намояд ё ба ташаккули дидгоҳи якҷониба мусоидат кунад. Муҳити маҷозӣ сатҳҳои гуногуни хатарро дар бар мегирад: аз қабили қаллобӣ ва дуздии маълумот, зӯроварӣ, тундгароӣ ва наворҳое, ки хусусияти ғайриахлоқӣ ва идеологияи ифротӣ доранд. Фаҳми паст ва нокифояи баъзе ҷавонон метавонад онҳоро беихтиёр зери таъсири чунин муҳтаво қарор диҳад.

Хулоса, таҳлили таъсири ҷомеаи шабакавӣ ба тафаккури ҷавонон яке аз масъалаҳои мубрами рӯз ба шумор меравад. Раванди рақамикунонӣ ва густариши шабакаҳои иҷтимоӣ падидаи навест, ки сохтори иҷтимоӣ ва фарҳангиро ба куллӣ тағйир дода, муҳити маҷозиро ба фазои нави ташаккули шахсият, ҷаҳонбинӣ ва муносибатҳои иҷтимоӣ табдил додааст.

Фаҳмиши ҷомеаи шабакавӣ дар илми иҷтимоӣ, ба шарофати корҳои Мануэл Кастелс ва дигар муҳаққиқон, ҳамчун шакли нави ташкил ва фаъолияти ҷомеа дар шароити иттилооти рақамӣ ташаккул ёфтааст. Бо густариши интернет ва технологияҳои мобилӣ, ҷавонон ҳамчун табақаи фаъоли ҷомеа дар маркази ин тағйирот қарор гирифтаанд. Муҳити рақамӣ барои онҳо на танҳо воситаи муошират, балки макони омӯзиш, ибрози афкор, ташаккули худшиносӣ ва интихоби тарзи зиндагӣ гардидааст.

Албатта, маълум мешавад, ки раванди гирифтани дониш, тарбия ва ташаккули тафаккур, ки қаблан аз муҳити оила ва мактаб сарчашма мегирифт, имрӯз ҳарчи бештар ба муҳити маҷозӣ вобаста шудааст. Ҷавонон иттилоотро бештар аз шабакаҳои иҷтимоӣ мегиранд ва ҷаҳонро тавассути тасвирҳо, наворҳо ва навиштаҳои кӯтоҳи блогерон дарк мекунанд, на тавассути омӯзиши амиқи илмӣ ва тартиботи анъанавӣ.

Ин муҳит барои ҷавонон имкониятҳои васеъ дар самти худшиносӣ, худмуаррифӣ, рушди тафаккури интиқодӣ ва тавсеаи ҷаҳонбинӣ фароҳам меорад. Дастрасӣ ба захираҳои илмӣ, курсҳои омӯзишии онлайн, китобхонаҳои рақамӣ ва муҳокимарониҳои озод муҳити мусоиде барои рушди шахсият ва иқтидори зеҳнӣ фароҳам месозад. Ҷавонон тавассути шабакаҳо метавонанд дар ҳаёти иҷтимоӣ ва сиёсӣ фаъолона иштирок намоянд ва ҳисси масъулияти шаҳрвандиро тақвият бахшанд.

Бо вуҷуди ин, вобастагии аз меъёр зиёди ҷавонон ба шабакаҳои иҷтимоӣ метавонад қобилияти фикррониӣ, тамаркуз ва таҳлили амиқро коҳиш диҳад. Муошırати рӯ ба рӯ кам мешавад ва ҷойи онро паёмҳои кӯтоҳ, эмодзиҳо ва изҳороти шабеҳ мегиранд, ки сатҳи муошırати фарҳангиро заиф месозад. Илова бар ин, паҳншавии ахбори қалбакӣ, маводи дорои хусусияти ифротгароёна ва ахлоқшиканона, инчунин хатари дучор шудан ба зӯроварӣ ва қаллобӣ мушкилоти ҷиддие ба шумор меравaнд.

Дар маҷмӯъ, ҷомеаи шабакавӣ ҳамчун падидаи муосири иҷтимоӣ дорои ду чеҳра мебошад. Аз як ҷониб, он муҳити фарогир барои ташаккули шахсият, рушди зеҳнӣ ва фаъолияти иҷтимоӣ фароҳам меорад; аз ҷониби дигар, дар сурати истифодаи бе назорат ва бемасъулиятона метавонад ба шикастани тафаккури таҳлилӣ, сустшавии робитаҳои воқеӣ ва пайдоиши хатарҳои ахлоқиву иҷтимоӣ сабаб гардад. Аз ин рӯ, истифодаи дурандешона, мақсадманд ва танқидӣ, ё худ риояи фарҳанги корбурди муҳити шабакавӣ барои ҷавонон ва ҷомеа зарурати ногузир мебошад.

### *Адабиёт*

1. Карпова, Д. Н. Социотехнический поворот в исследовании цифровизации общества / Д. Н. Карпова, А. С. Проскурина // Власть. – 2020. – Т. 28, № 1. – С. 97–105.
2. Кастельс М. Информационная эпоха: экономика, общество, культура. Москва: ГУ ВШЭ, 2000. 608 с
3. Қозиен, Ш. Қ. Инкишофи фарҳанги сиёсии ҷавонон дар шароити муосир / Ш. Қ. Қозиен // Вестник педагогического университета. Серия: Философские науки. – 2023. – № 3(11). – С. 97–103. – EDN YRXYEY.
4. Хайдаров, Р. Дж. Цифровизация общества как ключевой фактор обеспечения кибербезопасности государств в период глобализации // Известия ИФПП НАНТ. – 2022. – № 1. – С. 98.
5. Хайдаров, Р. Дж. Цифровизация общества как фактор воспроизводства человеческого капитала в период глобализации // Известия ИФПП НАНТ. – 2021. – № 3. – С. 78.
6. Четвёртая промышленная революция [Манбаи электронӣ]. – Тартиби дастрасӣ: ttps://ru.wikipedia.org/wiki/. (санаи муроҷиат: 12.08.2025).
7. Что такое цифровизация и какие сферы жизни она затронет? [Манбаи электронӣ]. – Тартиби дастрасӣ: https://center2m.ru/digitalization-technologies. (санаи муроҷиат: 09.09.2022).
8. Шваб, К. Четвёртая промышленная революция / Клаус Шваб. – Москва: Эксмо, 2016. – 208 с.


## ТАЪСИРИ ҶОМЕАИ ШАБАКАВӢ БА ТАФАККУРИ ҶАВОНОН


Муаллиф дар мақола таъсири ҷомеаи шабакавӣ ба раванди тафаккури ҷавононро баррасӣ намудааст. Он аз баррасии болоравии истифодаи интернет ва нақши он дар равандҳои муосири иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва таъкид ба гузариш ба ҷаҳони рақамӣ оғоз мешавад. Сипас, бо шарҳ додани мафҳуми ҷомеаи шабакавӣ, хусусиятҳои он ва баёни чаҳорчӯбаи назариявии Мануэл Кастелс дар бораи шабакаҳои иҷтимоӣ, нишон медиҳад, ки технологияи рақамӣ ва интернет чӣ гуна сохтори иҷтимоиро тағйир дода, дар шакли нави ҷомеа ва муносибатҳои инсонӣ таъсиргузор мебошад. Асоси ин мақола ба он нигаронида шудааст, ки ҷомеаи шабакавӣ, ки тавассути платформаҳои рақамӣ, ба мисли интернет ва васоити ахбори омма ташаккул меёбад, ба ҷавонон чӣ гуна таъсир мерасонад. Мақола афзалиятҳо ва имкониятҳои бешумори муҳити рақамӣ барои рушди шахсият, омӯзиш, худшиносӣ, ташаккули ҷаҳонбинӣ ва иштироки иҷтимоиро ба назар мегирад. Бо вуҷуди ин, мақола ба хатарҳо ва таъсироти манфии истифодаи бемаънӣ аз шабакаҳои иҷтимоӣ, ба монанди пастшавии қобилияти фикрронӣ, кам шудани муоширати рӯ ба рӯ, паҳншавии ахбори қалбакӣ ва хатари зӯроварӣ, таъкид мекунад. Дар ҷамъбаст, таъкид шудааст, ки ҷомеаи шабакавӣ хусусияти дугона дошта, истифодаи ҳушёрона, танқидӣ ва масъулонаи муҳити шабакавӣ барои ҳимояи тафаккури солим ва рушди ҷомеа зарур аст.



**Калидвожаҳо:** ҷомеаи шабакавӣ, ҷаҳони рақамӣ, раванди рақамикунонӣ, интернет, шабакаҳои иҷтимоӣ, васоити ахбори омма, иттилоот, тафаккур, ҷавонон.


## ВЛИЯНИЕ СЕТЕВОГО ОБЩЕСТВА НА МЫШЛЕНИЕ МОЛОДЕЖИ


Автор в статье рассматривает влияние сетевого общества на процесс мышления молодежи. Исследование начинается с анализа роста использования интернета и его роли в современных социально-культурных процессах, а также с акцента на переход к цифровому миру. Далее, раскрывая понятие сетевого общества, его особенности и теоретическую рамку Мануэля Кастельса о социальных сетях, автор показывает, каким образом цифровые технологии и интернет трансформируют социальную структуру, оказывая воздействие на формирование нового типа общества и межличностных отношений. Основное внимание в статье уделено тому, как сетевое общество, формирующееся благодаря цифровым платформам, таким как интернет и средства массовой информации, влияет на молодежь. Рассматриваются преимущества и многочисленные возможности цифровой среды для развития личности, образования, самосознания, формирования мировоззрения и социальной активности. Вместе с тем, подчеркиваются риски и негативные последствия бессмысленного использования социальных сетей, такие как снижение способности к критическому мышлению, уменьшение живого общения, распространение фейковой информации и угрозы насилия. В заключение отмечается, что сетевое общество имеет двойственный характер, а осознанное, критическое и ответственное использование сетевой среды необходимо для сохранения здорового мышления и развития общества.

**Ключевые слова:** сетевое общество, цифровой мир, процесс цифровизации, интернет, социальные сети, средства массовой информации, информация, мышление, молодежь.

## THE IMPACT OF THE NETWORK SOCIETY ON YOUTH THINKING

The author in this article examines the impact of the network society on the process of youth thinking. The study begins with an analysis of the growing use of the Internet and its role in modern socio-cultural processes, with an emphasis on the transition to the digital world. Then, by explaining the concept of the network society, its features, and Manuel Castells' theoretical framework on social networks, the author demonstrates how digital technologies and the Internet transform social structures, influencing the emergence of a new form of society and human relations. The central focus of the article is on how the network society, formed through digital platforms such as the Internet and mass media, affects young people. The article explores the advantages and numerous opportunities that the digital environment offers for personal development, education, self-awareness, worldview formation, and social participation. At the same time, it highlights the risks and negative consequences of meaningless use of social networks, such as the decline in critical thinking skills, reduction of face-to-face communication, the spread of fake information, and the threat of violence. In conclusion, it is emphasized that the network society has a dual nature, and conscious, critical, and responsible use of the network environment is essential for preserving healthy thinking and fostering societal development.

**Keywords:** network society, digital world, digitalization process, Internet, social networks, mass media, information, thinking, youth.

**Дар бораи муаллиф**
Салимов Юсуфҷон Баҳриддинович
ассистенти кафедраи фалсафа ва фарҳангшиносӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ
Суроға: Суроға: 734003, шаҳри Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рудакӣ, 121.
E mail: usufsalimov95@gmail.com

**Об авторе**
Салимов Юсуфджон Бахриддинович
ассистент кафедры философии и культурологии
Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни
Адрес: 734003, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 121
E-mail: usufsalimov95@gmail.com

**About the Author**
Salimov Yusufjon Bakhriddinovich
Assistant Lecturer, Department of Philosophy and Cultural Studies
Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Ayni
Address: 734003, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue 121
E-mail: usufsalimov95@gmail.com

ТДУ 1(38) +51(091)

**ТАШАККУЛ ВА ТАКОМУЛИ ФАЛСАФАИ МАТЕМАТИКА ДАР ЮНОНИ ҚАДИМ**

***Норбоев Ю. М.***

*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ*

Масъалаи таносуби математика ва фалсафа кайҳо боз миёни муҳаққиқону файласуфон мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Математика ҳамчун илм аз мутафаккирони Юнони қадим аз, Фалес ва Пифагор оғоз мешавад, ки дар таърихи инсоният бори аввал хулосаи мантиқӣ, тафаккури дедуктивӣ ва далели риёзӣ пайдо шуда, амалӣ гардид.

Асоси робитаи фалсафа бо ин ё он илм зарурати истифода бурдани дастгоҳи фалсафа барои гузаронидани тадқиқот дар ин соҳа мебошад. Математика дар байни илмҳои риёзӣ барои таҳлили фалсафӣ бештар мувофиқ аст. Инчунин, риёзикунонии прогрессивии илм ба тафаккури фалсафӣ таъсири фаъол мерасонад.

Роҳи муштараки математика ва фалсафа дар Юнони Қадим тақрибан дар асри VI пеш аз милод оғоз ёфт. Ҷолибтарин нуқтаи он давра марбут ба номи Пифагор, Суқрот, Афлотун ва Арасту, шиносоӣ бо дидгоҳҳои онҳо дар бораи риёзиёт аст, ки дар таърихи фалсафа ва методологияи илм ҷойгоҳи муҳимро ишғол мекунад. Аммо бояд қайд кард, ки маҳз математика ба ҳама соҳаҳои дониш, ки дар он замон татбиқ карда мешуд, шакли комил дод. Мафҳуми адад ҳамеша бо мафҳумҳои ғайрирақамӣ ҳамроҳ буд. Бояд қайд кард, ки маҳз математика ба ҳама соҳаҳои дониш, ки дар он татбиқ карда мешуд, шакли мукаммалро дод.

Ба таври умум эътироф шудааст, ки фалсафа ба таври комил дар Юнони Қадим ба вуҷуд омада, мутафаккирони он шакли нави тафаккурро дар асоси далелҳои мантиқӣ таҳия кардаанд, ки баъдан ба пайдоиши равиши ақлгароӣ ба омӯзиши олами атроф ва ташаккули анъанаи ақлгароӣ хизмат кардааст. Ба андешаи М.Клейн “Юнониён бузургтарин кашфиётеро, ки аз ҷониби инсон бояд сурат мегирифт, ба анҷом расониданд: онҳо қудрати ақлро кашф карданд” [7., с.18], ки асрори олами тамаддуни қадимро баён мекунад: инсоният сирру асрори коинотро на ба таври мифологию тасаввуфӣ, балки тавасути қобилияти тафаккур аз худ карда метавонад.

Дар Юнони Қадим тафаккури математикӣ бо тафаккури фалсафӣ зич алоқаманд буд. Академияи маъруфи Афлотун, ки дар Юнон маъруфияти зиёд дошт яке аз шартҳои асосиаш воридшави ба ин даргоҳи илму маърифат ин донистa риёзиёт буд. “Ва гӯянд яке аз шароити вуруд ба ин донишкада донистани илми риёзӣ буд ва Афлотун дар сари дари он навишта буд: “Ҳаркас риёзиёт намедонад ворид нашвад!”[10.,с.305] Баҳои баланди математикаро принсипҳои фалсафии Афлотун муайян мекарданд: ӯ боварӣ дошт, ки омӯзиши математика қадами муҳим дар роҳи шинохти ҳақиқатҳои идеалист. Барои Афлотун, математика ҳамон системаи пропеде́втика (аз юнонии προπαιδέυω “таълими пешакӣ” истилоҳи дидактики ба маънои муқаддима ба ҳама гуна илм, курси муқаддимавӣ мунтазам дар шакли мухтасар ва ибтидоӣ пешниҳод карда мешавад) буд, ки тафаккури инсониро барои дарки фалсафа, ба андешаи ақидаҳои олӣ омода ва ҳидоят мекард.

Мактаби Пифагорӣ аввалин мактабе ҳисобида мешавад, ки дар он математика ҳамчун таълимоти фалсафӣ ташаккул ёфтааст. Пифагор мутафаккир ва файласуфи машҳури асрҳои VI-V пеш аз милод аст. Гумон меравад, ки маҳз ӯ аввалин бор калимаи “Фалсафа” – “дӯстдорни хирад”-ро ба кор бурд. Пифагориён “рақамҳоро ҳамчун ташкилкунандаи унсурҳои материя ҳисоб мекарданд” [4, с.62], таълимоти Пифагориён аз доираи математика, чунон ки мо онро дарк менамоем, берун мебарояд ва дар маркази он идроки мушаххаси ҷавҳари донишҳои риёзӣ қарор мегирад. Мактаби Пифагорӣ чунин маромро доштанд “Ҳама чиз рақам аст” аст. Ба этиқоди Пифагор, бунёди ҳар мавҷуде, ки дар олам вуҷуд дорад, адад аст ва ҳама мавҷуд дар олам бо рақамҳо ё таносуби ададҳо мушаххас карда мешавад. “Оғози ҳама чиз як аст; аз як рақамҳо меоянд; аз рақамҳо - нуқтаҳо; аз нуқтаҳо - хатҳо; аз он ҷисмҳои ҳиссӣ – эҳсосшавандамебароянд”. [9, с.430] Пифагор, ба он андеша буд, ки ҳама мавҷудот ва шаклҳои ҳандасӣ ба рақамҳо шабоҳат доран.

Ҷавҳари таълимоти фалсафаи Пифагор ҳақиқатан дар он нест, ки ҳар чиз ва ҳар як фароянда ба таври миқдорӣ муқарар кардан мумкин аст. Дар қиёс бо муайяннамоии мафккураи ҳокимиятҳои қадим, фалсафаи Юнони Қадим пеш аз ҳама ба "пайдо кардани принсипи асосии ҷаҳон, ки аз он ҳама воқеаи рӯйдодаро шарҳ додан мумкин аст" [11, с. 45] равона карда шуда буд.

Оғози олам барои Фалес об ва барои Гераклит оташ бошад, пас барои Пифагор оғози олам рақам аст. Заминаи омӯзиш ва маърифати олам ба маърифати адад ва шаклҳои геометрӣ мубаддал мешавад ва меъёри ҳақиқати дониш мувофиқати он ба созгории онҳо раптдорад. "Дар математика Анаксагор ба шарофати кашфи пифагориѐн миқдорҳои беандоза — миқдорҳоеро, ки бо ададҳои ратсионалӣ ифода кардан мумкин нест, ёфт: масалан, кашф намудани ададҳои ирратсионалӣ." [14, с. 114 Шинохти олам маънои донистани шумораҳо ва вобастагии шумораҳоеро дорад, ки онро ба низом медароранд.

Асосгузорӣ асосҳои арифметика ва геометрияи Юнони қадим мактаби пифагориён ба ҳисоб мераванд, ки дар асарҳои Афлотун ошкор шудаст. Барои Афлотун, объектҳои математикӣ воқеан ба таври транссенденталӣ мавҷуданд, яъне дар "ҷаҳони ғояҳо". А.Ф. Лосев қайд мекунад: "Афлотун ҳар як рақамро ҳамчун ин ё он сохтор мефаҳмад" [9, с. 370]. Минбаъд А.Ф. Лосев дар таълимоти Афлотун ба хусусияти "зӯрӣ" ва "нерумандӣ"-и адад ишора мекунад: "Адад мисли як навъ аслиҳаи заряднок аст" [9, с.372]. Шумора барои Афлотун қонунестест, ки ташкил ва пояҳои ҳаётро таъмин мекунад.

Аз дидгоҳи пифагориён табиат ин равиши дидани табиат аст, ки ба инкишофи минбаъдаи илм таъсири калон расонд. Мутафаккир бо чунин бархӯрд бар ин назар аст, ки воқеият ҳамоҳангии риёзӣ аст, ки дар табиат мавҷуд аст. Мутобиқати математикӣ мутаносиб будани ҷузъҳо бо ҳамдигар ва ҷузъҳо бо кулл аст. Пифагориён қатъиян бовар доштаед, ки тавассути дониши мавзуии математикӣ сохтори бунёдии коинот ошкор мешавад.

Ҳанӯз дар асри VI пеш аз милод, Пифагор ва пайравони ӯ кашф карданд, ки ҳамоҳангии мусиқиро метавон бо муносибатҳои математикӣ муқоиса кард. Пифагориён кашф карданд, ки ин ҳамоҳангиҳо дурустанд, садоҳо ё тавассути сатрҳои ларзиш ё сутунҳои резонанси ҳаво тавлид мешаванд. Минбаъд, файласуфони табиатшиноси Пифагорӣ кӯшиш карданд, ки ҳамоҳангии мусиқиро дар Коинот дар маҷмуъ ошкор намоянд. Онҳо ҳаракати ҷисмҳои осмониро бо садоҳо пайваст карданд ва дар натиҷа "мутобиқати кураҳо" ба вуҷуд омад.

Як аср пас аз Пифагор, Суқрот ба саҳнаи фарҳанги қадим омада, фалсафаро ба дараҷае инкишоф дод, ки аз он вақт инҷониб он муҳимтарин унсури тамоми фарҳанги юнонӣ гардид. Шогирди Суқрот Афлотун баъдтар фалсафаро ҳамчун як навъи махсуси санъат – "санъати тафаккур" муайян кард. Афлотун "геометрияи соф"-ро бо татбиқи амалии худ ва астрономияи геометриро бо мушоҳидаи хатҳои нур дар осмон муқоиса мекунад. Афлотун дониши "соф таҷрибавӣ"-ро дар бораи пайдарпайӣ ва ҳамзистии падидаҳо рад кард. Ин гуна "дониш" бояд ки заминаи он тартиби оқилонае, ки дар асоси он қарор дорад фаро гирифта шавад. Таъсири ақидаҳои Афлотун пеш аз ҳама дар муносибати умумӣ ба илм зоҳир мегардад. Афлотун ба тартиботи коинот ва аҳамияти дарки он бовар дошт. Афлотун дар асараш "Тиме́й" офариниши коинотро аз ҷониби Демиург, ки шакли математикиро ба материяи ибтидоии бешакл бор карда буд, тасвир кардааст. [13, с.425] Ба як маъно, ин ақида баъдтар аз ҷониби апологҳои масеҳӣ қабул шуд, ки ин модел бо нақшаи илоҳии офариниш мувофиқат мекард. Пайравони Афлотун вазифаи файласуфро дар тафсир кардани оқилона медод, ки тартиби оламро ошкор мекунад.

Худи Афлотун дар "Тимей" пешниҳод кардааст, ки панҷ "унсур" - чаҳор заминӣ ва як осмонӣ - метавонанд бо панҷ ҷисми муқаррарии геометрӣ алоқаманд бошанд. Вай тетраэдрро бо оташ муносибат кард, зеро тетраэдр як ҷисми муқаррарии геометрӣ буда, кунҷҳои тезтарин дорад ва оташ аз ҳама унсурҳодида воридшавандатар аст. Афлотун кубро бо Замин алоқаманд мекунад, зеро мукааб дар пояаш устувортарин аст ва барои чаппа кардани он саъю кӯшиши бештарро талаб мекунад Октаэдр ба ҳаво, икосаэдр ба об ва додекаэдр ба материяи осмонӣ мувофиқат мекунанд. Илова бар ин, ӯ пешниҳод кардааст, ки табдилёфтан дар байни об, ҳаво ва оташ дар натиҷаи "ҳал шудани" ҳар яки онҳо ба амал меояд. [13, с.440] Ҳамин тариқ, шарҳи

табиат ва хосиятҳои он аз назари Афлотун аз рӯи фигураҳои геометрӣ ба анъанаи Пифагорӣ наздик аст.

Дар асри II-и милодӣ С. Птоломей як қатор қонунҳо тартиб дод ва барои ҳар як сайёраи он вақт маълум моделҳои математикӣ сохт. Яке аз хусусиятҳои муҳими ин моделҳо истифодаи доираҳои ба ҳам пайвастшуда барои таҷдиди ҳаракатҳои зоҳирии сайёраҳо нисбат ба бурҷҳо мебошад. Птоломей таъкид кард, ки барои нигоҳ доштани намуди ҳаракати сайёраҳо на яка, балки якчанд модели математикӣ сохтан мумкин аст ва системаи мураккаби доираҳои ӯ сохтори муаян дорад.

Птоломей таъкид кард, ки барои нигоҳ доштани намуди ҳаракати сайёраҳо моделҳои математикии зиёде сохтан мумкин аст ва системаи мураккаби доираҳои вай сохтори воқеияти физикиро ошкор мекунад. [14, с.672]

Афлотунро метавон аввалин касе донист, ки табиат ва сохтори математикаро зери шубҳа гузошт ва табиати абстрактии моделҳо ва ашёҳои математикиро эътироф кард. Моделҳо устувор, универсалӣ ва доимӣ мебошанд, зеро онҳо ба "ҷаҳони ғояҳо" тааллуқ доранд. Доираи ғояҳо абадӣ ва бетағйир аст, бар хилофи даври зудгузар дар рӯи об - ақл, ба ақидаи Афлотун, қобилияти олии руҳи инсон аст. Математикаи Афлотун аз олами физикӣ ҷудо аст ва ин хусусият ба он оварда расонд, ки ҳар гуна мурочиат ба таҷриба дар исбот манъ гардид. Ин дар навбати худ имкон медиҳад, ки танҳо шаклҳои дедуктивии далел ва тафаккур истифода шавад. Дар фалсафаи Афлотун дарёфти принсипҳои асосии расионализм ва бартарии онҳо асоснок шуда, аз ин рӯ, афзалияти бечунучарои усулҳои математикӣ дар дониш эътироф гардидааст.

Арасту машҳуртарин шогирдони Афлотун аст. Аммо бар хилофи Афлотун, ки барояш дониш ва тафаккур айни якдигаранд, барои Арасту он бо тавоноии мулоҳиза, қобилият ва қобилияти фаҳмондан алокаманд аст. Барои Афлотун предметҳои риёзӣ комилан ба "ҷаҳони ғояҳо" тааллуқ доштанд ва Арасту аз онҳо "асосҳои универсалӣ" - шаклҳо ва рақамҳои геометриро муайян кард. Ӯ бовар дошт, ки объектҳои математикӣ маънои абстрактӣ доранд. Аз ин сабаб математика дар муқоиса бо соҳаҳое, ки бо ашёҳои моддӣ сарукор доранд, сатҳи баланди донишро ифода мекунад. Мақоми олии математика, универсалии он маҳз бо нео-онтологияи он, универсалии қисми мантиқии он муайян карда мешавад. [2, с.223]

Дар байни риёзидонҳои машҳури юнонӣ мо инчунин Евдокса (408 - 355 пеш аз милод), Евклид (356 - 300 то милод), Архимед (287 - 212) – то мелод Аполлоний (262 – 190 пеш аз милод), Диофант (асри III милод) -ро метафонем қайдкунем Рисолаи Э.Вуклид «Унсурҳои геометрия», ки ба талаботи дедуктивӣ ва далелҳо пурра ҷавоб медиҳад, қуллаи фарҳанги математикии Юнони Қадим гардид ва ба тамоми фарҳанги башарият таъсири калон расонд. Дар давоми зиёда аз ду ҳазор сол ӯ намунаи риёзии далелҳои математикӣ дар сохтмони назарияи илмӣ ҳисобида мешуд. Умуман, талаботҳои методологии математика ва фалсафаи Юнони қадим ба инкишофи афкори фалсафие, ки бо методологияи математикии донишҳои илмӣ то замони мо алоқаманданд, таъсири калон расонидааст.

Дар ибтидои асрҳои миёна рушди математика дар Аврупо амалан қатъ шуд ва илми риёзӣ дар тӯли чанд аср ба кишварҳои мусалмонӣ рафт. Тахминан то асрхои VI—VII сатхи риёзиёт дар Шарқи мусулмонӣ, Эрон ва Осиёи Миёна дар асрҳои миёна хеле рушд карда буд ва бо риёзиёти Аврупо муқоиса мешуд.

Математикаи асрҳои XVI—XVII бояд пеш аз ҳама бо номи Г.Галилей, ки математикаро забони "китоби табиат" медонист, алоқаманд карда шавад. Ин олим як парадоксро мураттаб кард, ки баъдтар ба номи ӯ гузошта шуд ("Парадокси Галилей"): шумораи зиёди ададҳои табиӣ ба қадри квадратҳои онҳо вуҷуд доранд, гарчанде ки аксари ададҳои табиӣ квадрат нестанд.

Математики дигари ин даврон Лука Пачиоли, роҳиби франсискӣ, бузургтарин алгебрашиноси аврупоӣ дар асри XV соли 1494 асари "Ҷамъбасти арифметика, геометрия, муносибатҳо ва таносубҳо"-ро нашр кард, ки дар он қоидаҳои кор бо ададҳои бутун ва касрӣ муфассал баён шудааст. Таносуб ва амалҳо аз рӯи онҳо, масъалаҳо бо фоизҳои мураккаб, ҳалли муодилаҳои гуногуни алгебрӣ дар он замонпешниҳод гардиданд. Минбаъд тадқиқоти маҷмҳои беохир (Н. Кузанский, Г. Галилей), омӯзиши табиати онҳо, таснифоти онҳо ба вуҷуд омад, ки дар оянда боиси ба вуҷуд омадани назарияи нави илмӣ - назарияи маҷмъ гардид [11, с. 287]

Назарияи ҳаракат дар физикаи асримиёнагӣ дар заминаи таълимоти Арасту асос ёфтааст ва математика дар асоси қонунҳои ҳаракат истифода намешуд, зеро дар он замон физика илми сирф сифатӣ буд, математика бошад, илми абстрактӣ ба шумор мерафт. Физика илмест, ки чунин ҳолатҳоро меомӯзад, киoнҳоро бе материя тасаввур кардан наметавон. Математика низ ба омӯхтани он ҳолатҳоиҳастк сарукор мегирад, ки аз модда ҷудонопазиранд ва онҳоро танҳо дар тасаввур ҷудо метавон кард. [6, с.203] Пайравони Арасту математикаро ҳамчун илме мефаҳмиданд, ки "абстрактро тафтиш мекунад танҳо миқдори микдорӣ ва давомдорро боқӣ мегузорад" [2, с.141]

Дар худи назарияи физикаи он замон, ки ба таълимоти Арасту асос ёфта буд, дар он ҳам ҳодисаҳои физикӣ ва ҳам хосиятҳои ҷисмҳои физикӣ ба таври якхела бо ду хусусият муайян карда мешуданд, ба кор бурдани аппарати математикӣ барои тартиб додани қонунҳои механика иҷозат дода намешуд, масалан, ҷуфтҳои сифатҳои муқобил: "гарм – сард" ва "хушк – тар".

Арасту бовар дошт, ки тағйирёбии ҳар яке аз ин сифатҳо боиси табдили унсурҳо мегардад. Абстраксияи математикӣ аз ин сифатҳо, ба ақидаи Арасту, боиси абстракти дониши воқеии ҷаҳон, аз ҷумла қонунҳои ҳаракат мегардад. Аз ин рӯ, математика барои мутафаккирони асримиёнагӣ тасвири ҷаҳонро аз рӯи таълимоти Арасту бунёд карда натавонист, моделҳои коинот, ҷаҳонеро, ки физика тавсиф кардааст, месозад. Гумон мерафт, ки мақсад ва нақшаҳои Офаридгор он қадар аз имкониятҳои дарки инсон берунанд, ки ҳар гуна сохти оқилонаи инсон метавонад аз воқеият хеле дур бошад. Арзиши омӯзиши математика дар асрҳои миёна инкор карда нашуд, балки, баръакс, бо ҳар роҳ тасдиқи худро ёфтааст. Аммо ин арзиш дар он фаҳмида мешуд, ки геометрия ва арифметика нигоҳи ақлиро аз олами ҳассос дур карда, ба сӯиолами дигар олами ҷовидона, равон мекунад. Ҳамин тариқ, барои Августин Муқадас, ки барои ӯ адад бо ҳикмат алоқаманд буд, математика ҳамчун як қадам ба шинохти Худо баромад мекард. Аммо ин ба дониш дар бораи ҷаҳони воқеии атрофи мо, ки табиати амалӣ дорад, ҳеҷ иртиботе надошт.

Дар давраи Эҳё математика бори аввал аз доираи донише, ки аз юнониёни қадим гирифта шуда буд, берун баромад. Мафҳумҳои сифатан нав, аз қабили нишондиҳандаҳои касрӣ ва манфӣ ворид карда шуда, системаи ададҳои даҳӣ аз ҷиҳати назариявӣ ба расмият доварда мешавад. Дар баробари ин, барои омӯзиши тағйирёбандаҳо заминаҳои илмӣ ва амалӣ ташаккул меёбанд.

Дар ҳамон давра, аз асри XV сар карда, маъно ва арзиши математика ба куллӣ тағйир ёфт. Мутафаккирони ин давра арзиши донишро на ба кадом соҳа, балки ба эътимоднокии он алоқаманд медонанд. Аллакай Н.Коперник, ки системаи офтобмарказии ҳаракати сайёраҳоро кор карда баромада буд, афзалиятҳои онро пеш аз ҳама дар модели дарки коиноти хеле содда кардашуда, аз структураҳои математикии "иловагӣ" озод медид. Сохтори математикии системаи Коперник ҳамоҳангии коинотро дурусттар инъикос мекард ва бар хилофи сохторҳои пештара онҳо бояд тавсифи сохти ҳақиқии ҷаҳон мебуданд. Худи коинот аз рӯи принсипҳои катъӣ, оддӣ ва мувофиқи математикӣ ташкил шудааст. Дар коиноти оқилона сохташуда марказ бояд Офтоб бошад, на Замин [8, с.23]

Г.Галилей майлу хоҳиши тафсири математикии қонунҳои коинот ва комилан барҳам додани фарқи байни назарияи математикӣ ва ҳолати амалии олами воқеиро ба таври ниҳоӣ таҷассум мекунад. Идеали дониши математикии табиат, ки Г.Галилей ифода кардааст, аз он иборат аст, ки ба воқеияти физикӣ моҳияти математикӣ дода мешавад [3, с.23].

Галилей мисли Афлотун риёзиётро механизми шинохти ҳақиқатҳои ҷовидонӣ ва ислоҳи он чи ки дар натиҷаи иттилооти бардуруғ аз эҳсос ба вуҷуд омадааст, медонад. Аммо, бар хилофи Афлотун, барои Галилей риёзиёт на танҳо марҳилаи омодагӣ ба фалсафа, балки усули муътамадтарини фалсафии дарки олам аст. Галилӣ қонунҳоеро муқаррар мекунад ва қонунҳоеро меҷӯяд, ки ҳолати воқеии ҷаҳон, табиатро тавсиф кунанд ва дар айни замон ҳамчун қонунҳои геометрия аниқ бошанд. Худи фалсафаи Галилей дар китоби бузург (дар худи коинот) бо забони бузурги математика навишта шудааст. Галилӣ бовар дошт, ки ҳатто матни Навиштаҳо ба сатҳи фаҳмиши онҳое, ки ба худи онҳо пешбинӣ шудааст, мутобиқат

мекунад ва ҷаҳони моддӣ якранг аст ин китоби ҳақиқии Ваҳйи Худо бидуни таҳрифи ҳақиқати абадӣ ва тағйирнопазири Ҳастӣ мебошад.

Замони Нав давраест, ки аз асрҳои XVI – XVII оғоз ёфта, дар он фаҳмиши нави илм, методологияи нави донишҳои илмӣ, мафҳумҳои нави фалсафаи иҷтимоӣ ташаккул ёфта, бо дигаргуниҳои амиқи илмию назариявӣ, ба ташаккули математикаи нав мусоидат менамояд "Нақши афзалиятноки табиатшиносии риёзӣ боиси таҳияи масъалаҳои муҳимтарини фалсафӣ мегардад, ки дар байни онҳо масъалаи усули шинохт ҷои асосиро ишғол мекунад" [1, с.44].

Дар миёнаҳои асри XVII математикаи Аврупо ба омӯзиши тағирёбандаҳо шурӯъ кард, ки бо номи Р.Декарт, И.Нютон, Г.-В. Лейбнитс марбут аст. Яке аз тезисҳои асосии Р.Декарт чунин изҳорот буд, ки "математика як усули қавӣ ва универсалии дарки табиат, намуна барои илмҳои дигар аст", ки дар "Принсипҳои фалсафа" (1644) ифода ёфтааст [5, с.147].

Соли 1637 "Геометрия"-и Р.Декарт [5, с.297] нашр шуд, ки геометрияи классикиро дар алгебра дар бар мегирад. Декарт маҳз дар ин асар нишон медиҳад, ки чӣ гуна баъзе масъалаҳои геометриро бо истифода аз муодилаҳои алгебравӣ ҳал кардан мумкин аст.

Ҳамин тариқ, дарки табиати объектҳои математикӣ, инчунин меъёрҳои дурустии донишҳои математикӣ ва изҳороти математикӣ дар системаи донишҳои илмӣ дигаргунии назаррасро аз сар гузаронидаанд. Ақидаҳои ақлонӣ дар бораи мафҳумҳои риёзӣ аз замони қадим то замони мо инкишоф ёфтаанд. Табдил додани афкор доираи диалектикиро ба вуҷуд оварда, ба мавқеҳои аввала дар сатҳи нав бармегардад. Тафсири ҳақиқатҳои математикӣ усулҳои тадқиқ ва ҳисоб, ҳамчун моҳияти ҷаҳон, кайҳон, ҳақиқати илоҳӣ ва умумиятҳои таҷрибагароӣ ва хосиятҳои ақл, ҳамчун воситаи табиатшиносӣ ва роҳи умумикунонии забон, дар асри XXI боз ба идеяи ифодаи абстрактии хосиятҳо ва робитаҳои воқеият бармегардад. Дар илми асри XXI математика торафт бештар чун воситаи фаъолияти эҷодӣ амал карда, ҳамчун чизе, ки имкон медиҳад роҳи ҳаракати минбаъдаи тадқиқоти илмӣ, роҳеро, ки дар он имкониятҳои кашфи оянадаи қонунҳои олами воқеӣ намоёнанд, пешбинӣ карда шавад. Ҳамин тавр аз дунёи қадим то ба имрӯз идеяи пифагорӣ дар бораи ҳамоҳангии дохилӣ аз меъёри ҳақиқат ба яке аз принсипҳои фаъолияти эҷодӣ табдил ёфт.

### *Адабиёт*


1. Арепьев, Е. И. Аналитическая философия математики / Е. И. Арепьев. — 2-е изд., доп. — Курск: Изд-во Курск. гос. пед. ун-та, 2003. — 162 с.
2. Аристотель. Метафизика // Аристотель. Сочинения: в 4 т. / ред. В. Ф. Асмус. — Т. 1. — М.: Мысль, 1976. — 550 с.
3. Галилей, Г. Пробирных дел мастер / Г. Галилей. — М.: Наука, 1987. — 272 с.
4. Даан-Дальмедико, А. Пути и лабиринты. Очерки по истории математики / А. Даан-Дальмедико, Ж. Пейффер; пер. с франц. А. А. Брядинской; под ред. И. Г. Башмаковой. — М.: Мир, 1986. — 432 с.
5. Декарт, Р. Геометрия: с приложением избранных работ П. Ферма и переписки Декарта / Р. Декарт; пер., примеч. и статьи А. П. Юшкевича. — М.; Л.: Гостехиздат, 1938. — 296 с.
6. Зиеев, И. Ғ. Масъалаи ҳаракат дар таълимоти фалсафии Ибни Сино / И. Ғ. Зиеев, Ф. И. Калонзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. — 2020. — № 10. — С. 201–206. — EDN PDLINB.
7. Клайн, М. Математика. Утрата определенности / М. Клайн; пер. с англ.; под ред., с предисл. и примеч. И. М. Яглома. — М.: Мир, 1984. — 552 с.
8. Коперник, Н. О вращениях небесных сфер. Малый комментарий. Послание против Вернера. Упсальская запись / Н. Коперник; пер. И. Н. Веселовского. — М.: Наука, 1964. — 654 с.
9. Лосев, А. Ф. История античной эстетики: в 2 т. / А. Ф. Лосев. — Т. 1–2. — М.: АСТ, 2000. — 624 с.
10. Муҳаммад, Р. Фалсафа аз оғози таърих / Р. Муҳаммад. — Душанбе: Ирфон, 1990. — 480 с.
11. Никаноров, С. Н. Число у Аристотеля и в философии Нового времени [Электронный ресурс] / С. Н. Никаноров. — Режим доступа: http://turba-philosophorum.narod.ru/forskninger/Nikanorov/1_Num_Arist.ht

12. Норбоев, Ю. М. Фаҳмиши мафҳуми беохирӣ дар фалсафа ва математика / Ю. М. Норбоев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. — 2024. — № 2. — С. 114–118. — EDN EYPQKY.
13. Платон. Собрание сочинений: в 4 т. — Т. 3. — М.: Мысль, 1994. — 654 с.
14. Птолемей, К. Альмагест / К. Птолемей; пер. с древнегреч. И. Н. Веселовского; науч. ред. Г. Е. Куртик. — М.: Наука, 1998. — 672 с.

## ТАШАККУЛ ВА ТАКОМУЛИ ФАЛСАФАИ МАТЕМАТИКА ДАР ЮНОНИ ҚАДИМ

Дар мақолаи мазкур дарки табиати объектҳои математикӣ, инчунин меъёрҳои дурустии донишҳои математикӣ ва изҳороти математикӣ дар системаи донишҳои илмии файласуфони Юнони Қадим ва минбаъда мавриди баррасӣ қарор гирифтааст

Муаллиф ақидаҳои ақлгароии файласуфони Юнони Қадим Пифагор, Афлотун, Арасту ва дигаронро дар бораи мафҳумҳои риёзӣ аз замони қадим то замони мо инкишоф ёфтаанд, нишон додааст. Ба назари муаллифи мақола, табдил додани афкор дар тули таърихи беш аз дуҳазорсола доираи диалектикиро ба вуҷуд оварда, ба мавқеҳои аввала дар сатҳи нав бармегардад. Тафсири ҳақиқатҳои математикӣ ҳамчун усулҳои тадқиқ, ҳақиқати илоҳӣ, кайҳон, моҳияти ҷаҳон, умумиятҳои таҷрибагароӣ ва хосиятҳои ақл, воситаи табиатшиносӣ ва роҳи умумикунонии забонӣ, аз ҷониби муҳаққиқони асри XX боз ба идеяи ифодаи абстрактии хосиятҳо ва робитаҳои воқеият бармегардад. Дар асри XXI илми математика торафт бештар ҳамчун воситаи фаъолияти эҷодӣ гардида, имконият медиҳад, ки роҳи ҳаракати минбаъдаи тадқиқоти илмӣ ва кашфи ояндаи қонунҳои олами воқеъӣ намоёнанд, пешбинӣ карда шавад.

Ҳамин тариқ, дар мақола дарки табиати объектҳои математикӣ, инчунин меъёрҳои дурустии донишҳои математикӣ ва изҳороти математикӣ дар системаи донишҳои илмӣ дигаргунии назаррасро аз сар гузаронидаанд. Ақидаҳои ақлгароӣ дар бораи мафҳумҳои фалсафаи риёзӣ аз замони қадим то замони мо инкишоф ёфтаанд.

**Калидвожаҳо:** Математика, фалсафа, геометрия, Юнони қадим, Пифагор, Афлотун, Арасту, эҳё, нав.

## СТАНОВЛЕНИЕ И РАЗВИТИЕ ФИЛОСОФИИ МАТЕМАТИКИ В ДРЕВНЕЙ ГРЕЦИИ

В статье рассматриваются вопросы понимания природы математических объектов, а также критерии истинности математических знаний и математических утверждений в системе научных знаний древнегреческих философов и более поздних эпох.

Автор показывает, как развивались рационалистические представления древнегреческих философов Пифагора, Платона, Аристотеля и других о математических понятиях с древнейших времен до наших дней. По мнению автора статьи, трансформация представлений на протяжении более чем двухтысячелетней истории создала диалектический круг, возвращаясь к исходным позициям на новом уровне. Трактовка математических истин как методов исследования, божественной истины, космоса, сущности мира, эмпирических общностей и свойств разума, инструмента естествознания и метода языкового обобщения исследователями XX века вновь возвращается к идее абстрактного выражения свойств и отношений действительности. В XXI веке математика все больше становится инструментом творческой деятельности, позволяя предвидеть будущее направление научных исследований и будущее открытие законов реального мира.

Таким образом, в статье показано, что понимание природы математических объектов, а также критерии истинности математических знаний и математических утверждений в системе научного знания претерпели существенные изменения. Рационалистические представления о понятиях математической философии развивались с древнейших времен до наших дней.

**Ключевые слова:** математика, философия, геометрия, Древняя Греция, Пифагор, Платон, Аристотель, ренессанс, новое.

## FORMATION AND DEVELOPMENT OF THE PHILOSOPHY OF MATHEMATICS IN ANCIENT GREECE

The article examines the issues of understanding the nature of mathematical objects, as well as the criteria for the truth of mathematical knowledge and mathematical statements in the system of scientific knowledge of ancient Greek philosophers and later eras.

The author shows how the rationalistic ideas of the ancient Greek philosophers Pythagoras, Plato, Aristotle and others about mathematical concepts developed from ancient times to the present day. According to the author of the article, the transformation of ideas over more than two thousand years of history has created a dialectical circle, returning to the original positions at a new level. The interpretation of mathematical truths

as research methods, divine truth, space, the essence of the world, empirical communities and properties of reason, a tool of natural science and a method of linguistic generalization by researchers of the 20th century again returns to the idea of an abstract expression of the properties and relations of reality. In the 21st century, mathematics is increasingly becoming a tool for creative activity, allowing us to anticipate the future direction of scientific research and the future discovery of the laws of the real world.

Thus, the article shows that the understanding of the nature of mathematical objects, as well as the criteria for the truth of mathematical knowledge and mathematical statements in the system of scientific knowledge have undergone significant changes. Rationalistic ideas about the concepts of mathematical philosophy have developed from ancient times to the present day.

**Keywords:** mathematics, philosophy, geometry, Ancient Greece, Pythagoras, Plato, Aristotle, Renaissance, new.

**Дар бораи муаллиф**

Норбоев Юсуфҷон Мардонқулович
номзади илмҳои фалсафа, дотсенти кафедраи фалсафа ва фарҳангшиносӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ
Суроға: 734003, шаҳри Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рудакӣ, 121.
E- mail: norboev.87@mail.ru

**Об авторе**

Норбоев Юсуфджон Мардонкулович
кандидат философских наук, доцент кафедры философии и культурологии
Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни
Адрес: 734003, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 121.
E-mail: norboev.87@mail.ru

**About the Author**

Norboev Yusufjon Mardonkulovich
Candidate of Philosophical Sciences, Associate Professor of the Department of Philosophy and Cultural Studies
Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini
Address: 734003, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue 121.
E-mail: norboev.87@mail.ru

ТДУ 17.022.1

# ФАЗИЛАТҲОИ АХЛОҚӢ ВА ИРФОНӢ ДАР ТАЪЛИМОТИ АБУҲОМИД ҒАЗОЛӢ

***Файзуллоев Ғ.Ф., Насриддинов Ҳ.Н.***
*Донишкадаи исломии Тоҷикистон ба номи Имоми Аъзам – Абуҳанифа*

Таълимоти ахлоқии Ғазолӣ дар ин таҳқиқот ба ду қисм тақсим шудааст, яъне таълимоти умумиахлоқӣ, ки ба калом ва дин (теология) такя мекунад ва таълимоти ахлоқӣ-ирфонии Ғазолӣ, ки аз синтези дин, фалсафа ва хусусан, тасаввуф иборат аст. Аз ин рӯ зарурати он вуҷуд дорад, ки ҳангоми баррасии фазилатҳои ахлоқӣ-ирфонӣ, қабл аз ҳама, муносибати мутафаккир бо тасаввуф муайян карда шавад. Дар ин самт ҳамин нуктаро бояд таъкид кард, ки ин масъала мавриди баҳси муҳаққиқон қарор дошта, онҳо паҳлӯҳои гуногуни фалсафӣ-суфиёнаи онро ҷиддан арзёбӣ намудаанд, аммо вазифаи мо дар ин мақола тавсифи фазилатҳои суфиёна аз ҷониби ин мутафаккир аст, ки боз баъзе ҷанбаҳои дигари муносибати Ғазолиро бо тасаввуф равшан месозад.

Фазилатҳо ё фазоил, аз нигоҳи Ғазолӣ, ба он қисми ақаллияти одамон мансубанд, ки саодати ниҳоӣ, яъне дидани Ҳақро дар охират (ҳаёти баъдина) ҷустуҷӯ доранд, ки онро ин мутафаккир баъди шарҳу баёни амиқи маънои пӯшидаи аҳкоми илоҳӣ муайян кардааст. Ин шарҳу баёнро танҳо донишмандони ҳақиқӣ (уламо) метавонанд дарк кунанд. Онҳо на фақеҳон, илоҳиётшиносон ва ё файласуфон, балки суфиён мебошанд, ки Ғазолӣ худро аз зумраи онҳо меҳисобид: «Ман яқинан донистам, ки маҳз суфиён бо роҳи ҳақ равонанд, ҳаёти онҳо ҳаёти беҳтарин, усули онҳо усули саҳеҳтарин ва ахлоқи онҳо поктарин ахлоқ мебошад». [10, с.81].

Ғазолӣ дар бораи сабаби қабул кардани тасаввуф аз ҷониби ӯ ҳикоя карда, таъкид намудааст, ки ӯ кашф кардааст, ки ин фан ҳам назария ва ҳам амалияро дар бар гирифта, барояш аз худ кардани донишҳои суфиён бисёр осон будааст. Оид ба манбаъҳои тасаввуф Ғазолӣ таъкид кардааст, ки омӯзиши тасаввуфро аз китоби «Қуту-л-қулуб»-и ал-Маккӣ («Ғизои қалбҳо») оғоз кардааст ва чунин ба назар мерасад, ки он китоби дарсии ӯ оид ба омузиши тасаввуф мебошад. Баъдан Ғазолӣ аз «осори Муҳосибӣ» ёдовар шуда, аз баъди он «андешаҳои гуногун» - «мутафариқот»-и Ҷунайд, Шиблӣ, Бистомӣ ва ахиран, аз «муҳокимаҳои» суфиёни беном дунболи ҳам ҳикояҳо оварда аст: Ман «бо дини онҳо тавассути мутолиаи китобҳое мисли «Қут ал-қулуб» (Ғизо барои дилҳо - Ҳ.Н.) Абутолиби ал-Маккӣ (Худо раҳматаш кунад), асарҳои ал-Ҳорис ал-Муҳосибӣ, мутафарриқот (суханҳои гуногуни парешон Ҳ.Н.)-и Ал-Ҷунайд, Аш-Шиблӣ ва Абуязиди Бистомӣ (Худо руҳашонро мунаввар гардонад) ва дигар суханҳои пешвоёни онҳо» [10, с.95-96] шинос шудам. Ғазолӣ аз Маккӣ ва Муҳосибӣ - ду суфие суханро оғоз мекунад, ки бо саъю талошҳои худ барои созиш додани тасаввуф бо аркони исломӣ машҳур гаштаанд. Аз Бистомӣ, ки бо бидъатҳои худ, яъне шатҳиёти худ машҳур буд, дар охир ёдовар шудааст. Ишора ба «мусоҳибаҳо»-и суфиёни бе ном метавонад ба дигар суфиёне дахл дошта бошад, ки аз Бистомӣ пайравӣ мекарданд ё бо шуҳрат ва нуфузи Бистомӣ марбут буданд.

Ҳамин тариқ, Ғазолӣ худро мансуби анъанаи тасаввуф дониста, барои омезиш додан, синтези тасаввуф ва ғояҳои исломӣ баромад мекард. Ин ба сабаби он буд, ки худи тасаввуф синтези ҷаҳонбиниҳои гуногун буда, на танҳо ба ақл, балки ба роҳҳои дигари маърифат низ такя мекард: «шакли ирратсионалӣ, ирфонии маърифати олам дар тасаввуф ифода ёфтааст. Тасаввуф дар кори азхудкунии арзишҳои тамаддунҳои тоисломӣ саҳм гузоштааст, ки аксарияти онҳо дар ислом қабул шудаанд. Масъалаҳои ахлоқӣ ва эстетикӣ, ки мутафаккирони мусулмон аз фарҳанги атиқа иқтибос кардаанд, аз нигоҳи ҷустуҷӯҳои ирфонӣ коркард шудаанд, ки ба ташаккули фарҳанги умуми исломии зеҳнӣ овmarданд» [3, с.4].

Барои пайвастани Ғазолӣ ба тасаввуф асари ал-Маккӣ «Қуту-л-қулуб» мусоидат намуда, он барои мутафаккир дорои аҳамияти аввалиндараҷа мебошад, зеро кӯшиши аввалин ва бомувафақияти бунёд намудани фикри умумии тасаввуфи ортодоксалӣ мебошад. Ғазолӣ дар «Эҳёу улуми-д-дин», махсусан, дар рубъи чаҳоруми он, ки ба фазилатҳои суфиёна бахшида

шудааст, ниҳоят зиёд аз «Қуту-л-қулуб» [6, с. 66] иқтибос овардааст. Фаслҳои комили ин китоби Маккӣ танҳо бозтакрор шудаанд ва ҳатто суханҳои суфиёни пешина ва намояндагони тасаввуф, ҳадисҳои паёмбар ва ривоятҳои саҳобаҳои ӯ ҳамон тавре шарҳ дода шудаанд, ки Маккӣ онҳоро дар асараш овардааст [6, с. 68]. Ҳамин тариқ, ин асар, зоҳиран, яке аз манбаъҳоест, ки тавассути он Ғазолӣ бо андешаҳои гуногуни суфиёни давраи аввал шинос шудааст.

Махсус будани таҳқиқоти Ғазолиро метавон дар интихоб, рангу бор ва синтези маводе, ки аз Маккӣ иқтибос овардааст, возеҳу равшан мушоҳида кард. Ӯ то ба дарки дараҷаи муайяни возеҳияти нишонаҳои асосии тасаввуф расида, асоси ратсионалию назариявиро барои шарҳи паҳлӯҳои тафсирнашавандаи тасаввуф ворид намудааст. Ғазолӣ забони файласуфон ва илоҳиётшиносонро зимни андӯхтани таҷрибаи шахсӣ омӯхта, омода буд, ки он чизеро Маккӣ ва амсоли ӯ оғоз намуда буданд, инкишоф диҳад. Ба қавли Ғазолӣ, сухани суфиён нишон медиҳад, ки онҳо нуқсондор ва баъзан зарраровар мебошанд, зеро ҳар кадоме аз онҳо метавонад танҳо дар бораи ҳолати нафсонии худ ҳисобот дода, ба ҳолатҳои дигарон эътибор надиҳад. Аз ин рӯ, тасдиқоти ошкорои онҳо аз ҳамдигар фарқи ҷиддӣ доранд. Дар ин ҷо, ба ақидаи мо, ҳақ ба ҷониби Ғазолист, зеро амалияи тасаввуфӣ ин тамрини фардӣ, индивидуалӣ аст, на умумӣ, барои ҳама. Дар ин бора суханони муҳаққиқи россиягӣ И.Р. Насыров, ки дар таҳқиқоти худ «Амалияи маънавӣ дар ирфони исломӣ (тасаввуф): алтернатива ё имитатсияи кашф» овардааст, ҷолиб мебошанд: «Ин раванд ё худ Роҳ ба сӯи Ҳақ тавассути мақомот ё манозил, ки бо тартиби муайян ҷойгир кунонида шудаанд, суфиро ба ғарқшавӣ дар асрор (сирҳо) ва ё ҳақиқати воқеияти болоиҳиссӣ ё Ҳақ меоранд. Мақсади ниҳоӣ, тибқи ақидаҳои мавҷуда (ва на танҳо дар адабиёту таҳқиқот), ин таъмини руъяти камолоти Ҳақиқат аз ҳисоби нестсозии «Ман»-и фардӣ аст, яъне ин бадастории эҳсоси ирфонии ҳулули комил ё иттиҳод бо Ӯ ба маънии руҳонӣ бо кӯмаки маҷмуи тамринҳо ва воситаҳои психологӣ-техникӣ мебошад, ки онҳоро суфиён коркард намудаанд» [16, с. 63]. Бо ҳамин сабаб Ғазолӣ эҳсос мекунад, ки донишҳои ақлӣ (ратсионалӣ) имкон доранд, ки тавсифи беҳтарин ва хеле воқеъбинонаи таҷрибаи динӣ ва амалияи ирфонии суфиёни гузаштаро таъмин намоянд.

Ғазолӣ усулҳои суфиёна ва ақлонии ба даст овардани саодатро бо ҳам муқоиса намуда, қайд мекунад, ки асоснок будани роҳи тасаввуф боиси шакку шубҳа шуда наметавонад: «Оқибат фаҳмидам, ки агар ҳаққе ва ҳақиқате ҳаст дар тасаввуф асту бас. Чароғи тасаввуф аз мишкоти нубувват нур мегирад ва равшании дилҳо ҷуз аз ин мумкин нест. Ҳақоиқе бар ман кашф шуд, ки ҷуз ба завқ ва ҳол натавон ёфт. Роҳеро паймудам, ки оғозаш таҳорати қалб ва анҷомаш фанно фи-л-лоҳ аст» [19, с.399-402]. Дар ҳамин ҷо низ таъкид бар он кардааст: «Солик чун аз мақом ва манзили нахустин гузар кард ва тайи мақомот намуд, кам-кам ба ҷое мерасад, ки пиндори ҳулул ва иттиҳод мекунад, аммо ин пиндор хатои маҳз аст» [19, с.387]. Тасаввуф, аз нигоҳи Ғазолӣ, онҳоеро, ки онро дар амал татбиқ менамоянд ба ҳадафҳояшон мерасонад, ки дар ҳолати баланде қарор доранд, ки паёмбарон ва авлиё аз он ҳаловат бурдаанд. Аммо чунин навъи фаъолият аз хатарҳои ҷиддӣ низ эмин буда наметавонад. Ақл ва солимиро вайрон мекунад, ки метавонад сабаби бемориҳои руҳӣ гардад.

Ҳамзамон, аз дидгоҳи Ғазолӣ, агар нафс дар илмҳо риёзат (обутоб) наёфта бошад, ки онҳо бо далелу бурҳон сарукор мегиранд, он тахайюлот, фантазияҳои менталӣ, зеҳниро ба даст оварда, тахмин мекунад, ки барояш ҳақоиқе нозил шуда истодаанд. Суфиёни зиёде қабл аз он ки аз чунин вазъ хориҷ шаванд, дар тули даҳсолаҳо дар худи ҳамон як ҳолат қарор доштаанд, дар ҳоле, ки агар онҳо дорои таҳсили илмии ҷиддӣ мебуданд, зуд аз он раҳоӣ меёфтанд. Дар ин суханони Ғазолӣ, аз як тараф, нуқсонҳои суфиёни қаблӣ ва аз дигар тараф, тулонӣ будани роҳи пешгирифтаи суфиён дар маърифати Ҳақиқат мушоҳида мегардад. Дар ҳақиқат ҳам, чилланишинӣ ва дигар шаклҳои зуҳд, иҷрои шартҳои шариат, тариқат ва дар ниҳояти кор, расидан ба Ҳақиқат муҳлати хеле тулониро тавассути тамринҳои гуногун тақозо мекунанд: «Бо мақсади омода кардани шуури фард барои дарки воқеияти болоиҳиссӣ, ӯ бояд марҳалаи тулонии омодашавиро гузарад. Дар раванди амалияи ирфонӣ суфӣ воситаҳои махсуси психологӣ-техникиро барои воридсозии бошууронаи худ ба ҳолати тағйирёфтаи шуур аз худ мекунад, ки барои бедорсозии хиради ҳадсӣ хизмат намуда, дар ниҳояти кор ба ишроқ

меоранд» [15, с.158].

Ҳамин тариқ, Ғазолӣ тасаввуфро ҳамчун роҳи олӣ ва ягонаи расидан ба саодати ҳақиқӣ қабул мекунад, аммо инсон бояд дар ин роҳи душвор ҳамеша равон бошад ва таҳти таъсири ақли тамриншуда қарор гирад. Аз ин рӯ, ин мутафаккир тасаввуфро барои шарҳ додан ва тағйир додани роҳҳои фалсафӣ ва динӣ-ҳуқуқӣ ба сӯи саодат истифода бурда, айни замон мавқеи суфиёнро тавассути таълимоти исломӣ ва анъанаи фалсафӣ ошкор мекунад. Ӯ пайваста ишора мекунад, ки суфӣ бояд ҳамеша шариат ва амалияро риоя кунад ва ин амалро аввалин манзиле меҳисобад, ки дар роҳи сайр ба сӯи Ҳақ онро суфӣ интихоб кардааст (аломат ал-манзил ал-аввал мин манозил ас-соирин) [16, с.46].

Ба андешаи Ғазолӣ, агар суфиёни давраи аввал - Маккӣ, Сарроҷ ва Қушайрӣ [9, с.204], дар созиш додани ислом ва тасаввуф корро ба охир мерасониданд, айни замон тасаввур ва таассуроти маънавии суфиёна равшантар мебуд. Онҳо бояд шарҳҳои хусусии ратсионалӣ, назариявӣ ва илова бар он шарҳ додани таассуроти худ аз инро ба анҷом мерасониданд. Дар баробари ин, онҳо бояд таълимоти ҳам мусулмонӣ ва ҳам фалсафиро дар як кулли яктаркиба, ки ҳадафи ягона дорад, омезиш дода, ба ҳам мутобиқ мегардониданд. Муносибати ақлонии Ғазолӣ ба ирфон дар маҷмуъ қабул шуда, мутафаккирони мутааххири исломӣ ва аз ҷумла ҳамасрони ӯ, онро шарҳ додаанд.

Тавре, ки маълум аст, тасаввуф бо ахлоқ робитаи ногусастанӣ дорад ва ҳатто асоси онро ташкил медиҳад: «Бунёди этикаи тасаввуф тарзи зоҳидонаи ҳаёти суфӣ мебошад. Рад кардани ҳаёти заминӣ барои маърифати Ҳақ ин постулати асосии суфии мусулмон аст. Новобаста аз ин, расидан ба ҳолати пурраи зуҳд на танҳо бо рад кардани неъматҳои инҷаҳонӣ дар ҳадди аксар, балки тавассути иҷрои мунтазами амалияи динӣ муяссар мегардад, ки миёни онҳо паҳншудатарин зикрҳои ҷаҳрӣ (баланд) ва хиффӣ (махфиёна) мебошанд (яъне, зикри Ҳақ)» [18, с.124-129]. Ҷавҳари таълимоти ирфонии Ғазолиро низ, чунонки борҳо қайд намудем, ба мисли тасаввуф ахлоқ ташкил дода, онро на танҳо назарияи ахлоқӣ, балки консепсияи фазилати инсон, ё назарияи фазоил низ метавон ҳисоб намуд. Ғазолӣ «шинохти ваҳй» ва «шинохти амалияи динӣ»-ро аз якдигар фарқ мекунонад. Аввалиро, ба андешаи ӯ, на таҳлил кардан метавон ва на онро дар шакли баёни шифоҳӣ ва ё навишта ба қайд гирифт. Зеро охириро танҳо дар шакли шифоҳӣ баён кардан метавон ва аз сабаби он ки Ғазолӣ онро умуман бо ахлоқ ва ба хусус бо фазилат як чиз медонад, омӯзиши тасаввуфро низ ӯ моҳиятан омӯзиши фазилатҳои суфиёна меҳисобад. Он нафаронеро, ки Ғазолӣ дар шакли олии таҳзиби ахлоқӣ бо онҳо муносибат мекунад, метавон суфиёне номид, ки мақсади онҳо на илм, на биҳишт, балки қурби Ҳақ мебошад. Аз ин рӯ, «сифатҳои» хосае, ки ақаллияти суфиён метавонанд тавассути онҳо шакли махсуси саодати ниҳоиро ба даст оваранд, берун аз доираи фазилатҳои фалсафӣ ва динӣ-ҳуқуқӣ қарор доранд. Ин сифатҳои одамони камшуморро «фазоили суфиёна» меноманд, ки дар навбати аввал ба беҳбудии инсон дар робитаи махсуси худ бо Ҳақ дахл доранд ва фазилатҳои ахлоқӣ-ирфонӣ дар самти камолоти маънавии инсон низ аз ҷумлаи онҳоянд.

Ғазолӣ ин фазилатҳои суфиёнаро дар рубъи чаҳоруми «Эҳёу улуми-д-дин» ва ҳамчунин дар шакли хеле кӯтоҳ дар қисми чаҳоруми китоби «Китоб ул-арбаин ва усул-ад-дин» мавриди таҳлил қарор додааст, ки он шакли мухтасари китоби «Эҳёу улуми-д-дин» мебошад. Шарҳу тафсири муфассалтари он бо забони форсӣ, бо номи «Кимиёи саодат» мебошад, ки ба худи ҳамон фазилатҳои суфиёна бахшида шудааст. Аммо шумора ва тартиби ин фазилатҳои суфиёна дар ҳар ду китоб аз ҳам фарқ мекунанд [2].

Дар мавзуи фазилатҳои суфиёна таҳқиқи навафлотунӣ ва равоқии асли фалсафӣ, инчунин тасаввуфии Ғазолӣ метавонад барои омӯзиши баъзе масъалаҳо муфид ва дорои аҳамият бошад, вале дар баъзе масъалаҳои дигар, мутафаккир, ба андешаи мо, консепсияи ахлоқии худро оид ба фазилати инчон комилан теологӣ гардонидааст. Аввалин суоле, ки муҳаққиқи Ғазолӣ бояд ба он рӯ ба рӯ ояд, на он аст, ки оё ин ва ё он идеяи мушаххасро ӯ қабул кардааст ё не, балки он аст, ки ӯ чӣ гуна ин ҷаҳонбинии суфиёнаро дарк карда, аз он чӣ хулоса мебароварад. Барои ҷавоб гуфтан ба ин масъала ба даст овардани тасаввуроти ҳаматарафа дар бораи афкори Ғазолӣ мебошад, то муайян карда шавад, ки ӯ чӣ гуна анъанаҳои

гуногунро, ки манбаъҳои онҳо алаккай дар осори файласуфон, илоҳиётшиносон ва суфиён вуҷуд доранд, бо ҳам синтез мекунад.

Тартиби гуногуни фазилатҳои суфиёнаро дар осори Ғазолӣ метавон бо фазилатҳои дигар, ки мутафаккирони пешгузаштагони суфимашраб ас-Сарроҷ, ал-Маккӣ, Калободӣ, Қушайрӣ ва Ансорӣ ал-Ҳиравӣ муайян сохтаанд, муқоиса кард [11, с.507; 8, с. 176].

Тавре, ки болотар ишора карда шуд, Ғазолӣ ибораҳои «хулқ ҳасан» ва «хулқ маҳмуд»-ро барои ифода намудани худи ҳамон ашёе истифода мебарад, ки фазилатҳоро низ истифода бурдаанд. Аммо дар бораи фазилатҳои динӣ-ҳуқуқӣ сухан гуфта, мутафаккир аз ибораи сеюм дида, бештар ду ибораи болоиро («хулқ ҳасан» ва «хулқ маҳмуд») истифода мебарад. Инро бо далеле метавон шарҳ дод, ки барои муаллимони ахлоқи анъанавии исломӣ фазилат бештар ҳамчун «хулқи мамдуҳ», «хулқ ҳасан» ва «хулқ карим» муайян мешавад, аммо «фазилат» бошад, истилоҳест, ки файласуфони мусулмон одатан барои ифода намудани «накӯкорӣ» истифода бурдаанд [1, с.24]. Мушаххасан дар бораи фазилатҳои суфиёна сухан гуфта, Ғазолӣ онҳоро «ахлоқи маҳмуда» (сифатҳои беҳтарини ахлоқӣ) меномад. Дар муқаддимаи «Эҳёу улуми-д-дин» Ғазолӣ гуфтааст: аммо он чӣ ба рубъи ал-мунҷиёт (рубъи ашёе, ки ба сӯи наҷот мебаранд) ман таъкид кардаам, ки «хулқи мамдуҳ»-ро аллакай тавсиф намудаам. Дар «Китобу-л- арбаъин фи усули д-дин» ӯ ҳамон ибораҳоеро истифода кардааст, ки дар рубъи чаҳорум, ки ба фазилатҳои суфиёна бахшида шудаанд, омадаанд. Ғазолӣ ҳамчунин ин фазилатҳои суфиёнаро «сифоти наҷотбахш ё наҷотдиҳанда» - «ас-сифот ал-мунҷиёт» низ номидааст.

Илова бар ин, Ғазолӣ фазилатҳои суфиёнаи мазкурро фазоили «манозил» (истгоҳҳо) ва ё «мақомот»- тавба, сабр, шукр, хавф, раҷоъ, фақр, зуҳд, таваккул ва муҳаббат номгузорӣ кардааст, яъне онҳоро бо истилоҳҳое, ки дар анъанаи ирфонӣ ҷои бештар доранд, ифода намудааст. Аммо теъдоди мақомот дар тасаввуф мавриди баҳс қарор дошта, аксарият шумораи онҳоро ҳафт (тавба, вараъ, зуҳд, фақр, сабр, таваккул, ризо) медонанд. Дар асоси чунин унсурҳои таълимоти Ғазолӣ академик Диноршоев М. дар бораи тасаввуфи ӯ ба чунин натиҷа расидааст: «Ҳамин тавр, тамоми таълимоти тасаввуфии Ғазолӣ муҳри мақсади асосии ҷаҳонбинии ӯро, яъне ба ҳар васила таҳким бахшидани мавқеи исломро дорад» [1, с.120].

Чунонки борҳо таъкид гардид, фазилат асоси таълимоти ирфонӣ-ахлоқии Ғазолиро ташкил медиҳад ва мутафаккир дар ин самт асосан такя ба фаҳмиши арастуии он мекунад: «Асари Аристу «Этикаи Никомах» таҳлили муфассали накӯкориҳои инсонро фаро мегирад, ки фазилатро ташкил медиҳанд. Ба ақидаи файласуф, фазилати шахсият, қабл аз ҳама, ба тарбияи хуби ахлоқӣ такя карда, бо категорияи ифтихор робита дорад. Азбаски Аристу накӯкориро ҳамчун ченак, «васати тиллоӣ» байни ду нафси аз ҳад гузашта меҳисобад, эҳсоси фазилати худӣ ва худбаҳогузорӣ ба худ ҳамчун рефлексия дар ҳолати интихоби ахлоқӣ байни баландгирии худ (ғурур) ва паст шинохтани худ баромад мекунад» [13, с.84].

Ҳамин тариқ, барои муайян кардани моҳияти фазилатҳо Ғазолӣ аз мафҳуми фазилат, ки аксаран файласуфон онро истифода бурдаанд, ба истифодаи мафҳумҳои «хулқи ҳасан» ва «хулқи маҳмуд» мегузарад, зеро муаллимони анъанавии ахлоқ ба сифот ва мақом афзалият медиҳанд, ки чунин мавқеъ ба тасаввуф наздиктар аст. Аммо истилоҳи «хулқи ҳасан» дар таълимоти Ғазолӣ, зоҳиран, ифодаи марказӣ мебошад, ки тамоми истилоҳҳоти дигарро бо ҳам иртибот медиҳад, зеро он дар тули тамоми тавзеҳоти Ғазолӣ оид ба фазилатҳои фалсафӣ, динӣ-ҳуқуқӣ ва суфиёна мавриди истифода қарор дорад.

Таърифи Ғазолӣ аз фазоил, яъне фазилатҳо, сифатҳои ахлоқ ва сифати наҷот аз истифодаи истилоҳоти оддӣ болотар аст. Сифоти суфиёна, ба мисли фазоили суфиёна, воситае барои ба даст овардани саодат мебошанд. Файласуфон шавқу рағбатро ҳамчун маводи фазоил мефаҳмиданд. Сарфи назар аз ин, дар асоси аксарияти сифатҳои суфиёна (аз ҷумла, тарс, умед ва ишқ) [1, с.505] шавқу рағбат қарор доранд. Муҳаббат охирини онҳо ва фазилати олитарини ирфонӣ мебошад, ки инсон метавонад онро дар тули зиндагии худ ба даст оварад.

Вобаста ба ин таъкид бояд кард, ки ба андешаи Аристу, шавқу рағбат инҳоянд: «хоҳиш, ғазаб, тарс, яқин, вобастагӣ, шодӣ, дӯстӣ, бадбинӣ, иштиёқ, ҳасад, дилсӯзӣ ва умуман ҳама он ҳолатҳои шуур, ки онҳоро лаззатҳо ва дарду алам ҳамроҳӣ мекунанд» [14, с.2.5.1.]. Аристу таъкид мекунад, ки онҳо на фазилатҳоянд, на нуқсон ва на шавқу рағбат, зеро мо онҳоро на

дар асоси шавқу рағбатҳо - хайр ва шар чунин меномем, балки дар заминаи фазилатҳо ва разилатҳоямон (нуқсонҳоямон) ба онҳо ном мегузорем. Дар чунин ҳолат моро на ситоиш мекунанд ва на барои шавқу рағбатҳоямон инкор мекунанд, масалан касеро, ки тарсӯӣ ва ғазабнокӣ аст ва ё касеро на барои он инкор мекунанд, ки ӯ ғазабро ҳис мекунад, аммо касе онро дар шакли муайяне аз сар мегузаронад, ситоиш намекунанд, аммо моро барои фазилатҳо (фазоил) ва нуқсонҳоямон (разоиламон) ё ситоиш, ё ки инкор мекунанд [7, с.2.5.].

Танҳо замоне, ки шавқу рағбатҳо ба таври муайян эҳсос мешаванд, онҳо, ба ақидаи Ғазолӣ, метавонанд ба фазилат табдил шавад. Фазилат - ҳолати хулқ мебошад. Он бо шавқу рағбат ва амалҳое алоқаманд мебошад, ки дар онҳо зиёдаравиҳо ва нуқсонҳо инкор мешаванд, аммо ҳадди миёнаи онҳо ситоиш мешаванд, ки ин яке аз шаклҳои муваффақият мебошад. Ҳам қабули ситоиш, ҳам ситоишҳои ба даст омада ва ҳам муваффақият барои фазилатҳо хос мебошанд, ки бо интихоби он, чи дар миён дар нисбати мо қарор дорад, рабт доранд [7, с.2.5.].

Вақте сухан дар бораи фазилатҳои фалсафӣ меравад, Ғазолӣ аз мавқеи арастуӣ пайравӣ мекунад ва ин дар боби аввали диссертатсия низ зикр шуда буд. Аммо зимни муроҷиат ба фазилатҳои суфиёна мутафаккир роҳи худро тамоман дигар кардааст. Ӯ ба таври муфассалтар ва дақиқтар ба баррасии шавқу рағбатҳо пардохта, худи ҳамон шавқу рағбатҳоеро фаро мегирад, ки дар асоси онҳо фазилатҳои фалсафӣ ҷой дошта, дар китоби «Риторика»-и Арасту омадаанд ва ин навъи фазилатҳоро дар партави андешаҳои худ оид ба қаробат бо Ҳақ баррасӣ менамояд. Чунин аст тавлиди фазилатҳои «нав»-и Ғазолӣ, ки мо онҳоро фазоили суфиёна ё фазилатҳои ирфонӣ, ки ба камолоти маънавии инсон мебаранд, ҳисоб мекунем. Масалан, аз он ки файласуфон маргро ҳамчун объекти бузургтарини тарс баррасӣ менамоянд, онҳо ба хулосае меоянд, ки марг нуқсон, разолат мебошад, ки ба фазилати шуҷоат мувофиқат менамояд. Аз дигар ҷониб, Ғазолӣ худи ҳамон шавқро дар партави муносибати инсон ба Ҳақ баррасӣ менамояд, ки аз он бояд ҳам дар ин ҷаҳон ва ҳам дар он ҷаҳон тарсид ва хулоса баровард, ки ҳолати саҳеҳи ахлоқ, ҳолати «тарс аз Ҳақ» мебошад. Ҳамин тариқ, шавқу рағбатҳо аз сатҳи оддитар ба сатҳи олитар боло бардошта мешаванд, ки зимни шарҳи «фазоили фалсафӣ» ба онҳо мансуб дониста мешуд. Айнан ҳамин тавр, Ғазолӣ «таарруз»-ро интихоб мекунад, ки одатан ҳамчун истилоҳ ба маънои робитаи инсон ба наздикон фаҳмида мешавад ва онро аз зерматн, контексти сиёсӣ таҷрид, абстрактсия намуда, дар истилоҳоти консепсияи худ шаклашро ба истилоҳи қурби Ҳақ тағйир медиҳад. Масалан, Ғазолӣ «эътимод»-ро ҳамчун зуҳурот ба наздикони худ гирифта, онро шаклан дар нисбати робитаи махсуси инсон ба Ҳақ тағйир медиҳад ва бо ҳамин тарз фазилати суфиёнаро ҳамчун «эътимод ба Ҳақ» муқаррар менамояд.

Илова бар ин, Ғазолӣ ин фазилатҳоро низ тибқи методҳои мушобеҳе, ки фазилатҳои фалсафӣ муайян карда шудаанд, бо ҳамон тарз муқаррар месозад. Тағйироти ягонае, ки ӯ ворид менамояд, ба объект ва ҳадафи фазилатҳо дахл дорад. Ҳадафи ниҳоӣ, ба андешаи Ғазолӣ, ин аст, ки то ҳадде имкон ҳаст, комилан худро ба шавқу рағбати олӣ, аз ҷумла, ишқи Ҳақ бахшида тавонад ва тақозои тасфияи нафс ва озод кардани онро аз ҷисм кунад. Аз он ки ин шавқу рағбат хусусӣ мебошанд, ҳадафи фазилатҳои суфиёна аз доираи фаъолияти инсонӣ берун мебароянд: онҳо инсонро на танҳо аз ҷисм, балки аз шаҳрнишинӣ (тавассути инзивоҷӯӣ, гӯшанишинӣ, зовиянишинӣ) низ озод менамоянд. Ин нишон медиҳад, ки «фаъолияти амалӣ-маънавии суфиёни мутақаддам, ки ба барканорӣ аз дунёи моддӣ (зуҳд) равона шуда буд, қадами нахустин дар анъанаи тасаввуфӣ барои ҳалли масъалаи маърифати Худои транстсендентӣ буд. Ҳамчун заминаи зарурӣ барои ин ҳадсҳои қуръонии хислати онтологӣ ва гносеологи дошта хизмат карданд» [17, с.7].

Сифатҳои суфиёнаро ҳамчун фазилатҳо муайян карда, Ғазолӣ таъкид мекунад, ки ӯ онҳоро характеристикаи асосӣ меҳисобад. Ба андешаи Ғазолӣ, ҳар яке аз ин фазилатҳо се унсури пай дар пай паси ҳам меомадаро шомил аст. Якум, илме, ки пайдо мекунад, дуюм ҳолати равонии махсусе, ки дар навбати худ амали сеюм - дар амал татбиқ карданро тақозо мекунад [7] ва онҳоро аз ҳам фарқ мекунонад. Куллан эҳтимоли он вуҷуд дорад, ки бо чунин фаҳмиш Ғазолӣ бо осори Ибни Сино оид ба шавқу рағбатҳо шиносоӣ доштааст. Ғазолӣ ин нишонаҳои умумиро дар чандин ҷойи рубъи чаҳоруми «Эҳёу улуми-д-дин» ёдовар шуда, [1,

с.12] аз шарҳи «ҳол» - «ҳолат» оғоз мекунад, ки зери он ҳолати шахсиро дар назар дорад.

Новобастагии Ғазолӣ аз тавсифи ирфонии ин фазилатҳои суфиёна нисбатан муқаддамтар аст, зеро ӯ таълимоти ғайрииирфониро барои шарҳи мафҳумҳои суфиёна истифода бурдааст. Чунин таҳлили унсурҳои фазилатҳои суфиёна, табиист, ки ба анъанаи тасаввуфӣ, ирфонӣ мансуб аст. Аммо, вақте ки ӯ чор унсури асосиро дар робита бо фазилатҳои фалсафӣ, аз ҷумла, қобилият, илм ва амалро номбар карда, категорияи қувваро (ки файласуфон аз он истифода мебурданд - Ҳ.Н.) аз фазилатҳои суфиёна дур мекунад, вале сабабҳои чунин рафтори худро зикр накардааст. Танҳо метавон тахмин кард, ки ҳарчанд ки қобилияти равонӣ барои системае муҳим мебошад, ки қабл аз ҳама, аз ақл вобаста мебошад, нисбат ба ин амал дорои маънои дуюмдараҷа буда, ба мусоидати Ҳақ такя мекунад. Илова бар ин, дар рафти муҳокимаи фазилатҳои фалсафӣ Ғазолӣ тасдиқ мекунад, ки фазилат танҳо ба ҳол аз чор унсури дар боло зикршуда мансуб буда, сетои онҳоро мутафаккир ҳамчун омилҳои зарурии фазилатҳои суфиёна баррасӣ менамояд. Ба назар мерасад, ки таъкиде, ки Ғазолӣ ин ҷо дар се унсури асосӣ мекунад, самтгирии (ориентатсияи) назариявӣ мебошад, ки онро ӯ ба муҳокимаҳои худ ворид кардааст, то ки фазилатҳои суфиёнаро равшан кунад ва ҳамаи ин, одатан, дар ҳидоятҳои суфиёна дар шакли пароканда вуҷуд доранд. Сарфи назар аз ин, дар рафти шарҳи муфассали худ баъзе фазилатҳоро худи Ғазолӣ ҳамчун чизе ҷудо мекунад, ки аз ҳама дурусттараш онҳоро метавон фазоил, фазилатҳо номид ва илм он аст, ки ба сӯи онҳо мебарад, аммо амал маҳсулу натиҷаи фазилатҳо мебошад.

Тибқи андешаи Қушайрӣ, маънои мақом марҳалаи маънавии мубтадеъ дар роҳ ба сӯи Ҳақ мебошад, ки натиҷаи саъю талошҳои шахсии суфӣ аст, дар сурате, ки ҳол ин кайфиати маънавиест, ки на аз суфӣ, балки аз Ҳақ вобаста аст: «Ҳол» - ин ҳадя мебошад, аммо «манозил» - ин музди кор аст» [14, с.55]. Дар маҷмуъ, аҳли тасаввуф ба саъю талоши нафс тавассути расидан ба манозил исрор варзида, ҳамчунон роҳи ба даст овардани «ҳол»-ро таъкид кардаанд. Ба ғайр аз ин, манозил нишонаи хоси нафс мебошад, на «ҳоли гузаранда». Ҳол дар ин ҷо ба истилоҳи ҳаё монанд аст, ки Ғазолӣ онро зимни баррасии фазилатҳои фалсафӣ, истифода намудааст. Ҳаё ҳамчунин мавқегирии мусбат мебошад, ки дар натиҷаи илм пайдо шуда, дар навбати худ амал ва фаъолиятро тавлид менамояд [1, с.104], он доимӣ набуда, балки ҳолати гузаранда мебошад.

Ас-Сарроҷ, муаллифи машҳури ҳидояти мутақаддами тасаввуф «манозил»-ро ҳамчун одатҳои ахлоқӣ ва «ҳол»-ро ҳамчун ҳолати равонии ақл баррасӣ менамояд [5, с.180-181]. Ба андешаи Ғазолӣ, баръакс, фарқи байни мақомот ва ҳол на аз характер, балки аз дараҷа вобаста аст. Вақте, ки хосияти характер доимӣ шуда маҳфуз монад, аз як ҷониб, ин манзил ва аз ҷониби дигар, ин ҳолат аст. [1, с.107] Ин таъриф дар «Ал-Имло», асаре, ки Ғазолӣ барои ҳимоя ва шарҳи истилоҳоти «Эҳёу улуми-д-дин» навиштааст, такрор шудааст. Чунин ақида дар бораи ҳол ва вазъ нишон медиҳад, ки танҳо ҳолатҳо (аҳвол) метавонанд ҳамчун фазилат баррасӣ шаванд, зеро устуворӣ маҳз характеристикаи муҳими фазилат мебошад. Аз ин рӯ, Ғазолӣ фазилатҳои суфиёнаро манозил меномад. Масалан, ӯ онҳоро «манозили онҳое, ки дар роҳи Худо мераванд» ва «манозил ад-дин» номида, зимни шарҳи мафҳуми дин, Ғазолӣ мегӯяд, ки ҳама мақомоти дин ҷуз ба се кор интизом напазирад: маориф, аҳвол ва аъмол» [1, с.107].

Аз сабаби он ки манзилҳо ва ҳолҳои гуногун бо якдигар марбут мебошанд ва ҳар як суфӣ дорои таълимоти хусусии худ доир ба таҳзиби нафс мебошад, аҳли тасаввуф дар таъриф додани манозил ва ҳол аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Ҷойгиркунонии хусусӣ ин мақомот аст, аммо Ғазолӣ шумораи мушаххаси онҳоро зикр накардааст, ҳамон тавре, ки ин корро баъзе суфиёни то замони ӯ анҷом додаанд (масалан, Ал-Маккӣ тасдиқ мекунад, ки шумораи онҳо нӯҳ адад мебошад) [4, с.364]. Сарфи назар аз ин, тасаввурот дар бораи тартиб ва ё табақабандии фазилатҳои суфиёнаро Ғазолӣ ҳифз мекунад, яъне дар бораи он ки кадоме аз ин фазилатҳо бояд аввалин шуда ба даст оварда шавад, аз кадомаш бояд пайравӣ бикунад ва ахиран, кадоме аз онҳо фазилати олӣ мебошад, ки онро бояд ба даст овард мутафаккир бисёр сухан мекунад. Ӯ бо андешаи бисёре аз суфиёни сатҳи аввал дар бораи он ки «тавба» аввалин мақоми мубтадеъ (навкор) аст, розӣ мебошад. Дар қутби дигар, Ғазолӣ аз дунболи ал-Маккӣ муҳаббатро ҳамчун ҳоли имкондори инсон дар ин ҳаёт медонад. Ба андешаи Ғазолӣ, тавба,

сабр, шукр, раҷо, тарс, фақр, зуҳд, тавҳиди илоҳӣ ва итминон дар ин тартиб ба сӯи муҳаббат мебаранд, дар ҳоле, ки шавқ, қурб ва қаноатмандӣ «самар» ё «ҳосил»-и муҳаббат мебошанд [1].

Фазилатҳое, ки ба сифати мақомот машҳуранд, фазоили асосии суфиёна мебошанд, зеро онҳо ба сифати мавқеи асосӣ хизмат мекунад ва суфӣ маҳз онҳоро бояд дар роҳи саодати олӣ ба даст оварад. Дар ин масъала Ғазолӣ бо Маккӣ мувофиқ аст.

Ғазолӣ ин шаш фазилатро дар охири «Эҳёу улуми-д-дин», баъди анҷом додани муҳокимаи худ дар бораи муҳаббат ва натиҷаҳои дуюмдараҷаи он овардааст. Дар шарҳи ӯ, гузариш байни муҳаббат ва ният, ки яке аз аввалин фазилатҳо мебошад, вуҷуд надорад. Дар ҳақиқат, вақте ки Ғазолӣ тартиби ин фазилатҳоро, ки ба суи муҳаббати Ҳақ мебаранд, медиҳад, ҳеҷ кадоме аз ин шаш фазилати суфиёнаро зикр намекунад [1, с.629-765]. Аммо дар «Кимиёи саодат» Ғазолӣ (ин шаш фазилатро ҳамчунон ки дар Эҳёу улуми-д-дин» ба тартиб даровардааст) ҳамаи онҳоро баъди «зуҳд» ва қабл аз «тавҳиди илоҳӣ» ҷойгир кардааст [8, с.176] , вале дар китоби «Китобу-л-арбаъин фи усули-д-дин» ӯ се фазилати аввалиро дар байни шукр ва ихлосу сидқ ҷойгир карда, се фазилати дигарро умуман ном набурдааст [12, с.206-217]. Оне, ки Ғазолӣ ин шаш фазилатро пешу қафо ҷойгир мекунад ва ҳар дафъа ӯ онҳоро ҳамчун гурӯҳ бо худи ҳамон тартиб пешниҳод мекунад, тахмин меравад, ки онҳо бо кадом як тарзе як гурӯҳи бо ҳам муттаҳидро хориҷ аз фазилатҳои асосии суфиёна ташкил медиҳанд. Ғазолӣ фазилатҳои суфиёнаи тавсифшавандаро ҳамчун воситаи ба вуҷуд овардани дастгирӣ ва ба камолрасонии инсон тавассути фазилатҳои асосии суфиёна баррасӣ менамояд. Дар ин муносибат онҳо ба ҳама фазилатҳои суфиёна баробар тааллуқ доранд. Аз сабаби он, ки инсон метавонад дар тавбаи худ содиқ бошад, вақте ӯ муҳаббатро ба даст меорад, метавонад дар муҳаббати худ низ содиқ бимонад. Ахиран, ҳарчанд ки Ғазолӣ ин гурӯҳи фазилатҳоро аз фазилатҳои асосии суфиёна ҷудо мекунад, чунин ба назар мерасад, ки онҳо қабл аз ҳама, ба муносибатҳои ботинии қувваҳо дар ботини нафс дахл доранд. Пас, хислати асосии ин шаш фазилати суфиёна аз омода кардани роҳ ва таъмин гардонидани асоси равонӣ барои фазилатҳои асосии суфиёна мебошад.

Хулоса, Ғазолӣ тасаввуфро ҳамчун ҷараёне, ки ҳам назария ва ҳам амалияро дар бар гирифтааст, қабул карда, барои омезиш додан, синтези он бо ғояҳои исломӣ кӯшиш кардааст. Ӯ тасаввуфро ҳамчун роҳи олӣ ва ягонаи расидан ба саодати ҳақиқӣ шинохта, бо истифода аз усулҳои таҳқиқи навафлотунӣ ва равоқии фалсафӣ фазилатҳои суфиёнаро ҳамчун «ахлоқи маҳмуда» тавсиф мекунад, ки аз фазилатҳои ахлоқӣ-ирфонӣ мебошанд. Ин фазилатҳо фазоили «манозил» ва ё «мақомот» (тавба, сабр, шукр, хавф, раҷоъ, фақр, зуҳд, таваккул ва муҳаббат) буда, ҳамчун «сифоти наҷотбахш» ва фазилатҳои ахлоқӣ-ирфонӣ дар самти камолоти маънавии инсон нақши муҳимро иҷро мекунанд. Онҳо фазилатҳои асосии суфиёна ба шумор рафта, дар қатори фазилатҳои кӯмаккунанда ё ёрирасон дар омода кардани нафс барои расидан ба камолот хизмат мекунанд.

**_Адабиёт:_**


1. Абуҳомид Муҳаммад ибни Муҳаммади Ғазолӣ, Эҳѐу улуми-д-дин, ҷ.1., Рубъи ибодот. Тарҷумаи Муайядуддин Хоразмӣ, ба кушиши Ҳусайн Хадивҷем, Теҳрон, 1375, чопи чаҳорум, - 765 с.
2. Абуҳомид Муҳаммади Ғазолӣ. Кимиѐи саодат. ҷилди аввал -Душанбе: «Эр-граф», 2008. - 670 саҳ. ва ҷилди дуввум -Душанбе: «Эр-граф», 2008. - 666 саҳ. таҳияи Дӯстмуҳаммади Дӯст ва Қудратбек Элчибеков.
3. Акаев В.Х. Суфизм в контексте арабо-мусульманской культуры. Автореферат диссертации на соискание ученой степени доктора философских наук. - Ростов-на-Дону, 2004. - 46 с.
4. Ал Маккӣ, Қут ал-қулуб, ал-Қоҳира, 1310 ҳ.
5. ал-Хуҷвирӣ, Кашф ал-махҷуб, пер. Рейнольд А. Николсон М., тарҷумаи он ба забони русӣ Орлова А. «Раскрытие скрытого», М., «Единство» 2004, с.180-181.
6. Арберри А.Дж. Суфизм. Мистики ислама. М., 2002. - 272 с.
7. Аристотель, Никомахова этика// Аристотель, Сочинения в четырех томах, Т., 4, АН СССР, Институт философии, Изд. «Мысль», М., 1983,
8. Бадави А. Муаллафоту-л-Ғаззоли, ал-Кувайт, 1977. 425 с.
9. Ғаззолӣ М., Мизону-л-амал (Тарозӯи кирдор), мусаҳҳеҳ дуктур Сулаймон Дунѐ, мутарҷим

Алиакбар Касмой, Суруш, Теҳрон, 1374. с.76.
10. Ғаззолӣ М., Мунқиз мина-з-зилол, Ат-табъату-л-хомиса, 1380, с. с. 81,
11. Ғазолӣ Муҳаммад. Кимиёи саодат. 2 ҷ. Нашри 2. Теҳрон: Китаб-фуруши ва чопханаи марказӣ, 1333/1954 (форсӣ).
12. Имом Муҳаммади Ғаззолӣ, Китоб-ул-арбаъин, тарҷума аз арабӣ, Бурҳониддин Ҳамдӣ, ношир Ройзании фарҳангии Сафорати ҶИ Эрон дар Тоҷикистон, Душанбе, 2007, с.119-179.
13. Козлова И.В. Историко-философский анализ проблемы формирования человеческого достоинства // Философская мысль. - 2022. - № 2. - С. 83-90.
14. Қушайри, ар-Рисолату ал-қушайрия, ал-Қоҳира, 1367, 780 с.
15. Макарова Н.Г. Теоретические аспекты изучения характера личности с позиции отечественных психологов // Приоритетные научные направления: от теории к практике. - 2013. - № 6. - С. 50-58.
16. Насыров И.Р. К вопросу о критике философии Абу Хамидом ал- Газали, Жур. Вопросы философии, №8(3). 2009. -С. 60-77.
17. Насыров И.Р. Онтологические и гносеологические основания исламского мистицизма (генезис и эволюция). Автореферат диссертации на соискание ученой степени доктора философских наук. - Москва, 2007. - 49 с.
18. Течиев И.И. Этические основы суфизма как аскетического течения в исламе // Ученые записки Крымского федерального университета имени В. И. Вернадского. Философия. Политология. Культурология. - 2016. - № 3. Том 2 (68). - С. 118-126.
19. Ҷамолиддин Ҳумой. Ғазолинома: шарҳи ҳол ва осор ва ақоид ва афкори адабӣ ва мазҳабӣ ва фалсафӣ ва ирфонӣ Имом Абуҳомид ибни Муҳаммад ибни Муҳаммад ибни Аҳмад Ғазолии Тусӣ (мутавалид 450- мутавафо 505). Табъи дуввум бо таҷдиди назар ва изофот. 1383, с.240-269.

## ФАЗИЛАТҲОИ АХЛОҚӢ ВА ИРФОНӢ ДАР ТАКОМУЛИ МАЪНАВИИ ИНСОН

Дар мақолаи мазкур ду ҷанбаҳои таълимоти ахлоқии Имоми Ғазолӣ баррасӣ мешаванд: ахлоқи умумӣ, ки бар калом ва дин асос ёфтааст, ва ахлоқи ирфонӣ, ки аз омезиши дин, фалсафа ва махсусан тасаввуф иборат аст. Муаллиф таваҷҷуҳи хоса ба фазилатҳои суфиёна зоҳир мекунад, ки ба назари Ғазолӣ инсонро ба саодати ниҳоӣ — дидани Ҳақ дар охират — мерасонанд. Мавқеи Ғазолӣ нисбат ба тасаввуф, шиносоии ӯ бо осори Абутолиби Маккӣ ва дигар суфиён, инчунин нақши онҳо дар ташаккули андешаҳои ӯ таҳлил мешавад. Таҳқиқ нишон медиҳад, ки тасаввуф барои Ғазолӣ на танҳо амал, балки роҳи маърифати маънои пинҳонии аҳкоми илоҳӣ мебошад. Фазилатҳои суфиёна ҳамчун воситаи фаҳмиши амиқи фарҳанги маънавии исломӣ ва пайвастани маърифатҳои ирратсионалӣ ва ақлонӣ арзёбӣ мешаванд.

**Калидвожаҳо**: ахлоқ, ирфон, илм, калом, ҷомеа, фалсафа, мазмун.

## НРАВСТВЕННЫЕ И МИСТИКО-ЭТИЧЕСКИЕ ДОБРОДЕТЕЛИ В УЧЕНИИ АБУХОМИДА ГАЗАЛИ

В данной статье рассматриваются два аспекта этического учения аль-Ғазали: общая мораль, основанная на теологии, и ирфано-этическое учение, представляющее собой синтез религии, философии и суфизма. Особое внимание уделяется суфийским добродетелям, которые, по мнению мыслителя, ведут к высшему счастью — видению Истины в загробной жизни. Автор анализирует отношение Ғазали к суфизму, его признание суфийского пути как истинного, а также влияние трудов Абутолиба ал-Макки и других суфиев на формирование взглядов Ғазали. Исследование показывает, что суфизм для Ғазали — не просто духовная практика, а способ постижения скрытого смысла божественных предписаний. Через призму суфийских добродетелей раскрывается вклад Ғазали в развитие исламской духовной культуры и его стремление к синтезу рационального и иррационального познания.

**Ключевые слова:** этика, мистицизм, наука, слово, общество, философия, содержание.

## MORAL AND MYSTICAL-ETHICAL VIRTUES IN THE TEACHINGS OF ABU HAMID AL-GHAZALI

This article explores two dimensions of Imam al-Ghazali’s ethical teachings: general morality rooted in theology, and mystical-ethical teachings formed through a synthesis of religion, philosophy, and Sufism. The

focus is on Sufi virtues, which, according to al-Ghazali, guide a select few toward ultimate happiness — the vision of Truth in the afterlife. The study analyzes al-Ghazali's relationship with Sufism, his recognition of the Sufi path as the truest way, and the influence of works by Abu Talib al-Makki and other Sufi masters on his thought. Sufism, for al-Ghazali, is not merely a spiritual practice but a method of uncovering the hidden meanings of divine commandments. Through the lens of Sufi virtues, the article reveals al-Ghazali's contribution to Islamic spiritual culture and his effort to synthesize rational and mystical forms of knowledge.
**Keywords:** ethics, mysticism, science, word, society, philosophy, content.

**Дар бораи муаллифон**

Файзуллоев Ғайратулло Фатҳуллоевич
номзади илмҳои фалсафа, дотсент, мудири кафедраи илмҳои ҷамъиятшиносӣ
Донишкадаи исломии Тоҷикистон ба номи Имоми Аъзам — Абуҳанифа
Сӯроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, н. Сино, кӯчаи Низоми Ганҷавӣ
E - mail.: fath-83@mail.ru

Насриддинов Ҳукмиидин Насриддинович
муаллими калони кафедраи улуми исломӣ
Донишкадаи исломии Тоҷикистон ба номи Имоми Аъзам - Абуҳанифа
Сӯроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, н. Сино, кӯчаи Низоми Ганҷавӣ.
Тел: (992) 907-07-32-88

**Об авторах**

Файзуллоев Гайратулло Фатхуллоевич
кандидат философских наук, доцент, заведующий кафедрой общественных наук
Исламский институт Таджикистана имени Имома Аъзама - Абуханифа
Адрес: Республика Таджикистан, г. Душанбе, р-н Сино, ул. Низами Гянджави
E-mail: fath-83@mail.ru

Насриддинов Хукмиддин Насриддинович
старший преподаватель кафедры исламских наук
Исламский институт Таджикистана имени Имома Аъзама - – Абуханифа
Адрес: Республика Таджикистан, г. Душанбе, р-н Сино, ул. Низами Гянджави
Тел.: (992) 907-07-32-88

**About the Authors**

Faizulloev Ghairatullo Fathulloevich
Candidate of Philosophical Sciences, Associate Professor, Head of the Department of Social Sciences
Islamic Institute of Tajikistan named after Imam Azam - Abuhanifa
Address: Republic of Tajikistan, Dushanbe, Sino District, Nizami Ganjavi Street
E-mail: fath-83@mail.ru

Nasriddinov Khukmiddin Nasriddinovich
Senior Lecturer, Department of Islamic Sciences
Islamic Institute of Tajikistan named after Imam Azam – Abuhanifa
Address: Republic of Tajikistan, Dushanbe, Sino District, Nizami Ganjavi Street
Tel.: (992) 907-07-32-88

ТДУ 347.7:004.8:330.341.1

# ҶАНБАҲОИ ҲУҚУҚИИ ТАЪСИРИ ЗЕҲНИ СУНЪӢ БА РУШДИ СОҲИБКОРӢ ДАР ШАРОИТИ ИҚТИСОДИ РАҚАМӢ

***Сангинзода Д.Ш.***
*Донишгоҳи милии Тоҷикистон*
***Рофиева А.Ҳ.***
*Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон*

Дар шароити иқтисоди рақамӣ, зеҳни сунъӣ ҳамчун омили асосии навоварӣ ва рушди соҳибкорӣ баромад мекунад. Зеҳни сунъӣ имкон медиҳад, ки равандҳои тиҷоратӣ автоматӣ карда шаванд, қарорҳои дақиқ қабул карда шаванд ва моделҳои нав ташкил карда шаванд. Аммо ин таъсир ҷанбаҳои ҳуқуқӣ дорад, ки ҳанӯз пурра танзим нашудаанд [1, с. 90].

Зеҳни сунъӣ системаҳои компютериро дар бар мегирад, ки қобилияти омӯзиш, таҳлил ва қабули қарорҳоро доранд. Дар иқтисоди рақамӣ, зеҳни сунъӣ ҳамчун воситаи трансформатсияи рақамӣ истифода мешавад, ки ба тиҷорат имкон медиҳад, ки маълумотҳои калонро коркард кунад ва равандҳоро оптимизатсия намояд [6, с. 220]. Масалан, зеҳни сунъӣ дар соҳаҳои молия, маркетинг ва логистика татбиқ мешавад, ки ҳосилнокиро афзоиш медиҳад ва хароҷотро кам мекунад [7, с. 50].

Иқтисоди рақамӣ ба технологияҳои рақамӣ такя мекунад, ки зеҳни сунъиро ҳамчун омили асосӣ дар бар мегирад. Ин таъсир ба соҳибкорӣ мусоидат мекунад, аммо ҳамзамон масъалаҳои ҳуқуқӣ, ба монанди ҳифзи ҳуқуқҳои муаллифӣ ва махфияти маълумотҳоро ба миён меорад [4, с. 70].

Зеҳни сунъӣ ба рушди соҳибкорӣ тавассути автоматӣ кардани равандҳо, беҳтар кардани таҷрибаи муштариён ва эҷоди моделҳои нав мусоидат мекунад. Дар тиҷорати хурд, зеҳни сунъӣ барои трансформатсияи рақамӣ истифода мешавад, ки самаранокиро афзоиш медиҳад ва имкониятҳои нав эҷод мекунад [2, с. 134]. Масалан, чат-ботҳо ва системаҳои таҳлилӣ ба тиҷорат кӯмак мерасонанд, ки муштариёнро беҳтар хидмат расонанд.

Дар шароити рақамӣ, зеҳни сунъӣ моделҳои тиҷоратиро тағйир медиҳад, ки ба афзоиши фурӯш ва навоварӣ оварда мерасонад [12, с. 49]. Аммо ин таъсир таваккалҳои ҳуқуқӣ дорад, ба монанди масъулият барои хатоҳои системаҳо [3, с. 46]. Дар Тоҷикистон ва дигар кишварҳо зеҳни сунъӣ барои навоварӣ истифода мешавад, аммо ҳанӯз танзими пурра вуҷуд надорад.

Ҷанбаҳои ҳуқуқӣ асосан ба ҳифзи маълумотҳо, масъулият ва танзими зеҳни сунъӣ марбутанд. Дар ҳолатҳои истифодаи зеҳни сунъӣ дар соҳибкорӣ таваккалҳои ҳуқуқӣ, ба монанди вайрон кардани махфият ва табъиз вуҷуд доранд. Масалан, дар ҳолатҳои ҳодисаҳои марбут ба мошинҳои худгард масъулият ба операторҳо вогузор мешавад [5, с. 3367].

Танзими ҳуқуқӣ дар кишварҳои гуногун фарқ мекунад. Дар Иттиҳоди Аврупо Низомномаи умумии ҳифзи маълумот (GDPR) ҳифзи маълумотҳоро таъмин мекунад. Низомномаи умумии ҳифзи маълумот аз ҷониби Иттиҳоди Аврупо қабул шуда, аз 25 майи соли 2018 амал мекунад. Он барои танзими коркард, нигоҳдорӣ ва истифодаи маълумотҳои шахсии шаҳрвандони Иттиҳоди Аврупо дар дохил ва берун аз Иттиҳоди Аврупо таҳия шудааст [4, с. 70]. GDPR яке аз мукаммалтарин қонунҳои ҳифзи маълумот дар ҷаҳон ба шумор меравад ва ба ҳифзи ҳуқуқҳои шахсони воқеӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ нигаронида шудааст. GDPR дар вобастагӣ ба таъсири зеҳни сунъӣ ба соҳибкорӣ аҳамияти махсус дорад, зеро зеҳни сунъӣ аксар вақт бо маълумотҳои калон кор мекунад, ки метавонад маълумотҳои шахсиро дар бар гирад.

Муқаррароти асосии GDPR чунинанд:

1. Принсипҳои коркарди маълумот - қонуният, шаффофият ва адолат; маълумот бояд бо роҳи қонунӣ ва шаффоф коркард шавад; маълумот бояд танҳо барои мақсадҳои муайяншуда истифода шавад; танҳо маълумоти зарурӣ бояд ҷамъоварӣ ва коркард шавад; маълумот бояд дақиқ ва нав бошад; маълумот набояд аз муҳлати зарурӣ зиёд нигоҳ дошта шавад; тадбирҳои муносиб барои ҳифзи маълумот бояд андешида шаванд.

2. Субъектҳои маълумот дорои чунин ҳуқуқҳо мебошанд: ҳуқуқи дастрасӣ - шахс метавонад маълумотро дар бораи коркарди маълумотҳои худ талаб кунад; ҳуқуқи ислоҳ - шахс метавонад маълумоти нодурустро ислоҳ кунад; ҳуқуқи нест кардан (“ҳуқуқи фаромӯшӣ”) - шахс метавонад талаб кунад, ки маълумотҳояш нест карда шаванд; ҳуқуқи маҳдуд кардани коркард - дар баъзе ҳолатҳо, шахс метавонад коркарди маълумотро маҳдуд кунад; ҳуқуқи интиқолпазирии маълумот - шахс метавонад маълумоташро дар формати сохторбандшуда талаб кунад.

3. Ҷавобгарӣ субъектони муносибатҳои зеҳни сунъӣ: корхонаҳо бояд мувофиқати худро бо GDPR исбот кунанд (принсипи “ҳисоботдиҳӣ”); ҳатмӣ будани таъйин кардани нозири ҳифзи маълумот (Data Protection Officer) барои ширкатҳои калон ё онҳое, ки бо маълумотҳои ҳассос кор мекунанд; дар сурати вайронкунии маълумот, ширкатҳо бояд дар давоми 72 соат мақомоти дахлдорро огоҳ кунанд; Барои вайрон кардани меъёрҳои GDPR ширкатҳо метавонанд то 20 миллион евро ё 4% аз гардиши солонаи ҷаҳонии худ (кадомаш калонтар бошад) ҷарима шаванд.

GDPR ба соҳибкороне, ки зеҳни сунъиро истифода мебаранд, ҳам имкониятҳо ва ҳам мушкилот пеш меорад. Имкониятҳо дар он ифода меёбанд, ки риояи GDPR метавонад эътимоди муштариёнро ба ширкат афзоиш диҳад, ки барои тиҷорат дар иқтисоди рақамӣ муҳим аст. Мушкилот дар он аст, ки талаботи қатъии GDPR метавонад хароҷоти ширкатҳоро барои риояи қонун, ба монанди таъмини амният ё таъйини нозири маълумот зиёд кунад. Ин махсусан барои корхонаҳои хурду миёна мушкил аст.

GDPR ба ширкатҳои тоҷикистоние, ки бо муштариён ё шарикони Иттиҳоди Аврупо кор мекунанд, таъсир мерасонад, зеро он ба маълумотҳои шаҳрвандони Иттиҳоди Аврупо новобаста аз макон, татбиқ мешавад. Барои такмили қонунгузории Тоҷикистон тавсия дода мешавад, ки меъёрҳои GDPR, ба монанди ҳифзи маълумотҳои шахсӣ ва шаффофияти коркард барои такмили Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи савдои электронӣ” истифода карда шаванд,

Дар транзаксияҳои электронӣ зеҳни сунъӣ ҳамчун агенти электронӣ баррасӣ мешавад, ки масъулиятро ба таъминкунандаҳо вогузор мекунад. Ин муқаррарот ҳанӯз пурра таҳия нашудаанд, ки ба рушди соҳибкорӣ монеъ мешаванд.

Барои фаҳмиши хубтару беҳтари танзими ҳуқуқии зеҳни сунъӣ таҷрибаи кишварҳои пешрафтаи дунё чун Чин, Сингапур, Индонезия ва Амрикоро мавриди баррасӣ қарор медиҳем.

Дар Чин танзими зеҳни сунъӣ ба моделҳои марказонидашудаи давлатӣ такя мекунад, ки ба афзоиши саноати зеҳни сунъӣ то 578 миллиард юан (79,6 миллиард доллар ИМА) дар соли 2023 мусоидат кардааст. Чин ҳамчун яке аз пешсафони ҷаҳонӣ дар соҳаи зеҳни сунъӣ аз соли 2023 то 2025 қонунҳои нав ва тартиботҳои маъмуриро барои танзими зеҳни сунъӣ, хусусан зеҳни сунъии генеративӣ (масалан, ChatGPT-ҳои чинӣ) қабул кардааст [8, с. 359]. Ин қонунҳо ба ҳадафҳои рушди солим, ҳифзи амнияти миллӣ, ҳуқуқҳои шаҳрвандон ва арзишҳои сусиалистии асосӣ нигаронида шудаанд. Онҳо ба ширкатҳои дохилӣ ва хориҷӣ, ки хидматҳои зеҳни сунъиро дар Чин пешниҳод мекунанд, таъсир мерасонанд. Тартиботҳои муқоваии идоракунии хидматҳои зеҳни сунъии генеративӣ" (Interim Measures for the Management of Generative Artificial Intelligence Services, 2023), ки аз 15 августи соли 2023 амал мекунанд, аввалин қоидаҳои маъмурии махсус оид ба зеҳни сунъии генеративӣ дар Чин мебошанд. Тартибот аз ҷониби Идораи Фазои Киберӣ ва шаш вазорати дигар (аз ҷумла Вазорати илм ва технология, Вазорати корҳои доноишгоҳӣ ва ғайра) қабул шудаанд. Ҳадафи он ҳавасмандгардонии навоварӣ, аммо бо танзими қатъӣ барои пешгирии хатарҳо. Тартибот ба хизматрасониҳое таъсир мерасонад, ки зеҳни сунъии генеративӣ (барои эҷоди матн, тасвир, садо ва видео) барои омма дар Чин пешниҳод мешавад. Муассисаҳои илмӣ, таълимӣ ва саноатӣ, ки хизматҳои оммавӣ намерасонанд, аз он истисно шудаанд. Ба ширкатҳои хориҷӣ, ки хизматрасонияшон дар Чин дастрас аст, низ татбиқ мешавад. Мувофиқи Қонуни Киберҳифз, Қонуни ҳифзи маълумотҳои шахсӣ (PIPL) ва Қонуни бехатарии маълумотҳо ба вайронкунандагони муқаррарот ҷаримаҳо то 50 миллион юан (тахминан 7 миллион доллар), мусодираи даромад ё қатъи фаъолият тадбиқ карда мешавад. Ин тартиботҳо барои навоварии

соҳибкорон мусоидат намуда, аммо хароҷотҳои иловагиро (барои ҳифз, баҳогузорӣ ва назорат) ба миён овард. Ширкатҳо бояд алгоритмҳоро сабт кунанд ва мӯҳтаворо модератсия намоянд.

Дар Сингапур, ки яке аз пешсафон дар танзими зеҳни сунъӣ мебошад, ҳукумат чорабиниҳои муҳимеро барои идоракунии ахлоқӣ ва масъулияти зеҳни сунъӣ таҳия кардааст. Ин чорабиниҳо ба ҳадафҳои рушди устувор, шаффофият ва ҳифзи ҳуқуқҳои корбарон нигаронида шудаанд, ки ба соҳибкорӣ дар иқтисоди рақамӣ мусоидат мекунанд. Дар Сенгапур 2 ҳуҷҷати муҳим аз ҷониби Идораи рушди иттилоот ва алоқаи Сингапур (IMDA) барои танзими зеҳни сунъӣ қабул карда шудааст: Model AI Governance Framework (2019) ва A.I. Verify (2022) [9, с. 40]. Model AI Governance Framework аввалин нашри расмии Сингапур оид ба танзими зеҳни сунъӣ аст, ки 23 январи соли 2019 барои машваратҳои васеъ нашр шудааст. Он ҳамчун роҳнамои умумӣ барои ширкатҳо ва созмонҳо барои татбиқи зеҳни сунъӣ бо роҳи масъулиятнок ва ахлоқӣ пешниҳод мешавад. Ҳадафи асосии он ҳавасмандгардонии навоварӣ дар ҳоле ки тавакалҳои ахлоқӣ, амниятӣ ва ҳуқуқиро назорат мекунанд. Муқаррароти он чунин аст: маълумот ба се сатҳи асосӣ тақсим мешавад – сатҳи идоракунӣ (top-down governance), сатҳи равандӣ (process-oriented) ва сатҳи система (system-level). Онҳо ба масъалаҳои шаффофият, адолат, масъулият ва бехатарӣ такя мекунанд; ширкатҳо бояд панелҳои идоракунӣ таъсис диҳанд, баҳогузории таваккалро анҷом диҳанд ва ҳамкориро бо мақомот таъмин кунанд. Нашри дуюм (2020) таҷрибаҳои созмонҳоро дохил кардааст ва соли 2024 нашри махсус барои зеҳни сунъии генеративӣ (GenAI Framework) баромад, ки ба мӯҳтавои синтетикӣ ва ҳифзи ҳуқуқҳои муаллифӣ тамаркуз мекунад. Ин маълумот ба тиҷорат кӯмак мерасонад, ки зеҳни сунъиро бо хароҷоти кам татбиқ кунанд ва эътимоди муштариёнро афзоиш диҳанд. Сингапур бо ин роҳнамо ба маркази ҷаҳонии чархуб табдил ёфтааст, ки ба афзоиши корхонаҳои хурду миёна то 18% дар соли 2030 мусоидат мекунад. AI Verify (2022) як ҳуҷҷати санҷиши идоракунии зеҳни сунъӣ ва воситаи нармафзори кушода аст, ки 25 майи соли 2022 барои пилоти байналмилалӣ нашр шудааст. Ин аввалин воситаи ҷаҳонӣ барои санҷиши шаффофияти зеҳни сунъӣ мебошад, ки ба принсипҳои Model Framework такя мекунад. Ҳадафи он санҷиши автоматикӣ ва объективӣ барои таъмини масъулияти зеҳни сунъӣ аст. Он аз 11 тест барои 7 принсипи асосӣ (масалан, шаффофият, адолат, масъулият) иборат аст. Онҳо ба баҳогузории таваккал, ҳифзи маълумотҳо ва пешгирии табъиз нигаронида шудаанд. Он кушода ва ройгон буда, ба ширкатҳо имкон медиҳад моделҳои зеҳни сунъиро тест кунанд ва гузоришҳои шаффофӣ (AI Verify Reports) эҷод намоянд. Аз соли 2022 то 2025 дар 30+ кишвар пилот шудааст ва соли 2025 стандартҳои нав барои зеҳни сунъии генеративӣ илова шудаанд. AI. Verify хароҷотҳои санҷиширо кам мекунад ва ба тиҷорат кӯмак мерасонад, ки мувофиқати худро бо стандартҳои байналмилалӣ исбот кунанд. Ин барои стартапҳо ва корхонаҳо муҳим аст, зеро шаффофиятро беҳтар карда, рақобатро афзоиш медиҳад. Model AI Governance Framework (2019) ва A.I. Verify (2022) якҷоя равиши инсонмаркази Сингапурро дар танзими зеҳни сунъи нишон медиҳанд, ки навовариро бо амният мутавозин мекунанд. Ин ҳуҷҷатҳо на танҳо барои Сингапур, балки барои кишварҳои дигар, аз ҷумла Тоҷикистон, намуна мебошанд, то қонунгузориро такмил диҳанд ва соҳибкориро рушд диҳанд.

Дар Индонезия, танзими зеҳни сунъӣ ҳанӯз дар марҳилаи таҳия аст, аммо Қонуни ҳифзи маълумоти шахсӣ (2022) ва Қонуни умумӣ оид ба эҷоди ҷойҳои корӣ (2020) ба тиҷоратҳои рақамӣ кӯмак мерасонанд, ки ба бозор ворид шаванд ва зеҳни сунъиро татбиқ кунанд. Мактуби Вазорати иттилоот ва алоқаи №9 (2023) ба истифодаи ахлоқии зеҳни сунъӣ такя мекунад ва натиҷагирии он тасдиқ намуд, ки дар Индонезия 85% соҳибкорон дар бораи зеҳни сунъӣ маълумот доранд, аммо танҳо 39% онро истифода менамоянд. Дастгирии давлатӣ аз истифодаи зеҳни сунъӣ ба афзоиши ҳосилнокии 38% мусоидат намуд, аммо норасоии кадрҳои рақамӣ ва танзимҳои соҳавӣ монеаҳо эҷод мекунанд, ки ба соҳибкории хурд (60%) таъсир мерасонад [10, с. 30; 11, с. 25].

Дар Амрико Фармони иҷроии 14110 (EO 14110) ва тавсияҳои Институти Миллии Стандартҳо ва Технология (NIST) ду ҳуҷҷати асосии танзими зеҳни сунъӣ мебошанд, ки ба рушди бехатар, амн ва боэътимоди зеҳни сунъӣ нигаронида шудаанд [12, с. 4986041; 13, с.

230]. EO 14110 аз ҷониби Президенти Ҷо Байден 30 октябри соли 2023 имзо шудааст ва номи расмиаш "Рушд ва истифодаи бехатар, амн ва боэътимоди зеҳни сунъӣ" аст. Он ба ҳамоҳангии федеролӣ барои идоракунии таваккали зеҳни сунъӣ мусоидат мекунад. Тавсияҳои NIST, хусусан Стандарти идоракунии таваккали зеҳни сунъӣ (AI RMF) моҳи январи соли 2023 нашр шудаанд ва то соли 2025 навгониҳои муҳимро ҷорӣ намуданд. Фармони иҷроии 14110 (2023) аввалин ҳуҷҷати федеролии мукаммал оид ба зеҳни сунъӣ дар ИМА аст, ки ба 8 принсипи роҳбарӣ (аз ҷумла бехатарӣ, ҳифзи махфият ва баробарӣ) такя мекунад. Ҳадафи он ҳавасмандгардонии навоварии соҳибкорон аст. Фармон ба 7 агентии асосӣ (аз ҷумла NIST, Департаменти савдо ва Департаменти ҳимоя) вазифаҳовогузор намудааст, ки дар соли 2025 бояд амалӣ шаванд. Аз ҷумла дар асоси он талаб карда мешавад, ки моделҳои зеҳни сунъии пешрафта (ба монанди зеҳни сунъии генеративӣ) баҳогузории таваккалро анҷом диҳанд ва ҳисоботҳо ба ҳукумат пешниҳод кунанд. Масалан, Департаменти энергетика бояд моделҳои зеҳни сунъиро барои хатарҳои амниятӣ санҷад. риояи қонунҳои федеролӣ оид ба маълумотҳои шахсӣ ва пешгирии табъиз дар зеҳни сунъӣ ва дастгирии ҳуқуқҳои корбарон (масалан, ҳуқуқи дастрасӣ ба маълумотҳо). Таъмин гардад. Таҳқиқот оид ба зеҳни сунъӣ ҳавасманд гардонида шаванд. Аз ҷумла барои кам кардани стрессҳои касбӣ аз зеҳни сунъӣ ва таъсиси стандартҳои байналмилалӣ барои рақобати Амрико дар соҳаи зеҳни сунъӣ. Фармон ба стартапҳо ва ширкатҳои калон (масалан, Amazon ва Google) имконият медиҳад, ки зеҳни сунъиро бо дастгирии ҳукумат (маблағҳо ва стандартҳо) татбиқ кунанд, аммо хароҷотҳои иловагӣ барои баҳогузорӣ ва ҳисоботро ба миён меорад. Ин ба афзоиши рақобат мусоидат мекунад, аммо пешниҳодҳои танзим метавонанд маблағгузориро 2,3% кам кунанд. Тавсияҳо ба ширкатҳо кӯмак мерасонанд, ки таваккалҳои зеҳни сунъиро идора кунанд ва эътимоди муштариёнро афзоиш диҳанд, ки барои рақобат муҳим аст. Аммо барои корхонаҳои хурду миёна хароҷотҳои санҷишро зиёд мекунанд. NIST ба навоварӣ мусоидат мекунад, аммо парокандагии танзим мушкилот эҷод мекунад. EO 14110 ва тавсияҳои NIST равиши мутавозинати Амрикоро дар танзими зеҳни сунъӣ нишон медиҳанд, ки навовариро бо бехатарӣ баробар менамояд. Ин ҳуҷҷатҳо барои кишварҳои дигар, аз ҷумла Тоҷикистон, намуна мебошанд, то қонунгузориро такмил диҳанд ва соҳибкориро дар иқтисоди рақамӣ рушд диҳанд.

Намунаҳо аз соҳибкории калон ба монанди ширкатҳои Amazon ва Uber нишон медиҳанд, ки зеҳни сунъӣ чӣ гуна соҳибкориро тағйир медиҳад, аммо ҳамзамон монеаҳои ҳуқуқӣ эҷод мекунад [5, с. 3368]. Дар оянда танзими ҳуқуқии зеҳни сунъӣ бояд ҳамоҳанг карда шавад, то навовариро дастгирӣ кунад ва таваккалро кам кунад. Дар соли 2025 зеҳни сунъӣ ҳамчун омили калидии навоварӣ ва рушди соҳибкорӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ муаррифӣ шуда истодааст. Тибқи гузоришҳои байналмилалӣ зеҳни сунъӣ ба афзоиши ҳосилнокӣ, тағйири моделҳои тиҷоратӣ ва эҷоди имкониятҳои нав барои стартапҳо мусоидат мекунад. 83% ширкатҳои ҷаҳонӣ зеҳни сунъиро ҳамчун афзалияти асосии нақшаҳои тиҷоратии худ эълон кардаанд, ки ин аз 55% дар соли 2024 афзоиш мебошад. 67% корхонаҳои хурду миёна (SMBs) зеҳни сунъиро қабул кардаанд, ки 42%-и онҳо афзоиши зиёди тиҷорат гузориш додаанд ва наздик ба 80% сифати мӯҳтавои худро беҳтар кардаанд. 35% ширкатҳо зеҳни сунъиро дар сатҳи scaling (васъ кардан) истифода мебаранд ва арзиш эҷод мекунанд, дар ҳоле ки 60% ширкатҳо ҳанӯз дар марҳилаи аввал анд ва фоидаи кам мебинанд. Дар соҳаи савдо 80% роҳбарони ширкатҳо интизорӣ доранд, ки то охири соли 2025 зеҳни сунъиро барои автоматикунонӣ татбиқ кунанд. Зеҳни сунъӣ метавонад ҳосилнокии кормандонро то 40% афзоиш диҳад, махсусан бо воситаҳои чун ChatGPT, ки вақтро сарфа мекунанд ва сифати корро 18% беҳтар мегардонанд. Дар соҳаи рушд GitHub Copilot корҳоро 26% тезтар анҷом медиҳад, ки барои кормандони камтаҷриба афзоиши бештар (то 56%) меорад. Бозори ҷаҳонии зеҳни сунъӣ дар соли 2025 ба 391 миллиард доллар мерасад, ки афзоиши 26%-ро нишон медиҳад ва то соли 2030 ба 1,81 триллион доллар мерасад (бо суръати афзоиши солонаи 35,9%). Зеҳни сунъӣ то соли 2030 метавонад ба иқтисоди ҷаҳонӣ 15 триллион доллар даромад бифзояд ва ММД-ро то 26% афзоиш диҳад, ки барои соҳибкорӣ имкониятҳои нав эҷод мекунад. 5% ширкатҳои "future-built" (ки зеҳни сунъиро пурра татбиқ кардаанд) даромадашонро 5 маротиба ва хароҷотҳояшонро 3 маротиба кам мекунанд. Дар стартапҳои нармафзорӣ зеҳни сунъӣ вақти ба даст овардани маблағи аввалинро то 20% кам

мекунад ва барои стартапҳои баландҳосилӣ даромад ва фоидаро 15% афзоиш медиҳад [12, с. 498]. 22% касбонҳои соҳаи давлатӣ зеҳни сунъиро барои кам кардани бюрократизм истифода мебаранд, ки барои стартапҳо имкониёти нав эҷод мекунад. Зеҳни сунъӣ идеяҳои навро беҳтар мегардонад, яъне идеяҳои эҷодкардаи ChatGPT навтар ва фоидаовартар аз идеяҳои инсонӣ ҳисоб мешаванд, ки ба навовариро дар стартапҳо мусоидат мекунад. Дар соли 2025 наздик ба 97 миллион одамон дар соҳаи зеҳни сунъӣ кор мекунанд, ки барои стартапҳо кадрҳои нав пешниҳод менамоянд. Генеративӣ зеҳни сунъӣ ба 300 миллион кор (18% корҳои ҷаҳонӣ) таъсир мерасонад, ки 75% кормандонро дар бораи аз даст додани корҳо рӯбарӯ намудааст. Дар ИМА 80% кормандон метавонанд то 10% вазифаҳои худро бо зеҳни сунъӣ иваз мекунанд, аммо барои кормандони камтаҷриба ҳосилнокӣ афзоиш меёбад (то 34% дар customer support). 35% ширкатҳо зеҳни сунъиро барои ҳалли норасоии кормандон истифода мебаранд, ки барои соҳибкорӣ имкониятҳои нав эҷод мекунад.

Хулоса зеҳни сунъӣ ба соҳибкорӣ таъсири мусбат дорад, ки ҳосилнокӣ ва навовариро афзоиш медиҳад, аммо барои мутавозин кардани таваккал (аз ҷумла таъсир ба корҳо) зарур аст, ки санадҳои танзими он таҳия шаванд. Омори пешниҳодшуда нишон медиҳад, ки зеҳни сунъӣ на танҳо хароҷотро кам мекунад, балки барои стартапҳо ва SMBs имкониятҳои рушдӣ эҷод мекунад, ки то соли 2030 иқтисоди ҷаҳониро тағйир медиҳад [6, с. 223]. Зеҳни сунъӣ ба рушди соҳибкорӣ дар иқтисоди рақамӣ мусоидат мекунад, аммо ҷанбаҳои ҳуқуқӣ танзими дақиқро талаб мекунанд. Таҷрибаи Чин, Сингапур, Индонезия ва ИМА нишон медиҳад, ки танзимҳои мутавозин ба навоварӣ ва ҳифзи ҳуқуқҳо мусоидат мекунанд. Зарур аст, ки қонунҳо барои ҳифзи ҳуқуқҳо ва ҳавасмандгардонии навоварӣ таҳия шаванд.

Барои такмили қонунгузории Тоҷикистон дар соҳаи зеҳни сунъӣ ва иқтисоди рақамӣ, бо назардошти "Стратегияи рушди зеҳни сунъӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2040" ва "Консепсияи иқтисоди рақамӣ" тавсияҳои зерин пешниҳод мешаванд: 1) Таҳияи қонуни махсус оид ба зеҳни сунъӣ, ки масъалаҳои ҷавобгарӣ, ахлоқ ва ҳифзи маълумотҳоро дар бар гирад. Дар ин масъала ба равиши Сингапур ва Индонезия такия намудан зарур; 2) Ҷорӣ кардани имтиёзҳои андозӣ ва грантҳо барои стартапҳои зеҳни сунъӣ барои афзоиши ҳиссагузории зеҳни сунъӣ. Масалан таҷрибаи Амрико намунаи ибрат аст; 3) Таъсиси марказҳои омӯзишӣ ва таҳқиқотӣ оид ба зеҳни сунъӣ бо ҳамкорӣ байналмилалӣ барои ҳалли норасоии кадрҳо; 4) Ҳамоҳангсозии қонунҳо бо стандартҳои байналмилалӣ, аз ҷумла ташаббусҳои СММ, ки Тоҷикистон пешниҳод кардааст; 5) Таҳкими ҳифзи маълумотҳои шахсӣ дар Қонуни ҶТ “Дар бораи савдои электронӣ” барои пешгирии тавакалҳои дар соҳаи соҳибкорӣ. Ин тавсияҳо ба афзоиши навоварӣ ва рушди устувори соҳибкорӣ мусоидат хоҳанд кард.

***Адабиёт***


1. Хаддур З. А. Использование искусственного интеллекта в предпринимательской деятельности: анализ правовых аспектов и перспективы инноваций в России и за рубежом // Проблемы экономики и юридической практики. – 2024. – Т. 20. – № 4. – С. 89–94.
2. Сушкова О. В. Особенности применения искусственного интеллекта в сфере цифровой предпринимательской деятельности // Вестник Университета имени О.Е. Кутафина (МГЮА). – 2023. – № 108. – С. 132–138.
3. Сушкова О. В. Правовые особенности использования и регулирования генеративного искусственного интеллекта для развития инновационной деятельности субъектами бизнеса // Вестник Университета имени О.Е. Кутафина (МГЮА). – 2024. – № 122. – С. 44–51.
4. Reier Forradellas R. F., Garay Gallastegui L. M. Digital Transformation and Artificial Intelligence Applied to Business: Legal Regulations, Economic Impact and Perspective // Laws. – 2021. – Vol. 10. – Iss. 70.
5. Haq S. A., Yunanto. Legal Implications of Using Artificial Intelligence (AI) Technology in Electronic Transactions // International Journal of Social Science and Human Research. – 2024. – Vol. 07. – Iss. 05. – P. 3365–3371.

6. Matamoros-Echeverria K. L. et al. The Impact of Artificial Intelligence on the Digital Economy: Advances and Challenges – A Systematic Literature Review // Journal of Posthumanism. – 2025. – Vol. 5. – Iss. 2. – P. 219–235.
7. Sushkova O. V. et al. Artificial Intelligence as Effective Digital Transformation Legal Means of Business, Management, Economy and Technology // SHS Web of Conferences. – 2021. – Vol. 110. – P. 05005.
8. Khidirova B. I., Rustamova Z. A. How AI is Shaping the Digital Economy: A Look at China, the USA, and Uzbekistan // Modern American Journal of Business, Economics, and Entrepreneurship. – 2025. – Vol. 4. – № 1. – P. 356–362.
9. Goode K., Kim H. M., Deng M. Examining Singapore’s AI Progress. – Washington: Center for Security and Emerging Technology, Georgetown University, 2023. – 45 c.
10. Unlocking Indonesia’s Economic Potential for Future Prosperity: IBM Indonesia Study. – Jakarta: IBM ASEAN, 2024. – 32 c.
11. Xie T., Ng K. H., Villanueva J. E. The Rise of Indonesia’s Digital Economy // Lee Kuan Yew School of Public Policy Case Studies. – Singapore: National University of Singapore, 2025. – 28 c.
12. Mulla J. AI Regulation and Entrepreneurship // SSRN Electronic Journal. – 2024. – DOI: 10.2139/ssrn.4986041.
13. Davtyan T. The U.S. Approach to AI Regulation: Federal Laws, Policies, and Strategies Explained // Journal of Law, Technology, & The Internet. – 2025. – Vol. 16. – № 2. – P. 223–255.
14. Nasritdinov E. et al. DIGITALIZATION AND ARTIFICIAL INTELLIGENCE IN CENTRAL ASIA: THE CASE OF KAZAKHSTAN, KYRGYZSTAN, TAJIKISTAN, TURKMENISTAN AND UZBEKISTAN // Public Policy and Administration. – 2024. – Vol. 23. – № 2. – P. 223-236.
15. Afzal A. The AI Academy: Leveraging Education in AI To Unlock Tajikistan's Economic Potential // Stanford Graduate School of Business Case Studies. – 2025. – 25 p.
16. The Economic Impacts and the Regulation of AI: A Survey of the Current and Expected Regulation in the World / S. Manning et al. // IMF Working Papers. – 2024. – № 2024/065. – P. 1-45.

## ҶАНБАҲОИ ҲУҚУҚИИ ТАЪСИРИ ЗЕҲНИ СУНЪӢ БА РУШДИ СОҲИБКОРӢ ДАР ШАРОИТИ ИҚТИСОДИ РАҚАМӢ

Мақола ба таҳқиқи ҷанбаҳои ҳуқуқии таъсири зеҳни сунъӣ ба рушди соҳибкорӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ бахшида шудааст. Дар он мафҳумҳо, имкониятҳо, тавакал, мушкилоти танзими ҳуқуқии зеҳни сунъӣ баррасӣ шуда, нақши он дар афзоиши самаранокии соҳибкорӣ, автоматикунонии равандҳо ва эҷоди моделҳои нави тиҷоратӣ таҳлил мегардад. Зеҳни сунъӣ ҳамчун воситаи трансформатсияи рақамӣ ба соҳибкорон имкон медиҳад, ки маълумотҳои калонро коркард кунанд ва хароҷотро кам намоянд, аммо масъалаҳои ҳуқуқӣ, аз қабили ҳифзи маълумотҳои шахсӣ, ҷавобгарӣ барои хатоҳои системаҳо ва риояи ҳуқуқҳои муаллифӣ, мушкилоти ҷиддиро ба миён меорад. Дар мақола таҷрибаи қонунгузории кишварҳои пешрафта, аз ҷумла Чин, Сингапур, Индонезия ва Амрико мавриди баррасӣ қарор дода шуда, фарқиятҳо ва муваффақиятҳои онҳоро дар танзими зеҳни сунъӣ муқоиса шудааст. Инчунин, омори соли 2025 нишон медиҳад, ки зеҳни сунъӣ ба иқтисоди ҷаҳонӣ то 15 триллион доллар илова карда, ММД-ро 26% афзоиш медиҳад, аммо барои 18% корҳои ҷаҳонӣ хатар эҷод мекунад. Барои Тоҷикистон, бо назардошти “Стратегияи рушди зеҳни сунъӣ то соли 2040” ва “Консепсияи иқтисоди рақамӣ” тавсияҳо оид ба таҳияи қонунҳои махсус, ҷорӣ кардани имтиёзҳои андозӣ ва таъсиси марказҳои омӯзишӣ пешниҳод шудаанд.

**Калидвожаҳо**: зеҳни сунъӣ, иқтисоди рақамӣ, соҳибкорӣ, танзими ҳуқуқӣ, ҳифзи маълумотҳо, масъулият, навоварӣ, стартапҳо, корхонаҳои хурду миёна.

## ПРАВОВЫЕ АСПЕКТЫ ВЛИЯНИЯ ИСКУССТВЕННОГО ИНТЕЛЛЕКТА НА РАЗВИТИЕ ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВА В УСЛОВИЯХ ЦИФРОВОЙ ЭКОНОМИКИ

Статья посвящена исследованию правовых аспектов влияния искусственного интеллекта (ИИ) на развитие предпринимательства в условиях цифровой экономики. В ней рассматриваются понятия, возможности, риски и проблемы правового регулирования ИИ, а также анализируется его роль в повышении эффективности предпринимательства, автоматизации процессов и создании новых бизнес-моделей. Искусственный интеллект как инструмент цифровой трансформации позволяет предпринимателям обрабатывать большие данные и снижать затраты, однако правовые вопросы, такие

как защита персональных данных, ответственность за ошибки систем и соблюдение авторских прав, создают серьезные вызовы. В статье анализируется опыт законодательства передовых стран, включая Китай, Сингапур, Индонезию и США, с сравнением их подходов и успехов в регулировании ИИ. Также статистика 2025 года показывает, что ИИ может добавить к мировой экономике до 15 триллионов долларов и увеличить ВВП на 26%, но создает угрозу для 18% рабочих мест в мире. Для Таджикистана, с учетом «Стратегии развития искусственного интеллекта до 2040 года» и «Концепции цифровой экономики», предложены рекомендации по разработке специальных законов, введению налоговых льгот и созданию образовательных центров.

**Ключевые слова:** искусственный интеллект, цифровая экономика, предпринимательство, правовое регулирование, защита данных, ответственность, инновации, стартапы, малые и средние предприятия.

## LEGAL ASPECTS OF THE IMPACT OF ARTIFICIAL INTELLIGENCE ON ENTREPRENEURSHIP DEVELOPMENT IN THE DIGITAL ECONOMY

The article is dedicated to exploring the legal aspects of the impact of artificial intelligence (AI) on the development of entrepreneurship in the context of the digital economy. It examines the concepts, opportunities, risks, and challenges of legal regulation of AI, as well as analyzes its role in enhancing entrepreneurial efficiency, automating processes, and creating new business models. Artificial intelligence, as a tool for digital transformation, enables entrepreneurs to process big data and reduce costs; however, legal issues such as personal data protection, liability for system errors, and compliance with copyright laws pose significant challenges. The article analyzes the legislative experiences of leading countries, including China, Singapore, Indonesia, and the USA, comparing their approaches and successes in regulating AI. Additionally, 2025 statistics indicate that AI could contribute up to 15 trillion dollars to the global economy and increase GDP by 26%, while posing a threat to 18% of global jobs. For Tajikistan, considering the "Strategy for the Development of Artificial Intelligence until 2040" and the "Concept of the Digital Economy," recommendations are proposed for developing specific laws, introducing tax incentives, and establishing educational centers.

**Keywords**: artificial intelligence, digital economy, entrepreneurship, legal regulation, data protection, liability, innovation, startups, small and medium enterprises

**Дар бораи муаллиффон**

Сангинзода Дониёр Шомахмад
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,профессори кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшниносии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33.
Телефон: (+992) 980850707
Email: doniyor_sanginov@mail.ru

Рофиева Азиза Ҳамдамовна
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ
дотсенти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва байналмилалии факултети ҳуқуқшиносӣ
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон
Суроға: 735700 Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд 17 мкр., хон1.

**Об авторах**

Сангинзода Дониёр Шомахмад Доктор юридических наук, профессор кафедры предпринимательского права и торговли юридического факультета
Таджикский национальный университет
Адрес: Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 33
Email: doniyorsanginov@mail.ru

Рофиева Азиза Хамдамовна
кандидат юридических наук, доцент кафедры предпринимательского и международного права юридического факультета
Таджикский государственный университет права, бизнеса и политики
Адрес: 735700 Республика Таджикистан, г. Худжанд, 17-й микрорайон, дом 1

**About the Authors**

Sanginzoda Doniyor Shomakhmad
Doctor of Law, Professor of the Department of Business and Trade Law, Faculty of Law
Tajik National University
Address: Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 33 Phone: (+992) 980850707.
Email: doniyorsanginov@mail.ru

Rofieva Aziza Khamdamovna
Candidate of Legal Sciences, Associate Professor of the Department of Business and International Law, Faculty of Law
Tajik State University of Law, Business and Politics
Address: 735700 Republic of Tajikistan, Khujand, 17th Microdistrict, Building

ТДУ 94(575)"08":342

# НИҲОДҲОИ ИДОРАКУНӢ ВА ҲУҚУҚИИ ДАВЛТИ ТОҲИРИЁН

***Аламов Ҳ. Н.***

*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ*

Баъд аз истилои Араб рӯҳияи озодихоҳии халқҳои форсу тоҷик нашикаста онҳо пайваста, ҷиҳати расидан ба истиқлолу озодӣ ва барои дубора эҳё намудани давлатдории миллии худ ба мубориза бархостанд. Пайвастагии силсилаи давлатдорӣ дар ибтидо як қатор шуришҳо дар эронзамин ва истибдоди арабро заиф намуд. Сипас ба вуҷуд омадани ҳаракатҳои сиёсию фарҳангӣ ба монанди хуррамия, бобакия ва шуубия дар бедории эронинажодон заминаи қавӣ гузошт. Хонадонҳои тоҷикии Бармакиён ва Саҳлиён низ тавонистанд, ки бисёр оинҳои аҷдодии хешро дар умури идораи хилофат ҷойгир намоянд. Бадин васила, то андоза як навъ фазои маҳаллӣ дар умури идораи хилофат ташаккул ёфт. Ҳамаи ин омилҳои болозикр барои ба сари қудрати сиёсӣ омадани хонадонҳои маҳаллӣ замина гузошт.

Ин буд, ки дар давраи хилофати Аббосиён нахуст хонадони Тоҳириён (солҳои 821-873) дар Хуросон бо сарварии Тоҳир ибни Ҳусайн ба сари қудрат омада, ба давлати тоҷикии Тоҳириёнро асос гузоштанд.

Дар ин маврид, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд менамоянд: «Тоҳириён аввалин сулолаи форсу тоҷик буданд, ки ба истиқлоли ҳақиқии Эрони Шарқӣ аз Бағдод ибтидо гузошта, дар таърихи ин кишвар давраи мутлақияти равшангарро боз карданд. Нақши ин хонавода дар таърихи халқи тоҷик ва умуман, Хуросони бузург хеле барҷаста буда, барои таъсиси давлатҳои минбаъдаи миллӣ роҳи васеъ кушод» [12, с. 607].

Тибқи сарчашмаҳои таърихӣ ниёгони тоҳириҳо идоракунии шаҳри Фушанҷи вилояти Ҳиротро, чун зодгоҳи худ дар даст доштанд. Тавре дар оғоз ишора намудем, сарсилсилаи хонадони Тоҳириён, Тоҳир ибни Ҳусейн (821 – 822) буда, дар вақти ба хилофат расидани Маъмун дар якчанд муҳорибаҳо иштирок карда, сардори тамоми қувваҳои ҳарбии Халифаи Бағдод мегардад. Тоҳир соли 821 ҳокими Хуросон таъйин гардид. Ӯ мамлакати Хуросон ва вилоятҳои Осиёи Миёнаро ҳамчун ҳукмрони мустақил идора мекард. Вай дар соли 822 ҳатто фармон дод, ки дар хутбаи намози ҷумъа номи халифаро ёд накунанд. Ин бо Бағдод қатъи алоқа кардани ӯро ифода менамуд. Пас аз чанд рӯзи ин воқеа Тоҳир вафот намуд. Нисбат ба ин марги ногаҳонии Тоҳир чунин фикре мавҷуд аст, ки ӯро ҷосусони халифа захр дода куштаанд [3, с. 333].

Хонадони Тоҳириён дар эҳёи таърих ва фарҳанги аҷдодии худ саҳми арзанда гузоштаанд. Бояд қайд кард, ки оммаи мардум ҳам баҳри расидан, ба истиқлол саъию кӯшиши зиёд ба харҷ додаанд. Дар натиҷаи муборизаи оммаи мардум бар зидди бори гарони андоз ва ҳаракатҳои динӣ, сулолаи маҳаллии Тоҳириён пас аз қариб дусад сол ба сари қудрат омад ва бо ҳамин ба ҳукмронии хилофати Аббосиён зарбаи сахт зад [8, с.33]. Ба чунин ҳол, таназзулёбии хилофат аз инҷо оғоз гардид ва қудраташон дар Хуросону Мовароуннаҳр рӯ ба заифшавӣ оварда, дар давраҳои минбаъда бошад пурра аз идоракунии ин сарзаминҳо маҳрум шуданд.

Баъд аз марги Тоҳир, раванди истиқлолхоҳӣ ва давлатсозии тоҷикон қатъ нагардида, баракс ин раванд густариш меёбад. Минбаъд низоми идоракунии қаламрави тоҷикон ба зимаи фарзандони Тоҳир мегузарад. Дар давраи идоракунии Абдуллоҳ ибни Тоҳир (828–844) давлати Тоҳириён ба авҷи шукуфонии худ расид [7, с. 33]. Низоми идории мамлакат низ такмил ёфт.

Аслан, арабҳо дар идораи давлат ва тарзу усули он ҳамеша ба таҷрибаи эрониён такя менамуданд. Инро мо ҳанӯз дар аҳди Уммавиён метавонем, ки ба мушоҳида намоем. Аммо он замон, ҳанӯз баъзе аз норасоиҳо ба назар мерасид. Яке аз вазифаҳои муҳим дар идораи давлат, ин мансаби волиҳо буд. Маслан, бар хилофи давраи Уммавиён, дар замони Аббосиён волии вилоятҳо дар дохили ҳудуди худ на танҳо вазифаҳои ҳарбию полис, балки вазифаҳои маъмурию шаҳрвандиро низ иҷро мекарданд. Бо ин мақсад, дар вилоятҳо аз рӯйи намунаи муассисаҳои дар пойтахт таъсис карда шуда, муассисаҳои маъмурӣ, ҳарбӣ ва молиявӣ ташкил карда шуданд. Дар аввал низоми идоракунии андозу молияро дар маҳалҳо ниҳодҳои махсус иҷро мекарданд, аммо бо гузашти вақт ҳокимони алоҳида ба ҷамъоварии андозҳо шуруъ намуда, як қисми онро барои истифодабарии вилоятҳои худ масраф менамуданд.

Маъмулан, дар низоми идорӣ нақши ниҳодҳои идоракунӣ хело калидист. [2, с. 94]. Дар ин хусус бояд қайд намуд, ки низоми идоракунии давлатии Тоҳириён, шакли идоракунии монархиро дошта, сарвари давлат расман, халифаҳои аббосӣ шинохта мешуд. Халифа бошад, ҳукмрони мутлақ буда, дар як вақт ниҳодҳои маъмурӣ ва судиро низ роҳбарӣ мекард. Роҳбариро қоимақом-гумоштаи халифа дар Хуросон сулолаи Тоҳириҳо амалӣ менамуданд. Масъалаи идоракунии давлатӣ ва чун маҷмуи муассисоти давлатӣ, ки дар баамалбарории қудрати сиёсӣ нақш мебозад, сахт иртибот дорад.

Мутаассифона, то ба замони мо маълумоти дақиқе роҷеъ ба маҷмуи муассисаҳои давлатии Тоҳириён омада нарасидаанд. Аммо ҷойи шубҳа нест, ки дар мақомотҳои анъанавии давлатӣ, ки дар давраи Сосониёну Кидориён дида мешуд, соҳиб буд. Қисмате аз ин мақомотҳо дар дохили давлатдории Тоҳириҳо ҳамчун институти дохилӣ – давлатӣ таъсис шудаю тобеу ҳисоботдеҳи онҳо буд. Аммо, қисмате аз ҷониби марказ таъйин шуда, масъули амру фармонҳои халифаҳои Аббосӣ буданд [11, с. 123].

Дар такя ба сарчашмаҳои муътамадӣ таърихӣ ҳаминро бояд қайд кард, ки дар асоси давлатдории Сосониён, Аббосиён барои умури идоракунии мутамаркази хилофат дар Бағдод– девонҳои «ар-расайл» - конселяря, «ал-ҷайш» - шуъбаи ҳарбӣ, «ал-мол» - хазина, «ал-барид» - шуъбаи почта, ки дар як вақт вазифаи полиси махфиро иҷро мекарданд, таъсис доданд. Баъдан, девонҳои андозу молия низ таъсис дода шуданд. Роҳбарони девонҳоро котиб меномиданд ва минбаъд шуъбаҳои ин девонҳо дар шаҳрҳои калон кушода шуда ба фаъолият оғоз намуданд. Барои ҳамоҳангсозии фаъолияти муназзами ниҳодҳои идоракунанда, аз ҷонибӣ халифаҳои аббосӣ ниҳодӣ вазирӣ, ки дар давраҳои гуногун вазифаи сардори дастгоҳи идораи давлатӣ, мушовир ва ёвари халифа ё баъдан нигоҳдорандаи муҳри давлатиро иҷро мекард, таъсис доданд. Ин ниҳод дар давраи ҳукмронии Умавиён вуҷуд надошт. “Ташкил шудани ниҳоди вазирӣ дар давраи Аббосиён ин бо эҳёи суннатҳои эронӣ (форсӣ-тоҷикӣ) алоқаманд буд. Ин ниҳод ба ниҳоди сарвазир (вузург фрамандар) шоҳони Сосонӣ мувофиқат мекард. Баъд аз халифа, вазир меистод. Вазир бошад, дар идоракунии давлатӣ ба сарлашкарҳо такя менамуд, ки онҳо аксаран Эрониҳо (форсу тоҷикон) буданд” [5, с. 97].

Гарчандеки мақоми вазирӣ дар хилофат мақоми баланд буд, аммо ин мақом дар низоми идоракунии Тоҳириён ҳанӯз анъана нагардида буд. Ҳокимони Тоҳириён ҳамчун ёвар вазире доштанд, ки музофоти ба ӯ боваркардашударо идора мекард. Инчунин дар низоми идоракунии Тоҳириён дар назди ҳоким мақоми машваратӣ вуҷуд дошт. “Тамоми аъзои сулола, аз Тоҳири I то Муҳаммад ибни Тоҳир, худро ҳоким ё амир меномиданд. Тоҳириён мисли хилофат давлатро ба вилоятҳо тақсим карда, ҳокимони худро таъин мекарданд. Дар назди ҳокимони вилоятҳо девонҳои маҳаллӣ ё шуъбаҳои девонҳои марказӣ таъсис дода шуда буданд” [1, с. 395].

Нақши бузурги давлати Тоҳириён дар таърих иборат аз он аст, ки давлатдории тоҷиконро баъд аз ҳуҷуми арабҳо дубора эҳё намуданд ва як қисми сарзамини форсу-тоҷикро зери тассаруф даровarда, ба як марказ муттаҳид сохтанд. “Агарчи ин давлатро ба намояндагӣ аз халифа идора мекарданд, вале дар амалия кулли умури давлатӣ мустақил буданд, тобеияти онҳо аз он буд, ки ба хазинаи хилофат маблағе медоданд ва дар лашкаркашии хулафо кӯмаки ҳарбӣ мерасониданд” [9, с. 310].

Мустақилияти Тоҳириён дар чунин нишондиҳандаҳо зоҳир мегашт: 1) дар хутбаи намоз ёд накардани номи халифа; 2) на волии халифа, балки ҳоким ё подшоҳ эътироф шудани онҳо; 3) пешбурди мустақилонаи сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ. Тоҳириён тавонистанд, ба мутамарказшавии сиёсии сарзамини тоҷикон ибтидо гузошта, бо ин васила, ба рушди кишоварзӣ, ҳунармандӣ, тиҷорат танзими андоз ва ғайра мусоидат намоянд. [10, с. 95].

Тоҳир ибни Ҳусайн ислоҳоти идораи Хуросонро ба амал овард. Барои умури идораи давлатӣ ҳашт девон таъсис дод, ки онҳоро вазирон сарварӣ мекарданд ва сиёсати сохтани давлати мустақилро интихоб намуд. Ӯ барои амали намудани сиёсати истиқлолхоҳии худ дар хутбаи намози ҷумъа гирифтани номи халифаро дар масҷидҳо манъ кард. Ин амали Тоҳир ба канда шудани муносибатҳо бо Хилофат ва санади эълон кардани истиқлол баробар аст [6, с. 20].

Зикр намудан ба маврид аст, ки усули девондории арабҳо баргирифта аз суннати Сосониён аст. Ин анъана танҳо дар аҳди Уммавиҳо ба чунин тарз такмил наёфта буд, вале Аббосиён онро

такмил доданд. Зеро дар идораи давлатдории онҳо нақши фарзандони донишвару диловари тоҷику форс хело назаррас буд. Тоҳириён ин таҷрибаро, чун оини аҷдодӣ дар низоми давлатдории хеш фаровон истифода бурданд ва барои сулолаҳои насли вопасин ин одатро ба мерос гузоштанд.

Бояд қайд кард, ки таҳлил ва омӯзиши дақиқи ҳодисаҳои таърихӣ ҳуқуқ ва давлатдории ниёгон, то ҳол дар шакли мукаммал мавриди омӯзиш қарор нагирифтааст. Омӯзиши паҳлуҳои гуногуни давлат ва ҳуқуқи гузаштаи тоҷикон дар айни замон бисёр зарур буда, он барои сохтмону эъмори давлати соҳибихтиёру ҳуқуқбунёди Тоҷикистон саривақтӣ мебошад.

Яке аз санадҳои муҳимми танзимкунандаи муносибатҳои давлатӣ ҳуқуқии Тоҳириён ин “Насиҳатнома”-и Тоҳир ибни Ҳусайн аст, ки он шаҳодати баландитаҷрибаи давлатдорӣ, ҳуқуқэҷодкунӣ, инсондӯстӣ ва адлу адолатпарварии шахсиятҳои сиёсии халқи тоҷик мебошад. “Насиҳатнома” – чун дастури давлатдории аҳди Тоҳириён аҳаммияти дуҷонибаи давлатӣ ва ҳуқуқиро дошта, аввалан, чун дастури идораи давлатӣ ба худи Тоҳириён ба Хилофат ва давлатҳои баъдинаи халқҳои Осиёи миёна: Сомониён, Ғазнавиён, Салчуқиён ва ғайра дар таҷрибаи сиёсӣ хизмат кардааст [11, с. 129].

Дар умум метавон қайд намуд, ки муҳити ба вуҷуд овардаи Тоҳириён барои ташаккули худшиносии миллии тоҷикон шароити мусоид овард. “Худшиносии милии аҳолии мардуми эронӣ, ки аз ҷониби арабҳо «Аҷам, Аҷамӣ» номида мешуданд, бо таҷрибаю суннатҳои волои давлатдорӣ ва ҳуқуқӣ боло рафта, дар андешаи мардум тафаккури мубориза барои давлати худӣ ташаккул ёфт” [4, с.108].

Ҳамин тавр дар натиҷаи таҳлили як қатор сарчашмаҳои таърихӣ ва санадҳои ҳуқуқӣ, метавон ба хулосае омад, ки Тоҳириён дар рушду ташаккули минбаъдаи давлатдории тоҷикон заминаи бунёдӣ гузоштанд. Таҷрибаи онҳо дар шароити муосири давлатдории миллӣ ҳам метавон мавриди истифода қарор дода шавад.

***Адабиёт***


1. Азизкулова, Г. С. История государства и права Таджикистана. В помощь изучающим (от догосударственного общества до 1917 года): учеб. пособие / Г. С. Азизкулова, Н. Х. Хакимов. — Душанбе: ТНУ, 2018. — 816 с.
2. Аламов, Ҳ. Н. Муассисаҳои давлатӣ-ҳуқуқии подшоҳии Ашкониён / Ҳ. Н. Аламов // Пайёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. Бахши илмҳои фалсафа, ҳуқуқ ва сиёсатшиносӣ. — 2025. — № 1 (17). — С. 90–94.
3. Ғафуров, Бобоҷон. Таърихи қадимтарин, қадим ва асри миёна. Ҷ. 2 / Б. Ғафуров. — Душанбе: Ирфон, 1985. — 862 с.
4. Буриев, И. Б. Таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷинкистон. Қисми аввал / И. Б. Буриев; таҳт. наз. академик Ф. Т. Тоҳиров. — Душанбе, 2013. — 255 с.
5. Базиленко, И. В. Ближний Восток и Северная Африка в Средние века: учеб. пособие / И. В. Базиленко, Н. Н. Дьяков, К. А. Жуков. — Санкт-Петербург: Арт-Экспресс, 2023. — 204 с.
6. Бобоева, Н. И. Эволюция государственной власти в историческом Таджикистане (IV–XIV вв.): автореф. дис. … канд. юрид. наук: 12.00.01 / Н. И. Бобоева. — Душанбе, 2014. — 26 с.
7. Диноршох, А. М. Формирование института прав человека в политической и правовой истории таджикского народа / А. М. Диноршох // Правовая политика и правовая жизнь. — Саратов; Москва, 2014. — 160 с.
8. Халифе, К. Х. Политическое и социально-экономическое положение Хорасана и Мавераннахра в период правления Тахиридов (821–873 гг.): дис. … канд. ист. наук: 07.00.02 / К. Х. Халифе. — Душанбе, 2015. — 174 с.
9. Нурмуҳаммади Амиршоҳӣ. Давлатдории тоҷикон дар асрҳои IX–XIV (Портҳо аз «Равзату-с-сафо» ва дигар кутуб) / Н. А. Амиршоҳӣ. — Душанбе: Амри илм, 1999. — 1008 с.
10. Ҳайдаршо, Пирумшо. Давлати Сомониён дар тарозуи таърихнигорӣ / П. Ҳайдаршо. — Душанбе: Дониш, 2019. — 592 с.
11. Холиқов, А. Ғ. Таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон (аз давраи пайдоиш то интиҳои асри XIX). Қисми 1: китоби дарсӣ / А. Ғ. Холиқов. — Душанбе: Матбуот, 2002. — 301 с.

12. Раҳмон, Эмомалӣ. Тоҷикон дар оинаи таърих. Китоби 4. Аз Ориён то Сомониён / Э. Раҳмон. — Душанбе: Ирфон, 2009. — 704 с.

## НИҲОДҲОИ ИДОРАКУНӢ ВА ҲУҚУҚИИ ДАВЛТИ ТОҲИРИЁН

Мақола ба таҳлили равандҳои ташаккули давлатдории тоҷикон дар шароити ҳукмронии арабҳо бахшида шудааст. Муаллиф нақши хонадони Тоҳириён (821–873) — аввалин сулолаи миллӣ дар давраи хилофати Аббосиёнро баррасӣ мекунад. Пешомадҳои истиқлол, аз ҷумла шуришҳо, ҳаракатҳои фарҳангӣ (хуррамия, шуубия) ва саҳми хонадонҳои Бармакиёну Саҳлиён дар идораи хилофат таҳлил мешаванд. Тоҳир ибни Ҳусайн ҳамчун асосгузори сулола муаррифӣ шуда, амри ӯ дар бораи ёд накардани номи халифа дар хутба ҳамчун рамзи истиқлол арзёбӣ мегардад. Дар идомаи мақола, рушди низоми маъмурӣ дар давраи Абдуллоҳ ибни Тоҳир ва таъсири таҷрибаи эронӣ ба идораи арабҳо баррасӣ мешавад. Хулоса, хонадони Тоҳириён дар эҳёи фарҳанги аҷдодӣ ва ташаккули ҳувияти миллӣ саҳми назаррас дошта, заминаи заифшавии нуфузи хилофат дар Хуросону Мовароуннаҳрро фароҳам овардаанд.

**Калидвожаҳо:** Тоҳириён, Тоҳир, сулола, ҳуқуқ, давлат, девон, “Насиҳатнома”, ҳокимият, низом, идоракунӣ.

## АДМИНИСТРАТИВНЫЕ И ПРАВОВЫЕ ИНСТИТУТЫ ГОССУДАРСТВО ТАХИРИДОВ

В статье рассматривается процесс формирования таджикской государственности в условиях арабского владычества. Особое внимание уделяется роли династии Тахиридов (821–873), которая стала первым национальным таджикским государственным образованием в эпоху Аббасидского халифата. Автор анализирует предпосылки политической автономии, включая восстания, культурные движения (хуррамия, шуубия), а также вклад таджикских родов Бармакидов и Сахлидов в управление халифатом. Подчеркивается значение Тахира ибн Хусейна как основателя династии, его отказ упоминать халифа в хутбе, что символизировало независимость. Также рассматривается развитие административной системы при его преемниках, особенно при Абдулло ибн Тахире. Исследование показывает, что арабская администрация постепенно перенимала персидские модели управления, что способствовало укреплению местных институтов. Вклад Тахиридов в возрождение культурных и исторических традиций таджикского народа оценивается как значительный шаг к формированию национальной идентичности и ослаблению централизованной власти халифата в Хорасане и Мавераннахре.

**Ключевые слова:** Тахириды, Тахир, династия, право, государство, диван, «Насихатнома», власть, система, управление.

## ADMINISTRATIVE AND LEGAL INSTITUTIONS OF THE TAKHIRID STATE

This article examines the emergence of Tajik statehood under Arab rule, focusing on the rise of the Tahirid dynasty (821–873) as the first national Tajik political entity during the Abbasid Caliphate. The study explores the foundations of autonomy, including uprisings, cultural movements (Khurramiyya, Shuubiyya), and the administrative contributions of Tajik families such as the Barmakids and Sahlids. Tahir ibn Husayn is highlighted as the dynasty’s founder, with his directive to omit the caliph’s name in Friday sermons symbolizing independence. The article also analyzes the administrative evolution under his successors, particularly Abdullah ibn Tahir, and the influence of Persian governance models on Arab administration. The Tahirids’ role in reviving ancestral culture and shaping national identity is emphasized as a key factor in weakening centralized caliphal control in Khorasan and Transoxiana. The research concludes that the Tahirid dynasty laid the groundwork for future local rule and contributed significantly to the development of Tajik political consciousness.

**Keywords:** Tahirids, Tahir, dynasty, law, state, diwan, “Nasikhatnama”, power, system, administration.

**Дар бораи муаллиф**
Аламов Ҳалимҷон Неъматович
номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи ҳуқуқ Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ
Суроға: 734003, Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рудаки 121.
E-mail: info@tgpu.tj, alamov_141618@mail.ru

**Об авторе**
Аламов Халимджон Неъматович
кандидат истарических наук, дотсент кафедры право
Таджикский государственный педагогический университет им. Садриддина Аини.
Адрес: 734003, Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 121.
E-mail: info@tgpu.tj, alamov_141618@mail.ru

**About the author**
Alamov Halimjon Nematovich
Candidate of Historical Sciences, dotsent of the Department of to the Law
Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini
Address: 734003, Tajikistan, Dushanbe, Rudaki avenue 121.
E-mail: info@tgpu.tj, alamov_141618@mail.ru

ТДУ 347.7:004.8:316.422

# ТАНЗИМИ ҲИФЗИ МАЪЛУМОТҲОИ ШАХСӢ ҲАНГОМИ ИСТИФОДАИ ЗЕҲНИ СУНЪӢ ДАР ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРӢ

***Латипова С., Абдусамадзода С.***
*Донишгоҳи милии Тоҷикистон*

Дар замони муосир зеҳни сунъӣ ҳамчун воситаи асосӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ истифода мешавад, ки имкон медиҳад коркарди ҳаҷми зиёди маълумот ва қабули қарорҳои зуд ба сомон расонида шаванд. Аммо истифодаи зеҳни сунъӣ бо хатарҳои ҳифзи маълумотҳои шахсӣ ҳамроҳ аст, зеро системаҳои зеҳни сунъӣ аксар вақт маълумотҳои ҳассосро коркард мекунанд [1, с. 2]. Танзими ин соҳа барои ҳифзи ҳуқуқҳои соҳибкорон ва пешгирии сӯиистифода зарур аст.

Ҳифзи маълумотҳои шахсӣ мафҳуми асосӣ дар илми ҳуқуқи муосир аст, ки ҳуқуқи шахсонро ба назорати маълумотҳо дар бораи худ таъмин мекунад. Дар вобастагӣ ба зеҳни сунъӣ ин мафҳум мураккабтар мешавад, зеро зеҳни сунъӣ метавонад маълумотҳои навро аз маълумотҳои мавҷуда бавуҷд оварад, ки ин ба ҳуқуқҳои субъектҳо таъсир мерасонад. Мувофиқи Низомномаи умумии ҳифзи маълумот аз ҷониби Иттиҳоди Аврупо (GDPR) ҳифзи маълумотҳо бояд аз марҳилаи тарҳрезӣ (privacy by design) оғоз шавад, ки ин маънои ҳамгироии чораҳои ҳифзӣ дар системаҳои зеҳни сунъиро дорад. Масалан, истифодаи псевдонимизатсия ва анонимизатсия метавонад хатарҳоро коҳиш диҳад [3, с.4]. Ин чораҳо барои соҳибкорон ҳатмианд, то аз ҷаримаҳои калон пешгирӣ кунанд.

Дар фаъолияти соҳибкорӣ зеҳни сунъӣ барои таҳлили маълумотҳои муштариён истифода мешавад, аммо ин бояд бо риояи принсипҳои шаффофият ва ҳисоббаробаркунӣ ҳамроҳ бошад. Тибқи таҳқиқотҳо системаҳои зеҳни сунъӣ метавонанд маълумотҳои ҳассосро коркард кунанд, ки ин ба ҳуқуқҳои шахсон таҳдид мекунад, агар танзимҳои мувофиқ вуҷуд надошта бошад [5].

Зеҳни сунъӣ дар соҳибкорӣ барои оптимизатсияи равандҳо, пешгӯии талабот ва беҳтар кардани хидматрасониҳо истифода мешавад. Масалан, дар соҳаи молия зеҳни сунъӣ барои ошкор кардани қаллобӣ, дар соҳаи тандурустӣ барои ташхиси бемориҳо кӯмак мерасонад. Аммо ин истифодаҳо бо коркарди маълумотҳои шахсӣ ҳамроҳанд, ки талабҳои ҳуқуқиро ба миён меоранд. Мувофиқи санадҳои байналмилалӣ соҳибкорон бояд ҳангоми истифодаи зеҳни сунъӣ арзёбии таъсири ҳифзи маълумот (DPIA) гузаронанд, то хатарҳоро муайян кунанд [1, с. 3].

Дар амал соҳибкорон метавонанд технологияҳои ҳифз, аз қабили шифркунии маълумот ва омӯзиши дақиқро истифода баранд, то маълумотҳои шахсиро беҳтар ҳифз намоянд [4]. Ин равишҳо на танҳо ҳуқуқҳои шахсонро ҳифз мекунанд, балки боварии муштариёнро афзоиш медиҳанд.

Барои фаҳмиши беҳтари танзимҳо таҷрибаи кишварҳои пешрафта баррасӣ мешавад, ки ҳар кадомашон равиши хоси худро дар ҳифзи маълумотҳои шахсӣ ҳангоми истифодаи зеҳни сунъӣ дар соҳаи соҳибкорӣ доранд.

Дар Чин Қонуни ҳифзи маълумотҳои шахсӣ (PIPL, 2021) асоси танзимиро ташкил медиҳад, ки ҳамчун эквиваленти GDPR амал мекунад ва ҳуқуқҳои субъектҳоро ба назорат, тасҳеҳ ва несткунии маълумот муқаррар менамояд. Ин қонун аз соҳибкорон талаб мекунад, ки ҳангоми истифодаи зеҳни сунъӣ барои коркарди маълумотҳои ҳассос, арзёбии хатар гузаронанд ва маълумотҳои хориҷиро танҳо пас аз тасдиқи давлатӣ интиқол диҳанд. Таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки PIPL ба соҳибкорон кӯмак мерасонад, то аз сӯиистифодаи алгоритмҳои зеҳни сунъӣ пешгирӣ кунанд, аммо мураккабии он ба корхонаҳои хурд мушкилот эҷод мекунад [6]. Ин таҷриба барои кишварҳои Осиёи Марказӣ намунаи хуб аст, зеро он ба ҳифзи манфиатҳои давлатӣ такя мекунад.

Сингапур тавассути Қонуни ҳифзи маълумотҳои шахсӣ (PDPA, 2012) ва Чорчӯби идоракунии зеҳни сунъӣ (Model AI Governance Framework, 2019) равиши мутавозинро пеш гирифтааст. PDPA ҳуқуқҳои муштариёнро ба розигӣ ва дастрасӣ ба маълумот таъмин мекунад, дар ҳоле ки Чорчӯби зеҳни сунъӣ ба корхонаҳо тавсия медиҳад, ки шаффофиятро дар алгоритмҳо таъмин кунанд ва DPIA-ро амалӣ гардонанд. Ин система ба соҳибкорон имкон медиҳад, ки инноватсияҳоро бо ҳифзи маълумот ҳамоҳанг созанд, ки дар таҳқиқотҳо ҳамчун модели

байналмилалӣ барои кишварҳои Осиё таъкид шудааст [8]. Таҷрибаи Сингапур нишон медиҳад, ки ҳамкории байни ҳукумат ва бахши хусусӣ калиди муваффақият аст.

Дар Индонезия Қонуни ҳифзи маълумотҳои шахсӣ (PDP Law, 2022) навтарин таҳия шудааст, ки ҳуқуқҳои субъектҳоро ба маълумот, аз ҷумла ҳуқуқи фаромӯшӣ ва шикоятро муқаррар мекунад. Ин қонун аз корхонаҳо талаб мекунад, ки ҳангоми истифодаи зеҳни сунъӣ барои тиҷорат чораҳои ҳифз, ба монанди шифркунӣ ва арзёбии хатарро риоя кунанд. Таҳқиқотҳо таъкид мекунанд, ки PDP Law ба пешрафти иқтисодӣ кӯмак мерасонад, аммо набудани механизмҳои назорати қатъӣ мушкилот эҷод мекунад, хусусан дар соҳаи зеҳни сунъӣ [7]. Ин таҷриба барои кишварҳои рӯ ба инкишоф намуна мешавад, зеро он ба ҳифзи маълумотҳои муштариён дар бозори рақобатӣ такя мекунад.

Дар ИМА танзимҳо асосан ба сатҳи иёлатӣ, ба монанди CCPA дар Калифорния (2018) такя мекунанд, ки ҳуқуқҳои муштариёнро ба несткунии маълумот ва розигии огоҳона муқаррар менамоянд. Дар соли 2025 лоиҳаҳои федералӣ, ба монанди American Data Privacy and Protection Act, ба ҳифзи маълумотҳо дар зеҳни сунъӣ такя мекунанд ва аз корхонаҳо талаб мекунанд, ки алгоритмҳои хатарнокро арзёбӣ кунанд. Таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки ин равиш ба инноватсия мусоидат мекунад, аммо набудани қонуни ягона федералӣ мушкилот эҷод мекунад [9]. Таҷрибаи ИМА барои соҳибкорон намунаи озодии бозорӣ аст, ки бо чораҳои ҳифзӣ ҳамроҳ мешавад.

Ин таҷрибаҳо нишон медиҳанд, ки ҳамоҳангии байналмилалӣ зарур аст, то соҳибкорон дар бозори глобалӣ муваффақ бошанд. Танзими ҳуқуқӣ дар ин соҳа асосан бар GDPR ва қонунҳои миллӣ такя мекунад. GDPR асосҳои ҳуқуқӣ барои коркарди маълумотҳо, аз ҷумла розигӣ ва манфиатҳои қонуниро муқаррар мекунад. Аммо, мушкилотҳо вуҷуд доранд, аз қабили мураккабии системаҳои зеҳни сунъӣ, ки шаффофиятро мушкил мегардонад. Масалан, моделҳои зеҳни сунъӣ метавонанд маълумотҳои нав бавуҷуд оранд, ки ин ба ҳуқуқҳои инсон таъсир мерасонад [3, с. 4]. Барои ҳалли мушкилоти набудани шаффофият соҳибкорон метавонанд арзёбии таъсири ҳифзи маълумот (DPIA) ва гузоришдиҳии мунтазамро амалӣ кунанд, то фаъолияти системаҳои зеҳни сунъиро барои субъектҳои маълумот ва мақомоти назоратӣ равшан созанд [1, с. 3]. Дар мавриди коркарди маълумотҳои ҳассос истифодаи анонимизатсия ва гирифтани розигии огоҳона аз субъектҳои маълумот хатарҳоро коҳиш медиҳад ва ба талаботи қонунҳои байналмилалӣ, аз қабили GDPR мувофиқат мекунад [3, с. 4].

Барои ҳалли ин мушкилот соҳибкорон бояд омӯзиши кормандон ва ҳамкорӣ бо мақомоти назоратирӣ таъмин намоянд. Инчунин, истифодаи стандартҳои байналмилалӣ, аз қабили OECD метавонад ҳамоҳангиро таъмин кунад. Танзими ҳифзи маълумотҳои шахсӣ ҳангоми истифодаи зеҳни сунъӣ дар соҳаи соҳибкорӣ барои ҳамгироии инноватсия ва ҳуқуқҳо зарур аст. Соҳибкорон бояд принсипҳои GDPR-ро риоя намоянд ва чораҳои ҳифзӣ амалӣ кунанд, то аз хатарҳо пешгирӣ кунанд. Таҳқиқотҳо ва таҷрибаи Чин, Сингапур, Индонезия ва ИМА нишон медиҳанд, ки ҳамоҳангӣ байни қонунҳо ва технологияҳо калиди муваффақият аст [1;2;6;7;8;9].

Бо назардошти таҷрибаи байналмилалӣ, барои такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин тавсияҳо пешниҳод мешаванд. Қонуни амалкунандаи ҳифзи маълумотҳои шахсӣ (Қонуни №1537 аз 3 августи 2018) асосҳои ҳуқуқиро муқаррар мекунад, аммо набудани танзимҳои махсус барои зеҳни сунъӣ мушкилот эҷод мекунад. Тавсия мешавад, ки қонунҳои нав қабул карда шаванд, ки принсипҳои шаффофият, ҳисоббаробарӣ ва арзёбии таъсири ҳифзи маълумот (DPIA) ҳангоми истифодаи зеҳни сунъиро ҳатмӣ гардонанд. Инчунин таъсиси сохтори алоҳида дар мақоми ваколатдори назоратӣ барои ҳифзи маълумотҳо ва ҳамоҳангсозии қонунҳо бо стандартҳои байналмилалӣ, аз қабили GDPR ва PIPL барои ҷалби сармоягузории хориҷӣ ва пешрафти соҳибкорӣ зарур аст. Истифодаи privacy by design дар марҳилаи тарҳрезии системаҳои зеҳни сунъӣ ва таъмини ҳуқуқҳои субъектҳо метавонад хатарҳоро коҳиш диҳад.

***Адабиёт***


1. European Parliamentary Research Service. The impact of the General Data Protection Regulation (GDPR) on artificial intelligence. – Brussels, 2020. – 84 с.

2. Data privacy in the era of AI: Navigating regulatory landscapes for businesses // International Journal of Scientific Research and Analysis. – 2024. – № 2396. – С. 1–8.
3. European Data Protection Board. Opinion 28/2024 on certain data protection aspects related to the AI models. – Brussels, 2024. – 26 с.
4. Solove D. J. Artificial Intelligence and Privacy // Florida Law Review. – 2023. – Т. 72. – № 1. – С. 1–48.
5. Privacy Security Academy. Privacy Law Issues for Developers and Deployers of Generative Artificial Intelligence. – Washington, 2025. – 20 с.
6. Calzada I. Citizens' Data Privacy in China: The State-of-the-Art of the Personal Information Protection Law (PIPL) // Smart Cities. – 2022. – Т. 5. – № 3. – С. 1129–1150.
7. Indonesia's Legal Policy on Protecting Personal Data from Artificial Intelligence Abuse // ResearchGate. – 2024. – 25 с.
8. Governing intelligence: Singapore's evolving AI governance framework // Cambridge Forum on AI Law and Governance. – 2023. – С. 1–20.
9. The U.S. Approach to AI Regulation: Federal Laws // Journal of Law and Technology at Case Western. – 2025. – Т. 15. – № 2. – С. 45–67.
10. Data privacy laws in Central Asia: between ex-SSR and 'Belt & Road'

## ТАНЗИМИ ҲИФЗИ МАЪЛУМОТҲОИ ШАХСӢ ҲАНГОМИ ИСТИФОДАИ ЗЕҲНИ СУНЪӢ ДАР ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРӢ

Дар мақолаи мазкур масъалаҳои танзими ҳуқуқии ҳифзи маълумотҳои шахсӣ дар шароити истифодаи технологияҳои зеҳни сунъӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ мавриди таҳлил қарор мегиранд. Муаллифон тавассути баррасии санадҳои меъёрии байналмилалӣ, аз ҷумла GDPR-и Иттиҳоди Аврупо, PIPL-и Чин, PDPA-и Сингапур, PDP-и Индонезия ва CCPA-и ИМА, нишон медиҳанд, ки чӣ гуна соҳибкорон метавонанд ҳамзамон бо истифодаи самараноки зеҳни сунъӣ, ҳифзи маълумотҳои шахсиро таъмин намоянд. Дар мақола ба масъалаҳои муҳими ҳуқуқӣ, аз қабили ҳисоббаробарии алгоритмҳо, шаффофияти коркарди маълумот ва таъмини ҳуқуқҳои субъектҳои маълумот таваҷҷуҳ зоҳир шудааст. Таҷрибаи қонунгузории кишварҳои пешрафта дар ин самт таҳлил гардида, тавсияҳои мушаххас барои соҳибкорон пешниҳод мешаванд. Мақола ба таҳкими фаҳмиши ҳуқуқии истифодаи технологияҳои нав дар иқтисоди рақамӣ мусоидат мекунад.

**Калидвожаҳо:** ҳифзи маълумотҳои шахсӣ, зеҳни сунъӣ, фаъолияти соҳибкорӣ, танзими ҳуқуқӣ, шаффофият, ҳисоббаробаркунӣ.

## РЕГУЛИРОВАНИЕ ЗАЩИТЫ ПЕРСОНАЛЬНЫХ ДАННЫХ ПРИ ИСПОЛЬЗОВАНИИ ИСКУССТВЕННОГО ИНТЕЛЛЕКТА В ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ

В данной статье рассматриваются вопросы правового регулирования защиты персональных данных в условиях использования технологий искусственного интеллекта в предпринимательской деятельности. Авторы, анализируя международные нормативные акты, такие как GDPR Европейского союза, PIPL Китая, PDPA Сингапура, PDP Индонезии и CCPA США, показывают, каким образом предприниматели могут одновременно эффективно использовать искусственный интеллект и обеспечивать защиту персональных данных. В статье уделяется внимание ключевым юридическим аспектам, таким как алгоритмическая справедливость, прозрачность обработки данных и обеспечение прав субъектов данных. Проанализирован опыт законодательства развитых стран в данной области, а также представлены конкретные рекомендации для предпринимателей. Работа способствует углублению правового понимания применения новых технологий в условиях цифровой экономики.

**Ключевые слова:** защита персональных данных, искусственный интеллект, предпринимательская деятельность, правовое регулирование, прозрачность, подотчетность.

## REGULATION OF PERSONAL DATA PROTECTION IN THE USE OF ARTIFICIAL INTELLIGENCE IN ENTREPRENEURIAL ACTIVITY

This article examines the legal regulation of personal data protection in the context of using artificial intelligence technologies in entrepreneurial activities. The authors analyze international regulatory frameworks, including the EU’s GDPR, China’s PIPL, Singapore’s PDPA, Indonesia’s PDP, and the US’s CCPA, to demonstrate how entrepreneurs can effectively utilize artificial intelligence while ensuring the protection of personal data. The article highlights key legal issues such as algorithmic fairness, data processing transparency,

and the safeguarding of data subjects' rights. It also reviews the legislative practices of advanced countries in this field and offers specific recommendations for business actors. The article contributes to a deeper legal understanding of the application of emerging technologies within the digital economy.

**Keywords:** personal data protection, artificial intelligence, entrepreneurial activity, legal regulation, transparency, accountability.

**Дар бораи муаллифон**

Латипова Ситорапошо
унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносӣ
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
E mail: slatipova21@mail.ru

Абдусамадзода Сорбон
унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносӣ
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
E mail: sorbon90@mail.ru

**Об авторах**

Латипова Ситорапошо
Соискатель ученой степени кафедры предпринимательского и торгового права юридического факультета
Таджикский национальный университет
Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17
E mail: slatipova21@mail.ru

Абдусамадзода Сорбон
Соискатель ученой степени кафедры предпринимательского и торгового права юридического факультета Таджикский национальный университет
Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17
E mail: sorbon90@mail.ru

**About the Authors**

Latipova Sitoraposho
Applicant at the Department of Business and Trade Law, Faculty of Law
Tajik National University
Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17
E mail: slatipova21@mail.ru

Abdusamadzoda Sorbon
Applicant at the Department of Business and Trade Law, Faculty of Law
Tajik National University
Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17/
E mail: sorbon90@mail.ru

ТДУ 349.4:004.8:620.9(100+575.2)

# МУШКИЛОТИ ҲУҚУҚИИ ИСТИФОДАИ ЗЕҲНИ СУНЪӢ ДАР СОҲАИ ЭНЕРГЕТИКА ДАР ДАВЛАТҲОИ ХОРИҶӢ ВА ТАВСИЯҲО БАРОИ ТАКМИЛИ ҚОНУНГУЗОРИИ ТОҶИКИСТОН

***Абдуллозод М.А.***

*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ*

Дар солҳои охир, зеҳни сунъӣ ҳамчун технологияи навоварона (Innovative Technology) дар соҳаи энергетика (Energy Sector), аз ҷумла идоракунии шабакаҳои барқӣ (Power Grid Management), пешгӯии истеъмол (Consumption Forecasting) ва оптимизатсияи манбаъҳои барқароршаванда (Renewable Energy Optimization) васеъ истифода мешавад. Аммо ин навоварӣ бо мушкилоти ҳуқуқӣ, аз қабили масъулият барои хатоҳои алгоритмӣ (Algorithmic Errors), ҳифзи маълумот (Data Protection) ва таъсири ба муҳити зист (Environmental Impact) ҳамроҳ аст [1, с. 45; 2, с. 10]. Дар давлатҳои хориҷӣ, ки таҷрибаи бойи қонунгузорӣ доранд, ин масъалаҳо аллакай ба марҳилаи танзим (Regulation) омадаанд, дар ҳоле ки дар Тоҷикистон, бо вуҷуди Стратегияи рушди зеҳни сунъӣ то соли 2040 ҳанӯз заминаҳои ҳуқуқӣ нокифоянд [3, с. 112; 4, с. 20].

Дар Иттиҳоди Аврупо (European Union), Қонуни зеҳни сунъӣ (AI Act, 2024) зеҳни сунъиро ба категорияҳои хатарнок (Risk Categories) тақсим мекунад, ки истифодаи он дар энергетикаро (масалан, идоракунии шабакаҳои интеллектуалӣ (Smart Grid Management)) ҳамчун хатари баланд (High Risk) муайян месозад. Ин қонун талаб мекунад, ки алгоритмҳо шаффоф (Transparent) бошанд ва масъулият барои хатоҳо (аз қабили қатъи барқ аз сабаби пешгӯии нодуруст (Incorrect Forecasting)) ба ширкатҳои таҳиягар (Developers) гузарад [1, с. 78; 5, с. 50; 6, с. 15]. Дар ИМА Қонуни CHIPS and Science Act (2022) ба таҳқиқоти зеҳни сунъӣ дар энергетика дастгирӣ медиҳад, аммо мушкилоти асосӣ дар ҳифзи маълумоти истеъмолкунандагон (Consumer Data Protection) ва масъулият барои таъсири ба иқлим (Climate Impact) аст. Масалан, шартномаҳои Microsoft бо Constellation Energy (2024) барои энергияи ҳастаӣ (Nuclear Energy) барои марказҳои маълумотҳои зеҳни сунъӣ (AI Data Centers) ба масъалаҳои ҳуқуқии муҳити зист (Environmental Law) ва амнияти миллӣ (National Security) оварда мерасонанд [2, с. 333; 7, с. 130; 13, с. 498].

Ин таҷрибаҳо нишон медиҳанд, ки танзими хатари баланд (High-Risk Regulation) бо усули озмоиши маҳдуд (Sandbox Approach) самаранок аст, ки имкон медиҳад технологияҳо бе хатари калон санҷида шаванд [8, с. 82; 9, с. 40].

Дар Чин Чорабиниҳои миёнаҷояи идоракунии хидматҳои генеративии зеҳни сунъӣ (Generative AI Services Regulation, 2023) истифодаи зеҳни сунъӣ дар энергетикаро бо талаботи арзишҳои сусиалистии асосӣ (Core Socialist Values) ва ҳифзи ҳуқуқи инсонӣ (Human Rights Protection) танзим мекунад. Мушкилоти асосӣ – ношаффофии алгоритмҳо (Algorithmic Opacity) ва хатари қонунӣ (Legal Risks) дар идоракунии манбаъҳои барқароршаванда (Renewable Energy Management) аст [1, с. 56; 10, с. 200]. Дар кишварҳои Африка ба монанди Африқои Ҷанубӣ таҳқиқот нишон медиҳанд, ки зеҳни сунъӣ дар соҳаи кӯҳӣ (Mining Sector) ва энергетика бо мушкилоти ҳуқуқии патентҳо (Patent Issues) ва масъулият барои зиёни экологӣ (Environmental Damage Liability) рӯбарӯ аст. Масалан, патенти додани номи зеҳни сунъӣ ҳамчун муҳтадор (Inventor, 2021) бо қонунҳои байналмилалӣ зид аст ва ба танзими маҳаллӣ (Local Regulation) ниёз дорад [11, с. 130; 12, с. 60].

Дар Русия истифодаи зеҳни сунъӣ дар энергетикаи ҳастаӣ (Nuclear Energy Sector) бо мушкилоти ҳуқуқии амният (Security Issues) ва масъулият барои осеби ҳастаӣ (Nuclear Damage Liability) ҳамроҳ аст. Таҳқиқот таъкид мекунанд, ки зеҳни сунъӣ метавонад ба низоми паҳннашудагии ҳастаӣ (Nuclear Non-Proliferation Regime) таҳдид кунад, бинобар ин зарур аст стандартҳои IAEA (IAEA Standards) такмил ёбанд [4, с. 500; 5, с. 70; 13, с. 494–508]. Ин масъалаҳо барои кишварҳои пасошӯравӣ, аз ҷумла Тоҷикистон, ки бо Русия дар соҳаи энергетика ҳамкорӣ мекунад, аҳамияти амалии доранд [13, с. 505].

Дар Тоҷикистон, Стратегияи рушди зеҳни сунъӣ то соли 2040 (2023) заминаҳои умумиро мегузорад, аммо қонунҳои махсус барои энергетика масоили зеҳни сунъиро танзим намекунанд. Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи сарватҳои зеризаминӣ” аз 20 июли соли 1994, №

983, “Дар бораи сарфаҷӯӣ ва самаранокии энергия” аз 19 сентябри соли 2013, №1018, “Дар бораи нафт ва газ” аз 18 марти соли 2015, № 1190, “Дар бораи танзими давлатии истеҳсол ва муомилоти баъзе намудҳои маҳсулоти нафт” аз 30 июли соли 2007, № 309, “Дар бораи энергетика” аз 29 ноябри соли 2000, №33, Дар бораи истифодаи энергияи атомӣ аз 23 декабри соли 2021, № 1845 ба истифодаи зеҳни сунъӣ ишора намекунанд, ки боиси хатари ҳуқуқии қонунӣ (Legal Uncertainty) дар идоракунии соҳаи энергетика мешавад [3, с. 120; 7, с. 140; 8, с. 50]. Ин норасоӣ бо таҷрибаи байналмилалӣ муқоиса карда шуда, нишон медиҳад, ки Тоҷикистон ба танзими хатарнок (Risk-Based Regulation) ниёз дорад [9, с. 45; 10, с. 210; 13, с. 500].

Барои бартараф намудани нуқсони қонунгузории Тоҷикистон оид ба истифодаи зеҳни сунъӣ дар соҳаи энергетика чунин тавсияҳо пешниҳод карда мешаванд:

1. Таҳияи қонуни махсус. Барои муассир гардонидани истифодаи зеҳни сунъӣ дар соҳаи энергетика зарур аст, ки қонуни махсус Дар бораи танзими зеҳни сунъӣ дар соҳаи энергетика (AI Regulation in Energy Sector) таҳия карда шавад. Ин қонун бояд ба усули хатари Иттиҳоди Аврупо (EU Risk-Based Approach) такя кунад, ки технологияҳои зеҳни сунъиро ба категорияҳои баланд (High Risk, ба монанди идоракунии шабакаҳои баркӣ) ва паст (Low Risk, ба монанди пешгӯии истеъмол) тақсим мекунад. Чунин тақсимот имкон медиҳад, ки барои барномаҳои хатарнок талаботи қатъии назорат ҷорӣ карда шуда, барномаҳои камхатар озодона истифода шаванд. Масалан, идоракунии шабакаҳои интеллектуалӣ, ки метавонад ба устувории системаи энергетикии кишвар таъсир расонад, бояд зери назорати шадид қарор гирад, дар ҳоле ки пешгӯии истеъмол метавонад бо талаботи сабуктар танзим шавад. Ин равиш дар Иттиҳоди Аврупо бо муваффақият амалӣ шуда, барои Тоҷикистон низ метавонад муфид бошад, хусусан бо назардошти афзоиши истифодаи манбаъҳои барқароршаванда, ба монанди НБО-ҳо. Ин қонун инчунин бояд масъалаҳои шаффофии алгоритмҳо ва масъулияти таҳиягаронро барои хатоҳои эҳтимолӣ дар бар гирад, то хатарҳои техникиро кам кунад.

2. Таъсиси механизмҳои озмоиши маҳдуд. Барои озмоиши бехатари технологияҳои зеҳни сунъӣ дар соҳаи энергетика, Тоҷикистон метавонад механизми sandbox (озмоиши маҳдуд, Sandbox Approach)-ро ҷорӣ намояд. Ин механизм имкон медиҳад, ки технологияҳои нав дар шароитҳои назоратшаванда ва маҳдуд санҷида шаванд, то хатарҳои эҳтимолӣ ба системаи энергетикӣ пешгирӣ карда шаванд. Масалан, истифодаи зеҳни сунъӣ дар НБО-ҳои хурд (Small Hydropower Plants) метавонад ҳамчун пилотӣ озмоиш гардад, то самаранокии он ва таъсири он ба шабакаҳои энергетикӣ арзёбӣ шавад. Ин равиш дар ИМА муваффақона истифода шуда, ба ширкатҳо имкон додааст, ки технологияҳои навро бидуни хатари калон ба инфрасохтори энергетикӣ санҷанд. Барои Тоҷикистон, ки дорои шумораи зиёди НБО-ҳои хурд аст, ин механизм метавонад роҳи муассир барои ҷорӣ кардани зеҳни сунъӣ бошад. Назорати ҳуқуқӣ (Legal Oversight) дар ин раванд бояд бо ташкили комиссияи махсус таъмин карда шавад, ки масъулияти арзёбии хатарҳо ва риояи стандартҳои байналмилалиро ба дӯш гирад.

3. Ҳамкорӣ байналмилалӣ. Тоҷикистон бояд ҳамкории худро бо созмонҳои байналмилалӣ, ба монанди IAEA (International Atomic Energy Agency) ва UNCTAD (United Nations Conference on Trade and Development) барои таҳияи стандартҳои амниятӣ (Security Standards) дар истифодаи зеҳни сунъӣ дар энергетикаи ҳастаӣ (Nuclear Energy) ва барқароршаванда (Renewable Energy) густариш диҳад. Ин ҳамкорӣ метавонад ба Тоҷикистон дар қабули таҷрибаи пешрафтаи байналмилалӣ, аз ҷумла стандартҳои IAEA барои идоракунии бехатари технологияҳои зеҳни сунъӣ дар энергетикаи ҳастаӣ, кӯмак расонад. Инчунин, ҳамкорӣ бо UNCTAD метавонад дар таҳияи сиёсатҳои марбут ба истифодаи зеҳни сунъӣ дар манбаъҳои барқароршаванда, ба монанди энергияи гидроэнергетикӣ, мусоидат кунад. Масалан, таҷрибаи Русия дар истифодаи зеҳни сунъӣ дар энергетикаи ҳастаӣ нишон медиҳад, ки ҳамкории байналмилалӣ барои пешгирии таҳдидҳои амниятӣ муҳим аст. Тоҷикистон метавонад аз ин таҷриба истифода бурда, стандартҳои амниятиро барои НБО-ҳои худ такмил диҳад.

4. Таъмини ҳифзи маълумот. Барои мувофиқат бо стандартҳои байналмилалӣ, зарур аст, ки Қонун «Дар бораи ҳифзи иттилоот» дар Тоҷикистон такмил дода шавад. Зеҳни сунъӣ дар энергетика маълумоти зиёди истеъмолкунандагонро, аз қабили маълумоти истеъмоли барқ ва ҷадвалҳои корбарӣ, истифода мебарад, ки ҳифзи онҳо аз дастрасии беиҷозат муҳим аст. GDPR

талаб мекунад, ки маълумот бо шаффофият коркард шуда, ҳуқуқи истеъмолкунандагон ба дахолатнопазирӣ ҳифз карда шавад. Дар Тоҷикистон, ин қонун бояд бо муқаррароти мушаххас барои зеҳни сунъӣ, аз қабили талабот ба рамзгузории маълумот ва аудиторияи мунтазами системаҳо такмил ёбад. Инчунин, таъсиси мақоми назоратӣ барои назорати риояи ин талаботҳо зарур аст, то хатари вайроншавии маълумот кам карда шавад. Ин равиш дар Иттиҳоди Аврупо натиҷаҳои мусбат дода, метавонад барои Тоҷикистон низ муфид бошад.

5. Масъулият ва ахлоқ. Барои пешгирии оқибатҳои манфии истифодаи зеҳни сунъӣ Тоҷикистон бояд низоми муқаррар кардани масъулият барои осебҳои зеҳни сунъӣ (AI-Related Damages)-ро бо истинод ба қонунҳои байналмилалӣ таҳия намояд. Масалан, агар хатои алгоритми зеҳни сунъӣ боиси қатъи барқ ё зиёни экологӣ гардад, бояд механизми равшани муайян кардани масъулият вуҷуд дошта бошад. Барои ин, таъсиси кумитаи экспертиза (Expert Committee) зарур аст, ки масъалаҳои техникии марбут ба зеҳни сунъиро арзёбӣ карда, тавсияҳо барои ҳалли баҳсҳо пешниҳод кунад. Ин кумита бояд аз мутахассисони ҳуқуқ, технология ва энергетика иборат бошад, то қарорҳо ҳамаҷониба ва одилона бошанд. Инчунин, риояи принсипҳои этикии истифодаи зеҳни сунъӣ, ба монанди шаффофият ва ғайритабъиз бояд дар қонунгузорӣ мустаҳкам карда шавад. Таҷрибаи байналмилалӣ, аз ҷумла дар Русия ва Иттиҳоди Аврупо, нишон медиҳад, ки чунин механизмҳо метавонанд хатарҳои ҳуқуқиро кам кунанд.

Ин тавсияҳо метавонанд ба рушди бехатари зеҳни сунъӣ дар энергетикаи Тоҷикистон мусоидат кунанд ва ба ҳадафҳои Стратегияи миллии руд мутобиқ бошанд.

Мушкилоти ҳуқуқии зеҳни сунъӣ дар энергетика дар давлатҳои хориҷӣ, аз қабили ношаффофии алгоритмҳо (Algorithmic Opacity), масъулият (Liability) ва таҳдидҳои амниятӣ (Security Threats), таҷрибаи бой медиҳанд, ки Тоҷикистон бояд онҳоро барои такмили қонунгузории худ истифода барад. Тавсияҳои пешниҳодшуда имкон медиҳанд, ки технологияҳо бехатар (Safely) ва самаранок (Efficiently) истифода шаванд, ки барои рушди устувори кишвар (Sustainable Development) муҳим мебошанд.

***Адабиёт***


1. Dementev A. A., Saidmukhtorov A. A. LegalTech and LegalAI at the Service of the Energy Industry of the Future // LegalTech and Legal-AI in Business / ed. by Inshakova A., Matytsin D., Baltutite I. – Switzerland: Springer Nature Switzerland AG, 2025. – (Intelligent Systems Reference Library; vol. 276). – P. 339–346.
2. Jørgensen B. N., Ma Z. G. Regulating AI in the Energy Sector: A Scoping Review of EU Laws, Challenges, and Global Perspectives // Energies. – 2025. – Vol. 18, № 9. – Art. 2359.
3. Integrating artificial intelligence in energy transition: A comprehensive review // Energy Strategy Reviews. – 2025. – Vol. 57. – Art. 101600.
4. Ebert K., Alder N., Herbrich R., Hacker P. AI, Climate, and Regulation: From Data Centers to the AI Act // arXiv. – 2024. – URL: https://arxiv.org/html/2410.06681v2 (дата обращения: 02.10.2025).
5. Zhang T., Strbac G. Novel Artificial Intelligence Applications in Energy: A Systematic Review // Energies. – 2025. – Vol. 18, № 14. – Art. 3747.
6. Shaping the future of sustainable energy through AI-enabled circular economy policies // Circular Economy. – 2023. – Art. 100040.
7. Elefant C. Generative AI for the Energy Law Practitioner // Energy Law Journal. – 2025. – Vol. 46, № 2. – P. 119–165.
8. Spencer T., Singh S. Energy and AI // World Energy Outlook Special Report. – Paris: International Energy Agency, 2024. – 275 p.
9. Regulatory Capture of AI Safety: A Predictable Peril for the Public Interest // AI & Society. – Springer, 2025. – DOI: https://doi.org/10.1007/s00146-025-02534-0.
10. United Nations Conference on Trade and Development. Technology and Innovation Report 2025: The Promise of Artificial Intelligence. – Geneva: UNCTAD, 2025. – 150 p.
11. Ibrahim I. A. A sandbox approach to regulating high-risk artificial intelligence applications in the energy sector // Journal of World Energy Law & Business. – 2023. – Vol. 16, № 2. – P. 77–90.
12. Филипова И. А. Правовое регулирование искусственного интеллекта: учеб. пособие. – 3-е изд., перераб. и доп. – Нижний Новгород: Нижегород. гос. ун-т, 2025. – 250 с.

13. Клебанов Л. Р., Лизикова М. С. Искусственный интеллект в атомной энергетике: правовые вызовы и международное сотрудничество в поисках подходов к регулированию // Вестник РУДН. Сер.: Юридические науки. – 2025. – Т. 29, № 2. – С. 494–508.

## МУШКИЛОТИ ҲУҚУҚИИ ИСТИФОДАИ ЗЕҲНИ СУНЪӢ ДАР СОҲАИ ЭНЕРГЕТИКА ДАР ДАВЛАТҲОИ ХОРИҶӢ ВА ТАВСИЯҲО БАРОИ ТАКМИЛИ ҚОНУНГУЗОРИИ ТОҶИКИСТОН

Мақолаи илмӣ ба таҳлили муфассали мушкилоти ҳуқуқии ҷорӣ кардани технологияҳои зеҳни сунъӣ дар соҳаи энергетика бахшида шуда, таҷрибаи байналмилалии танзими зеҳни сунъӣ дар давлатҳои пешрафта ва рӯ ба рушд, аз ҷумла Иттиҳоди Аврупо, ИМА, Чин, Африка ва Русия баррасӣ мегардад. Дар Иттиҳоди Аврупо Қонуни зеҳни сунъӣ ("AI Act", 2024) технологияҳоро ба категорияҳои хатарнок тақсим карда, барои идоракунии шабакаҳои интеллектуалӣ ("Smart Grid Management") талаботи шаффофият ва масъулиятро муқаррар менамояд. Дар ИМА Қонуни CHIPS and Science Act (2022) ба таҳқиқот мусоидат менамояд, аммо мушкилоти ҳифзи маълумот ва таъсири ба иқлимро ба вуҷуд меорад. Дар Чин танзим бо талаботи "арзишҳои сусиалистии асосӣ" ва ношаффофии алгоритмҳо ҳамроҳ аст, дар ҳоле ки дар Африка масъалаҳои патентҳо ва зиёни экологӣ бартарӣ доранд. Дар Русия хатари амниятӣ дар энергетикаи ҳастаӣ таъкид мешавад, ки ба стандартҳои IAEA таъсир мерасонад. Вазъи қонунгузории Тоҷикистон таҳлил шуда, номукамалии Стратегияи рушди зеҳни сунъӣ то соли 2040 ва қонунҳои марбути энергия ошкор карда мешавад, ки боиси нуқсон дар идоракунии НБО-ҳо мегардад. Аз ҷониби муаллифон тавсияҳои мушаххас пешниҳод мешаванд: таҳияи қонуни махсус бо усули хатари ИА; ҷорӣ кардани механизмҳои "sandbox" барои озмоиш дар НБО-ҳои хурд; ҳамкорӣ бо ташкилоти IAEA ва UNCTAD барои стандартҳои амниятӣ; такмили Қонуни ҳифзи иттилоот бо талаботҳои GDPR ва муқаррар кардани масъулияту таъсиси кумитаи экспертиза. Ин тавсияҳо ба рушди устувори энергетикаи Тоҷикистон мусоидат карда, хатарҳои ҳуқуқиро кам менамоянд ва ба ҳадафҳои миллӣ мувофиқанд.

**Калидвожаҳо:** зеҳни сунъӣ, энергетика, танзими ҳуқуқӣ, Иттиҳоди Аврупо, ИМА, Чин, Африка, Русия, қонунгузории Тоҷикистон, энергияи барқароршаванда, масъулият, ҳифзи маълумот, механизмҳои sandbox, устувории энергетика.

## ПРАВОВЫЕ ПРОБЛЕМЫ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ ИСКУССТВЕННОГО ИНТЕЛЛЕКТА В ЭНЕРГЕТИЧЕСКОЙ СФЕРЕ В ЗАРУБЕЖНЫХ СТРАНАХ И РЕКОМЕНДАЦИИ ПО СОВЕРШЕНСТВОВАНИЮ ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВА ТАДЖИКИСТАНА

Научная статья посвящена детальному анализу правовых проблем внедрения технологий искусственного интеллекта (ИИ) в энергетическом секторе. Рассматривается международный опыт регулирования ИИ в развитых и развивающихся странах, включая Европейский Союз, США, Китай, Африку и Россию. В Европейском Союзе Закон об ИИ ("AI Act", 2024) классифицирует технологии по категориям риска, устанавливая требования к прозрачности и ответственности для управления интеллектуальными сетями ("Smart Grid Management"). В США Закон CHIPS and Science Act (2022) способствует исследованиям, но вызывает проблемы, связанные с защитой данных и воздействием на климат. В Китае регулирование связано с требованиями "основных социалистических ценностей" и непрозрачностью алгоритмов, тогда как в Африке преобладают вопросы патентов и экологического ущерба. В России подчеркивается риск безопасности в ядерной энергетике, что влияет на стандарты МАГАТЭ. Анализируется состояние законодательства Таджикистана, выявлены недостатки Стратегии развития ИИ до 2040 года и соответствующих энергетических законов, что приводит к правовой неопределенности в управлении ГЭС. Авторами предлагаются конкретные рекомендации: разработка специального закона на основе подхода ЕС к оценке рисков; внедрение механизмов "песочницы" ("sandbox") для тестирования на малых ГЭС; сотрудничество с МАГАТЭ и ЮНКТАД для разработки стандартов безопасности; совершенствование Закона о защите данных в соответствии с требованиями GDPR ЕС; установление ответственности и создание экспертной комиссии. Эти рекомендации способствуют устойчивому развитию энергетики Таджикистана, минимизации правовых рисков и соответствуют национальным целям.

**Ключевые слова:** искусственный интеллект, энергетика, правовое регулирование, Европейский Союз, США, Китай, Африка, Россия, законодательство Таджикистана, возобновляемая энергия, ответственность, защита данных, механизмы "песочницы", устойчивость энергетики.

## LEGAL ISSUES OF USING ARTIFICIAL INTELLIGENCE IN THE ENERGY SECTOR IN FOREIGN COUNTRIES AND RECOMMENDATIONS FOR IMPROVING TAJIKISTAN'S LEGISLATION

The scientific article is dedicated to a detailed analysis of the legal challenges associated with the implementation of artificial intelligence (AI) technologies in the energy sector. It examines the international experience of regulating AI in developed and developing countries, including the European Union (EU), the USA, China, Africa, and Russia. In the EU, the AI Act (2024) categorizes technologies based on risk levels, establishing requirements for transparency and liability in the management of smart grids ("Smart Grid Management"). In the USA, the CHIPS and Science Act (2022, updated through 2024) supports AI research but raises issues related to data protection and climate impact. In China, regulation is tied to "core socialist values" and algorithmic opacity, while in Africa, patent issues and environmental damage liability dominate. In Russia, security risks in the nuclear energy sector are highlighted, impacting IAEA standards. The article analyzes Tajikistan’s legislative framework, revealing deficiencies in the AI Development Strategy until 2040 and related energy laws, which lead to legal uncertainties in managing hydropower plants (HPPs). The authors propose specific recommendations: developing a dedicated law based on the EU’s risk-based approach; implementing "sandbox" mechanisms for testing AI in small HPPs; collaborating with IAEA and UNCTAD to establish security standards; enhancing the Data Protection Law in line with EU GDPR requirements; and establishing liability frameworks with the creation of an expert committee. These recommendations aim to promote the sustainable development of Tajikistan’s energy sector, reduce legal risks, and align with national goals.

**Keywords:** artificial intelligence, energy sector, legal regulation, European Union, USA, China, Africa, Russia, Tajikistan legislation, renewable energy, liability, data protection, sandbox mechanisms, energy sustainability.

**Дар бораи муаллиф**
Абдуллозод Муҳаммади Амонулло
Унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.
Суроға: 734003, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121
Тел: (+992)100616262

**Об авторе**
Абдуллозод Мухаммади Амонулл
Соискатель кафедры права
Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни
Адрес: 734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 121
Тел.: (+992) 100616262

**About the Author**
Abdullozod Muhammad Amonullo
Application to the Department of Law
Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Ayni
Address: 734003, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue,
121 Phone: (+992) 100616262

ТДУ 37.014.5(575.3)

# САМАРАҲОИ СИЁСАТИ СОЗАНДАИ ПРЕЗИДЕНТИ ТОҶИКИСТОН ДАР САМТИ РУШДИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМӢ

***Шарифзода А.А.***
*Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон*

Таҳсилоти умумӣ дар низоми маорифи кишвар яке аз зинаҳои хеле муҳим дар ташаккулёбии шахсияту ҷаҳонбинии наврасон ба шумор меравад. Ба назари таҳлилгарони соҳа маҳз фарогирии саводу дониш дар ҳамин синну сол сурат гирифта, раванди минбаъдаи ҳаёти кӯдак дар замони таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ муайяну мушаххас мегардад.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои соҳибистиқлолӣ барои самаранок гардонидани раванди таълиму тарбияи насли наврас дар ин зинаи таҳсилот тадбирҳои судмандро андешида, мавриди амал қарор додааст.

Яке аз иқдомҳои муҳим дар ин самт гузариш аз низоми анъанавии таълим ба таълими салоҳиятнок мебошад. Барномаҳои таълим, ки дар низоми мазкур бо тартиби мушаххас ва муназзам пешниҳод карда мешавад, барои аз худ кардани мавзуҳо миқдори муайяни вақтро пешбинӣ мекунанд, ки дар ин асос омӯзгор имкон дорад, паҳлӯҳои гуногуни мавзуро ба хонанда фаҳмонида, шавқи ӯро барои амиқтар омӯхтани фан ҷалб созад ва маълумоти бештареро ба хонандагон дода бошад.

Инчунин талаботи дигари ин низом он аст, ки барои ҳар як фан барномаи таълимии алоҳида таҳия ва он ба муҳлати аз 5 то 10 сол барои истифодабарӣ пешбинӣ карда мешавад. Ин гуна муҳлат ба он хотир аст, то раванди донишомӯзӣ тақвият ёфта, заминаи дақиқи омӯзиши фан ва фаҳмиши он дар зеҳну шуури хонанда фароҳам оварда шавад.

Ин омилҳо бартарии пурраи низоми мазкур нест, чунки ба таври бонизом пешниҳод ва азхуд кардани дониш, тартиби пешниҳоди маводи таълим, фарогирии миқдори зиёди хонандагон ва тартиботи камхарҷи додани дониш аз ҷумлаи омилҳои дигарест, ки афзалияти низоми мазкурро устувортар карда, салоҳиятнокии онро бештар намудааст.

Агар дар соли 1991 дар Тоҷикистон 3229 муассисаи таҳсилоти умумӣ бо 1,3 миллион нафар хонанда фаъолият дошта бошад, пас имрӯзҳо ин омор 4037 муассиса бо шумораи умумии беш аз 2 миллиону 300 ҳазор хонандаро ташкил медиҳад [6].

Бо дарки аҳамияти зиёди ин зинаи таҳсилот дар ташаккулёбии шахсият Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи қабулу амалисозии барномаву стратегия ва консепсияҳои мушаххас дар ин самт навгониҳоро мавриди татбиқ қарор медиҳад.

Истиқлоли давлатӣ дар баробари фаъолияти шаклҳои анъанавии таълиму тарбия шароити мусоидро барои ба фаъолият оғоз намудани мактабҳои типи нав дар мамлакат ба миён овард.

Солҳои 90-уми асри гузашта дар кишвари мо аз мактабҳои типи нав ҳамагӣ як гимназия амал мекард, ки барои як кишвари соҳибистиқолол ин нишондиҳандаи пасттарин ва нигароникунанда махсуб меёфт.

Давлату Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сарфи назар аз мушкилоти иқтисодӣ ва таъсири манфии бухрони ҷаҳонии молиявӣ дар фосилаи кӯтоҳи соҳибистиқлолӣ барои сохтмони чунин мактабҳои наву замонавӣ, таъмиру барқарорсозии муассисаҳои таъмирталаби таълимӣ, бунёди синфхонаҳои иловагии барҳаво ва таъминоти онҳо бо маводу таҷҳизоти зарурӣ маблағҳои зиёдро сафарбар намуд, то насли наврасу ҷавон аз омӯзиши илмҳои муосир дар канор намонанд ва соҳиби саводу маърифат шуда, оянда ба Ватан ва халқи худ ба таври сазовор хизмат намоянд.

Бунёд ва мавриди истифода қарор додани муассисаҳои таҳсилоти умумии типи нави бо шароити муосир ва ба талаботу меъёрҳои ҷаҳонӣ ҷавобгӯ самараи даврони соҳибистиқлолии кишвар буда, ба хонандагон ҷиҳати аз худ намудани илмҳои пешрафта ва технологияҳои навин мусоидат менамояд.

Дар соли таҳсили 2024-2025 дар заминаи амалӣ шудани тадбирҳои судманд дар партави сиёсати маорифпарваронаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҷумҳурӣ шумораи муассисаҳои таҳсилоти умумии типи нав, яъне литсею гимназия, ба беш аз 170 адад расидааст.

Тайи солҳои 2011-2021 бо ташаббус ва дастгирии бевоситаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон "Литсейи Президентӣ барои хонандагони болаёқат" дар ноҳияи Бохтар (ҳозира Кӯшониён, 10 августи соли 2011), Муассисаи давлатии "Литсейи Президентӣ барои хонандагони болаёқат" дар шаҳри Хоруғ (15 августи соли 2011), Муассисаи давлатии "Мактаби Президентии байналмилалӣ барои кӯдакони лаёқатманд" дар шаҳри Душанбе (1 сентябри соли 2012), "Мактаби Президентӣ барои хонандагони болаёқат" дар ноҳияи Данғара (25 сентябри соли 2012), Мактаби Президентӣ дар шаҳри Кӯлоб (28 октябри соли 2013), Мактаби Президентӣ барои хонандагони болаёқат дар ноҳияи Ҳисор (22 сентябри соли 2015), Мактаби Президентӣ барои хонандагони болаёқат дар шаҳри Хуҷанд (17 ноябри соли 2017) таъсис дода шуда, ба фаъолият оғоз намуданд. Дар мактабҳои Президентӣ барои хонандагон беҳтарин шароити таълиму тарбия муҳайё карда шудааст [9]. Дар ин радиф бояд қайд намуд, ки 19 августи соли 2020 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар деҳаи Умараки ноҳияи Дарвоз бо гузоштани санги асос ба сохтмони Мактаби Президентӣ оғоз бахшиданд.

Шумораи мактаб-интернатҳо дар соли 1991 дар ҷумҳурӣ 41 ададро ташкил мекард, ки танҳо 5-тои он мақоми ҷумҳуриявӣ доштанд [8, с. 12]. Дар соли таҳсили 2024-2025 бошад, барои ба таълиму тарбия фаро гирифтани кӯдакони ятиму бепарастор ва имконияташон маҳдуд дар ҷумҳурӣ 61 мактаб-интернат, аз ҷумла 16 мактаб-интернат барои кӯдакони ятиму бепарастор, 19 мактаб-интернат барои кӯдакони имконияташон маҳдуд, 2 хонаи бачагон, 22 мактаб-интернати наздимактабӣ, 1 мактаби махсуси ҷумҳуриявии шаҳри Душанбе барои кӯдакони душвортарбия, 1 мактаб-интернати хонандагони лаёқатманд бо фарогирии 7706 нафар (2508 духтар) фаъолият менамоянд. Аз 61 мактаб-интернат 14 адади он дорои мақоми ҷумҳуриявӣ ва 47 мактаб-интернат дорои мақоми маҳаллӣ мебошанд [5].

Татбиқи барномаҳои гуногун дар самти беҳтар намудани сифати таҳсилоти умумӣ дар солҳои соҳибистиқлолӣ бо ҳидояту дастгириҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳама шаҳру ноҳияҳои мамлакат имкон фароҳам овард, ки баробари мавриди истифода қарор гирифтани биноҳои хуштарҳу замонавии таълимӣ бо синфхонаҳои муҷаҳҳази фаннӣ насли ояндасозу умедбахши миллат ба таҳсили ҳамаҷониба фаро гирифта шавад.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 1 сентябри соли 2012 дар шаҳри Душанбе бинои боҳашамати Мактаби байналмилалии Президентӣ барои 1100 нафар хонандаи болаёқатро ба истифода доданд, ки он бо назардошти талаботи муосир нисбат ба муассисаҳои таълимии сатҳи байналмилалӣ сохта шуда, бо тамоми таҷҳизоту технологияи зарурии ҳозиразамон ва шароити беҳтарин барои донишомӯзӣ таъмин гардидааст.

Ин муассисаи таълимӣ аз ду бинои хобгоҳ барои ҳамаи донишомӯзон ва хонаи истиқоматии иборат аз 28 ҳуҷра барои омӯзгорон, 84 синфхона, ду китобхона, синфхонаҳои компютерию лингофонӣ, озмоишгоҳҳои фаннӣ, толорҳои варзишӣ, ошхона ва дигар биноҳои ёрирасон иборат мебошад [14, с. 157].

Дар Мактаби байналмилалии Президентӣ таҳия ва қабул шудани барномаҳои таълимӣ бо назардошти ниёзҳо ва арзишҳои миллии Тоҷикистон дар заминаи барномаҳои донишгоҳҳои Кембриҷу Оксфорд, ки шуҳрати ҷаҳонӣ доранд, барои такмили забондонии насли наврас имкони густурда фароҳам гардид.

Бо иштироки муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон танҳо дар соли 2022 санаи 21 март дар ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ бинои хуштарҳу муосири Мактаби байналмилалии Президентӣ (барои 720 хонандаи болаёқат дар як баст), 14 апрел дар шаҳри Панҷакент бинои нави 3-ошёнаи Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №47 ба номи "Спитамен" (барои 806 хонанда дар ду баст), 16 апрел дар ноҳияи Ашт Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №65 (барои 720 нафар хонанда дар ду баст), 17 апрел дар шаҳри Исфара Мактаби байналмилалии "Контакт" (барои 800 хонанда дар як баст), 31 август дар ноҳияи Исмоили Сомонии пойтахт бинои нави Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №12 (барои 1500 хонанда дар ду баст), 1 сентябр дар ноҳияи Синои пойтахт Муассисаи

таълимии хусусии “Мактаби муосири байналмилалӣ” (барои 640 нафар хонанда дар як баст) мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтанд [14]. Ҳамзамон дар ин сол дар дигар шаҳру ноҳияҳои мамлакат биноҳои таълимӣ бо синфхонаҳои компютерӣ, озмоишгоҳҳои фаннӣ ба истифода дода шуданд, ки дар самти беҳтар гардидани таълиму тарбияи ҷавонон мусоидати фаъол намуданд.

Соли 2022 ҳамчунин бо он хос буд, ки 1 сентябри ҳамон сол бо иштироки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Федератсияи Россия муҳтарам Владимир Путин ба таври маҷозӣ маросими ифтитоҳи 5 мактаби миёнаи русӣ дар шаҳрҳои Душанбе, Кӯлоб, Хуҷанд, Бохтар ва Турсунзодаи Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид. Ҳамин тариқ, дар доираи ҳамкории судманди Тоҷикистону Россия дар шаҳри Душанбе дар масоҳати умумии 2,4 гектар муассисаи таълимии муосир барои 2448 хонанда дар ду баст сохта шуд. Сарвари давлат дар суханрониашон иттилоъ доданд, ки имрӯз дар кишвари мо 39 мактаби таҳсилашон ба забони русӣ мавҷуд буда, дар онҳо тақрибан 27 ҳазор нафар хонандагон таълим мегиранд. Ҳамзамон беш аз 160 мактаби омехтаи тоҷикӣ-русӣ фаъолият дорад, ки фарогири ҳудуди ҳафтод ҳазор хонанда мебошад. Ба ғайр аз ин, тибқи меъёрҳои давлатӣ, омӯзиши забони русӣ ҷузъи ҳатмии барномаҳои таълимӣ маҳсуб шуда, шуруъ аз синфи дуюм дар тамоми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, ки ҳудуди чор ҳазор мактабро ташкил медиҳанд, омӯхта мешавад. Дар баробари ин, масъалаи бо китобҳои дарсӣ ва воситаҳои таълимӣ таъмин намудани мактабҳои мо ҳанӯз ҳам мубрам дониста шуд [14, с. 184-185].

Масъалаҳои вобаста ба таълиму тарбияи насли ватандӯсту ояндасоз ва фароҳам овардани имконоти муосири тадриси онҳо дар пойтахти мамлакат зери назари бевоситаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе, бахусус Раиси шаҳр муҳтарам Рустами Эмомалӣ қарор дошта, дар ин соҳа тайи солҳои охир тағйироти куллӣ сурат гирифтааст.

Роҳандозии тадбирҳои муассир дар ин самт ба баланд гардидани сатҳу сифати дониши хонандагон ва ба низоми зудинкишофёфта табдил ёфтани ин соҳаи ҳаётан муҳим заминаи устуворро фароҳам овардааст.

Ҳамин тавр, дар 8 соли охир, дар шаҳри Душанбе 53 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ бо 96 700 ҷойи нишаст бунёд гардида, сохтмони боз 21 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ бо 40 ҳазор ҷойи нишаст дар ду баст бомаром идома дорад. Дар ин зимн бояд гуфт, ки дар соли 2024 дар шаҳри Душанбе 7 муассисаи таълимӣ бо 13 ҳазору 620 ҷойи нишаст сохта ба истифода дода шуда, соли 2025 бошад дар пойтахт тибқи нақшаҳои созандаи Ҳукумати шаҳри Душанбе сохтмони боз 6 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ бо 13 ҳазору 520 ҷойи нишаст дар ду баст пешбинӣ шудааст [11.

Дар шаҳри Душанбе давоми солҳои 2017-2025 бо бунёду мавриди истифода қарор гирифтани муассисаҳои нави таълимӣ имкон фароҳам омад, ки низоми таҳсилот боз ҳам мукаммал ва хонандагон ба ҷаҳони муосири донишомӯзӣ ворид гарданд.

28 августи соли 2018 Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №55 барои 3500 нафар хонанда дар ду бастро мавриди истифода қарор доданд [4]. Муассисаи таълимӣ аз ду бино иборат буда, дорои синфхонаҳои алоҳида барои гузаронидани дарсҳои физика, химия, биология ва омодагии дифои ҳарбӣ мебошад ва синфхонаҳои фаннӣ бо аёниятҳои дарсӣ ва тахтаҳои электронӣ таъмин гардидаанд.

20 сентябри соли 2018 дар шаҳри Душанбе бо иштироки Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии ғайридавлатии “Академияи умумиҷаҳонии Кембриҷ” ба истифода дода шуд. Дар ин мактаб 640 ҷой барои таълиму тарбияи томактабӣ ва таҳсилоти умумӣ фароҳам оварда шудааст.

Таълим дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии ғайридавлатии “Академияи умумиҷаҳонии Кембриҷ” дар асоси барномаҳои таълимии зинаҳои таҳсилоти томактабӣ ва таҳсилоти умумӣ дар асоси стандартҳои давлатии таҳсилоти Британияи Кабир ва мутобиқ ба стандартҳои давлатии таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат гирифта, таълим бо забони англисӣ мебошад.

Ифтитоҳи муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №65 дар шаҳри Душанбе барои 2000 нафар хонанда дар ду баст дар санаи 15 январи соли 2020, мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтани муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №102 барои 2400 нафар хонанда дар ду баст дар ноҳияи Шоҳмансури пойтахт дар таърихи 17 августи соли 2020, ба истифода додани "Литсейи №4 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе" барои 1440 хонанда дар ду баст ва бинои нави муассисаи давлатии таълимии "Гимназияи ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе" барои 2560 нафар хонанда дар ду баст 20 августи соли 2021, муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №133 дар маҳаллаи Меҳрободи ноҳияи Синои пойтахт барои 2560 нафар хонанда дар ду баст, бинои хобгоҳи Муассисаи давлатии таҳсилоти миёнаи умумии мактаб-интернати №1 барои кӯдакони ятим ва бепарастори шаҳри Душанбе барои 375 нафар, муассисаи давлатии таълимии "Гимназияи №4 барои хонандагони болаёқат"-и шаҳри Душанбе дар ноҳияи Фирдавсии пойтахт барои 2500 нафар хонанда дар як баст дар санаи 1 сентябри соли 2021 [10] ва дигар биноҳои хуштарҳу замонавӣ дар заминаи таваҷҷуҳи доимию рӯзафзуни роҳбарияти олии Ҳукумати мамлакат ва Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе амалӣ гардидааст.

Насли наврас, феълан, дар шароите ба камол мерасаду таълим мегирад, ки дар солҳои давлатдории навинамон бо талошҳову заҳматҳои ҳамешагии роҳбарияти олии давлату Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти рушди соҳаи маориф муҳайё карда шудааст.

Дар замони Истиқлоли давлатӣ баробари фароҳам гардидани заминаи дурусти таълиму тарбия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар соли 2017 низоми наве дар соҳаи маориф ҷорӣ карда шуд, ки аз ғамхориҳои дигари роҳбарияти олии давлату Ҳукумати мамлакат дар ин самт дониста мешавад. Дар асоси низоми таълими сарикасӣ давлату ҳукумати кишвар барои ҳар як таълимгиранда маблағҳои муайянеро пешбинӣ намуда, бо харҷи он муассисаи таълимӣ барои ҷалби ҳарчи бештари таваҷҷуҳи хонандагон ба донишомӯзӣ ва таъминоти моддию техникии таълимгоҳ имкони пурра пайдо намуданд. Маҳз ҳамин гуна ғамхориҳои роҳбарияти олии мамлакат аст, ки дар соҳаи маориф мунтазам заминаҳои рушди ояндаи ҷавонону наврасон фароҳам мегардад ва хонандагон барои омӯзиши бештари илмҳои замони муосир ҳавасманд карда мешаванд.

Пешрафти дигари соҳа ин ҷорисозии низоми барномаи "eDonish" бо ташаббуси Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе дар доираи "Консепсияи гузариш ба таҳсилоти рақамӣ дар ҷумҳурӣ" аз соли 2020 мебошад, ки то ба имрӯз 150 муассисаи таълимии ҳудуди пойтахт аз ин таҷрибаи пешқадам истифода мебаранд.

Тибқи мушоҳидаҳои чанд соли охир, ҳам ҷавонон ва ҳам устодону падару модарон барои таҳсил дар зинаи таҳсилоти миёнаи умумӣ чандон ҳавасмандӣ зоҳир накарда, умуман баъд аз хатми синфи 9 таҳсилро идома намедиҳанд. Бо талошу ғамхориҳои Ҳукумати кишвар зери ҳидоятҳои хирадмандонаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон акнун ҳамаи хатмкунандагони зинаи таҳсилоти миёнаи асосӣ баъди хатми синфи 9 вазифадоранд, ки дар ҳолати ихтиёран идома надодани таҳсил дар зинаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, бояд ҳатман таҳсилоти худро дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ё миёнаи касбӣ, яъне литсейҳои касбии техникӣ ва коллеҷҳо идома диҳанд ва соҳибкасб шаванд [12].

Вобаста ба пешравиҳои соҳаи маорифи кишвар бояд онро махсус дарҷ кард, ки дар маҷмуъ, Тоҷикистон тибқи таҳлилҳои ЮНЕСКО ва Бонки Ҷаҳонӣ ба гурӯҳи кишварҳое дохил шудааст, ки ҳаҷми маблағгузории онҳо ба соҳаи маориф аз ҳисоби буҷети давлат зиёд мебошад. Дар ин раддабандӣ мамлакати мо аз 183 кишвари таҳти омӯзиш қарордошта ҷойи 21-умро ишғол менамояд.

Дар ин қарина, бо дастуру таъкидҳои Президенти Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон омода кардани кадрҳои баландихтисоси омӯзгорӣ, боз ҳам баланд бардоштани сифати таълим, эътибори ҷиддӣ додан ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар тамоми зинаҳои таҳсилот, илмҳои дақиқ, риёзӣ ва табиӣ аз вазифаҳои меҳварии аҳли маориф номбар шудаанд. Дар ин росто, бо мақсади татбиқи лоиҳаи сармоягузории давлатии «Муҳити таълим – асоси таҳсилоти босифат» таҳияи «Чаҳорчӯбаи миллии рушди таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз соли 2024 инҷониб барои таъмини муҳити мусоид ҷиҳати дастрасӣ ба таҳсилот, таълиму тарбияи самарабахш, таълифи китобҳои дарсии насли нав, баланд бардоштани сифати таҳсилот ва рушди таҳсилоти иловагӣ,

таҳлил ва арзёбии раванди таълиму тарбия, беҳтар кардани инфрасохтори муассисаҳои таълимӣ, аз такмили ихтисос ва бозомӯзӣ гузаронидани омӯзгорон, тақвияти мақоми омӯзгор дар ҷомеа, ҷалби бештари хонандагону омӯзгорон ба истифодаи технологияҳои иттилоотӣ, рақамикунонии соҳаи маориф зарур дониста шудааст.

Дар идомаи мантиқии сиёсати ғамхоронаи давлат ва Ҳукумати ҷумҳурӣ нисбати аҳли маорифи кишвар, маоши вазифавии кормандони таҳсилоти миёнаи умумии соҳаи маориф дар солҳои 2024 ва 2025 мутаносибан ба андозаи 40 фоиз ва иловатан 30 фоиз баланд бардошта шуд [7]. Ин ҳама бозгӯи равшани таваҷҷуҳи хоссаи Президенти кишвар ба масъалаи беҳтарсозии некуаҳволӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳли маориф ба манзури болобарии сатҳу сифати таълим мебошад.

Бояд қайд кард, ки ба мавзуи бартараф намудани норасоии кадрҳои омӯзгорӣ низ Ҳукумати кишвар диққати махсус медиҳад ва дар соли 2024 беш аз 3168 хатмкунандаи равияи омӯзгорӣ ба муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии мамлакат фиристода шуд. Аз ин шумора 2512 нафар хатмкардаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мебошанд, ки 629 нафари онҳо тибқи квота таҳсил намудаанд. Инчунин 656 нафар хатмкардаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ва хатмкунандагони курсҳои 4-5-и равияи омӯзгории муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мебошанд [3].

Яке аз вазифаҳои афзалиятноки давлат дар соҳаи маорифи кишвар дарёфт, дастгирӣ ва рушди хонандагони болаёқат мебошад. Дар иртибот ба ин, бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 апрели соли 2021 «Барномаи давлатии дарёфт ва рушди истеъдодҳо барои солҳои 2021-2025» қабул гардидааст, ки ба ҳадафҳои дарёфт, дастгирӣ, рушди хонандагони боистеъдод ва фароҳам овардани шароити мусоиди таълимию тарбиявӣ барои ташаккули таҳсили муттасили ҷавобгӯ ба талаботи таълимӣ ва амалӣ намудани қобилияти эҷодии истеъдодҳо нигаронида шудааст. Хосатан шаҳри Душанбе дар шаклгирии низоми дарёфт ва рушди истеъдодҳо нақши бориз гузоштааст, чунки нахустин Маркази дарёфт ва рушди истеъдодҳо маҳз дар пойтахт ҳанӯз соли 2008 таъсис ёфта буд. Натиҷаи мусбати фаъолияти ин муассисаи навтаъсис буд, ки Ҳукумати Тоҷикистон бунёди чунин марказҳоро дар ҳамаи шаҳру ноҳияҳо салоҳ донист ва шуруъ аз соли 2015 ин марказҳо дар саросари ҷумҳурӣ таъсис дода шуданд.

Бо вуҷуди тадбирҳои андешида мушкилот дар самти дарёфт ва рушди истеъдодҳо ба таври зарурӣ ҳаллу фасл нашудааст. Ба таври кофӣ мавҷуд набудани дастурҳои методӣ, адабиёти илмии кор бо хонандагони боистеъдод, норасоии кабинетҳои фаннӣ ва озмоишгоҳҳои муҷаҳҳази таълимӣ дар марказҳои дарёфт ва рушди истеъдодҳо аз ҷумлаи чунин камбудиҳои соҳа аст, ки садди роҳи рушди қобилияти эҷодии хонандагони боистеъдод ва гузаронидани таҷрибаҳои амалӣ мегардад. Ба назари коршиносони соҳа, муваффақияту музаффариятҳои хонандагон дар олимпиадаҳои байналмилалӣ аз гузаронидани корҳои амалӣ ва озмоишгоҳӣ аз фанҳои экология, география, технологияи иттилоотӣ, физика, химия, биология вобастагии калон дошта, мавҷуд набудани озмоишгоҳҳои муҷаҳҳази муосири фаннӣ дар ин раванд монеа эҷод мекунад [2].

Тавре Президенти кишвар дар яке аз семинар-машваратҳо моҳи майи соли 2025 бамаврид қайд намуданд, вазъи иҷрои «Барномаи давлатии дарёфт ва рушди истеъдодҳо барои солҳои 2021-2025» аз ҷониби мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо ташвишовар буда, татбиқи ҳадафҳое, ки бояд аз ҷониби онҳо амалӣ мегардид, ҳамагӣ 37 фоизро ташкил додааст. Дар ин радиф, мақсад аз баргузории озмунҳои ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст», «Илм – фурӯғи маърифат», «Тоҷикистон – Ватани азизи ман», «Тоҷикон дар ойинаи таърих» ва олимпиадаву озмунҳои гуногун баланд бардоштани завқи китобхонӣ, тақвияти ҳофизаи фарҳангӣ, сатҳи саводнокиву маърифатнокии наврасону ҷавонон, тақвияти завқи зебоипарастии онҳо ва пайдо кардани истеъдодҳои нодир аз байни наслҳои ояндасоз мебошад [13].

Бо таъсис ёфтани марказҳои дарёфт ва рушди истеъдодҳо ва муҳайё гардидани шароити мусоид дар муассисаҳои таълимӣ, хусусан, мактабҳои президентӣ ва литсейҳо барои хонандагони болаёқат дастовардҳои хонандагон дар олимпиадаҳои байналмилалӣ бамаротиб афзудааст.

Агар хонандагони кишвар соли 2011 дар озмун ва мусобиқаҳои байналмилалӣ 96 ҷоиза гирифта бошанд, пас соли 2019 дар олимпиадаҳои байналмилалӣ, ки дар чандин давлати пешрафтаи дунё баргузор гардиданд, фаъолона иштирок карда, сазовори 251 медал, аз ҷумла 67 медали тилло, 66 медали нуқра ва 118 медали биринҷӣ гардидаанд. Соли 2025 бошад, хонандагони мамлакат аз ҷумла дар Олимпиадаи байналмилалии Brainiacs дар шаҳри Куала-Лумпури Малайзия сазовори 60 медал, Олимпиадаи байналмилалии «Al-Khwarazmi» дар шаҳри Тошканди Узбекистон соҳиби 12 ҷойи ифтихорӣ, Олимпиадаи байналмилалии FEMO дар шаҳри Бокуи Озарбойҷон – 17 ҷойи ифтихорӣ, Олимпиадаи байналмилалии «Архимед» дар пойтахти Узбекистон лоиқи 63 медал ва дар Олимпиадаи 66-уми байналмилалии математика (IMO-2025) дар шаҳри Саншайн-Кости иёлати Квисленди Австралия якчанд медалро ба даст овардаанд, ки ин ҳама аз шароити мусоиди донишомӯзӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар партави сиёсати маорифпарваронаи Пешвои миллат шаҳодат медиҳад [1].

Қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» дар соли 2011 аз дастоварди беназир дар роҳи тарбияи дурусти насли наврасу ҷавон мебошад.

Мардуми соҳибтамаддуни мо аз қадим ба тарбияи фарзанд аҳамияти хосса дода, барои дар руҳияи ватандӯстиву хештаншиносӣ, донишандӯзиву маърифатпарварӣ, ҷавонмардиву ахлоқи ҳамида ва нангу номус ба воя расонидани фарзандони худ ҳамеша кӯшиш мекарданд.

Падару модарон, ки сутуни хонавода ва ё оиларо ташкил медиҳанд, бояд ба таълим ва тарбияи фарзандон диққати доимӣ ва ҷиддӣ зоҳир намоянд. Онҳо бояд як нуктаро ба инобат гиранд, ки фарзанди солеҳ ва бомаърифат давоми умри падару модар мебошад ва бинобар ин ҳангоми таълиму тарбия ҳеҷ чизро набояд аз онҳо дареғ доранд ва барои ба камол расидани онҳо сармояи хешро дар парваришу омӯзиши фарзандонашон сарф намоянд.

Ҳамин омилу мулоҳизаҳоро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба назар гирифта, дар самти баланд бардоштани сатҳи таълим ва таъмини шароити созгор дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии кишвар ба хотири ояндаи дурахшони Ватани маҳбубамон тайи 35 соли Истиқлоли давлатӣ заҳматҳои шаборӯзӣ ва тадбирҳои муассиру мушаххас андешидаанд, ки ин сиёсати ғамхоронаву инсонпарваронаи Сарвари давлат самараҳои нек ба бор овардааст.

### ***Адабиёт***


1. Агентии миллии иттилоотии Тоҷикистон (АМИТ) «Ховар» [Манбаи электронӣ]. – Тартиби дастрасӣ: https://khovar.tj/2021/05/suhanronii-prezidenti-um-urii-to-ikiston-peshvoi-millat-mu-taram-emomal-ra-mon-dar-mulo-ot-bo-avononi-kishvar/ (Санаи муроҷиат. 18.07.2025)
2. Доир ба иҷрои «Барномаи давлатии дарёфт ва рушди истеъдодҳо барои солҳои 2021–2025» ҳамоиш баргузор гардид [Манбаи электорнӣ] // АМИТ «Ховар». – Тартиби дастрасӣ: https://khovar.tj/2024/04/doir-ba-i-roi-barnomai-davlatii-daryoft-va-rushdi-istedod-o-baroi-sol-oi-2021-2025-amoish-barguzor-gardid/ (Санаи мурочиҷат.12.09.2025)
3. Имсол 3168 хатмкунандаи равияи омӯзгорӣ ба муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Тоҷикистон ҷалб гардид [Манбаи электорнӣ] // АМИТ «Ховар». – Тартиби дастрасӣ: https://khovar.tj/2024/12/imsol-3168-hatmkunandai-raviyai-om-zgor-ba-muassisa-oi-ta-siloti-miyonai-umumii-to-ikiston-alb-gardid/ (Санаи муроҷиат.15.08.2025)
4. Ифтитоҳи боз як муассисаи таълимӣ дар шаҳри Душанбе // Садои мардум. – 2018. – 30 август. – № 106.
5. Маориф. Вазъи таълиму тарбия дар мактаб–интернатҳо беҳтар мегардад // Ҷумҳурият. – 2024. – 21 август. – № 160.
6. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» // Ҷумҳурият. – 2024. – 30 декабр. – № 251.
7. Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2023 ва 2024.
8. Саид, Нуриддин. Рушди маориф ва илм дар даврони истиқлолияти давлатӣ (Ба ифтихори 25-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон). – Душанбе: Маориф, 2016. – 192 с.

9. Сафарҳои дохилӣ [Манбаи электорнӣ] // Сомонаи расмии Президенти Тоҷикистон. – Тартиби дастрасӣ: https://www.president.tj/trips
10. Сафарҳои дохилӣ [Манбаи электронӣ] // Сомонаи расмии Президенти Тоҷикистон. – Тартиби дастрасӣ: http://www.president.tj/taxonomy/term/5/62 (Санаи муроҷиат.10.09.2025)
11. Соли 2025 дар Душанбе 6 муассисаи таҳсилоти миёна ва 9 муассисаи томактабӣ сохта мешавад [Манбаи электронӣ] // АМИТ «Ховар». – Тартиби дастрасӣ: https://khovar.tj/2025/01/soli-2025-dar-dushanbe-6-muassisai-ta-siloti-miyona-va-9-muassisai-tomaktab-sohta-meshavad/ (Санаи муроҷиат.16.08.2025)
12. Суханронӣ ба муносибати Рӯзи дониш [Манбаи электорнӣ] // Сомонаи расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Тартиби дастрасӣ: https://www.president.tj/event/news/47089. (Санаи муроҷиат: 01.09.2024).
13. Суханронии Эмомалӣ Раҳмон, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар семинар-машварати ҷумҳуриявӣ бо роҳбарони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои кишвар дар ноҳияи Данғара [Манбаи электронӣ] // Сомонаи расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Тартиби дастрасӣ: https://www.president.tj/event/news/50837. (Санаи муроҷиат: 17.05.2025).
14. Шарифзода, А. Эмомалӣ Раҳмон ва Қасри Арбоб (Сиёсати дохилӣ ва хориҷии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2012): китоби 12 / А. Шарифзода, З. Қосимӣ. – Душанбе: Бухоро, 2013. – 390 с.
15. Шарифзода, А. Эмомалӣ Раҳмон ва соли ташаббусҳои ҷаҳонӣ (Сиёсати дохилӣ ва хориҷии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2022): китоби 22 / А. Шарифзода, З. Қосимӣ. – Душанбе: Дониш, 2023. – 331 с.

## САМАРАҲОИ СИЁСАТИ СОЗАНДАИ ПРЕЗИДЕНТИ ТОҶИКИСТОН ДАР САМТИ РУШДИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМӢ

Муаллиф дар мақола нақши таҳсилоти миёнаи умумиро ҳамчун марҳилаи муҳими заминасоз дар ҳаёти наврасон инъикос карда, сиёсати созандаву самарабахши Ҳукумати Тоҷикистонро зери роҳбарии Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон дар самти беҳтарсозии шароити таҳсилоти миёна дар давраи Истиқлолияти давлатӣ баррасӣ намудааст. Дар мақола натиҷаҳои заҳматҳои шабонарӯзии Роҳбарияти олии кишвар дар ҷодаи ҳаллу фасли мушкилоти соҳаи маориф, бунёди инфрасохтори зарурӣ, такмили сатҳу сифати таълим, татбиқи муассири барномаву стратегия ва консепсияҳои мушаххас, тарбияи насли наврас дар руҳияи ватандӯстӣ ва хештаншиносӣ, дарёфт ва рушди истеъдодҳо, баланд бардоштани вазъи иҷтимоии омӯзгорон ва дигар тадбирҳо бозтоб ёфтаанд.

**Калидвожаҳо:** Тоҷикистон, маориф, Президент, таҳсилоти миёна, таълими салоҳиятнок, мактабҳои типи нав, литсею мактабҳои президентӣ.

## РЕЗУЛЬТАТЫ КОНСТРУКТИВНОЙ ПОЛИТИКИ ПРЕЗИДЕНТА ТАДЖИКИСТАНА В ОБЛАСТИ РАЗВИТИЯ СРЕДНЕГО ОБРАЗОВАНИЯ

В статье автор рассматривает роль среднего образования как важного основополагающего этапа в жизни подрастающего поколения, а также конструктивную и эффективную политику Правительства Таджикистана под руководством Президента страны Эмомали Рахмона по улучшению условий получения среднего образования в период государственной независимости. В статье отражены результаты повседневной работы высшего руководства страны по решению проблем в сфере образования, созданию необходимой инфраструктуры, повышению уровня и качества образования, эффективной реализации конкретных программ, стратегий и концепций, воспитанию подрастающего поколения в духе патриотизма и самопознания, выявлению и развитию талантов, повышению социального статуса учителей и другим мерам.

**Ключевые слова:** Таджикистан, образование, Президент, среднее образование, компетентное образование, школы нового типа, президентские лицеи и школы.

## RESULTS OF THE CONSTRUCTIVE POLICY OF THE PRESIDENT OF TAJIKISTAN IN THE FIELD OF SECONDARY EDUCATION DEVELOPMENT

The article examines the role of secondary education as an important and fundamental stage in the life of the younger generation, as well as the constructive and effective policy of the Government of Tajikistan under the leadership of the President of the country, Emomali Rahmon, aimed at improving the conditions for obtaining secondary education during the period of state independence. The article highlights the results of the daily work

of the country's top leadership in addressing problems in the field of education, creating the necessary infrastructure, raising the level and quality of education, effectively implementing specific programs, strategies, and concepts, fostering the younger generation in the spirit of patriotism and self-awareness, identifying and developing talents, improving the social status of teachers, and other measures.

**Keywords:** Tajikistan, education, President, secondary education, comprehensive education, new-type schools, presidential lyceums and schools.

**Дар бораи муаллиф**
Шарифзода Абдуфаттоҳ Абдуваҳҳоб
Доктори илмҳои таърих, профессор,
узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
Суроға: 734025, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33;
E-mail: abdufattoh@yahoo.co.uk

**About the Author**
Sharifzoda Abdufattoh Abduvakhhob
Doctor of Historical Sciences, Professor,
Corresponding Member
National Academy of Sciences of Tajikistan
Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 33
E-mail: abdufattoh@yahoo.co.uk

**Об авторе**
Шарифзода Абдуфаттоҳ Абдуваҳҳоб
Доктор исторических наук, профессор,
член-корреспондент Национальной академии наук Таджикистана
Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 33
E-mail: abdufattoh@yahoo.co.uk

ТДУ 321.01:327(569.1)"20"

# БУҲРОНИ СУРИЯ: САБАБҲОИ МУТАШШАНИҶ ГАРДИДАНИ АВЗОЪ ВА ПАЁМАДҲОИ ОН ДАР КИШВАР

***Шамолов А. А.***

*Институти омӯзиши масъалаҳоидавлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон*

***Зикирзода Ҳ.***

*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ*

Ҳолату авзои бавуҷудомада дар Сурия танҳо масъалаи сиёсӣ ва дохилии ин кишвар набуда, балки масъалаи хеле печидаву мураккаб ва ҷиддиисатҳи байналмилалӣ ба шумор меравад. Таи чанд соли охир авзои кишвар таваҷҷӯҳи қисмати аъзами мамлакатҳои сайёраро ба худ ҷалб намудааст, зеро ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ боиси куштори садҳо ҳазор мардумони бегуноҳ ва бухрони иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ гашта, Сурияро ба сар задани буҳрони гуманитарӣ оварда расонд.

Мутобиқ ба таҳлилу баррасиҳои муҳаққиқони ховаршиноси давлатҳои Ғарб ва Россия бухрони Сурия яке аз зуҳуроти хеле муғлаку печидаи Шарқи Наздик ба шумор рафта, появу бунёди он ҳанӯз дар моҳи марти соли 2011 гузошта шуда буд[1, с. 24].Тазоҳуроте, ки дар ин сол саросари кишварро фаро гирифт, ба тадриҷ дар доираи нақшаҳои таҳрезишудаи бозигарони минтақа ва абарқудратон, ки дар доираи таълимоти Бернард Луис таҳти унвони “Лоиҳаи “Шарқи Наздики Нав””, ки баъд аз ба чоп расидани он ба таърихи 15 сентябри соли 2006 ва як силсила осори ин таърихнигори исломшинос[2] ба тадриҷ амалӣ мегардад, ба ҷанги саросарии шаҳрвандӣ ва баъдан ба низои геополитикӣ табдил ёфт.

Ин тазоҳурот давоми мантиқии ҷунбишу ҳаракатҳои инқилобие, ки дар қисмати аъзами давлатҳои Шарқи Наздик аз ҷумла Тунис, Яман, Лубнон ва ғайра ба шумор рафта, он дар Сурия ба ҷанги шаҳрвандӣ табдил ёфт ва то аввали соли 2025 тӯл кашид. Сарфи назар аз он ки ба таърихи 26 феврали соли 2016 Шӯрои Амнияти Созмони Милали Муттаҳид қарори дахлдори худро доир ба хотима бахшидан ба амалётҳои ҷангӣ дар Сурия қабул намуд ва баъдан гуфтушунидҳои дуҷониба ва бисёрҷониба гузаронид, лекин ҷонибҳо дар марҳилаи ҳассос ва шиддат гирифтани раванди ташаннуҷ дар ҳалли ин муаммо ба ҳеҷ натиҷае нарасидаанд. Таҳлили сабабҳо ва динамикаи ин низоъ бо сароҳат нишон медиҳад, ки заъифии низои давлатӣ ва сохторҳои қудратии он дар ҳамбастагӣ бо мудохилоти беруна, хоссатан қудратхоҳиҳои бозигарони байналмилалӣ сабаби шикасти давлат ва ба минтақаҳои бо ҳам зид тақсим шудани Сурия гардиданд [3, с. 99].

Давлати Сурия аз нигоҳи ҷуғрофӣ дар маркази ҷаҳони араб қарор дошта, дар таърихи он давраҳое низ буданд, ки кишвар таҳти тасарруф ва мустамликаи Фаронса мавҷудияти худро нигоҳ медошт. Сарфи назар аз мушкилиҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии давраҳои ҷанги сард Иттиҳоди Шӯравӣ алорағми кишварҳои Ғарб ба Ҷумҳурии Сурияи Араб кӯмакҳои ҳамаҷонибаи дипломатӣ, иқтисодӣ ва низомӣ мекард.

Ин кӯмакҳои саривақтӣ ва дастгириҳои ҳамаҷонибаи Иттиҳоди Шӯравӣ қабл аз ҳама барои муқовимат бар зидди Исроил равона гардида буданд, зеро Сурия таҳти ҳимояи ҳамаҷонибаи он қарор дошт. Ҳамзамон дар доираи умумиятҳои қавмӣ - этникӣ ва динӣ миёни Сурия ва Эрон низ муносибату ҳамкориҳои ҳасана ва ҳамаҷониба дар самтҳои мухталифи ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ барқарор гардида буданд. Дар бахши амнияти минтақавӣ бошад онҳо ҳамчун шарикони низомӣ амал мекарданд.

Аммо баъд аз шикасти Иттиҳоди Шуравӣ иртиботи вай бо Сурия заъиф гардида, кишварҳои абарқудрат ва бозигарони минтақавӣ аз Шарқи Наздик тавонистанд муборизоти худро дар самтҳои геополитикӣ, геостратегӣ ва геоиқтисодӣ ба маротиб боло баранд. Махсусан аз ҷониби кишварҳои исломӣ дар доираи арзишҳои динӣ, мазҳабӣ ва этникӣ ба хотири аз дохил шикаст додани давлати Сурия тахрибкориҳои зиёде ба роҳ монда шуданд. Таҳаввулоти воқеаҳои зикршуда ба хотири амалӣ сохтани таълимоти идеологи дигари «Шарқи Наздики Нав» Ралф Петерс сабаби зуҳури як силсила падидаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодиву фарҳангӣ гардида,

билохира ба шикасти низоми давлатии ин кишвари аз нигоҳи стратегӣ меҳварии Шарқи Наздик оварда расонд [4, с. 94].

Ба сабабҳои дохилӣ ва берунии Сурия метавон мушкилиҳои зеринро шомил сохт:

1. Нобаробарии табақавӣ дар иқтисод ва сохтори иҷтимоии Сурия аз рӯзҳои аввали ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ;
2. Таҳаввулоти либералии Башор Асад ва маҳдуд сохтани боигариҳои давлат дар дасти элитаи сиёсии кишвар;
3. Аҳолии деҳоти Сурия, ки амнияти озуқаворecho кишварро таъмин мекарданд, баъд аз хушксолии солҳои 2006-2010 ба фақру гуруснагӣ рӯ ба рӯ шуданд, ки он боиси шиддат гирифтани муҳоҷирати дохилӣ дар кишвар ва боло рафтани теъдоди шаҳрнишинон гардида, тавозуни демографиро аз байн бурд;
4. Сохторҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии давлат натавонистанд сади роҳи ин мушкилотро гиранд ва он ба паст шудани сатҳи ҳаёти иҷтимоӣ дар кишвар гардид.

Ин ва дигар сабабҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ шароитҳоро барои сар задани тазоҳурот ба вуҷуд оварда, билохира ба "Баҳори араб" оварда расонд. Дар ин раванд нақши муҳимро таҳримҳои байналмилалӣ ва бозигарони минтақавӣ иҷро намуданд:

Маҳдуд сохтани содироти нафт ва ҳамкориҳо бо бозори иқтисодӣ глобалӣ имконоти молиявӣ ва захираҳои зарурӣро барои таъмини талаботи асосии иҷтимоӣ ва маблағгузории артиши миллӣ аз байн бурданд;

- Поён омадани андозаи даромади мардум ва боло рафтани сатҳи камбизоатӣ ба буҳрони гуманитарӣ сабаб шуда, аз ҳар ҷиҳат иқтидори иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангиву зеҳнии мардумро заъиф гардониданд;
- Ҳангоми поён ёфтани амалҳои ҷангӣ дар соли 2018, ки бо дастгириҳои Россия ва Эрон сурат гирифта буданд, Сурия ба майдони манфиатҳои геополитикии кишварҳои мухталиф табдил ёфт;
- Туркия ба мақсади шиддат бахшидани таъсири худ ба гурӯҳҳои ба истилоҳ "исломгаро" кӯмаки молӣ ва иқтисодӣ намуда, дар шимоли Сурия ҳукуматҳои миллиро ташкил дод. Лекин, сарфи назар аз ин дастгириҳои ҳамаҷониба вай натавонист "Сурияи алтернативӣ"-ро созад;
- Туркия кӯшишҳои зиёде ба харҷ дод, ки мавқеи Россияро дар ин минтақа маҳдуд созад, зеро вай ҳам субъекти минтақавӣ ва ҳам рақиби геополитикии Россия, инчунин қулфкушои ин кишвар дар ҳавзаи Баҳри Миёназамин ва Баҳри Сиёҳ маҳсуб меёбад;
- Худмухторияти курдҳо, ки аз ҷониби Америка дастгирӣ меёфт, минтақаҳои нафтрасони шимолу шарқи Сурияро таҳти тасарруф ва назорати худ қарор дода, марказро нагузошт аз ин манбаву боигариҳои миллии худ дастёб бошад;
- Аз даст додани захираҳои энергетикӣ ва минтақаҳои дорои захираҳои бойи нафт, ки "таъминкунандаи ҳаёти кишвар" ба шумор мерафтанд, режими Башор Асадро аз воситаҳои барқарорсозии кишвар маҳрум сохта, ба низои байни Димишқ, курдҳо ва Туркия шиддат бахшид;
- Дар буҳрони Сурия Исроил, ки яке аз бозигарон ва манфиатхоҳони минтақа маҳсуб меёбад, нақши калидиро иҷро карда буд. Вай бо истифода аз силоҳи ҷангӣ ба минтақаҳое, ки таҳти назорати Эрон ва "Ҳизбуллоҳ" қарор доштанд, зарбаҳои сангин зада, мехост таъсири Эронро дар ин давлат ба маротиб кам намояд, лекин дар интиҳо ин худ сабаби валангор шудани инфросохторҳои шаҳрвандӣ дар Сурия гардид;
- Аслан режими Башор Асадро Эрон ба воситаи "Ҳизбуллоҳ", "Фотимиён", "Аббосиён" ва ғайра ҳамаҷониба дастгирӣ мекард ва зарбаҳои таҳримӣ ва низомии Исроил дар Сурия ба хотири хунсо сохтан ва аз байн бурдани ин ҷунбишҳои динӣ равона шуда, дар интиҳо ба пирӯзиҳои Исроил овард;

Эҳёи ҷунбиши "Ҳайат таҳрир аш-Шам" ва таъсиси сохтори мутамарказии низомӣ дар Идлиб боиси пурзур гардидани муқовимат дар муқобили давлат шуда, билохира дар соли 2024 ба пирӯзии онҳо оварда расонд. Дар моҳи январи соли 2025 ин сохтори низомӣ ва ҷунбиши

суннатгароёни Сурия ҳукумати худро таъсис дода, аз ҷониби Америка, Иттиҳоди Аврупо, кишварҳои араб, Россия ва ғайра ҳамчун давлати қонунӣ шинохта шуд.

Чи тавре таҳлилҳо нишон медиҳанд, воқеаҳои таи чанд соли охир дар Сурия рухдода ин зуҳуроти умумии амалҳои тарҳрезишуда ва пайдарпаи кишварҳои абарқудрат ва бозигарону манфиатхоҳони минтақа буда, ҳадафи ниҳоии ин лоиҳаи дастаҷамъӣ тағйир додани харитаи сиёсии Шарқи Наздик мебошад, ки марҳила ба марҳила татбиқ гардида истодааст. Авзои сиёсӣ дар Сурия таъҷилан баъд аз ба имзо расидани қарордоди Исроил ва "Ҳизбуллоҳ"-и Лубнон аз 27 ноябри соли 2024 муташшаниҷ гардид. Баъд аз чанд соати эълони оташбас дар Лубнон амалиёти низомӣ дар муқобили Сурия оғоз шуд, ки ин амал низ марҳилаи дигари ҳамон нақшаи тақсимсозандаи ин давлат буд, зеро тавассути он марказу пойгоҳи муқовимат ба шикаст мувоҷеҳ шуданд. Аз Сурия ба Лубнон барои кӯмак қувваҳои низомӣ ва гурӯҳи "Ҳизбуллоҳ" фиристода шуданд, зеро дар ин ҳамсоякишвари Сурия пойгоҳҳои Эрон қарор доштанд. Ҳамин маркази муқовимат ва пайвандсози гурӯҳҳои мухталиф аз байн бурда шуда, шаҳрҳои зиёди Сурия ба дасти "инқилобчиён" гузаштанд.

Воқеаҳои пайдарпай, ки дар Сурия сурат гирифтанд, аз он шаҳодат медиҳанд, ки онҳо дар асоси ҳамон нақшаи бунёдии ҳамаҷониба санҷида шуда, амалӣ гаштанд. Ҳамчунин пайдарҳамии воқеаҳои мазкур аз мавҷудияти як назарияи қавӣ ва таълимоти сиёсие дарак медиҳад, ки дар асоси он таи беш аз сӣ соли охир харитаи сиёсии Шарқи Наздик тағйир дода мешавад, чунки ягона давлате, ки дар ҷаҳони араб зиди Исроил амал мекард ин Сурия буд [5].

Ин раванди пурпечутоб якбора аз осмон фуруд наомада, тарҳи он аз ҷониби хадамотҳои низомии Исроил ба нақша гирифта шуда буд. Дар асоси он ҳанӯз то замони ҷанг бо Ғаза, Исроил таъҷилан бо як силсила кишварҳои араб қарордодҳои худро доир ба масъалаи барқарор намудани муносибатҳои дуҷонибаи дипломатӣ ба имзо расонд. Ба ҳамин тариқ "вайрон кардани сарҳадоти Исроил таввасути ифротгароёни исломӣ", сарнагун сохтани ҳокимият дар Сурия, аз байн рафтани режими Башор Асад, шикасти "Ҳизбуллоҳ", ба хок яксон кардани Ғаза ва ғайра аз ҳамон нақшаи умумии тағйир додани харитаи сиёсии Шарқи Наздик маншаъ гирифта буданд.

Ба андешаи аксарияти муҳаққиқон, аз нигоҳи манфиатҳои сиёсиву иқтисодӣ, давлатҳои калидӣ ва бозингарони асосии воқеаҳои Сурия, аслан Исроил ва Туркия ба шумор мераванд, ки онҳо дар такя ба нирӯҳои низомии Америка ва маблағҳои ҳангуфти он амалҳои заруриро анҷом медиҳанд. Яке аз мисолҳои равшани ин омодабоши САҲАЛ барои гузаронидани амалҳои мусаллаҳона дар Сурия мебошад. Қувваҳои низомии Исроил ҳангоме, ки ба хоки Сурия ҳуҷум карданд, алакай дар 15 километраи роҳи автомобилгарди байналмилалии Бейрут-Димишқ қарор доштанд. Исроил баъд аз муборизоти доманадори 5 сола тавонист"Иртифооту-л Ҷулон"-ро таҳти тасарруфи худ қарор дода, дар он ҷо техникаи низомӣ ва неруҳои худро ҷойгир созад. Аз сӯи дигар неруҳои инқилобиён, ки вориди Сурия шуданд, аз тарафи Туркия бо силоҳу техника ва дастгириҳои молӣ пуштибонии ҳамаҷониба мегардиданд. Лекин мушкилии ин "иттиҳоди неруҳои мухолифин"-и Сурия аз он иборат аст, ки онҳо гурӯҳҳои дорои тарҳу манфиатҳои мухталиф буда, нақшаи иштирок дар интихоботҳои президентӣ, парламентӣ ва ҳукумати навро надоранд, зеро ин масъалаҳои хеле ҷиддӣ то ҳол роҳи ҳалли худро наёфтаанд ва дарояндаи наздик метавонанд сабаби даргириҳои нав шаванд. Болотар аз ин дар Сурия дигар пойгоҳҳои низомии Эрон ва Россия, ки аз режими Башор Асад дастгирӣ мекарданд, боқӣ намондаанд, чунки ин ду кишвар бо сабабҳои мушкилиҳои дохилии худ натавонистанд аз Сурия пуштибонӣ кунанд.

Ба андешаи мо ҳангоми суҳбатҳои телефонии Доналд Трамп ва В.В.Путин ин масъала роҳи ҳалли худро ёфта буд, зеро:

- Неруҳои низомии Россия, ки дар Сурия пойгоҳи низомии пуриқтидор доранд дар раванди ҷанг ба ҳеҷ як мудохилае роҳ надоданд. Агар дар асоси қарордоди дуҷонибаи Россия ва Сурия гирем, яке аз бандҳои асосии он таъмини амнияти Башор Асад ва ҳукумати он ба шумор мерафт, лекин ин банди қародод иҷро нашуд;
- Тавассути Россия Эрон ба Созмони ҳамкориҳои Шанхай ва иттиҳоди БРИКС шомил гардид;

- Байни Федератсияи Россия ва Эрон қарордоди дуҷониба дар хусуси “шарикии стратегӣ”-и ин ду давлат ба имзо расид ва Россия дар коркарди бомбаи атомии Эрон саҳмгузор шуд. Дар ин раванд нақши стансияи атомии Бушери Эрон, ки дар наздикии ш.Шероз аз ҷониби СССР (баъдан Россия) сохта шуда буд, ҳамчун пойгоҳ ва озмоишгоҳи низомӣ бориз мебошад;
- Дар тақсимоти геополитикии ҷаҳони муосир нақши Россия низ хеле назаррас мебошад ва ҷои шубҳае вуҷуд надорад, ки ҳангоми суҳбати телефонии Д.Трамп ва В.В.Путин ба хулосае омаданд, ки Украина бояд таҳти тасарруфи Россия ва Сурияву Ғаза дар ҳайати Исроил боқӣ монад. Ин гуфтаҳоро метавон аз мавқеъгирии Иттиҳоди Аврупо ва Венгрия хулосабарорӣ кард.

Намояндагони ҳукумати инқилобии Сурия эълон доштанд, ки пойгоҳҳои Эрон дар ин кишвар дигар боқӣ намонданд, аз ин рӯ баҳонаи дигаре барои будани Исроил дар ин мамлакат вуҷуд надорад. Туркия низ эълом намуд, ки Давлати исломи Ироқу Шом (ДИИШ)пурра аз байн бурда шуда аст. Ба ибораи дигар Америка, ки ба баҳонаи нест кардани ДИИШ ба Сурия ворид шуда буд, бояд аз дохили ин кишвар барояд.

Як нуқтаи муҳимро бояд таъкид созем, ки Эрон борҳо гӯшрас карда буд, ки дар пушти тамоми ин воқеаҳо Америка ва Исроил қарор доранд. Исроил низ дар навбати худ хеле эҳтиёткорона эълон кард, ки ҳамсоякишвари Сурия, яъне Туркия ва Россия дар ин муноқишот даст доранд. Ҳамин нақшаҳо ва мудохилаҳои кишварҳои манфиатхоҳ буд, ки буҳрони Сурия ба як раванди пуртазоди сиёсии глобалӣ табдил ёфта, аз як тараф ҳукумати он дар ҳамбастагӣ бо Эрон ва ҷунбиши “Ҳизбуллоҳ” дар муқобили иттиҳоди (алянси) кишварҳои араб таҳти сарпарастии Арабистони Саудӣ, Қатар, Туркия ва аз ҷониби дигар дар сатҳи байналмилалӣ (Америка, Исроил, кишварҳои араб, Россия ва ғайра) ин буҳрон қисми ҷудонопазири “Баҳори араб” шинохта шуда, Америка ва Иттиҳоди Аврупо ба режими он ҳамчун “Қувваи бадӣ” менигаристанд. Натиҷаи ҳамин мавқеъгириҳои мухталифи давлатҳои бегона буд, ки дар тули мавҷудияти ин низоъ беш аз 50 млн одамон, аз он ҷумла беш аз 10 млн кӯдакон ба кумаку ёрӣ зарурат пайдо карда, ҳазорҳо тани дигар қурбонӣ шуданд [6].

Барои рӯпуш кардани ин нақшаҳои худ ва ба онҳо хусусияти тасодуфӣ додан ҳанӯз аз рӯзҳои аввали ин буҳрон Америка, Европа ва Исроил мавқеи оштинопазири худро нисбат ба режими Башор Асад эълон намуда, аз вай талаб менамуданд, ки аз қудрати сиёсӣ даст кашад. Ба хотири ба ҳадафҳои худ расидани ин кишварҳо дар madди аввал таҳримҳои худро дар бахши иқтисодиёт ва молия, хусусан ширкатҳои нафтрасон ва газ, инчунин ҳукумати Сурия амалӣ сохтанд [7, с. 36].

Болотар аз ин барои фош нагардидани нақшаҳои бозигарон бо дастгирии бовоситаи Америка ва Иттиҳоди Аврупо ба таърихи 4 октябри соли 2011 дар Шӯрои амнияти Созмони Милали Муттаҳид лоиҳаи резолютсияи СММ оид ба авзои сиёсии Сурия ва гунаҳгор сохтани ҳукумати Башор Асад пешкаш гардид. Тибқи ин ҳуҷҷат аз ҳукумати Сурия тақозо шуда буд, ки “ба тамоми зуроварӣ хотима бахшида шуда, маҳбусони сиёсӣ ва тазоҳургарон аз маҳбасҳо озод карда шаванд” [8].

Аммо аз сабаби муқобил баромадани Россия ва Чин ин санад ба имзо нарасид. Америка, Исроил ва кишварҳои араб ва Иттиҳоди Аврупо на натанҳо мухолифини режими Башор Асадро дастгирӣ мекарданд, балки бо таҳримоти худ тавонистанд фаъолияти ҳамаҷониба ин режимро маҳдуд созанд.

Болотар аз ин дар охири моҳи ноябри соли 2012 киштии таёрабардори амрикоӣ ба номи “Ҷорҷ Буш” ба соҳилҳои Сурия равона гардида буд, ки ин амал худ аз омодагии Америка дар ҷанг ба муқобили Сурия дарак медод [9].

Баъд аз хусусияти тулонӣ гирифтанираванди буҳрони сиёсӣ дар Сурия кишварҳои Иттиҳоди Аврупо мавқеи худро ба тадриҷ тағйир доданд, зеро: 1) Аз сабаби шиддат гирифтани сатҳи муҳоҷирати шаҳрвандони ин кишвар ба Аврупо хатари ҷиддии иқтисодӣ ва амниятӣ ба сари давлатҳои иттиҳод таҳмил гардид; 2) Дар соли 2014 президент интихоб шудани

намояндаи ҳизби ҷумҳурихоҳони Америка Д.Трамп ба нақшаҳои геополитикӣ ва геостратегии Иттиҳоди Аврупо тағйиротҳои зиёд ворид сохт.

Вокуниши Россия ва Чин дар он давра дар муқобили мавқеи кишварҳои Ғарб аз он иборат буд, ки ба таърихи 4 феврали соли 2012 ин ду давлат ба резолютсияи Созмони Милали Муттаҳид дар муқобили Сурия, ки таввасути Лигаи (Иттиҳоди) давлатҳои араб, Аврупо ва Америка пешкаш гардида, ҳукумати Башор Асадро дар масъалаи поймол сохтани ҳуқуқҳои инсон гунаҳгор шуморида, ба хотима бахшидан ба зуроварӣ нисбат ба аҳли ҷомеа даъват карданд, зид баромада буданд. Дар моҳи марти соли 2012 намояндаи махсуси СММ ва Лигаи давлатҳои араб Кофи Аннан лоиҳаи "Нақша дар шаш бахш"-ро доир ба танзим даровардани авзои Сурия таҳия карданд, вале ба сабаби мувофиқ набудани мавқеи Башор Асад бо ин санад, он барои тасдиқ пешкаш нагардид. Созмони Милали Муттаҳид низ дар навбати худ чанд маротиб музокиротро доир ба авзои Сурия гузаронид. Масалан, дар соли 2015 дар Вена ва ғайра музокиротҳои байналмилалӣ доир гардиданд, ки дар асоси онҳо бояд ба зуроварӣ ва куштор дар Сурия хотима бахшида мешуд. Аммо дар амал ин пешниҳодҳо ба ҳеҷ натиҷае набурданд, зеро ҷанги Россия ва Украина ба нақшаҳои абарқудратон ва бозигарони геополитикии минтақа тағйироти бунёдиро ворид намуд.

### *Адабиёт*


1. Lewis B. The Arabs in History. — New York: Harper & Row, 1966. — 200 p.
2. Lewis B. The Assassins: A Radical Sect in Islam. — New York: Basic Books, 1968. — 166 p.
3. Проект резолюции СБ ООН /2011/612 от 4 октября 2011 г. [манбаи электронӣ]. — тартиби дастрасӣ: https://documents-dds-ny.un.org/doc/UNDOC/GEN/N11/531/33.pdf (санаи муроҷиат: 10.03.2025).
4. Ирхин А. А. Американский план «Большой Ближний Восток» и Турецкая концепция «Стратегическая глубина»: вызовы и возможности для российской внешней политики в Черноморско-Средиземноморском регионе // Вестник Политического государственного университета. — 2018. — № 432. — С. 98–104.
5. Петерс Р. Никогда не выходи из борьбы. — М., 2004. — 197 с.
6. Bilici A. H. Will America Bring Democracy to the Middle East // Zaman. — 2004. — Febr. 19. — Тартиби дастрасӣ: http://www.zaman.org .(санаи муроҷиат: 05.03.2025).
7. Syrian Arab Republic [Электронный ресурс]. — Тратиби дастрасӣ: http://www.unicef.org/appeals/Syria.html. (Санаи муроҷиат: 05.03.2025).
8. Sharp J. M., Blanchard C. M. Armed Conflict in Syria: U.S. and International Response. CRS Report for Congress. — 2012. — P. 35–36.
9. Атомный авианосец «Джордж Буш» переброшен к берегам Сирии [манбаи интренетӣ] // Взгляд: деловая газета. — 2011. — 24 нояб. — Тартиби дастрасӣ: http://vz.ru/news/2011/11/24/541085.html. (санаии муроҷиат: 03.03.2025).
10. Российско-сирийские отношения [Электронный ресурс] // Министерство иностранных дел Российской Федерации. — Тартиби дастрасӣ: http://archive.mid.ru/nsasia.nsf/1083b7937ae432569e7004199c2/432569d80021925f43256ca0034 7159. (санаи муроҷиат: 14.03.2025).
11. Ирхин А. А. США и Турция: от сотрудничества к конкуренции в Черноморско-Каспийском регионе // Науковий вісник Одеського державного економічного університету. Всеукраїнська асоціація молодих науковців. Науки: економіка, політологія, історія. — 2011. — № 20 (145). — 222 с.
12. Ирхин А. А. США и Турция: стратегический союз и тактические разногласия. Ретроспектива и прогноз. — Севастополь: РИБЕСТ, 2016. — 208 с.
13. Одинаев А. С. Сурия миёни низоми навини ташаккулёбандаи ҷаҳонӣ ва созмонҳои минтақавию байналмилалӣ // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. — Душанбе, 2024. — № 1 (85). — С. 56–68.

## БУҲРОНИ СУРИЯ: САБАБҲОИ МУТАШШАНИҶ ГАРДИДАНИ АВЗОЪ ВА ПАЁМАДҲОИ ОН ДАР КИШВАР

Мақолаи мазкур ба таҳлили масъалаи буҳрони саросарии Сурия ҳамчун яке аз мушкилоти калидии ҷаҳони муосир бахшида шудааст. Муаллиффон таъкид мекунанд, ки ин муноқиша на танҳо ба дохили Сурия таъсири харобиовар гузоштааст, балки ба амнияти байналмилалӣ, муҳоҷират, иқтисоди ҷаҳонӣ ва муносиботи қудратҳои бузург низ робитаи мустақим дорад. Дар ин замина, мақола моҳияти геополитикии раванди ҳалли муноқишаи Сурияро барои ҷомеаи башарӣ мавриди баррасӣ қарор медиҳад.

Ба хусус, талошҳои Созмони Милали Муттаҳид ҷиҳати ба танзим даровардани авзои дохилии кишвар мавриди таҳлил қарор гирифта, фаъолияти Шӯрои Амният ва ҳайати миёнравон бо ҳадафи барқарор кардани сулҳу субот дар маркази таваҷҷуҳ гузошта мешавад. Мавқеи кишварҳои минтақа низ мавриди арзёбӣ аст: Арабистони Саудӣ, Эрон, Туркия ва дигар давлатҳои арабӣ ҳар кадом аз дидгоҳу манфиатҳои геополитикии худ ба раванд таъсир мерасонанд. Илова бар ин, сиёсати Иёлоти Муттаҳидаи Америка ва Иттиҳоди Аврупо бо такя ба арзишҳои демократӣ ва манфиатҳои стратегии онҳо муҳокима шудааст.

Муаллиффон махсусан диққати хонандаро ба нақши Россия ҷалб мекунанд. Ба андешаи онҳо, иштироки фаъолонаи Россия дар ҳалли муноқиша бо ҳадафҳои мураккаби амниятӣ, геополитикӣ ва иқтисодӣ алоқаманд мебошад. Россия талош дорад мавқеи худро ҳамчун яке аз қудратҳои калидии ҷаҳонӣ тақвият бахшида, таъсири худро дар Шарқи Наздик устувор созад.

Дар маҷмӯъ, мақола нишон медиҳад, ки муноқишаи Сурия танҳо мушкили дохилии як кишвар нест, балки масъалаи глобалӣ буда, ҳалли он ҳамоҳангии қудратҳои байналмилалӣ ва эҷоди мувозинати нав дар низоми ҷаҳони муосирро тақозо мекунад.

**Калидвожаҳо:** Сурия, минтақа, буҳрон, муноқиша, абарқудратон, манофеъ, иқтисоди глобалӣ, шӯрои амният, буҳрони гуманитарӣ, дастгириҳои дипломатӣ, иқтисодӣ, низомӣ ва ғайра.

## СИРИЙСКИЙ КРИЗИС: ПРИЧИНЫ ОБОСТРЕНИЯ СИТУАЦИИ И ЕГО ПОСЛЕДСТВИЯ В СТРАНЕ

Данная статья посвящена анализу сирийского кризиса как одной из ключевых проблем современного мира. Авторы подчеркивают, что данный конфликт оказал разрушительное воздействие не только на внутреннюю ситуацию в Сирии, но и имеет прямое отношение к международной безопасности, миграции, мировой экономике и отношениям между великими державами. В этом контексте в статье рассматривается геополитическая сущность процесса урегулирования сирийского конфликта для мирового сообщества.

Особое внимание уделено усилиям Организации Объединённых Наций по стабилизации внутриполитической ситуации в стране, деятельности Совета Безопасности и посреднических миссий, направленных на восстановление мира и стабильности. Анализируется также позиция стран региона: Саудовской Аравии, Ирана, Турции и других арабских государств, каждое из которых руководствуется собственными геополитическими интересами. Кроме того, рассматривается политика США и Европейского Союза, основанная на демократических ценностях и стратегических интересах.

Авторы особенно акцентируют внимание читателя на роли России. По их мнению, активное участие России в урегулировании конфликта связано со сложными задачами в сфере безопасности, геополитики и экономики. Россия стремится укрепить своё положение как одной из ключевых мировых держав и закрепить влияние на Ближнем Востоке.

В целом статья показывает, что сирийский конфликт является не только внутренней проблемой одной страны, но и глобальным вопросом, решение которого требует координации международных усилий и создания нового баланса в системе современного мирового порядка.

**Ключевые слова:** Сирия, регион, кризис, конфликт, великие державы, интересы, мировая экономика, Совет Безопасности, гуманитарный кризис, дипломатическая, экономическая и военная поддержка и др.

## THE SYRIAN CRISIS: CAUSES OF ESCALATION AND ITS CONSEQUENCES IN THE COUNTRY

This article is devoted to the analysis of the Syrian crisis as one of the key problems of the modern world. The authors emphasize that this conflict has had a devastating impact not only on the internal situation in Syria but is also directly linked to international security, migration, the global economy, and relations among the great powers. In this context, the article examines the geopolitical nature of the process of resolving the Syrian conflict for the international community.

Particular attention is paid to the efforts of the United Nations to stabilize the internal situation in the country, the activities of the Security Council, and mediation missions aimed at restoring peace and stability. The positions of regional states are also assessed: Saudi Arabia, Iran, Turkey, and other Arab countries, each pursuing its own geopolitical interests. In addition, the policies of the United States and the European Union, based on democratic values and strategic interests, are discussed.

The authors specifically draw the reader's attention to the role of Russia. In their view, Russia's active involvement in resolving the conflict is connected with complex security, geopolitical, and economic objectives. Russia seeks to strengthen its position as one of the key global powers and consolidate its influence in the Middle East.

Overall, the article demonstrates that the Syrian conflict is not merely an internal problem of one country but a global issue whose resolution requires the coordination of international efforts and the creation of a new balance in the modern world order.

**Keywords:** Syria, region, crisis, conflict, great powers, interests, global economy, Security Council, humanitarian crisis, diplomatic, economic and military support, etc.

**Дар бораи муаллифон**

ШамоловАбдулвоҳид Абдуллоевич
доктори илмҳои фалсафа, профессор,
сарходими илмии шуъбаи Шарқи Миёна ва Наздики Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупо
Академияи миллии имлҳои Тоҷикистон
Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33

Зикирзода Ҳобилҷон
доктори илмҳои фалсафа, дотсенти кафедраи фаслафа ва фарҳангшиносӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121
E mail: hobiljon1981@mail.ru

**Об авторах**

Шамолов Абдулвоҳид Абдуллоевич
доктор философских наук, профессор,
старший научный сотрудник отдела Ближнего и Среднего Востока Института изучения проблем стран Азии и Европы
Академия наук Республики Таджикистан
Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 33

Зикирзода Хобилджон
доктор философских наук, доцент кафедры философии и культурологии
Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 121
E-mail: hobiljon1981@mail.ru

**About the Authors**

Shamolov Abdulvohid Abdulloevich
Doctor of Philosophy, Professor,
Senior Researcher of the Department of the Middle East at the Institute for the Study of Asian and European Countries
Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan
Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 33

Zikirov Hobiljon
Doctor of Philosophy, Associate Professor of the Department of Philosophy and Cultural Studies
Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 121
E-mail: hobiljon1981@mail.ru

ТДУ 329.15(575.3)"1917/1930"

# ЛЕНИН ВА ТАҚСИМБАНДИИ ТУРКИСТОН: ТАҲЛИЛИ СИЁСӢ ВА ТАЪСИРИ СУПОРИШҲО БА ТАШАККУЛИ ИДЕНТИФИКАТСИЯИ ТОҶИКОН

***Нуриддин П.***

*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ*

***Назризода Д.***

*Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Имсол аз рӯзи бунёди Тоҷикистон чун ҷумҳурии худмухтор сад сол пур мешавад. Халқи тоҷик дар таърихи гузаштаи худ соҳиби давлатдориҳои зиёд буд, вале вижагии бунёдгузории ҷумҳурии Тоҷикистон дар он аст, ки дар сарнавишти ин миллат ба марҳалаи нав оғоз бахшид. Аз ин рӯ ин рӯйдоди сад соли пеш барои мардуми мо аҳамияти бузург дорад ва таърихи имрӯзаи давлатамон чун ҷумҳурии озоду ягона аз ҳамон рӯзҳои тақдирсоз сарчашма мегирад.

Аз бунёди ҷумҳурии мухтор ба баъд бар асари пешравиҳои иҷтимоию иқтисодӣ Тоҷикистон соли 1929 ҷумҳурии иттифоқӣ шуда, соли 1991 дар баробари дигар ҷумҳуриҳои шӯравӣ Истиқлоли давлатӣ ба даст овард. Имрӯз давлат таҳти сарварии Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пешрафти чашмрас дорад ва бо ташаббусу ибтикори созандаи худ дар арсаи байналмилалӣ ҷойгоҳи худро ишғол намудааст. Иқтидори иқтисодии кишвар аз ҳисоби ба кор даровардани нерӯгоҳҳои барқи обӣ, корхонаҳои нави саноатӣ, бунёди роҳи пулҳо ва дигар иншооти инфрасохторию коммуникатсионӣ бомаром боло меравад.

Дар вобастагӣ ба мавзуъ, бояд дарҷ намуд, ки Р. Масов дар таҳқиқоташ менависад: «В. И. Ленин чор сол пеш аз тақсимбандии миллӣ маводи Комиссияи Туркистонро омӯхта, 13 июни соли 1920 дар эродҳои худ ба лоиҳаи қарори КМ дар бораи вазифаҳои РКП(б) дар Туркистон зарурати ин тақсимбандиро зикр намуда, пешниҳод намуд, ки масъала омӯхта шавад ва тавсия дод:

«1. Супориш дода шавад, ки харитаи (этнографӣ ва ғайра) Туркистон бо тақсимбандӣ ба Ӯзбекия, Қирғизия ва Туркмения тартиб дода шавад.

2. Шароити муттаҳид ё ҷудо кардани ин 3 қисм муфассалтар маълум карда шавад» [7, с. 436].

Дар адабиёти мавҷуда то имрӯз мазмуну маънои ин ба таври объективӣ кушода нашудааст. Маълум нест, ки чаро В. И. Ленин дар эродҳои худ дар бораи тартиб додани харитаи этнографии «Туркистон бо тақсимшавӣ ба Ӯзбекия, Қирғизия ва Туркмения» ном бурда, дигар халқҳои муқими Осиёи Миёна, аз ҷумла тоҷиконро, ки яке аз мардуми қадимтарин ва таҳҷоии на танҳо Осиёи Миёна, балки тамоми Шарқ низ мебошанд, зикр накардааст, гарчанде ки дар бораи онҳо ва гузаштаи таърихии онҳо то ин вақт асарҳои кофии чопшуда аз ҷониби муҳаққиқони ҳам рус ва ҳам хориҷӣ мавҷуд буд» [8, с.45-46].

Бояд зикр кард, ки ин супориши В. И. Ленин дар навиштаҳои пажӯҳишгарони дигар низ савол пеш овардааст ва баъзеҳо онро ҳамчун амали инкор кардани мавҷудияти тоҷикон дар Осиёи Миёна аз ҷониби ӯ фаҳмидаанд. Вобаста ба ин дарҳол мегӯем, ки супориши В. И. Ленин тамоман ба тоҷикон дахл надошт ва мақсад мавзуи дигаре буд, ки ин ҷо кӯтоҳ шарҳаш медиҳем.

Болшевикон чун сари ҳокимият омаданд, бо афзоиши худшиносӣ ва ташаккули гунаҳои маҳаллии миллатчигӣ дучор шуданд. Ин сабабҳои худро дошт. Бо рӯйи кор омадани Ҳокимияти Советӣ сиёсатмадорон аз Осиёи Миёна медонистанд, ки тақсимбандии ҷумҳуриҳои оянда аз рӯйи нишонаҳои миллӣ сурат хоҳад гирифт ва барои таъсис додани ҷумҳурии бузурги Туркистон корҳои назариявию тарғиботиро шурӯъ карданд. Дар раванди барқарор намудани Ҳокимияти Шӯравӣ дар Осиёи Миёна аз октябри соли 1917 ба баъд болшевикон мунтазам ба чолишҳои миллатчигии минтақавӣ дар шакли лоиҳаҳои миллӣ, аз қабили «Мухторияти Қӯқанд»

(«Мухторияти Туркистон»), «Алаш-Ӯрда»1 ва Ҷумҳурии Шӯравии Туркӣ (Тюркская советская республика) дучор меомаданд. Хусусан аз қирғизҳо (то соли 1925 қазоқҳои имрӯзаро «қирғиз» ва қирғизҳоро «қарақирғиз» ном мебурданд. Аз ин хотир, дар ин пажӯҳиш вожаҳои «қирғиз» қазоқро ва «қарақирғиз» қирғизро дар назар доранд) Т. Рисқулов, Н. Ходжаев, Ю. Алиев, С. Турсунходжаев ва дигарон дар ин бобат хеле фаъол буданд, пантуркистон ба ин масъала таваҷҷуҳи хоса доштанд ва ин мавқеъро то оғози тақсимбандӣ ҳимоя карданӣ мешуданд.

Баҳси масъалаҳои миллӣ дар Туркистон дар чорчӯби ғояҳои пантуркизм ҷараён мегирифт. Пешгомони пантуркизм дар Туркистон решаҳои фарҳангӣ ва забонии туркиро заминаи муттаҳидшавии миллӣ ва худмуайянкунии сиёсии минтақа маънидод карда, онро ҳадди ақал дар ҳудуди минтақаи Туркистон ва дар оянда дар шакли «Туркистони Бузург» бо шомил шудани Бухоро ва Хева дидан мехостанд.

Дар моҳи майи соли 1918 Кишвари Туркистон ба Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Туркистон табдил дода шуд, вале ин ҳам дархӯри пантуркистон набуд, баръакс онро чун як зинаи нав барои расидан ба мақсади ниҳоӣ истифода кардан хостанд. Пас аз он ки Туркистон ҷумҳурии мухтори шӯравӣ эълон шуд, Москва ба ҷалб намудани мардуми маҳаллӣ ба мақомоти Ҳокимияти Советӣ шурӯъ кард, ки ин боиси падидаи синтези идеяҳои туркизми минтақавӣ ва коммунизм гардид.

Дар нимаи дуюми соли 1919 кӯшишҳои пешвоёни ҷунбиши миллии бошқирд ба он равона шуда буд, ки дар ҳайати РСФСР Ҷумҳурии шӯравии Қирғизу Бошқирд бо шумури се ҷумҳурӣ – Бошқирия, Қирғизия ва Татаро-Бошқир бо марказаш дар Оренбург таъсис дода шавад. Ин масъала моҳи декабри соли 1919 дар Москва муҳокима шуда буд ва дар машварат намояндагони Кумитаи Иҷроияи Марказии Умумироссиягӣ (КИМУ), Бюрои марказии коммунистони Шарқ, Ҷумҳурии Бошқирд, Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистии (ҶМШС) Туркистон, Кишвари Қирғиз, губернияҳои Уфа ва Оренбург иштирок доштанд. Дар нимаи дуюми декабри соли 1919 маълум гардид, ки ин лоиҳа аз ҷониби роҳбарияти РКП(б) қабул нахоҳад шуд.

Охири соли 1919 ва оғози соли 1920 дар дохили ҳизби коммунисти Туркистон баҳсҳо оид ба мубориза бо шовинизм, истиқлолхоҳони миллӣ сурат гирифтанд ва дар натиҷаи ин баҳсу мунозираҳо оид ба масъалаҳои миллӣ андешаҳои гуногун ба миён омаданд. Пешвоёни маҳаллӣ сиёсати миллии РКП(б)-ро танқид карда, идеяҳои худро гузаронданӣ мешуданд. Моҳи январи соли 1920 дар конфронси V ҲК Туркистон сарвари Бюрои мусулмонони Туркистон Т. Рисқулов дар маърӯзаи худ дар як ҳизб муттаҳид шуданро пешниҳод кард. Он вақт дар баробари кумитаи вилоятии ҲК Туркистон Бюрои мусулмонон, Кумитаи коммунистони хориҷӣ мавҷуд буданд, ки фаъолияти қариб мустақилона доштанд.

Дар ибтидои соли 1920 Т. Рисқулов лоиҳаи ба Ҷумҳурии Шӯравии Туркӣ (Тюркская Советская Республика) табдил додани номи ҷумҳурии Туркистонро ба миён гузошт. Дар баробари ин Рисқулов имкони аз ҳисоби дигар халқҳои турკзабон васеъ кардани сарҳадҳои ҷумҳуриро эътироф кард. Пешниҳодҳои Рисқулов аслан як варианти нави лоиҳаи «Туркистони Бузург»-ро ифода мекарданд.

Пажӯҳишгари муборизаҳои сиёсии он замон дар Туркистон Н. С. Валиханова менависад: «Рисқулов боварӣ дошт, ки ташкил кардани «Ҳизби коммунисти туркӣ» ва «ҷумҳурии туркӣ» дар Туркистон имкон хоҳад дод, ки дар атрофи ҳизб на танҳо халқҳои Туркистон, балки ҳамаи халқҳои шарқӣ муттаҳид карда шаванд. Ӯ тасдиқ мекард, ки чунин ном он маяке хоҳад шуд, ки атрофи он тамоми халқҳои шарқӣ гирд хоҳанд омад» [3, с. 24].

Акнун баргардем сари эроду супоришҳои В. И. Ленин оид ба лоиҳаи қарори КМ РКП(б) дар бораи вазифаҳо дар Туркистон.

23-юми майи соли 1920 ҳайати Туркистон бо шумури Рисқулов, Ходжаев ва Бех-Иванов ба КМ РКП(б) лоиҳаи Низомномаи Ҷумҳурии Туркистонро пешниҳод карда буд, ки банди нахустини он чунин омадааст: «1. Ҷумҳурии Шӯравии Мухтори Туркистон – халқҳои асосии Туркистон – туркменҳо, ӯзбекҳо, қирғизҳо – тамоми ҳудуди вилоятҳои Закаспий, Самарқанд, Фарғона, Сирдарё ва Семиреченски Кишвари Туркистони собиқро фаро мегирад».[10] Дар банди

[1] *«Алаш-Ӯрда»* дар қиёс бо «Мухторияти Қӯқанд» ва ҷумҳурии туркӣ, ки характери минтақавӣ доштанд, фақат барои худмухторӣ ба даст овардани қирғизҳои даштнишин нигаронида шуда буд.

IX ин лоиҳа муаллифон кӯшидаанд ҳақиқати таърихиро таҳриф намуда, мардуми Туркистон ва Бухорою Хоразмро ба пуррагӣ «турк» нишон диҳанд. Дар лоиҳа, аз ҷумла, омадааст: «Пеш аз ҳама, номи «Туркистон» бо як мафҳуми хеле хоси грамматикӣ ва таърихӣ алоқаманд аст, ки ба забони русӣ «Становище тюрков» тарҷума шудааст, аллакай ҷавобгӯи саволест дар бораи миллати гурӯҳҳои алоҳидаи як халқи туркӣ аз қабили қирғизҳо, туркманҳо ва ӯзбекҳо...

Тӯрони таърихӣ, Туркистони имрӯза, маҳз ба далели якхела будани аҳолии турк бо Эрон /Форс/ муқоиса карда мешуд.

Масоҳати бузурги Туркистон бо Бухоро ва Хива, 1 731 090 метри мураббаъ, ки ба 1/3 тамоми Россияи аврупоӣ баробар аст, мувофиқи барӯйхатгирии соли 1897, беш аз 88 % аҳолии он туркҳоянд ва аз рӯйи умумияти маълумоти фарҳангӣ бо боқимондаҳои эрониён, аҳолии мусулмон 97 % аҳолии Туркистонро ташкил медиҳад» [10].

Матн дар ҳамин руҳия идома ёфта, дар он мавҷудияти халқу миллатҳои дигар инкор нашуда бошад ҳам, ниҳоят ночиз нишон дода шудааст. Гузашта аз ин, ҷонибдорони чунин андешапардозӣ мақсад доштанд, ҳамаи инро ба расмият даровarda, дар ин самт гомҳои ҷиддитаре бардоранд.

Илова бар ин, рӯзи 25-уми май Т. Рисқулов дар ҷаласаи КМ РКП(б) дар бораи вазъият дар Туркистон баромад намуда, вобаста ба озодкунии Шарқи ситамдида, нақши Россияи Шӯравӣ чун пешгоми инқилоби ҷаҳонӣ, вазифаҳо дар ин самт сухан гуфт ва нақши Туркистон ва дигар ҷумҳуриҳои мусулмониро (Тотористон, Бошқирдистон) дар «озодкунии меҳнаткашони Шарқ, чӣ аз ҳукмронии сармояи аврупоӣ ва чӣ аз ҳукмронии буржуазияи худӣ» бисёр муҳим арзёбӣ намуд. Ба мавқеи Туркистон баҳои баланд дода, мегӯяд: «Мавқеи ҷуғрофии мусоидро дар Шарқ ишғол намуда, нуқтаи муҳимми иқтисодӣ ва стратегӣ дар мубориза бо империализми ҷаҳонӣ мебошад... Ба он чи дар Туркистон рух медиҳад, тамоми Шарқ бо ҳасосият таваҷҷуҳ мекунад. Аз ин хусус Туркистон, бо нерӯҳои инқилобии доштааш, нерӯҳои муттаҳидааш бо Бошқирдистон ва дигар қисмҳои мусулмонӣ бо ёрии Маркази инқилоб – Россияи Шӯравӣ ... бояд ногузир доҳӣ ва маркази инқилоб дар Шарқ шавад. Беҳуда нест, ки Англия ба Туркистон ҳавасмандӣ дорад: на фақат барои он ки боигарӣ бисёр аст, балки барои он ки хатари асосӣ аз он ҷо бармехазад» [5]. Дар ин маърӯза боз чанд пешниҳоди дигар дар бораи аз нигоҳи ҳарбӣ пурқувват кардани Туркистон ва кам кардани дахолати марказ ба корҳои дохилии он ҳаст.

В. И. Ленин дар ин ҷаласа ҳузур дошт ва бо лоиҳаи болозикри Рисқулов шинос буд. Илова бар ин роҳбарони ҷумҳурии тотору бошқирҳо низ дар вохӯрӣ бо В. И. Ленин оид ба таъсис додани ҷумҳурии туркҳо ва муттаҳид кардани онҳо пешниҳод ба миён гузошта буданд.

Дар ҷаласаи болозикр ба Г. В. Чичерин, Н. Н. Крестинский ва раиси Турккомиссия Ш. З. Элиава супориш дода шуд, ки маърӯзаи омоданамудаи Наримоновро дар бораи Туркистон баррасӣ намуда, тезисҳо ё қарорро дар бораи ташкили ҷумҳурии Туркистон ва сиёсати ҳизб дар он ҷо таҳия созанд. Пас аз омода шудани ин лоиҳаи қарори КМ РКП(б) В. И. Ленин ба он чанд эроду супориш навишт. Аз ҷумла: «Аз нигоҳи ман, зарур аст, лоиҳаи рафиқ Рисқулов рад карда шавад, лоиҳаи комиссия бо тағйироти зерин қабул карда шавад:

а) ба вазифаҳои Турккомиссия ҳамкории мунтазам бо Шурои комиссарони халқи Туркистон ва Кумитаи Иҷроияи Марказии Туркистон афзуда шавад:...

В. И. Ленин боз чанд супориши дигар навишта, онро бо гузоштани санаи навишт – 13 июни соли 1920 ва имзо ҷамъбаст намуда, аз он пойинтар аломати (+) гузошта, боз ду супориши дигар илова мекунад:

+ 1. Супориш дода шавад, ки харитаи (этнографӣ ва ғайра) Туркистон бо тақсимбандӣ ба Ӯзбекия, Қирғизия ва Туркмения тартиб дода шавад.

2. Шароити муттаҳид ё ҷудо кардани ин 3 қисм муфассалтар маълум карда шавад» [7, с. 435-436].

Ин супориши В. И. Ленин ба зудӣ акси садо пайдо кард. Т. Рисқулов дар маърӯзаи худ ба номи В. И. Ленин (аз 16 июн) ба се ҷумҳурӣ ҷудо кардани Туркистонро ғайри қобили қабул шуморида, далелҳои худро овардааст. Аз ҷумла, ӯ менависад: «Бар иловаи он сабабҳое, ки дар маърӯза овардем, ин амалиёт бар Туркистон аз тарафҳои дигар ҳам зараровар аст: якум, агар ба мақсадҳои худмуайянкунии миллӣ Туркистонро ба се ҷумҳурӣ тақсим кардан пеш ояд, ин қадам

мантиқан дар ҳамин маҳдуд намешавад, боистӣ боз шаш ҷумҳурии дигар таъсис ёбад: тоҷикӣ, қипчоқӣ, қарақалпоқӣ, дунганӣ, таранчинӣ ва русӣ, зеро чи хел мо ҳақ дорем ба се миллати калон худмуайянкунӣ диҳему ин миллатҳои хурдтарро итоатгари онҳо созем...» [6].

Бояд зикр намуд, ки супориши В. И. Ленин аз ҷониби баъзе шахсиятҳои дигари ҳайати роҳбарии ҳизб (В. Куйбишев ва дигарон) низ чун пешниҳоди тақсимбандии Осиёи Миёна фаҳмида шуд ва онҳо навиштанд, ки ҳоло барои амалӣ кардани чунин кор барвақт аст. Бо дарназардошти чунин вокунишҳо В. И. Ленин дар лоиҳаи нави қарор ба ин андешапароканиҳо хотима бахшид.

Рӯзи 22-юми июн дар ҷаласаи Бюрои сиёсии КМ РКП(б) лоиҳаи комиссия дар бораи ҷумҳурии Туркистон баррасӣ гардид. Дар лоиҳаи қарор В. И. Ленин эроду супоришҳои худро навиштааст, ки миёни онҳо оид ба тақсими ҷумҳурӣ чунин омадааст: «5. Дар бораи ҷудо кардани ҷумҳурӣ ба 3 қисм пешакӣ ҳукм бароварда нашавад» [11, с. 153]. Бо ҳамин баррасии маъалаи тақсимбандӣ дар Осиёи Миёна то расидани фурсати мувофиқ – оғози соли 1924 мавқуф гузошта шуд.

Паҳӯҳишгари марзбандии миллӣ-давлатии солҳои 20-уми садаи XX И. Б. Бочкарёва менависад: «Пешомади барпо намудани ҷумҳурии ягонаи халқҳои туркзабон бо ҳудуди хеле васеъро Ленин ҳамчун таҳдид ба нуфузи шӯравӣ дар минтақаҳои туркзабон ва якпорчагии марзии РСФСР ҳисоб мекард. Наздикии ақидаҳои коммунистони мусулмон ба идеологияи пантуркизм онро дар назди роҳбарияти ҳизб хеле шубҳанок мекард. Таклифҳои Рисқуловро Бюрои Сиёсии КМ РКП(б) рад кард, ҳизб ва ҷумҳурӣ номи пештараи худро нигоҳ доштанд» [2, с. 16].

Гуфтан ба маврид аст, ки дар соли 1920 академик В. В. Бартолд низ бар зидди сиёсати ба андешаи ӯ туркгароӣ ва мусулмонгароӣ, ки дар Туркистон пеш гирифта шуда буд, баромад кард. Ӯ дар гузоришаш дар бораи сафар ба Туркистон дар соли 1920 менависад: «Кӯшиши дар Туркистон ба забони «давлатӣ» табдил додани тоторӣ ва ҳатто усмонӣ (дар давраи аввали пас аз инқилоб афсари турк Эфендиев ва дигар асирони ҳарбии турк дар Туркистон, хусусан дар масъалаҳои сохтмони фарҳангӣ нуфузи калон доштанд) аз ҷониби худи сокинони таҳҷоӣ ба муқобилият дучор омад; бо вуҷуди ин, доираҳои ҳукмрон доир ба масъалаи забон ба таъсири туркҳо, ё ба истилоҳи маҳаллӣ миллатгароии туркӣ итоат карданд. Дар эълони расмии эътирофи Ҷумҳурии мухтори Туркистон (Известия аз 27 августи соли 1920) танҳо қирғизҳо, ӯзбекҳо ва туркманҳо «миллатҳои бумии» Туркистон эътироф шудаанд. Ҳамин тавр, ҳуқуқҳои миллӣ ва фарҳангии аборигенҳои воқеии Туркистон – эрониҳо-тоҷикҳо эътироф намешаванд; бо ягон меъёри ҳуқуқӣ ҳақи забони русӣ ҳифз карда намешавад ва мавқеи он дар Туркистон акнун танҳо ба аҳамияти воқеии он ҳамчун органи паҳнкунандаи фарҳанги аврупоӣ дар миёни аҳолии бумӣ асос меёбад» [1, с. 188].

Чунонки зикр гардид, Т. Рисқулов яке аз пештозони ҳаракати таъсис додани ҷумҳурии туркҳо (Тюркская республика) дар Осиёи Миёна буд, Туркистонро ватани туркҳо эълом дошта, ин масъаларо дар минбарҳои гуногун пеш мегузошт.

Моҳи июли соли 1937 дар пурсише, ки аз тарафи мақомоти тафтишотӣ гузаронда шуд, Т. Р. Рисқулов иқрор шуд, ки ӯ солҳои 1919–1920 бо созмони пантуркистии «Иттиҳод ва тараққӣ» наздик шуда, ба ҳайати Кумитаи Марказии он шомил гардид, солҳои баъдӣ фаъолияташро дар ин самт васеътар намуд. Ба гуфти ӯ мақсади «Иттиҳод ва тараққӣ» ташкил кардани давлати ягонаи аз ҳокимияти шӯравӣ мустақили турку тоторҳо буда, бо миллатгароёни намоёни Бошқирдистон ва Тотористон, аҳолии турки Кавказ, намояндагони Афғонистону Эрон дар тамос буд ва созмон додани фронти ягонаи ҳама нерӯҳои миллию буржуазии шарқиро бар зидди Ҳокимияти Советӣ дар назар дошт. Ба гуфти ӯ бисёр роҳбарони давлатию ҳизбии Осиёи Миёна, аз ҷумла, Файзулло Хоҷаев, Мунавар Қорӣ, Турсун Хоҷаев, Закӣ Валидови бошқирд ва дигарон дар ин раванд ширкат доштанд. Воқеан, Ф. Хоҷаев аз рӯйи нишондодҳои Т. Р.Рисқулов ба ҳабс гирифта шуда буд. Яке аз нишондодҳои муҳимми Т. Р. Рисқулов он аст, ки пайдоиши ҳаракати босмачиёнро ба пантуркизм вобаста кардааст: «Вазифаҳои навбатии созмони «Иттиҳод ва тараққӣ»-ро мо ба зарурати бо ҳар роҳе ки набошад комёб шудан ба ягонагии амалиёти халқҳои турку тотор, ба вуҷуд овардани қувваҳои тавоноi мусаллаҳ дар симои ҳаракати босмачиён барои ташкили сарнагунсозии ҳокимияти шӯравӣ ва барқарорсозии тартиботи буржуазӣ зери итоати

ҳукумати зиддишӯравӣ вобаста кардем.» ... «Дар натиҷа ба мо муяссар гардид, ки дар Тотористон, Бошқирдистон ва Кавказ шӯриш бардоранд, дар Қрим эътирозҳои ошкоро ба амал омаданд, ҳаракати босмачигӣ Осиёи Миёна, махсусан дар водии Фарғона васеъ доман паҳн кард. Ҳаракатҳои эътирозӣ Туркманистон, Тоҷикистон, Қирғизистон, Қарақалпоқистон ва Қазоқистонро фаро гирифтанд..» [14]. Нишондодҳои С. Х. Ходжанов дар бораи корҳои зиддисоветии Т. Р. Рисқулов ва дигар пантуркистон ба андешаҳои дуюмӣ мувофиқат мекунанд. С. Х. Ходжанов тасдиқ мекунад, ки «Мухторияти Қуқанд» («Кокандская автономия»), аз ҷониби элементҳои нисбатан реаксионии буржуазӣ-миллатгароӣ зери шиори эътироф накардани ҳокимияти шӯравӣ таъсис ёфта, ҳукумат бо роҳбарии Тинишпаев ташкил ёфт, ки баъдтар ӯро Мустафо Чокаев иваз кард ва ҳамин мухторият асосгузори ҳаракати босмачигарӣ дар Осиёи Миёна гардад. Пас аз торумор шудани «Мухторияти Қуқанд» ҳаракати босмачигиро пантуркистон минбаъд ҳам ба таври густурда дастгирӣ ва истифода карданд. С. Х. Ходжанов мегӯяд: «Дар соли 1918 пантуркистон дар собиқ кишвари Туркистон, махсусан дар Тошканд кори бузурги зиддисоветиро ба роҳ монда, бо иштироки афсарони турк, ки дар ҳудуди кишвари Туркистон қарор доштанд, ташкилоти пантуркистии «Иттиҳод ва тараққӣ»-ро бунёд гузоштанд. Ба ин ташкилот як қатор миллатгароёни намоёни кишвари Туркистон ва Бухоро, аз ҷумла, Рисқулов, Файзуло Хоҷаев, Раҳимбоев, Ҳоҷибоев, Каримов, Мунавар Қорӣ, Низомитдин Хоҷаев, Турсун Хоҷаев, Ирмуҳаммедов, Сергазиев ва дигарон шомил буданд. «Иттиҳод ва тараққӣ» Кумитаи Марказӣ ва дар тамоми вилоятҳои ҷумҳурии Туркистон филиалҳои худро дошт» [12, с. 283-296].

Баргардем ба соли 1920. Мавзеъгирии Т. Р. Рисқулов мавриди танқид қарор гирифта, моҳи июли ҳамон сол ӯ аз вазифа рафт, вале андешаҳои ӯ то расидани марҳалаи тақсимбандии миллию ҳудудӣ тарафдор доштанд. Моҳи марти соли 1924 котиби КМ ҲК(б) Туркистон И. М. Варейкис ба номи И. Сталин дар бораи мавқеи халқҳои Осиёи Миёна оид ба тақсимбандии миллию давлатӣ чунин менависад: «Ахиран масъала дар ҷаласаи махфии Кумитаи Марказӣ муҳокима гардид. Дар натиҷа ду нуқтаи назар ба миён омад: 1) қирғизҳо ҷонибдори тақсимбандӣ ба вилоятҳои мухтори ҷумҳурии Туркистони ягона мебошанд; 2) ӯзбекҳо, туркманҳо, қарақирғизҳо, қисман бухороиҳо (ӯзбекон) – ҷонибдори тақсимбандӣ ба ҷумҳуриҳо бо маркази ҳизбӣ ва Шурои иқтисодии Осиёимиёнагӣ ҳастанд» [9, с. 190]. Тавре дида шуд, қирғизҳо мехостанд дар Осиёи Миёна як ҷумҳурии Туркистон бошаду дигар халқҳо чун вилоятҳои мухтор ба он ворид шаванд ва эҳтимол дорад, ки бо дарназадошти чунин мавзеъгирӣ дар Туркистон муҳокимаи масъалаи тақсимбандӣ аз Бухоро оғоз ёфт.

Бояд ёдовар шуд, ки роҳбарони Ҳокимияти Советӣ тарафдори ташкил кардани ҷумҳурии ҳамноми Туркия набуданд ва супориши болозикри В. И. Ленин ишора ба ҳамин буд. Дар натиҷаи тақсимбандии миллии Осиёи Миёна дар соли 1924 он «супориш» иҷро шуд – туркзабонҳо аз рӯйи мансубияти миллии худ ҷумҳуриҳои алоҳида бунёд карданд ва Туркистон аз байн рафт.

Воқеан, чунин мавзеъгирии партуркистон ба сарнавишти тоҷикон низ таъсири манфӣ расонд, ки он паҳлӯҳои зиёд дорад. Фақат агар ҳамин бунёдгузории ҷумҳуриҳои навро дар Осиёи Миёна ба назар бигирем, дар ин ҷо шахсони алоҳида дар бораи набудани миллате бо номи тоҷик, кам нишон додани теъдоди он ё пайдоиши тоҷикон аз қабилаҳои турк фарзияҳои худро паҳн мекарданд, ки фусӯсона, қисме аз намояндагони миллати тоҷик низ чунин андешаҳоро дастгирӣ менамуданд.

Ҳамчунин бояд илова кард, ки дастандаркорони тақсимоти миллию давлатӣ ҳам дар Москва ва ҳам дар Осиёи Миёна таърихи халқҳои муқими минтақаро хуб медонистанд. Сароғоз аз моҳи июли соли 1924 дар ҳар шумораи рӯзномаи «Туркестанская правда» (аз моҳи ноябри соли 1924 «Правда Востока») рубрикаи махсус бахшида ба тақсимоти миллӣ-давлатӣ маводи ин мавзуъро дарбар мегирифт. Дар яке аз рубрикаҳо мақолаи Ю. Ракитин чоп шудааст, ки дар он дар бораи халқҳои минтақа маълумоти мухтасар ҳаст. Ин муаллиф дар бораи тоҷикон чунин навиштааст: «Қадимтарин аҳолии Осиёи Миёна аз халқҳои қабилаи эрониҳо (форсҳо) иборат аст. Замоне чунин ақида вуҷуд дошт, ки аҳолии бумии Туркистон турониён, намояндагони як нажоди махсуси туронӣ буданд. Аммо пажӯҳишҳо тақрибан ба таври раднашаванда собит кардаанд, ки нажоди вижаи туронӣ вуҷуд надошт. Ковишҳои дар минтақаи Днепр гузаронидашуда комилан

ҳамсон будани фарҳанги моддии наздиднеприро бо фарҳанге, ки дар Осиёи Миёна мавҷуд буд, муайян кард, ки ин яке аз далелҳои муҳимми ягонагии пайдоиши этнографии халқҳое буд, ки як вақтҳо ҳам дар ҷануби Россияи баъдӣ ва Осиёи Миёна сукунат доштанд ва маҳз пайдоиши онҳо аз решаи эронӣ аст. Тибқи баъзе тахминҳо, мардуми эронитабор дар Осиёи Марказӣ аллакай 8 ҳазор соли пеш аз мелод маскан гирифтаанд ва тибқи фарзияҳои дигар, аввалин осори сукунати ин минтақа ба 2 ҳазор соли пеш аз милод рост меояд.

Ин аҳолии эронӣ қисми асосии сокинонро дар тамоми роҳ аз баҳри Хазар то Олтой ташкил медод. Эрониён як қатор иттиҳодияҳо ташкил мекарданд, ки дар баъзе мавридҳо шакли давлатӣ мегирифтанд. Ин иттиҳодияҳо аксар вақт бо ҳамдигар ихтилоф доштанд. Чунин ҳам шудааст, ки ҳамаи онҳо дар ҷамъомади дӯстона бархоста, ҳам ба Шарқ ва ҳам ба Ғарб ғалаба карданд. Дар бештари мавридҳо ин гуна падида дар зери таъсири истилогарони бегонаи турку муғул ба амал омад, ки онҳо дар гурӯҳҳои нисбатан хурд омада, тавонистаанд нақши ферментеро иҷро кунанд, ки фурӯ мезананд ва қисми асосии аҳолии эрониро боло мебардоранд. Дар юришҳои таърихии Чингизхон ва Темур низ ҳамин тавр буд.

Аз ин аҳолии нисбатан қадимтарин – ва ба ин маъно, бумии Осиёи Миёна то имрӯз як гурӯҳи калон боқӣ мондааст: инҳо тоҷикон мебошанд. Шумораи ин гурӯҳ 1 миллиону 200 ҳазор нафар буда, асосан Бухорои Шарқӣ, қисми ҷанубии вилояти Самарқанд ва ноҳияҳои алоҳидаро дар дигар ҷойҳо ишғол мекунад. Яғнобиҳо низ ба решаҳои эронӣ тааллуқ доранд. Хоразмиён низ эрониён буданд, ки дар замоне салтанати тавонои Хоразмиёнро барпо карда буданд, вале баъдан хоразмиён бо турку муғулҳои омада омехта шуда, хамчун гурӯҳи махсуси этнографӣ мавҷудияти худро аз даст доданд» [13].

Котиби КМ РКП(б) Я. Э. Рудзутак дар маърӯзааш дар бораи тақсимоти миллию ҳудудии ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна зикр намуд: «Бо таркиби нажодии худ аҳолӣ ба ду гурӯҳи асосӣ ҷудо мешавад: туркумуғул ва ҳиндуаврупоӣ. Қабилаҳои туркумуғулӣ – туркменҳо, ӯзбекҳо, қирғизҳо ва қарақирғизҳо мебошанд. Ҳиндуаврупоиҳо дар симои тоҷикон дар қисмати куҳистон, дар сарҳади миёни Осиёи Миёна ва Ҳиндустон, миёни Афғонистони кунунӣ ва Бухоро мондаанд» [4, с. 245]. «Ба Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар асоси воҳиди автономӣ чун ҷумҳурии автономӣ қисми ҳиндуаврупоии аҳолии Туркистон – тоҷикон бо шумури 1 200 000 нафар шомил мешавад».[4, с. 245] Вақте котиби КМ РКП(б) чунин гузориш медиҳад, ин маънои онро дорад, ки роҳбарияти ҳизб бо ӯ ҳамфикр аст.

### *Адабиёт*


1. Бартольд, В. В. Отчет о командировке в Туркестан. Август – декабрь 1920 г. / В. В. Бартольд // Известия Российской академии наук. Сер. VI. — Пг., 1921. — Т. XV. — С. 188–219.
2. Бочкарёва, И. Б. Национально-территориальное размежевание в Центральной Азии в 1924 г.: причины и принципы проведения / И. Б. Бочкарёва // Журнал центрально-азиатских и евразийских расследований. — 2021. — Т. 1, № 1. — С. 16–30. — 15 с.
3. Валиханова, Н. С. Политическое противоборство по национальному вопросу в Туркестане (1917–1922 гг.): автореф. дис. … канд. ист. наук / Н. С. Валиханова. — М., 1993. — 24 с.
4. ЦК РКП(б) – ВКП(б) и национальный вопрос. В 2 кн. Кн. 1: 1918–1933 гг. / сост. Л. С. Гатагова, Л. П. Кошелева, Л. А. Роговая. — М.: Российская политическая энциклопедия (РОССПЭН), 2005. — 735 с.
5. Доклад Т. Рыскулова в ЦК РКП о ситуации в Туркестанской республике // РГАСПИ. — Ф. 17. — Оп. 84. — Д. 88. — Л. 1–6. — 6 л.
6. Доклад Т. Рыскулова Ленину о ситуации в Туркестане // РГАСПИ. — Ф. 5. — Оп. 1. — Д. 2920. — Л. 29–38. — 10 л.
7. Ленин, В. И. Полное собрание сочинений. — Т. 41. — М.: Изд-во политической литературы, 1974. — 528 с.
8. Масов, Р. Таджики: история национальной трагедии / Р. Масов. — Душанбе: Ирфон, 2008. — 320 с.

9. Письмо секретаря ЦК КП(б) Туркестана И. М. Варейкиса И. В. Сталину о политической ситуации в Туркестане от 27 марта 1924 г. // ЦК РКП(б) – ВКП(б) и национальный вопрос. В 2 кн. Кн. 1: 1918–1933 гг. — М.: Российская политическая энциклопедия (РОССПЭН), 2005. — С. 190. — 1 с.
10. Проект Положения Туркестанской республики // РГАСПИ. — Ф. 5. — Оп. 1. — Д. 2920. — Л. 50–56. — 7 л.
11. Проект постановления Политбюро ЦК РКП(б) по вопросу о задачах РКП(б) в Туркестане // Ленин, В. И. Полное собрание сочинений. — Т. 41. — С. 153. — 1 с.
12. Протокол допроса С. Х. Ходжанова. 31 июля 1937 г. // Лубянка. Сталин и Главное управление госбезопасности НКВД. Архив Сталина. Документы высших органов партийной и государственной власти. 1937–1938. — М.: МФД, 2004. — 912 с.
13. Ракитин, Ю. К проблеме национального размежевания (историко-этнографическая заметка) / Ю. Ракитин // Туркестанская правда. — 1924. — 29 авг. — 1 с.
14. Спецсообщение Н. И. Ежова И. В. Сталину с приложением протокола допроса Т. Р. Рыскулова. 5 июля 1937 г. // РГАСПИ. — Ф. 17. — Оп. 171. — Д. 313. — Л. 74–118. — 45 л.

## ЛЕНИН ВА ТАҚСИМБАНДИИ ТУРКИСТОН: ТАҲЛИЛИ СИЁСӢ ВА ТАЪСИРИ СУПОРИШҲО БА ТАШАККУЛИ ИДЕНТИФИКАТСИЯИ ТОҶИКОН

Ин мақола ба омӯзиши таъсири супоришҳо ва дастурҳои Ленин дар масъалаи тақсимбандии Туркистон бахшида шудааст. Муаллиффон бо такя ба таҳлилҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ равандҳои марбут ба ташкил ва тақсимоти ҳудудиро баррасӣ намуда, робитаи онҳо бо ташаккули идентитсияи миллӣ дар миёни халқҳои минтақа, махсусан тоҷиконро равшан месозанд. Дар мақола нишон дода мешавад, ки сиёсатҳои шӯравӣ дар самти марзбандии миллӣ-ҳудудӣ танҳо ҷанбаи идорӣ надоштанд, балки ба равандҳои иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва сиёсӣ таъсири амиқ гузоштанд.

Бо истифода аз мероси этнографӣ ва сиёсати милликунонии ҳокимият, роҳбарияти шӯравӣ кӯшиш намуд, ки як модели нави идоракунӣ дар Осиёи Марказӣ шакл гирад. Ин раванд, гарчанде ки бо шиорҳои баробарӣ ва бародарӣ ҷорӣ гардид, дар асл ба мустаҳкам шудани нуфузи сиёсати марказӣ ва маҳдуд шудани озодиҳои миллӣ овард. Муаллиф таъкид мекунад, ки тақсимоти Туркистон танҳо ба масоили марзӣ маҳдуд нашуда, балки ба худшиносии тоҷикон ҳамчун миллат таъсири ҷиддӣ расонд.

Аз ин ҷиҳат, мақола аҳамияти хоси равандҳои тақсимбандиро барои дарки таърихи сиёсӣ ва иҷтимоии минтақа нишон дода, равобити байни сиёсати советӣ ва ташаккули идентитсияи миллиро ба таври илмӣ шарҳ медиҳад.

**Калидвожаҳо:** Ленин, тақсимбандии Туркистон, идентификатсияи миллӣ, Тоҷикистон, сиёсат, таърих, Шӯравӣ

## ЛЕНИН И РАЗДЕЛЕЛЕНИЕ ТУРКЕСТАНА: ПОЛИТИЧЕСКИЙ АНАЛИЗ И ВЛИЯНИЕ ПОРУЧЕНИЙ НА ФОРМИРОВАНИЕ ИДЕНТИФИКАЦИИ ТАДЖИКОВ

Данная статья посвящена изучению влияния распоряжений и указаний Ленина по вопросу раздела Туркестана. Авторы, опираюсь на политический и социальный анализ, рассматривает процессы, связанные с организацией и территориальным разграничением, и выявляет их связь с формированием национальной идентичности народов региона, особенно таджиков. В статье показано, что советская политика национально-территориального размежевания носила не только административный характер, но и оказывала глубокое воздействие на социальные, культурные и политические процессы.

Используя этнографическое наследие и политику национализации власти, советское руководство стремилось выработать новую модель управления в Центральной Азии. Несмотря на декларации равенства и братства, этот процесс фактически способствовал укреплению влияния центра и ограничению национальных свобод. Автор подчеркивает, что раздел Туркестана повлиял не только на вопросы границ, но и на самоосознание таджиков как нации.

Таким образом, статья акцентирует значимость процессов территориального раздела для понимания политической и социальной истории региона, а также освещает взаимосвязь советской политики и формирования национальной идентичности.

**Ключевые слова:** Ленин, разделение Туркестана, национальная идентификация, Таджикистан, советская политика, история, революция.

## LENIN AND THE DIVISION OF TURKESTAN: POLITICAL ANALYSIS AND THE INFLUENCE OF TAJIK IDENTIFICATION FORMATION

This articls is devoted to the study of Lenin's directives regarding the partition of Turkestan and their impact on the formation of national identity, particularly among Tajiks. Relying on political and social analysis, the author examines the processes of organization and territorial delimitation and highlights their connection to nation-building in the region. The article demonstrates that Soviet policies of national-territorial delimitation were not merely administrative but had profound effects on social, cultural, and political dynamics.

By employing ethnographic heritage and the policy of nationalization of power, the Soviet leadership sought to establish a new model of governance in Central Asia. Although proclaimed under the slogans of equality and fraternity, this process in reality strengthened central authority and limited national freedoms. The author emphasizes that the division of Turkestan affected not only territorial issues but also the self-consciousness of Tajiks as a nation.

Thus, the article underscores the importance of territorial partition processes for understanding the political and social history of the region and elucidates the interrelation between Soviet policy and the formation of national identity.

**Keywords:** Lenin, division of Turkestan, national identification, Tajikistan, Soviet politics, history, revolution.

**Дар бораи муаллиффон**

Нуриддин Парвин Раймалихон
номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент, мудири кафедраи сиёсатшиносӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ.
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121.
E-mail: panurama@mail.ru

Назризода Давлаталӣ
номзади илмҳои таърих, докторанти кафедраи муносибатҳои байналхалқӣ
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17

**Об авторах**

Нуриддин Парвин Раймалихон
кандидат политических наук, доцент, заведующий кафедрой политологии
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни.
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 121.
E-mail: panurama@mail.ru

Назризода Давлатали
кандидат исторических наук, докторант кафедры международных отношений
Таджикский национальный университет.
734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17.

**About the Authors**

Nuriddin Parvin Raymalikhon
Candidate of Political Sciences, Associate Professor, Head of the Department of Political Science
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni.
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 121.
E-mail: panurama@mail.ru

Nazrizoda Davlatali
Candidate of Historical Sciences, Doctoral Student of the Department of International Relations
Tajik National University
734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17.

ТДУ 341.24(4–672ЕС):343.3

# НАҚШИ ИТТИҲОДИ АВРУПО ДАР МУБОРИЗА БАР ЗИДДИ ТЕРРОРИЗМ

***Зиёев С.Н.***

*Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ*

Ҳамлаҳои террористии 11 сентябр ва амалҳои террористии баъдӣ дар Лондон ва Париж боиси пайдоиши як шакли нави терроризм, ки дар стратегия ва ҳадафҳои терроризми қаблӣ ба куллӣ фарқ мекунад, боиси тағйири куллӣ дар равиши Иттиҳоди Аврупо ва густариши ҳамкориҳои институтсионалӣ барои мубориза бо ин таҳдиди афзоянда гардид. Ҳарчанд таърихи ҳамкориҳои институтсионалии Иттиҳодияи Аврупо дар мубориза бо терроризм аз солҳои 1980 оғоз мешавад, бинобар нигарониҳо дар бораи табодули иттилоот ва истиқлолияти миллӣ дар соҳаи амният, сиёсати зиддитеррористии Иттиҳоди Аврупо ва ҳамкориҳои институтсионалии Иттиҳоди Аврупо то ҳамлаҳои террористии 11 сентябр маҳдуд буд. Сарфи назар аз чораҳои густурдаи институтсионаливу ҳуқуқии Иттиҳодияи Аврупо барои мубориза бо терроризм, бахусус пас аз 11 сентябр ва таркишҳои Мадриду Лондон, хусусияти мухталифи ҳамлаҳои террористии ахир, аз ҷумла мӯҳлатҳои кӯтоҳ, гуногунии абзорҳо, ҳадафҳо ва фаъолон, чолишҳои террористиро яке аз чолишҳои бунёдии ҳалношудаи Иттиҳоди Аврупо боқӣ мондааст.

Ҳарчанд терроризм як масъалаи нав барои Иттиҳодияи Аврупо нест, осебпазирии ин иттиҳод дар баробари терроризм ва афзоиши ҳамлаҳои террористӣ дар солҳои охир беш аз ҳарвақта огоҳии мардум ва таваҷҷуҳи муассири Иттиҳодияи Аврупоро дар мубориза бо терроризм афзоиш додааст. Илова бар ин, қабули сиёсати ягонаи институтсионалии мубориза бо терроризм, аз қабили назорати муштараки сарҳадӣ, назорати электронии шаҳрвандон, дастрасӣ ба маълумоти шахсии шаҳрвандон ва ғайра дар байни афкори ҷомеа дар бораи муносибати озодӣ ва амният дар Иттиҳоди Аврупо ва нақзи шартномаҳо, созишномаҳо, арзишҳои аврупоӣ ва ҳуқуқҳои конститутсионӣ баҳсҳои густардаеро ба вуҷуд овардааст. Бо дарназардошти густариши таҳдидҳои террористӣ ва талошҳои Иттиҳоди Аврупо барои табдил шудан ба як фаъол ва муассир алайҳи терроризми ҷаҳонӣ ва таъсире, ки сиёсатҳои зиддитеррористии Иттиҳоди Аврупо дорад дар ин мақола кӯшиш ба харҷ дода шудааст, ки чораҳои институтсионалӣ ва ҳуқуқии Иттиҳоди Аврупо ва самаранокӣ ва дурнамои ҳамкориҳои Иттиҳоди Аврупо дар мубориза бо терроризм ҳамчун яке аз муҳимтарин чолишҳои ояндаи ҳамгироии Иттиҳоди Аврупо баррасӣ шавад [1, с. 139-166].

Бо дарназардошти тамоюли густариши сиёсати зиддитеррористӣ дар байни кишварҳои Иттиҳодияи Аврупо, ки аз як тараф ба далели тавсеаи доираи таҳдидҳои террористӣ ва натавонистани давлатҳо дар ҷилавгирӣ аз ин таҳдидҳо, онҳоро барои ҳамкориҳои фаромиллӣ ногузир мегардонад, аз тарафи дигар, ба далели ҳассосияти масъалаҳои амниятӣ, давлатҳои Иттиҳоди Аврупо майли ба даст кашидан аз ифротгароӣ надоранд. Дар ин мақола назари мо ба он равона шудааст, ки сиёсати зиддитеррористии Иттиҳодияи Аврупо ва ҳамкориҳои институтсионалии Иттиҳоди Аврупо дар ин самт ба ҳадди ақал се фарзияи асосии назарияи байниҳукуматӣ мувофиқат мекунад ва омӯзиши ҳамкориҳои институтсионалии Иттиҳодияи Аврупо алайҳи терроризм дар чаҳорчӯби ин назария маълумоте фароҳам овардааст, ки ба таҳқиқоти назариявӣ дар ин самт таъсир расонида, бар фарзияи баррасиҳои байниҳукуматӣ ба чолиш овардааст. Якум, ки Иттиҳоди Аврупо ва давлатҳои он ҳамчун фаъолони ҷомеаи шаҳрвандӣ манфиатҳо ва ҳадафҳоеро, ки онҳо аз ҳамкориҳои муштараки зиддитеррористӣ ба даст меоранд, тавассути сиёсати зиддитеррористии Иттиҳоди Аврупо коҳиш медиҳанд. Дуввум, ки бо зуҳури терроризм ҳамчун як таҳдиди ҷаҳонӣ давлатҳои миллиро наметавонанд амнияти шаҳрвандони худро дар марзҳои худ танҳо таъмин кунанд ва ин онҳоро ба ҳамкориҳои фаромиллӣ дар мубориза бо терроризм водор кардааст. Аммо ба далели ҳассосияти масоили амниятӣ ва мубориза бо терроризм, ҳамкорӣ дар ин замина бештар ба таври муваққатӣ, бар асоси рӯйдодҳо боқӣ мемонад. Бо вуҷуди маҳдуд будани ҳамкориҳои институтсионалӣ дар ин соҳа, давлатҳо ва созмонҳои Иттиҳоди Аврупо намехоҳанд соҳибихтиёрии миллии худро ба ниҳодҳои фаромиллӣ вогузор кунанд.

Ин боиси он гардид, ки Иттиҳодияи Аврупо ҳамчун як ниҳоди динамикӣ сиёсати бештар прагматикиро барои мубориза бо терроризм ва таъмини амнияти шаҳрвандони аврупоӣ ва таҳкими минбаъдаи тавонмандии ниҳодҳои аврупоӣ ва ҳамкории муштарак дар мубориза бо терроризм пеш барад.

Кӯшишҳои институтсионалии Иттиҳодияи Аврупо барои мубориза бо терроризм аз авоили солҳои 1970 ва таҷрибаи он дар мубориза бо гурӯҳҳои чапгаро, аз қабили бригадаҳои итолиёвӣ ва фраксияи артиши Олмон (Red Army Faction (RAF)оғоз шудааст.

Ташкили гурӯҳи Байналмилалии зидди терроризм, радикализм, ифротгароӣ ва хушунати байналмилалӣ ё G8 дар Сиэтл дар соли 1985 ва Конвенсияи Аврупо оид ба мубориза бо терроризм (Треви 2- TREVI)[2] дар соли 1988 аз аввалин кӯшишҳои институтсионалии Ҷомеаи Аврупо оид ба мубориза бо терроризм ва ифротгароӣ буданд [6, с. 250].

Гурӯҳи Треви (TREVI) ҳамчун як форум барои табодули иттилоот ва ҳамкорӣ байни мақомоти полиси Аврупо дар мубориза бо терроризм ва ҷиноятҳои байналмилалӣ таъсис дода шудааст. Треви (TREVI) дар ибтидо як форуми табодули иттилоот дар бораи ҷиноятҳои муташаккил ва терроризм буд, аммо дар солҳои баъдӣ барои мулоқотҳои вазирони адлия, мансабдорони баландпоя ва коршиносон берун аз чаҳорчӯби шартномаҳои аврупоӣ замина фароҳам овард. Гурӯҳи Треви (TREVI) барои таъсиси як форуми адлия ва корҳои дохилӣ, аз ҷумла дар самтҳои мубориза бо терроризм, ҳамкории полис, таъмини амнияти авиатсияи гражданӣ, амният ва амнияти ниҳодҳои байналмилалӣ ва ҳамкорӣ дар соҳаи офатҳои табиӣ роҳ кушод [3, с. 54-69].

Дар соли 1993 гурӯҳи сеҷониба ва дигар ниҳодҳои аврупоӣ оид ба истиқлолияти ҳудудӣ, гумрук ва муҳоҷират ба сохтори нав, ки бо номи "Қисми 1"-и Шартнома дар бораи Иттиҳоди Аврупо маъруфанд, аз нав ташкил карда шуданд. Фасли якуми Шартнома дар бораи Иттиҳоди Аврупо тамоми чораҳои компенсатсиониро барои аз байн бурдани назорати сарҳад пешбинӣ мекунад. Шартнома инчунин таъсиси полиси Аврупоро (Европол) таъин кард. Дар соли 1997 як гурӯҳи омодагӣ нақши Europol дар мубориза бо терроризмро таҳия кард ва Европол дар соли 1998 ба фаъолият оғоз кард. Аммо, сарфи назар аз густариши ҳамкориҳои полис аз замони таъсиси Гурӯҳи сеҷониба ва дигар созмонҳои шабеҳ, ҳамкориҳои институтсионалии кишварҳои узви Иттиҳодияи Аврупо то ҳамлаҳои 11 сентябр, бинобар муқовимати кишварҳо ба интиқоли як қисми амнияти онҳо ба минтақаҳои Аврупо, маҳдуд буд [11, с. 77-78].

Пас аз 11 сентябр, барномаи зиддитеррористии Иттиҳоди Аврупо торафт бештар расмиётӣ, реактивӣ, ба бӯҳрон нигаронида шудааст ва аз рӯйдодҳои террористии 11 сентябр, таркишҳои Мадрид ва Лондон, афзоиши ДОИШ, ҳамлаҳои террористии солҳои 2010 ва 2016 дар Фаронса ва ҳамлаҳои умумии Брюссел ва Берлин дар Иттиҳоди Аврупо таъсири манфӣ гирифтааст.

Қабл аз ҳамлаҳои террористӣ ба Маркази Ҷаҳонии Тиҷорат ва Пентагон дар моҳи сентябри соли 2001, терроризм хеле кам нигаронии умумии Иттиҳодияи Аврупо буд ва ҳодисаҳои 11 сентябрро бояд як нуқтаи гардиш дар табдили Иттиҳод ба як омили пешбар ва муассири мубориза бо терроризм арзёбӣ кард. Вокуниши Иттиҳодияи Аврупо ба 11 сентябр хеле зуд ва ҳамаҷониба буд. Ҳамагӣ даҳ рӯз пас аз ҳамлаҳои 11 сентябр, Шӯрои адлия ва корҳои дохилии Аврупо дар як ҷаласаи ғайринавбатӣ дар Брюссел эълон кард, ки мубориза бо терроризм барои Иттиҳоди Аврупо авлавият дорад [10, с. 23]. Воқеан, рӯйдодҳои 11-уми сентябр ҳам даъват ба силоҳ барои Иттиҳодияи Аврупо барои мубориза бо терроризм ва ҳам фурсат барои иқдоми он буд. То 11 сентябр танҳо шаш кишвари Иттиҳодияи Аврупо қонунҳо ва воситаҳои зиддитеррористӣ доштанд ва дастгирии фаромарзӣ барои мубориза бо терроризм ҳадди ақалл буд. Чанде пас аз ҳамлаҳои 11 сентябр Олмон ва Амрико ба унвони пояҳои тарҳрезӣ ва иҷрои ин ҳамлаҳо дар ҳамкорӣ бо Амрико як қатор тадобири зиддитеррористӣ андешиданд, ки муҳимтарини онҳо тасвиби нахустин Барномаи амал барои мубориза бо терроризм буд [1, с. 139-166].

Нақшаи амал дар якҷоягӣ бо харитаи роҳи мубориза бо терроризм, ки дар натиҷаи Саммити соли 1999 таҳия шуда буд, роҳнамо барои вокуниши зиддитеррористии Иттиҳоди Аврупо

---

[2] Гурӯҳи TREVI як шабака ё иттиҳодияи байниҳукуматӣ аст, ки аз вазирони адлияи дувоздаҳ кишвари Иттиҳоди Аврупо иборат аст, ки 2 сентябри соли 1992 дар ҷаласаи Шурои Аврупо таъсис ёфтааст.

пешниҳод шудааст. Харитаи роҳи мубориза бо терроризм 41 амалро дар панҷ самти асосӣ дар бар мегирад: Тақвияти ҳамкориҳои полис ва судӣ (таҳияи ордери ҳабси аврупоӣ ва таърифи ягонаи терроризм аз ҷониби Иттиҳоди Аврупо, муайян кардани террористҳо ва шабакаҳои онҳо дар Аврупо, таҳкими нақши Europol дар мубодилаи маълумот ва таъсиси гурӯҳҳои тафтишотӣ).

Ҳарчанд чораҳои андешидашуда мувофиқи Барномаи амал буданд, аммо ҳамлаи ИМА ба Ироқ бо баҳонаи аслиҳаи қатли ом ва тақсими Иттиҳодияи Аврупо ба ду ҷабҳа ба тарафдорӣ ва муқобили ин ҳамла, ангезаи Иттиҳодияи Аврупоро барои мубориза бо терроризм коҳиш дод. Барои рафъи ин тафовутҳо, Иттиҳоди Аврупо сиёсати амният ва мудофиаи худро тавассути бознигарии равобити умумии мудофиа ва амниятии худ бо кишварҳои Иттиҳоди Аврупо ва қабул ва таҳияи Стратегияи Амнияти Аврупо навсозӣ ва мустаҳкам кард. Стратегияи Амнияти Аврупо як қадам ба пеш дар сиёсати ягонаи мудофиа ва амният буд ва ҳадафҳои стратегии зеринро дар бар гирифт:

1. Муқовимат ба таҳдидҳо (терроризм, паҳншавии силоҳи ҳастаӣ, низоъҳои минтақавӣ, давлатҳои ноком ва ҷинояткории муташаккил);
2. Таъмини сарҳадҳои Иттиҳоди Аврупо;
3. Паст кардани хатари терроризм ва хатари экстремизм;
4. Тақвияти амнияти сарҳадоти Иттиҳоди Аврупо;
5. Таҳкими амнияти сарҳадҳои Иттиҳоди Аврупо;

Стратегияи амнияти аврупоӣ аввалин санади стратегӣ буд, ки роҳнамоии дарозмуддатро барои сиёсати умумии Иттиҳоди Аврупо ва чораҳои зиддитеррористӣ таъмин мекунад [5, с. 21-22].

Ҳамлаҳои террористӣ дар Лондон ва Мадрид, ки интиқоми Ал-Қоида аз Иёлоти Муттаҳида ва Британиё барои пуштибонӣ аз онҳо дар ҷанг бо терроризм ва амалҳои низомии Иёлоти Муттаҳида алайҳи Ал-Қоида ва Толибон буд, бори дигар нишон дод, ки давлатҳо танҳо наметавонанд шаҳрвандони худро муҳофизат кунанд ва сиёсати зиддитеррористиро дар қабули қарорҳои Иттиҳоди Аврупо авлавияти аввалиндараҷа қарор диҳанд [9, с. 1].

Таркишҳои Мадрид Иттиҳодияи Аврупоро водор сохт, ки дар Шурои Аврупо дар моҳи марти соли 2004 бо арзёбии омилҳое, ки ба дастгирӣ ва қабули терроризм оварда мерасонанд, як марҳилаи комилан нави тафаккур дар бораи мубориза бо терроризм ва мубориза бо сабабҳои аслии терроризмро пеш гирад.

Чанде пас аз ҳамлаҳои террористии Мадрид (18 марти 2004), Комиссияи Аврупо дар як эъломияи фаврии ҳамбастагии баланд бо қурбониён даъват кард, ки санадҳои ҳуқуқии Иттиҳоди Аврупо алайҳи терроризм дар сатҳи миллӣ татбиқ карда шаванд. Лоиҳаи сиёсати зиддитеррористии Иттиҳоди Аврупоро қабул карда шавад ва тақвияти мубориза бо маблағгузории терроризм, ҳамоҳангсозии амалиётӣ ва муколама бо кишварҳои сеюм оид ба терроризм, инчунин чораҳои амниятӣ дар заминаи терроризми биотерроризм ва механизмҳои ҳифзи ҷомеаи шаҳрвандӣ аз терроризм ба роҳ монда шавад.

Дар моҳи марти соли 2004, ба ҷуз аз пешниҳодҳои Комиссия, Шурои Аврупо дар ҷаласаи худ ба кори фаврӣ оид ба татбиқи Стратегияи амнияти Аврупо, таъсиси Маркази ҳамоҳангсозии зиддитеррористии Иттиҳодияи Аврупо барои мусоидат ба фаъолияти зиддитеррористии Шуро ва бознигарии Нақшаи амал оид ба мубориза бо терроризм даъват кард.

Шурои Аврупо Нақшаи нави амалиёти Иттиҳодияи Аврупоро қабул кард, ки дар он тадбирҳо, аз қабили таъсиси гурӯҳҳои муштараки тафтишотӣ, полис ва додситонӣ дар саросари Иттиҳоди Аврупо, табодули мунтазами иттилоот дар бораи терроризм байни кишварҳои Иттиҳодияи Аврупо, таъсиси як гурӯҳи махсуси зиддитеррористӣ ва бастани созишномаи ҳамкорӣ байни Europol ва ниҳодҳои дахлдори ИМА дар бар мегирад. Дар Нақшаи нави амал ҳафт ҳадафи стратегӣ ва амалиётии Иттиҳоди Аврупо оид ба пешгирӣ ва мубориза бо терроризм муқаррар шудааст:

- Амиқсозии ҳамкорӣ ва афзоиши саъю кӯшишҳои байналмилалӣ барои мубориза бо терроризм (27 амал);
- Паст кардани дастрасии террористон ба захираҳои молиявию иқтисодӣ (26 амал);

- Баланд бардоштани иқтидори пешгирикунандаи кишварҳои Иттиҳоди Аврупо ва Иттиҳоди Аврупо дар соҳаи ошкор, тафтиш ва таъқиби террористон (11 амал);

- Нигоҳ доштани амнияти ҳамлу нақли байналмилалӣ ва таъмини назорати самараноки сарҳадӣ (21 ӯҳдадорӣ);

- Тақвияти иқтидори Иттиҳоди Аврупо ва кишварҳои узви он дар муқовимат ба оқибатҳои ҳамлаҳои террористӣ (21 ӯҳдадорӣ);

- Бартараф намудани омилҳои терроризм, дастгирӣ ва қувваи корӣ (28 ӯҳдадорӣ);

- Афзалият додан ба кишварҳои сеюме, ки ба таҳкими тавонмандӣ ва ӯҳдадориҳои зиддитеррористии онҳо дар мубориза бо терроризм дар равобити хориҷии Иттиҳоди Аврупо ниёз доранд (26 ӯҳдадорӣ) [6, с. 1].

Дар Эъломияи зиддитеррористӣ ба ҷуз аз таҷдиди нақшаи амал дар 155 ҳавза, ҳамчунин изҳороти ҳамбастагии Аврупо алайҳи терроризм ва амалиёти муштарак ва сафарбар кардани тамоми захираҳо ва имконот, аз ҷумла захираҳои низомӣ дар сурати ҳамлаи террористӣ ба яке аз қаламравҳои он кишвар шудааст. Ташаббуси дигари Иттиҳодияи Аврупо барои мусоидат ба амнияти дохилӣ таъсиси Агентии сарҳадии Аврупо барои таъмини ҳамкориҳои сартосари Иттиҳоди Аврупо дар назорати марзҳои беруна ва таъмини амнияти сарҳадҳо буд. Инчунин, дар Шурои Аврупо Барномаи 2-юм бо мақсади таҳкими озодӣ, амният ва адолат дар Иттиҳоди Аврупо қабул карда шуд, ки дар он чораҳои муштараки зиддитеррористии кишварҳои Иттиҳоди Аврупо ва кишварҳои сеюм дар самтҳои ҷалби терроризм, маблағгузории терроризм, таҳлили таҳдидҳо ва идоракунии маблағгузории терроризм таъкид шудааст. 22 ноябри соли 2004 Шуро Чаҳорчӯби консептуалӣ оид ба ҷанбаҳои зиддитеррористии сиёсати ягонаи амният ва дифоъро қабул кард, ки дар доираи он тавонмандиҳои идоракунии бӯҳрон ва пешгирии низоъҳои сиёсати умумии амният ва дифоъ барои дастгирии ҳадафҳои зиддитеррористии Иттиҳоди Аврупо истифода мешаванд.

Дар маҷмуъ, дар давраи пас аз Мадрид, ҳарчанд ду санади муҳим, аз ҷумла Эъломияи ҳамбастагии Иттиҳоди Аврупо ва вазифаи ҳамоҳангсози зиддитеррористӣ дар Котиботи Шурои Аврупо қабул шуда бошад ҳам, набуди стратегия ва стратегияи ҳамоҳангшуда, инчунин иҷрои сусти чораҳои зиддитеррористӣ дар кишварҳои узв, ду мушкили мубориза бо терроризм бо Иттиҳоди Аврупо боқӣ мондааст.

Ҳамлаҳои террористии Лондон бори дигар ҳаракатҳои сиёсии зиддитеррористии Иттиҳодияи Аврупоро пурзӯр намуда, нишон доданд, ки сиёсати зиддитеррористии Иттиҳоди Аврупо аз ҳамлаҳои террористӣ роҳнамоӣ мекунад. Илова бар ин, шаҳрвандии Британия ва хислати худхондаи агентҳои он дарки Иттиҳодияи Аврупоро дар бораи таҳдиди террористӣ тағйир дода, таваҷҷуҳро аз таҳдидҳои террористии беруна ба раванди густариши терроризм ва истисмори он дар дохили кишвар равона кард [1, с. 139-166].

Дар вокуниш ба ҳамлаҳои Лондон, Шурои Иттиҳодияи Аврупо дар ҷаласаи ғайринавбатии 13 январи соли 2005 ҳамлаҳои террористии Лондонро маҳкум кард ва ӯҳдадор карда, ки иҷрои нақшаи амалиёти зиддитеррористӣ ва дигар ӯҳдадориҳои мавҷударо суръат бахшад. Дар ин эъломия аҳамияти афзоиши қобилиятҳо барои таъқиб ва боздошти террористон тавассути марзҳо, ҷилавгирӣ аз иртибот бо террористон, ҳифзи шаҳрвандон ва зерсохторҳо ва беҳбуди қобилиятҳо барои идора ва кам кардани оқибатҳои терроризм таъкид шудааст [5, с. 26-28].

Ҳамчунин, моҳи январи соли 2005 вазирони корҳои хориҷии кишварҳои Иттиҳодияи Аврупо ҷаласаи ғайринавбатӣ баргузор намуда, тасмим гирифтанд, ки тадбирҳоеро, ки қаблан ҳамчун чораҳои таъҷилӣ қабул шуда буданд, амалӣ созанд.

В статье анализируется взаимосвязь религиозного фактора и информационных войн в условиях глобализации. Подчеркивается, что религия, традиционно рассматривавшаяся как элемент духовной и культурной идентичности, трансформировалась в инструмент политической мобилизации, идеологического противостояния и информационного воздействия. На примере Республики Таджикистан показано, что религиозный радикализм, усиливающийся с развитием цифровых технологий и социальных сетей, органично интегрируется в систему гибридных угроз, затрагивающих основы национальной безопасности. Рассматриваются социально-демографические, культурно-ценностные и политико-правовые аспекты воздействия религиозных факторов, а также их роль в формировании рисков для устойчивости политической системы. Сделан вывод о необходимости комплексной государственной политики, направленной на укрепление национальной и информационной безопасности, формирование критического мировоззрения и повышение устойчивости общества к идеологическим вызовам.

**Ключевые слова:** религиозный фактор, информационные войны, глобализация, радикализм, гибридные угрозы, национальная безопасность, Таджикистан.

## ОМИЛИ ДИНӢ ВА ҶАНГҲОИ ИТТИЛООТӢ ДАР ШАРОИТИ ҶАҲОНИШАВӢ ВА АМНИЯТИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақола робитаи байни омили динӣ ва ҷангҳои иттилоотӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Таъкид мегардад, ки дин, ки қаблан асосан ҳамчун унсури худшиносии маънавӣ ва фарҳангӣ арзёбӣ мегардид, дар шароити муосир ба абзори сафарбарсозии сиёсӣ, муқовимати идеологӣ ва таъсири иттилоотӣ табдил ёфтааст. Дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дода мешавад, ки

радикализми динӣ, ки бо рушди технологияҳои рақамӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ қувват гирифтааст, ба таври органикӣ ба низоми таҳдидҳои гибридӣ ворид мегардад ва пояҳои амнияти миллиро зери таъсир қарор мегиранд. Ҷанбаҳои иҷтимоӣ-демографӣ, арзишиву фарҳангӣ ва сиёсӣ-ҳуқуқии таъсири омилҳои динӣ баррасӣ гардида, нақши онҳо дар ташаккули хатарҳо барои устувории низоми сиёсӣ таъкид мешавад. Хулоса бар он аст, ки татбиқи сиёсати мукаммали давлатӣ дар самти таҳкими амнияти миллӣ ва иттилоотӣ, ташаккули ҷаҳонбинии интиқодӣ ва баланд бардоштани устувории ҷомеа дар баробари чолишҳои идеологӣ зарур мебошад.

**Калидвожаҳо:** омили динӣ, ҷангҳои иттилоотӣ, ҷаҳонишавӣ, радикализм, таҳдидҳои гибридӣ, амнияти миллӣ, Тоҷикистон.

## RELIGIOUS FACTOR AND INFORMATION WARS IN THE CONTEXT OF GLOBALIZATION AND NATIONAL SECURITY OF TAJIKISTAN

The article analyzes the interrelation between the religious factor and information wars in the context of globalization. It emphasizes that religion, traditionally regarded as an element of spiritual and cultural identity, has transformed into an instrument of political mobilization, ideological confrontation, and informational influence. Using the example of the Republic of Tajikistan, it is demonstrated that religious radicalism, reinforced by the development of digital technologies and social networks, is organically integrated into the system of hybrid threats, directly affecting the foundations of national security. The article examines the socio-demographic, cultural-value, and politico-legal aspects of religious influence, as well as their role in generating risks to the stability of the political system. It concludes with the necessity of a comprehensive state policy aimed at strengthening national and information security, fostering critical thinking, and enhancing society's resilience to ideological challenges.

**Keywords**: religious factor, information wars, globalization, radicalism, hybrid threats, national security, Tajikistan.

**Об авторе**
Хусайнзода Аминджон Бурихон
кандидат политических наук, доцент, заведующий кафедрой юриспруденции
Кулябский государственный университета имени Абуабдуллоха Рудаки
Адрес: 735360, Республика Таджикистан, г. Куляб, ул. С. Сафарова, 16.
Телефон: 987932088.

**About the Author**
Husaynzoda Aminjon Burikhon
Candidate of Political Sciences, Associate Professor, Head of the Department of Jurisprudence
Kulob State University named after Abuabdulloh Rudaki
Address: 735360, Republic of Tajikistan, Kulob, S. Safarov Street, 16.
Phone: 987932088

**Дар бораи муаллиф**
Ҳусайнзода Аминҷон Бурихон
номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқшиносӣ
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ
Суроға: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Кӯлоб, кӯч. С. Сафаров, 16.
Телефон: 987932088.

.

ТДУ 32.019.5(575.3)

# ИМИҶИ СИЁСӢ ВА ЗАМИНАҲОИ ҲУҚУҚИИ ОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Сафарзода М.А.***
*Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Истиқлолияти сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон 9-уми сентябри соли 1991 ба даст омада бошад ҳам, сиёсатшиносон амалӣ гардидани онро ба Иҷлосияи XVI Шурои Олии Тоҷикистон мансуб медонанд [5, с. 22]. Боздошти ҷанги шаҳрвандӣ, барқароркунии ҳокимияти қонунӣ, бартарафсоии пасомадҳои ҷанги дохилӣ ва дурнамои сиёсати дохиливу берунаи ҷумҳурӣ, шаклгирии имиҷи Тоҷикистон аз ҳамин Иҷлосия сарчашма мегирад. Дар рафти кори иҷлосия чанд нуктаҳои муҳиму тақдирсоз дар мавриди бунёди давлати навини тоҷикон садо дода, ҳамчунин, ба заминаҳои аввалини ҳуқуқии имиҷсозии кишвар бунёд гузошта шуд. Қабули қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тасдиқи Низомномаи Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва “Дар бораи тасдиқи Низомномаи Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” дар муашаххас намудани рамзҳои давлатӣ, ки муаррифгар асосии кишвар ба ҳисоб меравaнд, заминаи муҳим шуморида мешавад. Имрӯзҳо маҳз парафшонии Парчами давлатии Тоҷикистон дар созмонҳои бонуфуз аз эътибори кишвар далолат медиҳад.

Заминаҳои боз ҳам устувортари ҳуқуқии имиҷсозӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро аз “Муроҷиатнома ба халқи шарифи Тоҷикистон”, ки аз ҷониби Раиси Шӯрои Олии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон 19-уми ноябри соли 1992 ироа гардида буд, дарёфтан мумкин аст. Масъалаҳои муҳимми муроҷиатномаро бо тартиб дар зер меорем:

“1. Ворид шудани Тоҷикистон ба ҷомеаи ҷаҳонӣ;

2. Барқарор кардани муносибатҳои дипломатӣ бо ҳамаи мамлакатҳое, ки мехоҳанд бо Тоҷикистон дар асоси баробарҳуқуқӣ ва муносибатҳои фоидаовари тарафайн ҳамкорӣ кунанд;

3.Аъзо шудан ба созмонҳои байналмилалӣ;

4.Мустаҳкам кардан ва боз ҳам инкишоф додани алоқаҳои неки ҳамсоягӣ ва ҳамкории ҳамаҷониба бо Давлатҳои муштаракулманофеъ, пеш аз ҳама, бо Федератсияи Россия, Узбекистон, Қазоқистон, Қирғизистон ва Туркманистон;

5. Дар асоси усули баробарӣ, ҳамкории дутарафаи судманд, ки кишварҳои хориҷӣ интихоб намудаанд, дахолат накарда, ба корҳои дохилии якдигар, барқарор намудани муносибат бо ҳамаи давлатҳои мамлакатҳои ҷаҳон, аз ҷумла бо Афғонистон, Покистон, Чин, Эрон, давлатҳои дигари Осиёву Африқо ва Аврупою Амрико;

6. Ёфтани ҷойгоҳи муносиби худ дар ҷомеаи ҷаҳонӣ” [7, с. 8].

Аз ин нуктаҳо бармеояд, ки новобаста ба вазъи душвори кишвар роҳбари нави ҷумҳурӣ барои муаррифии кишвар дар сатҳи байналмилалӣ нақшаҳои дурнамо мекашид ва барои он заминаҳои ҳуқуқӣ фароҳам меовард. Ворид намудани тағйирот дар сохтори Вазорати корҳои хориҷӣ ва дар ин замина бунёди Раёсати иттилоот дар сохтори вазорат низ дар асоси Муроҷиатнома сурат гирифта, минбаъд барои таъмин намудани ВАО-и дохиливу берунӣ бо иттилоотии саривақтиву сареҳ хизматҳои шоён анҷом додааст. Чунончӣ нахустин роҳбари ин раёсат Зафар Сайидзода навиштааст: «Яке аз шаклҳои самарабахши кори Раёсати иттилоот дар самти таъмини дастрасии рӯзноманигорон ва ҷомеа ба манбаъҳои расмии иттилоот рушди робитаҳои ҳамарӯза бо ВАО-и дохилию хориҷӣ, фароҳам овардани шароити мусоид барои хабарнигорони онҳо дар иҷрои вазифаҳои касбӣ, пеш аз ҳама, дар сари вақт ба даст овардани иттилооти боэътимод ва тасдиқшудаи ҳукумат «дастаи аввал» [8, с. 55]. буд. Минбаъд шумораи журналистони хориҷии аккредитатсияшуда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёд шуда, ҳамачунин, вохӯрӣ, мизҳои мудаввар, сафари журналистон ба минтақаҳо ва чорабиниҳои гуногун гузаронида мешуд, ки он боиси пайдо гардидани номи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ВАО-и хориҷӣ, махсусан, агентиҳои иттилоотии “Интерфакс”, “ЮПИ”, радиоҳои “Би-Би-Си”, “Голос Америки”, “Радио России”, рӯзномаи “Правда” мегардид.

Ҳайати нави ҳукумати Тоҷикистон хурдтарин имконотро барои муаррифии давлат дар сатҳи байналмилалӣ аз даст намедоданд. Нуктаи муҳимми дигари Муроҷиатнома вобаста ба

такмили Конститутсияи буда, боназашрдошти арзишҳои байналмилалӣ қабул намудани Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол зарур дониста мешуд ва 6-уми ноябри соли 1994 тариқи райъпурсии умумихалқӣ Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда шуд. Аҳамияти таърихии Конститутсия дар он аст, ки –мегӯянд коршиносони соҳа, - ин ҳуҷҷати сатҳи олӣ давлати моро бо тамоми хусусиятҳои ҷаҳониаш таъсис дода, мустақилияти давлатро бо ҳама унсурҳояш, аз қабили ҳудуд, соҳибихтиёрӣ дар ҳалли масхалаҳои дохили давлатӣ, мақомоти олии ҳокимияти давлатӣ, шаҳрвандӣ, қонунгузории мустақил, асъори миллӣ, қувваҳои мусаллаҳ ва ғайра мустаҳкам намуда, муносибати мутақобилаи давлат ва мақомоти давлатиро бо ҷомеа ва ниҳодҳои он ба вуҷуд овард [5, с. 22].

Муҳим аз ҳама, Ҷумҳурииии Тоҷикистон ҳамчун давлати ҳуқуқбунёд, демократӣ ва дунявӣ ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро арзиши олӣ дониста, санадҳои меъёри-ҳуқуқии вобаста ба онро, ки аз Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сарчашма мегирад, ба стандартҳои байналмилалӣ мутобиқ гардонида, қисми таркибии низоми ҳуқуқии кишвар эътироф намуд. Дар таҳияи қонун ва дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ Тоҷикистон ба нуктаҳои муҳимми санадҳои байналмилалӣ эътибори хосса зоҳир менамояд. Аз ҷумла нуктаҳое, ки дар “Эъломияи ҷаҳонии ҳуқуқи башар” ва “Паймонаи байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ” вобаста ба озодии сухан ва баёни андеша қайд мегарданд, дар Сарқонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар қонунҳои амалкунанда ба тарзи варроху васеъ вомехӯранд.

Барои ташаккули имиҷи байналмилалӣ Ҷумхурии Тоҷикистон ба ҳазораи нав бо қадамҳои устувори имиҷсозӣ ворид шуда, санади муҳимме қабул намуд, ки барои ташаккули имиҷи ҷаҳонии Тоҷикистон заминаи ҳуқуқии асосӣ ба ҳисоб мерафт. Ин ҳуҷҷат Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки омодагӣ ба танзими он соли 1999 оғоз шуда, 24-уми сентябрисли 2002 аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардид. “Таҳкими имиҷи мусбати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар дунё” яке аз самтҳои муқарраргардидаи Консепсияи мазкур дониста мешавад. Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, “мусоидат ба эҷоди воситаҳои самараноки таъсири иттилоотӣ ба афкори ҷамъиятӣ дар хориҷа ҷиҳати шинохти мусбати Тоҷикистон” -ро [3] таъкид мекунад, ки ин яке аз воситаҳои муҳиммии ташаккули имиҷи берунаи давлат ба ҳисоб рафта, маҳз тавассути роҳ ёфтан дар ВАО-и хориҷӣ давлат метавонад ба ҷаҳониён муаррифӣ шавад. Ин аст, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи хизмати дипломатӣ” дар доираи фаъолияти мақомоти хизмати давлатӣ чунин муқаррарот муайян кардааст:

“- ба паҳн кардани иттилоот дар бораи сиёсати хориҷию дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангию маънавии кишвар дар хориҷи он мусоидат менамоянд;

- ба мақомоти ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва воситаҳои ахбори омма оид ба вазъи байналмилалӣ ва сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон иттилоот медиҳанд; [4].

Ташаккули имиҷи байналмилалии давлат ба ҷалби сармоягузорон мусоидат карда, ба рушди иқтисодӣ ва робитаҳои тиҷоратӣ бетаъсир намемонад. Нақши воситаҳои ахбори омма дар Консепсияи сиёсати давлатии ҷалб ва ҳимояи сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон сарфи назар нашуда, балки дар банди алоҳида (40, 41) таъкид мегардад.

Дар раванди имиҷсозӣ иттилоъ унсури муҳимму зарурӣ ба ҳисоб рафта, он ҳамчун омили пешбаранда ва муҳаррики нуфузи давлат дониста мешавад. Чунончӣ дар Консепсияи сиёсати иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст: “Иттилоот ба захираи муҳими стратегии ҷомеа табдил меёбад ва бадин сабаб сифати ҳаёт, рушди иҷтимоию иқтисодӣ, низоми маориф аз рӯйи сатҳ ва такомули истифодаи захироти иттилоотӣ муайян карда мешавад. Дар чунин шароит имиҷи давлат ҳамчун унсури муҳими сиёсати давлатии иттилоотӣ, ки ба рушди сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии кишвар таъсир мерасонад, ба технологияҳои иттилоотӣ бештар вобаста аст” [2]. Дар иртибот ба ин Консепсия метавон гуфт, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рушди фаъолияти телевизион ва таъмини босуръати интернетиву фаъолияти сомонаҳои иттилоотӣ корҳои наззарасе анҷом дода шудааст.

Дар мавриди ташаккули имиҷи давлат ва нақши марказӣ доштани ВАО, махсусан, телевизион ва интернет дар санадҳои болозикр нуктаҳои махсус мавҷуданд, ки дар татбиқи сиёсати имиҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон замина фароҳам меоваранд. Аз ҷумла, дар Консепсияи

сиёсати давлатии иттилоотии Ҷумуҳурии Тоҷикистон, ки 20 апрели соли 2008 бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон тасдиқ шудааст, зикр мегардад: “Таъсирноктарин ва босамартарин воситаи сохтани имиҷ ва таъминоти он матбуот ва воситаҳои ахбори омма мебошад. Матбуоти даврӣ, радио, телевизион, захираҳои фазои интернетӣ дар маҷмуъ муҳимтарин ниҳоди ичтимоӣ буда, бо сабаби оммавӣ будан, теъдоди зиёди нашр, мудовимот ва афзоиш дорои имкониятҳои васеъ ва қудрати таъсир ба ташаккули афкор ва шуури омма маҳсуб меёбанд. Аз ин рӯ, ин ниҳод бояд фишанги асосии татбиқи сиёсати иттилоотию имиҷии давлат бошад.”

Нуктаҳои дигари муҳим вобаста ба имиҷсозии Тоҷикистон дар Паёмҳои ҳамасолаи Президенти кишвар, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ садо медиҳанд, ки дар онҳо пайваста ишораҳо дар робита ба муаррифии образи мусбати кишвар дар арсаи байналмилал мавҷуд буда, ба масъулини соҳаҳои мухталиф барои ташаккули имиҷи Тоҷикистон дар арсаи ҷаҳонӣ супоришҳои амиқ дода мешавад. Аз ҷумла дар Паёми соли 2016 Пешвои миллат таъкид намуданд, ки «Дар арсаи байналмилал баланд бардоштани обрӯи ватани маҳбубамон – Тоҷикистон вазифаҳои аввалиндараҷаи мо маҳсуб меёбад. Ҷиҳати ноил шудан ба ин ҳадафи олӣ моро зарур аст, ки барои боз ҳам ободу зебо гардонидани ватани азизамон содиқона заҳмат кашем» [6]. Эътибори хосса зоҳир намуан ба имиҷи байналмилалии давлат сабабҳои амиқ дорад, зеро «Симои байналхалкии давлат инъикоси сифатҳои асосиест, ки арзишхои муайян доранд» [9].

Бо назардошти ин, соли 2022 аввалин маротиба дар Тоҷикистон Комиссияи доимоамалкунанда оид ба баррасӣ ва арзёбии мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раддабандиҳои байналмилалӣ қабул гардид. Дар банди якуми “Муқаррароти умумӣ”-и низомномаи он зикр шудааст, ки “Комиссияи доимоамалкунанда оид ба баррасӣ ва арзёбии мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар радабарндиҳои байналмилалӣ (минбаъд – комиссия) бо мақсади беҳтар намудани мавқеи Тоҷикистон дар раддабандиҳои байналмилалӣ, ташвиқи ҳавасмандгардонии сармоягузорӣ ва таҳкими симои кишвар дар арсаи байналмилалӣ таъсис дода мешавад.” Вазифаҳои асосии ин комиссия низ баргузории “тадбирҳои зарурӣ ҷиҳати беҳтар намудани мавқеи Тоҷикистон дар арсаи ҷаҳонӣ мебошад”. Комиссияи мазкур ваколатдор аст, ки барои расидан ба ҳадафҳои дарпешгузошта фаъолияти тамоми сохторҳоро оид ба болобурдани мавқеи Тоҷикистон дар раддабандиҳои байналмилалӣ назорат карда, ҳамчунин, барои онҳо вазифаҳои мушаххас вогузорад.

Бояд дар назар дошт, ки татбиқи сиёсати имиҷии Тоҷикистон, муаррифии давлат дар сатҳи байналмилалӣ ва ташаккули имиҷи мусбати Тоҷикистон тавассути воситаҳои ахбори омма, махсусан, телевизион ва интернет амалӣ мегардад. Маҳз ин ду воситаи муҳимми муаррифии замони муосир қодиранд, ки ҳадафҳои дарпешгузоштаро доир ба имиҷи давлат хуб ба роҳ монанд. Аз ин сабаб, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба фаъолияти воситаҳои ахбори омма эътибори хосса зоҳир намуда, фаъолияти озоди онҳоро дар доираи қонун таъмин намуда, барои ташаккули имиҷи мусбати Тоҷикистон тамоми воситаҳои ахбори оммаро водор месозад.

Санадҳои меъёриву ҳуқуқии дигар, ки озодии суханро дар ҷумуҳрӣ кафолат дода, дар ин баробар назорат менамоянд, аз Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сарчашма мегиранд. Аз ҷумла, Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуот ва дигар воситаҳои ахбори омма», “Дар бора телевизион ва радиошунавонӣ”, «Дар бораи иттилоот», «Дар бораи алоқаи барқӣ», «Дар бораи ҳуҷҷати электронӣ», «Дар бораи иттилоот», «Дар бораи ҳимояи иттилоот», «Дар бораи имзои электронӣ-рақамӣ», Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Барномаи давлатии рушди технологияҳои иттиолотию комуникатсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи сиёсати давлатии иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи сиёсати давлатии ҷалб ва ҳимояи сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои қонунгузорӣ, ки соҳаи иттилоотӣ-сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистонро танзим мекунанд, исботи онанд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушди соҳаи иттилоот эътибори ҷиддӣ зоҳир менамоянд.

Барои амалӣ намудани нақшаҳои дарпешгузошта дар самти ташаккули имиҷи давлат Ҷумҳурии Тоҷикистон дар рушди соҳаи телевизион ва интернет корҳои зиёди амалӣ анҷом дода, натиҷаи судбахш ба даст овардааст. Аз ҷумла, “Агар дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то даврони истиқлолият ва баъди он то 12 сол танҳо як телевизиони сартосарӣ фаъолият мекард, баъди солҳои 2000-ум дар баробари таҳаввулоту пешравӣ дар соҳаҳои гуногуни ҳаётӣ дарк гардид, ки фаъолияти телевизионҳои давлатӣ метавонанд дар пешрафти моддиву маънавии ҷомеа хуб мусоидат намоянд.” Аз ин сабаб, баъди солҳои 2000-ум дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пайи ҳам шабакаҳои телевизионии сартосарӣ таъсис дода шуданд, ки аксарият хислати соҳавӣ доранд ва ин бартарӣ ба имконоти фарогирии аудиторияи васеъ мусоидат мекунад. Шабакаҳои телевизионӣ ба инъикос ва тарғиби ин ё он соҳаи ҳаёти иҷтимоӣ тахассус гардидаанд.

Дар ин раванд Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарки зарурат ва талаботи замон ба рушди интернет чун сарчашма ва захираи муҳими иттилоотӣ эътибори хосса зоҳир менамояд. Коршиносон таъкид мекунанд, ки “Тоҷикистони соҳибистиқлол, аз оғози ворид шудан ба фазои рақамӣ, новобаста аз мушкилиҳои ҷуғрофии худ, инро яке аз ҳадафҳои стратегии рушд интихоб кард. Имконият ин паҳлуи ҳар як мушкилот аст. Тоҷикистони аз нигоҳи ҷуғрофӣ дар бунбаст, дар чунин мушкилии табиӣ имконияти воқеӣ барои бунёди инфрасохтори роҳҳои коммуникатсионии фаромиллиро дарёфт мекунад” [1, с. 147]. Воқеан, дар як муддат, дар баробари он ки сомонаҳои расмии иттилотӣ фаъол гардиданд, ҳамчунин, тамоми вазорату корхонаҳои давлатӣ, мақомоти иҷроияи шаҳру ноҳияҳо ва ширкатҳои хусусиву тиҷоратӣ низ ба фаъол гардонидани сомонаҳои расмӣ машғуланд. Дар ин асно, фаъолияти блогнависон ва саҳифаҳои расмии шабакаҳои иҷтимоӣ низ назаррас аст.

Аз таҳқиқи асосҳои ҳуқуқии имиҷ ва имиҷсозӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хулоса расидан мумкин аст, ки заминаҳои ҳуқуқии имиҷсозӣ дар кишвар аз Иҷлосияи XVI Шӯрои Олӣ сарчашма гирифта, дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон як зумра санадҳо қабул гардидаанд. Аз ҷумла, Стратегияи миллии рушди Тоҷикистон, Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи сиёсати иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи сиёсати давлатии ҷалб ва ҳимояи сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва як зумра қонунҳои танзимкунандаи фаъолияти ВАО, аз ҷумла, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи матбуот ва дигар воситаҳои ахбори омма”, “Дар бораи телевизион ва радиошунавонӣ”. Ҳамчунин, самти фаъолияти Комиссияи доимоамалкунанда оид ба баррасӣ ва арзёбии мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раддабандиҳои байналмилалӣ низ маҳз ташаккули имиҷи байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

***Адабиёт***


1. Атоев А., Зафаров М. Инфокоммуникационный анализ транзитного потенциала Таджикистана / А. Атоев, М. Зафаров // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. – 2015. – № 2 (45). – С. 144–156.
2. Консепсияи сиёсати давлатии иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2008 № 451 [Манбаи электронӣ]. – Тартиби дастрасӣ: http://mmih.tj/Search/DocumentView?DocumentId=32904. (санаи муроҷиат: 30.05.2025).
3. Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 январи соли 2015 № 332 [Манбаи электронӣ]. – Тартиби дастрасӣ: https://mfa.tj/tg/main/view/4255/konsepsiyai-sijosati-khorijii-jumhurii-tojikiston. (санаи муроҷиат: 30.05.2025).
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати дипломатӣ» аз 02.01.2019 № 1574 [Манбаи электронӣ]. – Тартиби дастрасӣ: https://mmk.tj/content. (санаи муроҷиат: 30.05.2025).
5. Мактаби давлатдории Эмомалӣ Раҳмон: масъалаҳои ташаккул ва рушд. Ҷилди II. – Душанбе: Фасл-4, 2021. – 424 с.
6. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 22 декабри соли 2016 [Манбаи электронӣ]. – Тартиби дастрасӣ: http://president.tj/node/1373. (санаи муроҷиат: 08.08.2018).
7. Раҳмонов Э. Тоҷикистон: Ҷаҳон соли истиқлолият ва худшиносӣ. – Душанбе, 1995. – 247 с.
8. Сайидзода З.Ш., Саидов Ф. Таджикистан: информационный ресурс, внешняя политика, имидж государства. – Душанбе: ОО «Иттилоот ва муошират», 2008. – 71 с.

9. Улитина М.О. Формирование международного имиджа России в условиях информационной глобализации: дис. … канд. полит. наук: 23.00.04 / М.О. Улитина. – Москва, 2015. – 199 с.

## ИМИҶИ СИЁСӢ ВА ЗАМИНАҲОИ ҲУҚУҚИИ ОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Ташаккули имиҷи давлат барои кишварҳои тараққикарда ва рӯбарушд яке аз вазифаҳои стратегӣ гардида, барои амалӣ намуани он нақшаҳои дурнамо кашида мешавад, зеро шаклдиҳии имиҷи давлат кори саҳлу осон набуда, он вақти муайян ва заҳмати сарҷамъонаро талаб мекунад. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ чун давлати соҳибистиқлол бари муаррифии симои худ дар сатҳи байналмилалӣ чораҳо меандешад. Чун раванди имиҷсозӣ бидуни фаъолияти воситаҳои ахбори омма ғайриимкон аст, рушди ин самт ҳамеша мадди назар мебошад.

Дар мақола, ба асосҳои ҳуқуқии имиҷсозии давлат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷҷуҳ зоҳир гардида, барои муайян намудани заминаҳои ҳуқуқӣ муаллиф ба сарчашмаҳои зиёди илмӣ, таърихӣ ва ҳуқуқӣ рӯ овардааст. Дар натиҷаи таҳқиқ муаллифи мақола ба хулосае меояд, ки заминаҳои ҳуқуқии сиёсати имиҷии Тоҷикистон аз "Муроҷиатнома ба халқи шарифи Тоҷикистон", ки аз ҷониби Раиси Шӯрои Олии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон 19-уми ноябри соли 1992 ироа гардида буд, сарчаҳма гирифта, минбаъд дар санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ ба таври стратегӣ инъикос гардидааст.

Таҳлилҳои нишон додаанд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қадамҳои устувор дар самти имиҷсозӣ дар ҳазораи нав гузошта шуда, Консепсияҳои мушаххас барои рушди ин соҳа мусоидат намудаанд.

**Калидвожаҳо:** имиҷ, давлат, Тоҷикистон, ташаккул, рушд, санад, Қонун, ҳуқуқ, ВАО, муаррифӣ.

## ПОЛИТИЧЕСКИЙ ИМИДЖ И ЕГО ПРАВОВЫЕ ОСНОВЫ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

Формирование имиджа государства стало одной из стратегических задач для развитых и развивающихся стран, и для его реализации разрабатываются долгосрочные планы, поскольку формирование имиджа государства – задача непростая, требующая определённого времени и коллективных усилий. Республика Таджикистан, как независимое государство, также принимает меры по представлению своего имиджа на международном уровне. Поскольку процесс формирования имиджа невозможен без деятельности средств массовой информации, развитие этого направления всегда находится на виду.

В статье рассматриваются правовые основы формирования имиджа государства в Республике Таджикистан, для определения которых автор обратился к многочисленным научным, историческим и правовым источникам. В результате исследования автор статьи приходит к выводу, что правовая основа имиджевой политики Таджикистана зародилась в «Обращении к славному народу Таджикистана», с которым выступил Председатель Верховного Совета Республики Таджикистан Эмомали Рахмон 19 ноября 1992 года, и впоследствии нашла свое стратегическое отражение в нормативно-правовых документах.

Анализ показал, что в Республике Таджикистан в новом тысячелетии сделаны существенные шаги в направлении формирования имиджа, а конкретные концепции способствовали развитию этого направления.

**Ключевые слова:** имидж, государство, Таджикистан, формирование, развитие, документ, Закон, право, СМИ, презентация.

## POLITICAL IMAGE AND ITS LEGAL FOUNDATIONS IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

Formation of the image of the state has become one of the strategic tasks for developed and developing countries, and long-term plans are being developed for its implementation, since the formation of the image of the state is not an easy task, requiring a certain amount of time and collective efforts. The Republic of Tajikistan, as an independent state, also takes measures to present its image at the international level. Since the process of image formation is impossible without the activities of the media, the development of this area is always in sight.

The article examines the legal basis for the formation of the image of the state in the Republic of Tajikistan, for the definition of which the author turned to numerous scientific, historical and legal sources. As a result of the study, the author of the article comes to the conclusion that the legal basis of the image policy of Tajikistan originated in the "Appeal to the glorious people of Tajikistan" delivered by the Chairman of the Supreme Council of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon on November 19, 1992, and subsequently found its strategic reflection in regulatory documents.

The analysis showed that in the Republic of Tajikistan in the new millennium, significant steps were made in the direction of image formation, and specific concepts contributed to the development of this direction.
**Keywords:** image, state, Tajikistan, formation, development, document, Law, right, media, presentation.

**Дар бораи муаллиф**
Сафарзода Моҳира Амиралӣ
номзадҳои илмҳои филология, докторанти кафедраи телевизион ва радиошунавонии факултети журналистика
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Рӯдакӣ 17,
E-mail: anusha-16@mail.ru.

**Об авторе**
Сафарзода Мохира Амирали
кандидат филологических наук, докторант кафедры телевидения и радиовещания факультета журналистики
Таджикский национальный университет
Адрес: 734025, Република Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 17,
E-mail: anusha-16@mail.ru.

**About the author**
Safarzoda Mokhira Amirali
Candidate of Philology, doctoral student, Department of Television and Radio, Faculty of Journalism
Tajik National University.
Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave. 17,
E-mail: anusha-16@mail.ru

УДК 327(575.3):339.9

# СОТРУДНИЧЕСТВО СО СТРАНАМИ СНГ В КОНТЕКСТЕ ВНЕШНЕЙ ПОЛИТИКИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

**_Ахиева С.У._**

_Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддин Айни_

Как известно, концептуальные основы внешнеполитического курса Республики Таджикистан закреплены в ряде официальных документов, среди которых центральное место занимают Концепция внешней политики, Стратегия национальной безопасности, а также ежегодные Послания Президента Республики Таджикистан Маджлиси Оли.

Принятая Указом Президента Республики Таджикистан от 12 февраля 2013 года Концепция внешней политики определяет направления деятельности государства на международной арене, фиксирует его основные цели и задачи. В соответствии с положениями данного документа, к приоритетным направлениям внешней политики Таджикистана относятся развитие двусторонних и многосторонних связей с государствами – членами СНГ, дальнейшее укрепление самого Содружества как институциональной основы региональной интеграции, участники которого обладают не только общим историческим наследием, но и значительным потенциалом для взаимодействия в различных сферах [6].

Сотрудничество с государствами постсоветского пространства на протяжении всей новейшей истории Таджикистана сохраняло особое значение в системе внешнеполитических приоритетов. Уже в Концепции внешней политики 1997 года отношения с государствами СНГ были определены как стратегически важное направление. В последующих редакциях документа (2000, 2008, 2013 гг.) данный вектор неизменно сохранял свой приоритетный характер.

В общественно-политическом дискурсе постсоветского периода вопрос о развитии сотрудничества в рамках СНГ трактовался неоднозначно. С одной стороны, подчеркивалась целесообразность поддержания единства славянских республик и Казахстана, с другой – акцент делался преимущественно на необходимости укрепления государственной границы Таджикистана. Иными словами, дискуссия сводилась к дилемме: следует ли обеспечивать охрану границ СНГ в целом либо приоритет отдаётся укреплению национальных рубежей Таджикистана [4, с. 31].

Следует отметить, что в рассматриваемый исторический период углубление интеграционных процессов в рамках СНГ находилось в центре внимания политического руководства страны. Так, в официальных документах указывалось: «Республика Таджикистан, обеспечивая важнейшие национальные интересы, развитие отношений с ведущими государствами мира, всестороннее сотрудничество и интеграцию в рамках СНГ, а также налаживание эффективного двустороннего и многостороннего взаимодействия с Российской Федерацией, Республикой Беларусь, Республикой Казахстан, Республикой Кыргызстан, выступает за углубление интеграции в гуманитарной и экономической сферах» [5].

Подписание Соглашения о создании зоны свободной торговли 15 апреля 1994 года стало важной вехой в развитии двусторонних отношений Таджикистана с государствами – членами Содружества. На начальном этапе в рамках СНГ действовал таможенный режим торговли преимущественно на двусторонней основе. Однако уже в 2003 году была учреждена зона свободной торговли в многостороннем формате, что закреплено Решением Совета глав государств от 19 сентября 2003 года «О завершении формирования зоны свободной торговли и развитии сотрудничества государств – членов СНГ в экономической сфере». В том же году на Ялтинском саммите СНГ было подписано Соглашение о Едином экономическом пространстве, ориентированное на укрепление взаимных экономических связей и сокращение издержек во взаимной торговле и инвестициях в условиях свободного движения товаров, услуг, капитала и рабочей силы [8].

Не менее значимым шагом в развитии сотрудничества в рамках СНГ явилось подписание 15 мая 1992 года Договора о коллективной безопасности сроком на пять лет (с последующим продлением в Ташкенте). Первоначально документ был подписан Арменией, Казахстаном,

Кыргызстаном, Россией, Таджикистаном и Узбекистаном. Уже в 1993 году к числу участников присоединились Беларусь, Азербайджан и Грузия, что свидетельствовало о расширении интеграционных процессов в сфере безопасности [7].

В соответствии с положениями данного договора предусматривалось, что государства – участники обязаны обеспечивать свою безопасность на основе коллективных усилий. В случае возникновения угрозы безопасности, суверенитету или территориальной целостности стороны должны проводить консультации с целью выработки общей позиции и принятия мер по устранению опасности. В ситуации вооружённого нападения на одно из государств – участников остальные стороны должны оказывать ему необходимую помощь.

На первоначальном этапе Соглашение способствовало созданию национальных вооружённых сил государств – участников, обеспечению стабильных и благоприятных внешних условий для формирования их новой независимой государственности. В 2002 году на основе данного соглашения была образована Организация Договора о коллективной безопасности (ОДКБ), которая провозгласила своей задачей защиту территориального и экономического пространства государств – участников с помощью совместных действий вооружённых сил и вспомогательных подразделений от любых внешних военно-политических агрессоров, международного терроризма, а также от крупных природных катастроф. В настоящее время ОДКБ представляет собой международную региональную организацию, решающую широкий круг проблем безопасности. Помимо военных угроз, деятельность ОДКБ охватывает борьбу с международным терроризмом, наркотрафиком, нелегальной миграцией, транснациональной организованной преступностью, а также коллективное реагирование на чрезвычайные ситуации, гуманитарные катастрофы, угрозы в информационной сфере и киберпреступность.

В современных условиях в рамках ОДКБ реализуется программа стандартизации вооружений, направленная на достижение совместимости средств связи и систем контроля. Проводится стратегия импортозамещения в свете антироссийских санкций и событий на Украине, а также вырабатываются меры противодействия наркотрафику, экстремизму, нелегальной миграции и транснациональным преступным группировкам. Республика Таджикистан продолжает оставаться одним из ключевых звеньев ОДКБ.

Значимой вехой в стратегии экономического взаимодействия стран СНГ стало создание Евразийского экономического союза (ЕАЭС), цель которого – комплексная модернизация, расширение сотрудничества, повышение конкурентоспособности национальных экономик и формирование условий для устойчивого развития, ориентированного на рост уровня жизни населения государств – участников (Армения, Беларусь, Казахстан, Таджикистан, с 29 мая 2015 года – Кыргызстан). Подписание Договора о создании ЕАЭС знаменовало собой переход евразийского интеграционного проекта на новый уровень глубины и институционализации [2].

Соглашение отражает основные принципы, свойственные международным организациям: равноправие и суверенное равенство государств, соблюдение территориальной целостности. Документ закрепляет механизм согласованного принятия решений на всех уровнях и принцип равного представительства сторон в кадровой политике союзных органов. В нём подчёркивается, что Договор о Евразийском экономическом союзе нацелен на решение задач по повышению уровня благосостояния и качества жизни граждан Казахстана, Таджикистана, Беларуси, Армении и Кыргызстана, обеспечению свободы движения товаров, услуг, капитала и рабочей силы, а также формированию согласованной экономической политики. Правовая база договора опирается на законодательство Таможенного союза и Единого экономического пространства, при этом действующие стандарты были приведены в соответствие с нормами Всемирной торговой организации [2].

Традиционно Республика Таджикистан и Российская Федерация развиваются как близкие стратегические партнёры в постсоветском пространстве. Их отношения соотносятся с положениями Договора о Союзе России и Беларуси. В компетенцию союзного государства входят вопросы внешней политики, обороны и безопасности, бюджетной системы, денежно-кредитной и налоговой политики, таможенного регулирования, энергетики, транспорта и коммуникаций. Вместе с тем, каждое государство – член Союза сохраняет суверенитет,

независимость, территориальную целостность, государственное устройство, Конституцию, государственный флаг и символику. Среди важнейших направлений внешней политики Союзного государства выделяются международное признание его статуса, активное участие в деятельности международных организаций, расширение многосторонних связей с бывшими советскими республиками в рамках СНГ, а также содействие стабильности и безопасности на евразийском пространстве и в мире [4, с. 33].

Следует подчеркнуть, что Таджикистан и Беларусь занимают общую или близкую позицию по целому ряду ключевых вопросов международной повестки и тесно взаимодействуют в рамках ООН и других глобальных и региональных организаций. В отношениях между Таджикистаном и Россией функционирует единое миграционное пространство, позволяющее осуществлять взаимные переходы на основе национальных правовых актов без таможенного и пограничного контроля. Проводится согласование законодательства в экономической сфере, в области финансово-кредитной политики и валютного регулирования.

Важную роль в развитии таджикско-российских отношений играет межрегиональное сотрудничество. Все шесть областей Беларуси и город Минск имеют соглашения о взаимодействии с большинством субъектов Республики Таджикистан; наиболее активно развиваются связи Москвы и Московской области, Санкт-Петербурга, Тюмени, Смоленска, Нижнего Новгорода и Татарстана.

Подытоживая, можно констатировать, что Республика Таджикистан занимает особое положение в геополитическом пространстве Евразии, являясь ключевым звеном практически всех крупнейших интеграционных объединений региона. Это обусловлено не только её экономическим и военным потенциалом, но и благоприятным геополитическим положением. Наибольшее значение для страны имеют ОДКБ и интеграционные процессы в рамках СНГ, а также Евразийский экономический союз и Союзное государство с Беларусью и Россией. Указанные объединения обеспечивают базовые условия для достижения дальнейших целей и способны конкурировать с другими международными структурами интеграционного характера.

Анализ участия Республики Таджикистан в интеграционных процессах на постсоветском пространстве показывает, что страна занимает ключевое положение в системе региональной безопасности и экономического взаимодействия. Подписание и реализация Договора о коллективной безопасности, а позднее формирование ОДКБ стали основой для институционализации механизмов совместного реагирования на военные, террористические, миграционные и иные угрозы. В то же время, участие Таджикистана в Евразийском экономическом союзе открыло новые возможности для модернизации национальной экономики, роста конкурентоспособности и включения в более глубокие процессы региональной интеграции.

Наряду с этим, взаимодействие в рамках Союзного государства России и Беларуси, а также двусторонние связи с Российской Федерацией и Беларусью демонстрируют стратегическую направленность внешнеполитического курса Таджикистана на углубление сотрудничества в политической, военной и экономической сферах. Особое значение приобретают механизмы согласования внешнеполитических подходов, а также функционирование единого миграционного пространства, что отражает не только политико-правовую, но и социально-экономическую значимость интеграции.

Таким образом, Таджикистан выступает не только как активный участник, но и как связующее звено в интеграционных объединениях евразийского масштаба. Его геополитическое положение, сопряжённое с потребностью в укреплении национальной безопасности и обеспечении устойчивого социально-экономического развития, предопределяет особую роль страны в системе региональной стабильности. В перспективе участие Таджикистана в ОДКБ, ЕАЭС и СНГ будет сохранять стратегическую значимость, способствуя укреплению позиций страны на международной арене и формированию новых механизмов многостороннего взаимодействия.

***Адабиёт***

1. Договор о Евразийском экономическом союзе [Электронный ресурс]. – Режим доступа: http://economy.gov.ru (дата обращения: 24.09.2025).
2. Евразийский экономический союз: офиц. сайт (ЕАЭС) [Электронный ресурс]. – Режим доступа: http://www.eaeunion.org (дата обращения: 24.09.2025).
3. Зона свободной торговли в странах СНГ: история создания [Электронный ресурс]. – Режим доступа: http://ria.ru/spravka/20120730/713035602.html (дата обращения: 24.09.2025).
4. Казакова М. Н. Региональные приоритеты национальной безопасности России: внешнеполитическое измерение // Регионология. – 2010. – № 3. – С. 30–36.
5. Концепция внешней политики Российской Федерации (утв. Президентом РФ 15 июля 2008 г.) [Электронный ресурс]. – Режим доступа: http://kremlin.ru (дата обращения: 24.09.2025).
6. Концепция внешней политики Российской Федерации (утв. Президентом РФ 12 февраля 2013 г.) [Электронный ресурс]. – Режим доступа: http://mid.ru/brp_4.nsf (дата обращения: 24.09.2025).
7. Организация Договора о коллективной безопасности (ОДКБ): офиц. сайт [Электронный ресурс]. – Режим доступа: http://www.odkb-csto.ru (дата обращения: 24.09.2025).


## ҲАМКОРӢ БО КИШВАРҲОИ ИДМ ДАР КОНТЕКСТИ СИЁСАТИ ХОРИҶИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


Мақола ба таҳлили иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар равандҳои ҳамгироии минтақавӣ дар фазои пасошӯравӣ бахшида шудааст. Дар он самтҳои асосии сиёсати хориҷии кишвар дар чорчӯбаи созмонҳои байналмилалӣ, аз ҷумла Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ), Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ (СААД), Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё (ЕАЭС) ва Давлати иттиҳодӣ баррасӣ мегарданд. Муаллиф нақши Тоҷикистонро ҳамчун ҳалқаи муҳими робитавӣ дар таъмини амнияти минтақавӣ, таҳкими ҳамгироии иқтисодӣ ва густариши ҳамкориҳои байнидавлатӣ таъкид мекунад. Таваҷҷуҳи махсус ба масъалаҳои амнияти дастаҷамъӣ, низоми тиҷорати озод, сиёсати муҳоҷират ва дурнамои ҳамгироӣ дар шароити таҳдидҳои ҷаҳонии муосир зоҳир мегардад. Мақола нишон медиҳад, ки Тоҷикистон бо риояи манфиатҳои миллӣ ва сиёсати мутавозин, дар самти таҳкими робитаҳои стратегӣ ва рушди устувори минтақа нақши фаъол мебозад.



**Калидвожаҳо:** Тоҷикистон, ИДМ, СААД, ЕАЭС, ҳамгироӣ, амният, сиёсати хориҷӣ


## СОТРУДНИЧЕСТВО СО СТРАНАМИ СНГ В КОНТЕКСТЕ ВНЕШНЕЙ ПОЛИТИКИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН


Статья посвящена исследованию участия Республики Таджикистан в интеграционных процессах на постсоветском пространстве. Анализируются основные направления внешнеполитической стратегии страны в рамках таких организаций, как СНГ, ОДКБ, ЕАЭС и Союзное государство. Особое внимание уделяется роли Таджикистана как важного участника региональных инициатив, способствующего укреплению коллективной безопасности, развитию экономических связей и межгосударственного сотрудничества. В статье рассматриваются механизмы взаимодействия в сфере свободной торговли, миграционной политики и оборонного партнерства. Подчеркиваются перспективы углубления интеграции в условиях современных глобальных вызовов, включая трансграничные угрозы, экономическую нестабильность и необходимость координации усилий в рамках региональных структур. Автор делает вывод о значимости сбалансированной внешнеполитической линии Таджикистана, направленной на укрепление национальных интересов при сохранении устойчивых связей с партнёрами по интеграционным объединениям.



**Ключевые слова:** Таджикистан, СНГ, ОДКБ, ЕАЭС, интеграция, безопасность, внешняя политика.


## COOPERATION WITH THE CIS COUNTRIES IN THE CONTEXT OF THE FOREIGN POLICY OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN


This article analyzes the Republic of Tajikistan's involvement in integration processes across the post-Soviet space. It explores the key directions of the country's foreign policy within major regional frameworks, including the Commonwealth of Independent States (CIS), the Collective Security Treaty Organization (CSTO), the Eurasian Economic Union (EAEU), and the Union State. Tajikistan's role as a strategic link in promoting regional security, enhancing economic integration, and fostering interstate cooperation is emphasized. The study highlights mechanisms of collective security, the development of free trade zones, and migration policy

coordination. Particular attention is paid to the challenges and opportunities of deepening integration amid contemporary global threats such as geopolitical instability, economic turbulence, and transnational risks. The article concludes that Tajikistan's balanced foreign policy contributes to strengthening national interests while maintaining active participation in regional alliances, positioning the country as a constructive actor in shaping the future of Eurasian cooperation..
**Keywords:** Tajikistan, CIS, CSTO, EAEU, integration, security, foreign policy.

**Дар бораи муаллиф**
Ахиева Саодат Умарбековна
Номзади илмҳои сиёси, омӯзгори кафедраи умумидонишгоҳии сиёсатшиносӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ.
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
E – mail: milledi2000@mail.ru

**About the author**
Akhieva Saodat Umarbekovna
Candidate of Political Sciences, Lecturer at the University of Department of Political Science
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E-mail: milledi2000@mail.ru

**Об авторе**
Ахиева Саодат Умарбековна
Кандидат политических наук, преподаватель общеуниверситетской кафедры политологии
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
E – mail: milledi2000@mail.ru

ТДУ 327.2:327.5

# НИГОҲЕ БА ТАРТИБОТИ ҶАҲОНИИ АСРИ XXI

*Мусоев И.М.*

*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ*

Тартиботи байналмилалӣ ҳамчун як системаи муайяни муносибатҳо ва ғояҳо дар бораи принсипҳое, ки муносибатҳои байни давлатҳо дар ҷаҳон бояд дар асоси онҳо бунёд карда шаванд, дар асри XVI, вақте ки муносибатҳои дипломатӣ ва тарҳҳои системаи «давлатҳои бузург» дар Аврупо пайдо шуданд, ташаккул ёфт. Намунаи принсипҳои ҳуқуқии системаи муносибатҳои байналмилалӣ дар натиҷаи сулҳи Вестфалия дар соли 1648, ки ҷанги харобиовари 30-соларо дар Аврупои Марказӣ хотима бахшид, ба вуҷуд омад. Пас аз он ин принсипҳо дар тӯли зиёда аз дусад сол таҳаввул ёфтанд.

Ҷанги 30-сола асосан дар миқёси умумиаврупоӣ анъанаи ҷангҳои динии асри XVI-ро идома дод. Аммо дар айни замон вай ба сиёсати хориҷӣ ду принсипи навро ҷорӣ кард, ки баъдан ба таври васеъ истифода бурда шуданд: 1) нигоҳ доштани тавозуни байналмилалии қувваҳо бо роҳи ёрӣ расондан ба иттифоқи заифтар бар муқобили иттифоқи пурқувват; 2) афзалияти манфиатҳои миллӣ нисбат ба дигарон (динӣ, идеологӣ ва ғайра). Ҳардуи ин принсипҳо аз ҷониби кардинал Ришелё [5.] таҳия ва амалӣ карда шуданд, ки сарфи назар аз он, ки Франсия як қудрати католикӣ буд, дар ниҳоят ба ҷанг дар канори иттифоқи заифтари давлатҳои протестантӣ бар зидди империяи Габсбург, ки ба гегемонияи ҷаҳон таҳдид мекард, ворид шуд [4. с. 396]. Аз ҳамон вақт инҷониб мо тамоюлеро мушоҳида карда истодаем, ки ташаккули сиёсати хориҷии давлатҳои Аврупо дар асоси стратегия ва принсипҳои муайян ба роҳ монда мешавад.

Масъалаи тавозуни қувваҳо дар системаи байналмилалӣ ва вайрон кардани он чӣ барои дарки сиёсати хориҷии давлатҳои алоҳида ва чи намунаҳои умумии муносибатҳои Аврупо ва ҷаҳон мавқеи асосиро ишғол мекунад. Аз ҷумла, сиёсати бошууронаи хориҷии як қатор давлатҳо (хусусан Франсия ва баъдтар Англия) ба онҳо имконият дод, ки бо амали мақсаднок иттифоқҳои гуногуни ҳарбию сиёсӣ ташкил намуда, ин тавозунро бо ин ё он роҳ ба манфиати худ истифода кунанд. Бо донистани ин, мо мантиқи ташаккули ин иттифоқҳои дар асрҳои XVIII ва XIX, инчунин, гузариши доимии иштирокчиёни онҳоро аз як лагер ба лагери дигарро беҳтар дарк мекунем. Албатта, ба ин хусусиятҳои геополитикаи он давра – зиёдшавии давлатҳо, набудани гегемонии равшан ва системаи давлатҳои бузург, мусоидат намуд.

Тавозуни қувваҳои байни қудратҳо бо сабаби падидаҳои гуногун, аз ҷумла исёнҳои дохилӣ, барҳамхурии идоракунии сулолавӣ ва ғайра метавонад тағйир ёбад. Дар байни ин равандҳои дарозмуддат нобаробар будани афзоиши аҳолӣ, ҳудуд, бойгарӣ, саноат, савдоро қайд кардан лозим аст. Аммо ҳамаи ин бояд ба қувваи ҳарбӣ табдил дода шавад. Инқилобҳои ҳарбӣ боиси ташаккули артишҳои типи навгардиданд, ки онҳо низ ба сохтмони давлатӣ ва ташаккули давлатҳои типи нав (баркамол) мусоидат карданд [7. с. 101-140]. Такмили баҳрнавардӣ боиси экспансияи тиҷоратии Голандия гардид ва баъдан, дар натиҷаи пирӯзиҳои баҳрӣ дар асри XVII, Англия бартариро ба даст гирифта, барои муддати тӯлонӣ «ҳукмрони баҳрҳо» гардид. Натиҷаи тараққиёти техникаи ҳарбӣ ба муваффақиятҳои артиши Шветсия дар асри XVII ва артиши Пруссия ва Россия дар асри XVIII мусоидат намуд. Ҳамин тавр, дар ҷанги Қрим (1853-1856) Франсия ва Англия маҳз дар натиҷаи бартарии технологӣ бар Россия ғалаба ба даст оварданд.

Марҳилаи муҳим дар роҳи ташаккули принсипҳо ва шаклҳои назорат ба муносибатҳои байналмилалӣ Конгресси Вена дар соли 1815 буд. Дар доираи ин низом бори аввал мафҳуми давлатҳои бузург ташаккул ёфт ва ниҳоят дипломатияи бисёрҷониба шакл гирифт. Бисёре аз муҳаққиқон системаи муносибатҳои байналмилалии Венаро намунаи аввалини амнияти дастаҷамъӣ меноманд, ки дар тӯли 35 сол то оғози ҷанги Қрим аҳамият дошт.

Конгресси Вена дар ташаккули парадигмаи устувори муносибатҳои байни давлатҳои пешқадами Аврупо нақши асосӣ бозид. Конгресси Вена дар асоси ризоияти умумии давлатҳои бузург: Россия, Австрия, Пруссия, Франсия, Британияи Кабир ба вуҷуд омад. Ба андешаи Г. Киссинҷер, сиёсатмадорон ва ходимони давлатие, ки соли 1814 дар Вена вохӯрданд, аз пешгузаштагони худ, ки сулҳи Вестфалияро муҳокима карда буданд, дар вазъияти куллан дигар

буданд. Якуним аср пеш аз ин як қатор созишномаҳои сулҳ дар асоси натиҷаҳои ҷангҳои алоҳида, ки ба Ҷанги 30-сола «муттаҳид» шуда буданд, бо ҷорӣ намудани маҷмӯи қоидаҳое, ки принсипҳои умумии сиёсати хориҷиро муайян мекунанд, муқаррар карда шуда буданд [6. с. 90].

Дар муқоиса бо системаи Вестфалӣ (баъди соли 1648) унсурҳои системаи Вена на танҳо давлатҳо, балки иттифоқҳои давлатҳо низ буданд. Яке аз асосҳои тартиботи венагӣ принсипи нигоҳ доштани тавозуни қувваҳо буд. Масъулияти ин ба зиммаи давлатҳои калон гузошта шуд. Ин масъулият тавассути гузаронидани конфронсҳои сершумори байналмилалӣ барои ҳалли мушкилоте, ки ба ҷаҳон таҳдид мекард, амалӣ карда шуд.

Ба туфайли вусъати фаъолияти мустамликадорон аз нимаи якуми асри XIX ба сиёсати ҷаҳонӣ мамлакатҳои Осиё (Хитой, Япония ва ғайра) ҷалб карда шуд, дар баробари ин дар Америкаи Лотинӣ бисёр давлатҳои нав ба вуҷуд омаданд. Ҳамин тавр, тартиботи ҷаҳонии аслӣ ба ташаккулёбӣ шурӯъ мекунад, вале воқеаҳои асосӣ ҳануз дар Аврупо ба амал меоянд.

Дар рафти Конгресси Вена Конфедератсияи Германия (ба ҷойи империяи муқаддаси Рими миллати немис, ки Наполеон барҳам дода буд) таъсис дода шуд. Гарчанде ки шумораи давлатҳои Германия аз сесад то даҳ баробар кам шуда бошад ҳам, Аврупои Марказӣ дар маҷмӯъ пароканда боқӣ монд. Аммо маҳз ҳамин чиз муҳимтарин қисми таркибии тавозуни қувваҳо ҳисоб карда мешуд ва нигоҳ доштани ин давлати Германия муҳимтарин мақсади сиёсати миллии Франсия, Англия ва ҳамаи дигар давлатҳо буд.

Аз ин ҷост, ки тағйироти асосӣ дар Аврупо дар аввали солҳои 70-ум ба амал омад, ин таҳти ҳукмронии Пруссия муттаҳид шудани Германия буд, ки дар натиҷаи чандин ҷангҳои ғалабаовар барои Пруссия (ба шарофати сиёсати моҳиронаи Бисмарк ва хатогиҳои Австрия ва Франсия) ба амал омад. Ин дарҳол тавозуни қувваҳоро ба куллӣ тағйир дод, зеро дар маркази Аврупо давлате ба вуҷуд омад, ки вай аз ҷиҳати қувва аз дигар давлатҳо бартарӣ дошт. Бинобар ин, зарурати таъҷилӣ ба миён омад, ки Франсия пас аз мағлуб шудан дар ҷанги Франко-Пруссия солҳои 1870-1871 иттифоқчии худро пайдо кунад. Германия ҳамчунон ба ин кишвар таҳдид мекард ва Франсия дар орзуи қасос гирифтан буд. Бисмарк дар навбати худ аз ҷанг дар ду фронт барои Германия метарсид ва бинобар ин кӯшиш мекард, ки бо Россия иттифоқ баста шавад. Аммо пас аз истеъфои ӯ (1890), зиддиятҳои байни Россия ва Империяи Австро-Венгрия дар Балкан боиси он шуд, ки Россия ва Франсия бар зидди Германия иттифоқ бастанд (1892) ва баъдан дар байни Франсия ва Англия шартнома (Антанта, 1904) баста шуд. Мустаҳкам шудани иқтисоди ҳарбии Германия Англияро мувофиқи стратегияи дустдоштаи худ маҷбур кард, ки ба гурӯҳи иттифоқҳои камқувват ҳамроҳ шавад, то ки қувваи пешбарандаи қитъавиро суст кунад. Тараққиёти босуръати саноат дар давлатҳои Аврупо, таркиши навигариҳои техникӣ ва тағйироти калон дар воситаҳои ҷанг ҳамаи рақибонро (махсусан Германия) водор намуд, ки тавозуни қувваҳоро бо роҳи ғалабаи ҳарбӣ тағйир диҳанд.

Ҳамин тавр, иттифоқҳои ҳарбию сиёсӣ ташкил ёфта, Аврупо ба ду блоки ба ҳам зид тақсим шуд. Дар натиҷаи Ҷанги Якуми Ҷаҳонӣ харитаи сиёсии ҷаҳон ва тавозуни қувваҳо дар он ба куллӣ тағйир ёфт. Бо шомил шудани Япония ва ИМА ба қатори бозигарони пешбар, сиёсат воқеан глобалӣ шуд ва ҳатто аввалин ниҳоди ҷаҳонӣ - Лигаи Миллатҳо пайдо шуд. Лигаи Миллатҳо кӯшиш мекард, ки ба ташаккули принсипҳои нави муносибатҳои байналмилалӣ таъсир расонад, аммо на ҳамеша самаранок буданд.

Аммо тартиботи ҷаҳонии баъд аз Ҷанги Якуми Ҷаҳонӣ (системаи Версалӣ 1919-1922) танҳо дар муддати хеле кӯтоҳ муқаррар карда шуд. Дигаргуниҳои куллие, ки дар ин давра ба амал омадаанд, аз ҷумла ба вуҷуд омадани ИҶШС, ба вуҷуд омадани системаҳои нави яроқу аслиҳа, бӯҳрони бузурги иқтисодӣ, розӣ нашудани Германия ба маҳдудиятҳои ба вай гузошташуда ва дигар сабабҳо боиси тезу тундшавии муносибатҳо ва ҷанги нав гардиданд.

Тартиботе, ки пас аз Ҷанги Дуюми Ҷаҳонӣ (системаи Потсдамӣ 1945) ба вуҷуд омадааст, аз намунаҳои қаблии тартиботи ҷаҳонӣ ба таври назаррас фарқ мекард. Якум, акнун танҳо ду давлати пурқувват (ИМА ва ИҶШС) вуҷуд дошт, яъне ҷаҳон дуқутба ва баъд ду блока (СААШ ва Шартномаи Варшава) шуд. Дуюм, он дар асосҳои идеологӣ ташкил ёфт. Дар пояи сохти ҷаҳонӣ аз ин пеш ҳеҷ гоҳ ин гуна асосҳо гузошта нашуда буданд. Ҳамчунин дар арсаи ҷаҳонӣ барпо

намудани иттифоқҳои устувори идеологӣ бори аввал ба амал омад. Эҳтимол дорад, ки маҳз идеологӣ шудани он мавҷудияти хеле тӯлонии тартиботи ҷаҳонии баъд аз ҷангро таъмин намуд.

Умуман, дар ягон шакли муқарраршуда ва басо устувор, тартиботи ҷаҳонӣ, ки аз ҷониби нерӯҳои пешбар ин ё он тарз эътироф ва дастгирӣ мешуд, маъмулан то се-чор даҳсола ва ҳатто камтар аз он давом мекард. Системае, ки пеш аз Инқилоби Бузурги Франсия (соли 1789) вуҷуд дошт, камтар аз 30 сол давом кард. Он баъд аз Ҷанги ҳафтсола (яъне пас аз соли 1763) ба вуҷуд омада, солҳои 1790-1791 нобуд карда шуд. Тартиботе, ки баъд аз ҷангҳои Наполеонӣ ва Конгресси Вена муқаррар шуда буд, дар натиҷаи инқилобҳои солҳои 1848-1849 ва ҷанги Қрим вайрон карда шуд, яъне камтар аз 35 сол давом кард. Системаи навбатии тартиботи ҷаҳонӣ пас аз ташкили империяи Германия (соли 1871) ташаккул ёфт. Аммо он ниҳоят танҳо дар аввали солҳои 1890 шакл гирифт ва дар натиҷаи Ҷанги Якуми Ҷаҳонӣ, ки камтар аз 20 сол вуҷуд дошт, нобуд карда шуд. Шартномаи Версал (1919) аз тарафи Германия ҳанӯз соли 1935 дағалона вайрон карда шуда буд. Ҳамин тавр, тартиботи ҷаҳонӣ баъди Ҷанги Дуюми Ҷаҳон аз соли 1945 то соли 1990, ки 45 сол давом кард, як навъ рекорд гардид.

Фурӯпошии иттифоқи сотсиалистӣ ва Иттиҳоди Шӯравӣ дар охири солҳои 1980 ва авали солҳои 1990 тартиботи ҷаҳонии ду блокаро аз байн бурд. Азбаски пас аз пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ ҷаҳони яккутбӣ ба вуҷуд омад, пас ғояҳо дар бораи тартиботи нави ҷаҳонӣ аксар вақт ба эътиқод ба бартарии тақсимнашавандаи иқтисодиёт, ниҳодҳо ва ғояҳои ғарбӣ пешбинӣ мешуданд. Бартарии муталақро дар сиёсати ҷаҳонӣ ИМА соҳиб гардид, ин ҳолатро сиёсатшинос ва собиқ мушовири амнияти миллии президенти ИМА Збигнев Бжезинский чунин қайд менамояд: «Америка дар чаҳор минтақаи муҳими қудрати ҷаҳонӣ бартарӣ дорад: дар соҳаи ҳарбӣ, он дорои қобилиятҳои беҳамтои густариши ҷаҳонӣ мебошад; дар соҳаи иқтисодӣ, ҳатто бо вуҷуди рақобат дар соҳаҳои алоҳида бо Япония ва Германия (ҳеҷ яке аз ин кишварҳо дигар хусусиятҳои фарққунандаи қудрати ҷаҳонӣ надоранд) ҳамчун қувваи асосии пешбарандаи рушди ҷаҳонӣ боқӣ мемонад; аз ҷиҳати технологӣ пешсафии мутлақро дар соҳаҳои пешқадами илм ва техника нигоҳ медорад; дар арсаи фарҳангӣ, сарфи назар аз номураккабии муайяни худ, Америка аз ҷозибаи бемислу монанди ҷавонони тамоми ҷаҳон бархурдор аст – ҳамаи ин ба Иёлоти Муттаҳида нуфузи сиёсие медиҳад, ки дар ягон давлати дигари ҷаҳон ба он монанд нест. Маҳз омезиши ҳамаи ин чаҳор омил аст, ки Америкаро ба маънои томаш ягона абарқудрати ҷаҳон месозад» [1, с. 36-37]. Аз замони пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ ИМА ба гегемони мутлақ табдил ёфт.

Файласуф ва ҷомеашиноси рус Леонид Гринин як қатор хусусиятҳо ва методҳои хосе, ки Америка дар таҳия ва амалисозии сиёсати хориҷии худ истифода менамояд, чунин нишон медиҳад [3, с. 33].

1. Худписандии абарқудрат, сӯиистифодаи зӯрӣ бар зарари дипломатия, аз ҷумла нисбат ба иттифоқчиён. Аз соли 1945 инҷониб ИМА ҷангҳо ва мудохилаҳо (интервенсияҳо)-и зиёде кардааст, аммо суръати онҳо дар се даҳсолаи охир, аз соли 1991 то 2011 ба таври назаррас афзоиш ёфтааст.

2. Истифодаи «неруи нарм» (барои дахолат ба корҳои дохилӣ бо истифода аз усулҳои гуногун, амалҳо тавассути ҳама гуна созмонҳои ғайридавлатӣ дар ҳамоҳангӣ бо мақомоти иктишофӣ ва махсус) барои таъсир расонидан ба ҳукуматҳо, қонунгузорон, соҳибкорон ва ғайра. Дар ҳолати зарурӣ, амалӣ намудани амалиёти тахрибкорӣ ва табаддулот, «инқилобҳои ранга». Афзоиши фаъоли истифодаи иттилооти иктишофӣ ва назорати электронӣ барои назорат кардани сиёсатмадорони кишварҳои иттифоқчӣ.

3. «Дипломатияи доллар» тавассути қарзҳо, кӯмакҳо ва таъсири созмонҳои молиявии байналмилалӣ, ки бо ҷорӣ кардани қоидаҳои муайяни фаъолият барои бонкҳои маркази миллӣ тақвият дода мешавад.

4. Прагматизми танги сиёсати хориҷӣ, ба дараҷае мерасад, ки баъзе амалҳо ба дигараш мухолиф мешаванд ва аз ҳама муҳимтараш – мақсадҳои умумии сиёсати берунӣ ва манфиатҳои мамлакат, нияти ноил шудан ба таслими душман ва майлу хоҳиши нокифоя ба созишҳое, ки дар оянда ҳамкориро таъмин карда метавонанд.

5. Идеологияи махсус, ҷорӣ намудани меъёрҳои худ (аз ҷумла дар низоми сиёсӣ ва ҳуқуқӣ), таъсири аз ҳад зиёди мубориза дохилии сиёсӣ ба сиёсати берунӣ.

Бидуни шак, ин ҳама амалҳо қаблан ҳам сурат гирифта буданд, аммо дар 30 соли охир онҳо бештар ошкоротар шуданд. Ҳодисаҳои 11 сентябри соли 2001 ин ақидаро аз байн бурд, ки ИМА барои рақиб дастнорас аст ва метавонад бидуни тарси интиқом зарба занад. Ин лаҳза дар сиёсати ШМА нуктаи гардишие ба вуҷуд омад, ки бисёр хусусиятхо ва методҳои сиёсати берунӣ ва дохилии онҳо дигаргун гардид. ИМА аз принсипҳои озодихоҳии худ даст кашида, ба сари аҳолии ҷаҳон, инчунин дар ҳаққи роҳбарони мамлакатҳои дигар ҷосусӣ карданӣ мешаванд. Онҳо ниҳоят эҳтироми меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва принсипи соҳибихтиёрии давлатро аз даст медиҳанд.

Чунон ки гуфта шуд, тавозуни байналмилалии қувваҳо ба тараққиёти нобаробари иқтисодию технологии мамлакатҳои ҷаҳон хеле вобаста аст. Дар давоми се-чор даҳсолаи охир маҳз – глобализатсия ба тағйири тартиботи ҷаҳонӣ таъсири доимӣ ва назаррас расонидааст. Глобализатсия ба вайрон шудани тартиботи мукарраршудаи баъдиҷангӣ ва барқарор гардидани гегемонияи комили ИМА ёрӣ расонд. Вале баъдтар, комилан табиист, ки тавозуни қувваҳои иқтисодӣ дар ҷаҳон ба нафъи мамлакатҳои тараққиёбанда тағйир ёфт. Дар натиҷа рушди иқтисодӣ дар давлатҳои ғарб суст шуда, нақши кишварҳои рӯ ба тараққӣ афзуд. Яъне, дар маҷмӯъ, ҳарчанд ин барои бисёриҳо ғайриоддӣ ба назар мерасад, аммо то имрӯз собит шудааст, ки глобализатсия барои кишварҳои рӯ ба тараққӣ назар ба кишварҳои пешрафта муфидтар аст.

Дар натиҷаи бӯҳрони иқтисодии соли 2008 ғояҳо дар бораи тартиботи нави ҷаҳонӣ бо гегемонизми Ғарб мухолифати ошкоро пайдо карданд. Дар пасманзари заифшавии Аврупо дар Осиё бузургҷуссаҳои иқтисодӣ (Чин ва Ҳинд) инкишоф ёфтанд ва як гурӯҳи томи кишварҳои босуръат рушдкунанда ба вуҷуд омаданд. Онҳо инкишофро идома медиҳанд ва дарояндаи начандон дур дар ҷаҳон мавқеи пешсафро ишғол мекунанд.

Ҳамин тавр, глобализатсия буд, ки ИМА онро ба таври фаъол ба ҷаҳон таҳмил кард ва манбаи мушкилоти кишварҳои рӯ ба тараққӣ маҳсуб мешавад. Ин тамоюл заифшавии кишварҳои сарватманд ва таҳкими кишварҳои камбизоатро ногузир сохт. Ин аст мантиқи таърих, ки то ҳол пурра дарк нашудааст: рушди глобализатсия аз як нуқтаи муайян бо модели муқарраршудаи гегемонияи ИМА ва Ғарб созгор набудааст [2, с. 11-12].

Ҳамин тавр, барои чунин фикр кардан сабабҳои зиёде мавҷуданд, ки тавозуни қувваҳо дар тамоми ҷаҳон дар давоми се-чор даҳсолаи оянда ба нафъи мамлакатҳое, ки имрӯз инкишофёбанда ҳисоб мешаванд ё иттифоқҳои онҳо хеле тағйир меёбад. Дер ё зуд, ҳаракат ба сӯи идоракунии глобалӣ (қабули қарорҳои муштараки мувофиқашуда) хоҳад буд.

Умуман, дар пеши мо солҳои душвору пурташвиш, солҳои дигаргунсозии куллии тавозуни қувваҳо ва иттифоқҳои гуногун истодаанд. Ин давраи дигаргуниҳои ҷиддӣ хоҳад шуд, ки ба сохтиояндаи ҷаҳонӣ асос мегузорад. Бо вуҷуди ин, дар муддати дурудароз масъалаи бархурд ва омезиши манфиатҳои миллӣ ва боломиллӣ, гурӯҳӣ ва глобалӣ проблемаи муҳимтарин боқӣ мемонад.

***Адабиёт***


1. Бжезинский, З. Великая шахматная доска / З. Бжезинский; пер. с англ. О. Ю. Уральской. — М.: Издательство АСТ, 2024. — 256 с.
2. Гринин, Л. Е. Глобализация тасует карты (Куда сдвигается глобальный экономико-политический баланс мира) / Л. Е. Гринин // Век глобализации. — 2013. — № 2. — С. 63–78.
3. Гринин, Л. Е. Новый мировой порядок и эпоха глобализации. Ст. 1. Американская гегемония: апогей и ослабление. Что дальше? / Л. Е. Гринин // Век глобализации. — 2015. — № 2. — С. 3–17.
4. Дэвис, Н. История Европы / Н. Дэвис; пер. с англ. Т. Б. Менской. — М.: АСТ: Транзиткнига, 2005. — 943 с.
5. Киссинджер, Г. Дипломатия / Г. Киссинджер; пер. с англ. В. Верченко. — М.: Издательство АСТ, 2021. — 896 с.
6. Киссинджер, Г. Мировой порядок / Г. Киссинджер; пер. с англ. В. Желнинова, А. Милюкова. — М.: Издательство АСТ, 2024. — 512 с.

7. Мак-Нил, У. В погоне за мощью. Технология, вооруженная сила и общество в XI–XX веках / У. Мак-Нил. — М.: Издательский дом «Территория будущего», 2008. — 456 с.

## НИГОҲЕ БА ТАРТИБОТИ ҶАҲОНИИ АСРИ XXI

Дар мақола эволютсияи тартиботи ҷаҳонӣ, омилҳо, принсипҳо ва ғояҳои асосие, ки даврабандии таъсис ва тағйири ин тартибот мебошанд, баррасӣ шудааст. Таҳлил карда мешавад, ки тартиботи ҷаҳоние, ки ба гегемонизми ИМА асос ёфтааст, чӣ тавр ташаккул ва инкишоф ёфт. Дар мақола вазъияти ҳозираи муносибатҳои байналмилалӣ ҳамчун вазъияти оғози системаи ҷаҳонӣ тавсиф карда мешавад, ки ин бояд маънои фарорасии давраи ноором ва ташкил ёфтани иттифоқҳои навро дошта бошад. Ин як навъ давраи гузариш ба тартиботи нави ҷаҳонӣ хоҳад буд, ки таъсиси он осон нест. Муаллиф доир ба самт ва чӣ гуна ташаккули ин тартиботи нав, кадом принсипҳо ва механизмҳои эҳтимолии таъсиси он андешаҳо баён кардааст.

**Калидвожаҳо:** тартиботи ҷаҳонӣ, эволютсияи тартиботи сиёсӣ, тавозуни қувваҳо, глобализатсия, истиқлолият, дипломатия, гегемония, иттифоқҳои нав, абарқудрат, дипломатияи доллар.

## ВЗГЛЯД НА МИРОВОЙ ПОРЯДОК XXI ВЕКА

В статье рассматривается эволюция мирового порядка, факторы, принципы и основные идеи, лежащие в основе периодизации становления и изменения этого порядка. В нем анализируется, как формировался и развивался мировой порядок, основанный на гегемонии США. В статье современное состояние международных отношений характеризуется как состояние начала мировой системы, что должно означать наступление периода смуты и формирования новых союзов. Это будет своего рода переходный период к новому мировому порядку, который будет нелегко установить. Автор высказал свои соображения о направлении и способах формирования этого нового порядка, а также о возможных принципах и механизмах его установления.

**Ключевые слова:** мировой порядок, эволюция политического порядка, баланс сил, глобализация, суверенитет, дипломатия, гегемония, новые коалиции, сверхдержава, дипломатия доллара.

## A VIEW OF THE WORLD ORDER OF THE 21ST CENTURY

In the article, the evolution of the world order, factors, principles and main ideas underlying the periodization of the formation and change of this order are considered. And it is analyzed how the world order was formed and developed, based on the hegemony of the USA. In the article, the current state of international relations is characterized as the state of the beginning of the world system, which should indicate the beginning of a period of turmoil and the formation of new alliances. This will be a sort of transitional period to the new world order, which will be difficult to establish. The author expressed his thoughts on the direction and ways of forming this new order, as well as on the possible principles and mechanisms of its establishment.

Key words: world order, evolution of political order, balance of power, globalization, sovereignty, diplomacy, hegemony, new coalitions, superpower, dollar diplomacy.

**Дар бораи муаллиф**
Мусоев Исмоилҷон Мансурович
ассистенти кафедраи сиёсатшиносӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ
Нишонӣ: 734003, Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121.
E-mail: musozoda_007@mail.ru

**Об авторе**
Мусоев Исмоилджон Мансурович
Ассистент кафедры политологии
Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддин Айни
Адрес: 734003, город Душанбе, проспект Рудаки 121.
E-mail: musozoda_007@mail.ru

**About the author**
Musoev Ismoiljon Mansurovich
Assistant of the Department of Political Science
Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini
Address: 734003, Dushanbe, Rudaki Avenue 121.
E-mail: musozoda_007@mail.ru

ТДУ 321.01

# МАҚОМИ ВАҲДАТ ДАР АФКОРИ СИЁСӢ – ФАЛСАФИИ ТОҶИК

***Мустаҷобова Р. М.***

*Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Истиқлоли давлатӣ, бунёди давлатдории миллӣ ва хотимаи ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ дар назди ҷомеаи Тоҷикистон зарурати таҳкими ваҳдати миллӣ ва тақвияти омӯзиши падидаҳои марбут ба онро ба миён гузошт. Бо расидан ба тавофуқи сулҳ ва таъмин гардидани ваҳдати миллӣ марҳилаи асосии ташаккули давлатдории навини тоҷикон шуруъ шуд. Аз шарофати ваҳдати миллӣ ва суботи сиёсӣ рушди марҳила ба марҳилаи рукнҳои муҳимми давлатдорӣ, соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангӣ таъмин гардид. Бо ворид шудан ба марҳилаи рушди давлатдориву давлатсозӣ ваҳдати миллӣ ҳамчун ғояи муқаддас арзёбӣ шуд. Ҳамчун ғояи муқаддас шинохта шудани ваҳдат дар афкори сиёсӣ ва ҷамъиятӣ гувоҳ бар он аст, ки ин падидаи муҳим дар гузаштаи андеша ва афкори сиёсӣ-фалсафии тоҷикон мақоми махсус доштааст.

Дар таърихи афкори фалсафии халқи тоҷик ҳанӯз аз даврони асотир ба ваҳдатгароӣ, иттиҳод ва ҳамгироӣ таваҷҷуҳ мекарданд. Андешаи ваҳдат дар таърихи фалсафа ва ирфони тоҷик мақоми бориз дошта, он аз тарафи мутафаккирон ва андешамандону адибон ҳамчун омили осоиши ҷомеа, ҳамгироӣ, ҳамдиливу иттиҳоди халқ тафсир шудааст.

Ҷӯё шудани падидаи ваҳдат дар осори фалсафӣ ва илмиву адабии халқи тоҷик моро ба даврони атиқа ва замони қабл аз таърих мебарад. Аз ривоят ва осори шифоҳии халқ маълум аст, ки мардуми ориёинажод аз қадим ба ғояи ваҳдат, сулҳу субот, осоиштагӣ, амният ва ҳамдиливу ҳамбастагӣ таваҷҷуҳ доштанд ва ин падидаро мавриди ситоиш қарор медоданд. Аз аҳди бостон то ба имрӯз мардуми ориёинажод ҳамчун мунодии ваҳдату якдилӣ номдор шудаанд. Сарчашмаи падидории ғояи ваҳдату якдилиро мо дар бархурди ду неруи асосии хилқати башар – некӣ ва бадӣ, нур ва торикӣ, ки асоси таълимоти фалсафӣ ва мазҳабии мардуми ориёинажод аст, ба хубӣ мушоҳида месозем.

Даъват ба ҳамбастагиву ягонагӣ ва ваҳдат дар оинҳои тотаърихии мардуми ориёинажод ба чашм мерасанд. Пайдоиши ҷашни Наврӯз, ки ба замони ҳукмронии сулолаи асотирии Пешдодиён - ба замони шоҳ Ҷамшед рост меояд, гуфтаҳои моро тақвият медиҳад. Ҷамшеди аҷдодамон аввалин давлатдориро густариш дод, ки табақоти онро риштаи ваҳдату ягонагӣ бо ҳам пайванд дода буданд. Наврӯз чун оини эҳёгари табиат ва поккунандаи руҳу равони инсон дар худ намоду рамзи ваҳдатгароёна дошт. Дар тамоми анъана ва суннатҳои ин ҷашн ва дигар ҷашнҳои қадима, аз ҷумла, Сада, Меҳргон ва Тиргон ситоиши сулҳ, дӯстиву якдилии мардум ва накуҳиши ҷангу нифоқу парокандагӣ мавқеи хос дорад.

Оид ба ҷашни ваҳдату ҳамбастагии қавму миллатҳои гуногун будани Наврӯз дар асари қадимии «Субҳ-ул-аъшо», ки муаллифаш Ҳамиди Нирнурӣ аст, чунин омадааст: «Аз идҳои машҳури қибтиёни Миср иди Наврӯз - иди тавҳиду ҳамгироӣ аст. Калимаи Наврӯз форсист ва қибтиён ин идро аз эрониён ба исму расмаш гирифтаанд. Дар ин рӯз қибтиёни Миср ба айёшу нӯшу шодӣ мепардозанду оташ мерафрӯзанд ва ба ҳам об мепошанд – ва дар инкорҳо аз ирониён бештар исрор доранд ва авоми мусалмонони Миср низ дар ин ид бо қибтиёни исавӣ дар иттиҳод, новобаста аз мансубияти динӣ, ширкат мекунанд. Он чи то кунун, ки соли ҳафтасаду наваду як аст (791-и ҳиҷрӣ), ҳанӯз дар кишвари Миср маъмул аст…” [12].

Мавриди зикр аст, ки дар сиришту фитрати шахсияти намояндагони сулолаи асотирии Пешдодиён – Каюмарс, Кайхусрав, Кайқубод, Фаридун ва қаҳрамонон - Рустаму Сухроб, Сиёвашу Исфандиёр, ки ҳама ситоишгари некиву накукорӣ, муборизони роҳи адлу адолат, ростиву растагорӣ ва озодиву озодагӣ ҳастанд, намоду рамзи ваҳдат, якмаромӣ ва хайру инсондӯстиро метавон мушоҳида кард.

Дар даврони қадими тотаърихии асотирӣ ва даврони аввали пайдоиши таърихи хаттӣ Худои нур ва Офтобро Меҳр (Митро) мегуфтаанд ва таърихан Меҳр (Митро) маънои Худои дӯстӣ, иттиҳод, аҳд, ризоият, таҳаммул ва дар асри III қабл аз мелод ҳамчун Худои Офтоб шинохта шуда будааст.

Бояд гуфт, ки нақш ва аҳаммияти дин ва мазҳаб дар ҳаёти инсон хеле бузург аст. Дин ва мазҳаб ҳамчун унсури фарҳангӣ ва як қисмати ҳувияти фард дар ташаккули шахсият, тафаккур,

ҷаҳонбинӣ, муносибат ба олами атроф ва дунёи маърифатии инсон таъсири калон мерасонад. Аксарияти дину мазҳабҳои мавҷуд дар дунё бар пояи иттиҳод ва ваҳдати инсонҳо падид омадаанд. Рисолати аслии паёмбарон ва роҳбарони мазҳабӣ низ аз даъват намудани мардум ба ҳамдилӣ ва ваҳдат иборат буд. Вазифаи маърифатӣ ва ахлоқии дин гуфтаҳои моро тақвият мебахшад, аммо то чи андоза татбиқ гардидани ғояҳои неки мазҳаб дар ҳаёти иҷтимоӣ мавзуи баҳси мо нест.

Мируре ба ҳикматҳои динӣ ва нигоҳе ба матни китобҳои муқаддас моро ба равишҳои хоссе, ки тариқи он ваҳдату иттиҳод ва сулҳу ҳамгироӣ ситоиш шудаанд, мерасонад. Аз ҷумла, дар китоби муқаддаси ниёгони мо "Авасто" дар мавриди ваҳдату сулҳ сухан рафта, чунин омадааст: "Мо сулҳу саломатиро меситонем, ки ҷангу ситезаро дарҳам бикашад. Бишавад, ки мо бо ҳамаи ростону дурустон, ки дар саросари кишварҳо ҳастанд, ҳамкору анбоз бошем ва ба якдигар муҳаббату ёрӣ намоем" [2, с. 41].

Илова бар ин, Зардушт дар таълимоти хеш сарчашмаи тамоми ростиву растагориро дар нек андешидан, ки асли муҳимми ваҳдат аст, медонад. Дар ин хусус дар Ясно, қисмати 31, банди 8 омадааст: «Эй Маздо! Ҳангоме ки туро бо маниш (андеша)-и хеш сароғозу саранҷоми ҳастӣ ва падари маниш (андеша)-и нек шинохтам ва он гоҳ, ки туро бо чашми [дил дидам] дарёфтам, ки туӣ офаридагори ростини Аша ва довари кирдорҳои ҷаҳониён» [2, с. 66]. Чи тавре ки маълум мегардад, андешаи ваҳдатгароӣ ва даъват бар некиву накукорӣ дар ин таълимот мақоми махсус дорад.

Ин дин, ки бар асоси матни Авесто бунёд шудааст, Аҳура Маздоро Худованди ягона, ҳомии адл, сулҳу салоҳ ва рамзи муттаҳидии инсоният мешиносад ва ҳар файзу баракатеро, ки ба одам мерасад, аз ӯ медонад; деву ифритҳо сазовори ситоиш нестанд, зеро ба инсон танҳо нифоқу тафриқа ва гумроҳӣ меоранд; гетӣ, ки дар он файзу баракоти бешумор, ростӣ, андешаи нек, ҳамдилӣ, иттиҳод, тавоноӣ, ҷовидонӣ ва амсоли инҳо вуҷуд дорад, мазҳари Аҳура Маздост; мардум бояд ҳамарӯза барои навсозӣ ва ислоҳоти зиндагии саодатбори худ якдилона бикӯшанд ва бо хираду пиндори нек, гуфтори нек ва кирдори нек, бо ободу зебо кардани сарзамину кишварҳо, тарбияи инсони нек, таблиғи ростиву донишписандӣ ва адлу дод Аҳура Маздоро хушнуд кунанд ва бар зидди дурӯғ, нифоқ, парокандагӣ, ҷаҳолат, беморихо, пиндори бад, гуфтори бад ва кирдори бад ва амсоли инҳо, ки хосси Аҳриман ва ёрони ӯст, мубориза баранд.

Ба иборaи дигар, зардуштия ҳамчун дин ва таълимоти фалсафӣ бори аввал дар афкори ҷаҳоншиносии худ силсилаи мартабаи вуҷудеро пешниҳод кард, ки дар он назарияи ҳастишиносӣ (онтология), кайҳоншиносӣ (космология), маърифатшиносӣ (гносеология) ва охиратшиносӣ (эсхатология) аз рӯи қоидаи ахлоқии Ашю (ростӣ) амал мекунад. Ин дин ойини ростӣ ва порсоист, ки усулҳои ахлоқии он «андешаи нек, гуфтори нек ва рафтори нек» аст, маромаш пирӯзии ногузири некӣ бар бадӣ, хайр бар шар ва вазифааш ҳидоят намудани озодандешон ба ҳаёти хушбахту саодатманд ва ҷовидонаю абадӣ аз роҳи ваҳдату ягонагӣ ва тавҳиду маърифат ба Худованди ҷону хирад пайвастан аст [9, с. 41].

Падидаи ваҳдат дар заминаи донишу ривоятҳо, асотир ва рамзу намодҳо ташаккул пайдо карда, шуури инсонро дар муносибати ахлоқӣ дар ҷомеа такомул бахшид. Бар фарзи манзалати инсон дар ҷомеаи иҷтимоӣ арзиши ваҳдат ва сулҳ хеле боло рафт ва он асоси рифоҳу саодати ҷомеа ва омили муҳимми пешрафти давлат шинохта шуд. Аз асотир гузашта агар ба даврони таърихии гузаштагони ақвоми ориёӣ назар намоем, нақши пойи ваҳдат ва зарурати таъмини онро дар замони ҳукмронии сулолаи Ҳахоманишиён, ки қаламрави паҳновареро бо қавму миллатҳои мухталиф фаро гирифта буд, мебинем. Дар замони ҳукмронии бунёдгузори ин сулолаи бузург Куруши Кабир дар давлат низоми муайяни қонунгузорӣ ва ҳуқуқӣ ба вуҷуд оварда шуд. Муҳимтарин дастоварди ҳуқуқии ин давлат қабули "Эъломияи ҳуқуқи башар" мебошад, ки нахустин эъломия дар таърихи инсоният эътироф шудааст. Дар асоси он ҳуқуқ ва озодиҳои халқҳои зиёде, ки дар тобеъияти империяи Ҳахоманишиҳо зиндагӣ мекарданд, ба танзим даровaрда мешуд. Эъломияи Куруши Кабир дар ташаккули низоми ҳуқуқии давлатҳои пасоҳахоманишинӣ замина ба вуҷуд овардааст.

Вожаи сулҳ, ки муродифи аслии ваҳдат аст, ҳамчун паёми наҷот ҳанӯз дар паёмҳо ва Эъломияи Куруши Кабир зикр гардида буд: "Вазъи дохилии Бобул ва ҷойгоҳи муқаддасаш қалби

маро такон дод. Ман барои сулҳ кӯшидам. Набонид мардуми дармондаи Бобулро ба бузургӣ кашида буд, коре, ки дархури шони онон набуд. Ман бардадориро барандохтам. Ба бадбахтиҳои онон поён бахшидам. Фармон додам, ки ҳамаи мардум дар парастиши Худои худ озод бошанд ваононро наёзоранд. Фармон додам, ки ҳеч кас аҳолии шаҳрро аз ҳастӣ соқит накунад…. Фармон додам тамоми ниёишгоҳҳоеро, ки баста шуда буд, бикшоянд. Ҳамаи худоёни ин ниёишгоҳҳоро ба ҷоҳои худ бозгардондам. Ҳамаи мардумонеро, ки пароканда ва овора буданд, ба ҷойгоҳҳои худ баргардондам. Хонаҳои вайрониононро обод кардам. Ҳамаи мардумро ба ҳамбастагӣ фаро хондам» [10].

Эъломияи Куруши Кабир, ки аз ваҳдату ҳамгироӣ, фарҳанги ориёӣ ва ақидаҳои инсондустӣ сарчашма мегирад, нахустин хуҷҷати тарихиест, ки эҳтироми ҳуқуқ, озодии мазҳабу эътиқод ва ҳифзи дороии шаҳрвандонро пуштибонӣ кардааст.

Аз таърих маълум аст, ки Куруш вақте бо артиши хеш ба Бобул ворид мешавад, дар ин маншуроти хеш дар навбати аввал наҳваи суруди хешро ба гунаи мубаллиғи сулҳу оромӣ чунин таъкид медорад: “Артиши бузурги ман ба сулҳу оромӣ вориди Бобул шуд. Нагузоштам ранҷу озоре ба мардуми ин шаҳр ва ин сарзамин ворид ояд”.

Дар ин гуфтори гуманизм ва ғояи ваҳдатхоҳии Курушро метавон бо сароҳат мушоҳида кард. Ӯ ҳатто ҳангоми ворид шудан ба сарзаминҳо ё анҷоми юришҳо низ бо корширӣ аз ғояҳои сулҳу оромӣ бар мардуми манотиқи он сарзаминҳо ҳеҷ зараре эҷод намекунад. Чунин усул дар худ ҷаҳоне аз фалсафаи ваҳдатгароии Куруши Кабирро бозтоб мебахшад.

Нақши шоҳ Куруши Кабир дар густариши ғояҳои сулҳҷӯёнаву ваҳдатгароёна бағоят бузург аст. Ин нуктаи муҳимро Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар асараш “Чеҳраҳои мондагор” чунин тафсир кардааст: “Куруши Кабир дар миёни шоҳаншоҳони аҳди қадим яке аз оқилтарин, боинсофтарин, камозортарин ва дурандештарин шоҳаншоҳ буд, ки бо тамаддунофарию давлатсозӣ, инсонпарварию адолатпешагӣ ва рафтору ахлоқи ҳамидааш нуфузи оламгир ёфтааст” [1, с. 6].

Фарҳангу тамаддуни куҳан ва деринаи ориёӣ, ки дар асл аз ваҳдат, хирадгароӣ ва инсонгароӣ иборат аст, ба тамаддуни муосири мардуми тоҷик таъсиру нуфузи хешро расонид. Мардуми тоҷик аз оғози таърих тамаддунофар, ваҳдатгаро, сулҳҷӯ, фарҳангдӯст, озодихоҳ, бунёдкору созанда ва инсондӯст буданду ҳастанд. Дар осори адабии халқи тоҷик низ ситоиши ваҳдат, сулҳу дӯстӣ ва ҳамзистии осоишта бо сароҳат ба назар мерасад.

Фалсафаи оштипазирӣ, сулҳ, даъват ба ваҳдат ба унвони роҳкориҳои муҳимми расидан ба иттиҳоди инсонӣ ва дур мондан аз душманиву парокандагӣ, ҷангу нифоқ ҳамоно дар меҳвари аксари рисолаҳои куҳани таълимии ниёкони мо қарор гирифтанд.

Ваҳдату ягонагӣ ҳамеша иттифоқи фикру ақида, як будани мафкурваро ташкил медиҳад. Метавон ваҳдатро ба ваҳдати миёни ду нафар, ваҳдати гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва ваҳдати умумимиллӣ ва ваҳдати умумибашарӣ ҷудо кард. Дар ҳар кору амал, новобаста аз он ки дар кадом самт иҷро мешавад, агар муттаҳидию дастаҷамъӣ дида шавад, пас он ҷо мафҳуми ваҳдат ба кор меравад.

Бояд гуфт, ки мавзуи асосии таълимоти ирфонии мутафаккирони тоҷику форсро фалсафаи “ваҳдати вуҷуд” ташкил медод. Албатта, дар таълимоти онҳо ваҳдати вуҷуд аз лиҳози ваҳдати Худову табиат, расидан ба ҳолати фаноёбии инсон дар ҳастии Худо баррасӣ гаштааст. Ба ин вижагӣ ва фарқиятҳои куллӣ нигоҳ накарда, ба андешаи мо, маҳз ҳамин ғояҳои ваҳдатгароӣ, ки дар замири ниёгони мо нуҳуфта буд, заминаи боэътимоди ба даст овардани ваҳдати миллӣ гашт.

Дар афкор, осор ва таълимоти сиёсӣ-фалсафӣ ва ахлоқии донишмандони тоҷик аз садаи IX то ба давраи маорифпарварӣ нақш ва мақоми ғояи ваҳдату субот, сарҷамъӣ ва роҳ надодан ба парокандагӣ, ҷангу хунрезӣ ва ноороминву бесуботӣ бо сароҳат дида мешавад.

Намояндаи барҷастаи фалсафаи садаи IX тоҷику форс Закариёи Розӣ дар осори гаронарзиши хеш дар хусуси аз миён бардоштани тафриқаҳои иҷтимоӣ ва гароиш ба ваҳдати ҳамагонӣ таъкид мекунад. Ӯ инсонро фарди ҷамъиятӣ медонист ва ҳалли масъалаҳои иҷтимоиро шарти аввалиндараҷа мешуморид. Закариёи Розӣ аҳаммияти бардошта шуданаи тафриқаҳои иҷтимоӣ ва дар баробариву ваҳдати комил ба сар бурдани башарро муҳим арзёбӣ мекард. Розӣ инсонро ба самти маърифатнокӣ ва ҳамбастагиву ҳамраъйӣ талқин намуда, таъкид мекард, ки ҳар

инсон бо дигар инсонҳо вобастагии моддиву рӯҳӣ дорад: «Агар ҷамъи рафтору сирате, ки аҳли фалосифа ва уламо бар он будаанд, ки ба таври муъҷаз баён кунем, равшан мегардад, ки амали онҳо аз доираи адолат берун набаромада, бо мардуму тобеони худ ба таври шоиста муомила кардаанд. Онҳо аз мардум низ фазилатро талаб мекарданд ва мардумро аз варта раҳнамоӣ менамуданд. Мардумро ёд медоданд, ки ба якдигарашон лутфу марҳамат дошта бошанд. Онҳо ба ҳамаи мардум насиҳат мекарданд, ки бар нафъи умум кӯшиш намоянд» [11, с. 113-114]. Бо ин мазмун мутаффакир ҳадаф ва вазифаи файласуфонро дар ҷомеа мушаххас намуда, онҳоро ба талқини ғояҳои ваҳдату ҳамгироӣ, кӯшиш бар нафъи умум ва меҳрубониву таҳаммулпазирӣ даъват мекард.

Бояд гуфт, ки аз омилҳои асосии таъмини ваҳдати миллӣ дар Тоҷикистон маҳз хислати таҳаммулпазирии халқ буд. Агарчи ин хислати некуи халқ аз андеша ва афкори гузаштагонамон нашъат гирифтааст, аммо он маҳз дар таълимоти мазҳаби ҳанафия ба нуқтаи камолот мерасад. Ин мазҳаб, ки бунёдгузораш Имоми Аъзам - орифи бузурги тоҷик мебошад, дар миёни дигар равияҳои имрӯзаи дини ислом аз бартарияти зиёд бархӯрдор аст. Сабаби аслии ин бартарият маҳз дар нигоҳи таҳаммулгароёна доштани ин мазҳаб ба воқеиятҳои ҳаётист.

Имоми Аъзам бар иловаи шарҳу ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ бар масъалаи вазъияти сиёсӣ дар кишвардорӣ низ дахл намудааст. Ӯ дар ҳалли ин қабил масъалаҳо низ таҳаммулгароиро асоси ҳукми шаръии хеш қарор медиҳад. Аз ҷумла, дар масъалаи ҳалли низоъҳо таҳаммулпазириро пеша гирифта, Имоми Аъзам мегӯяд, ки «аввал матлабро ба дурустӣ дарк намуда, бидуни шитобкорӣ роҳи ҳалли масъаларо дарёфт кардан лозим меояд. Замоне ҳукм содир кун, ки аз ҳар сӯ фориғи қалб ва мутмаин бошӣ, агар ба сулҳ розӣ шуданд, хуб, агар розӣ нагардиданд, пас мутобиқи шариат ҳукм кун» [8].

Чунин андеша гувоҳ аз ҷонибдори сулҳу ваҳдат ва суботу оромии ҷомеа будани мазҳаби таҳаммулгарои ҳанафӣ аст.

Дар таъмин ва таҳкими ваҳдат ва иттиҳоду ҳамгироии ҷомеа нақши ҳокимият ва қудрати сиёсӣ муҳим дониста мешавад. Таодули муносибати ҳокимият бо раият, наздикӣ ва огаҳӣ аз ҳаёти иҷтимоии омма сабаби қурат гирифтани ҳокимият ва шарти бақои он маҳсуб меёбад. Ин паҳлуи масъала дар афкор ва осори донишмандони маъруфи тоҷику форс борҳо баён гардида, оид ба он назарияҳои мухталиф пешниҳод гардидааст. Дар осор ва афкори Унсурмаолии Кайковус, ки худ аз аҳли дарбор буд, ба ин масъала таваҷҷуҳ гардидааст. Кайковус тараннумгари адлу инсоф ва ҷонибдори сиёсати адолатпарварона буд. Барои таъмини баробарӣ, ки омили асосии ваҳдати фикрӣ ва субот дар ҷомеа аст, подшоҳ масъул мебошад. Ӯ қайд менамояд, ки «Подшоҳ мисли офтоб аст. Нашояд, ки офтоб бар яке тобаду бар дигаре натобад» [13, с. 163].

Ин маъниро дар осори донишманди маъруфи садаи XIV Мир Саид Алии Ҳамадонӣ низ метавон мушоҳида кард. Аммо дар афкор ва осори ӯ ғояҳои ваҳдату ҳамбастагӣ бар мабнои дину мазҳаб таъкид мегарданд. Вай зулмро асоси барҳамрезии сохтори давлат ва парокандагии халқ унвон дода, барои тақвияти ваҳдату сарҷамъии мардум ҳокимонро вазифадор месозад, ки раиятро ба зери ҳимояи худ бигиранд, то ки онҳо аз бедодгарӣ ва зулму тазкир, ки ба заволи давлат сабаб мешаванд, пешгирӣ намоянд. Барои идораи давлат ӯ шартҳое мегузорад, ки дар онҳо ҳуқуқ ва манфиатҳои аҳли дин таҳти ҳимоя қарор дода шудаанд ва файласуф иҷроиши ин шартҳоро боиси пойдории давлат, ваҳдат дар ҷомеа, осудагии раият ва иҷро нашудани онҳоро боиси парокандагӣ, фанои давлат ва мусибати раият мешуморад.

Ӯ ҳифзи субот дар ҷомеаро шарти зарурии бақои давлат дониста, ба ҳокимон тавсия медиҳад, ки дар сурати парокандагӣ ва нифоқ «арбоби давлатро ба насиҳат ва сиёсат муъаззаб (азоб додашуда) гардонанд» [3, с. 159-160].

Андешаи баробарӣ ва табақабандии низоми ҷамъиятӣ дар андешаҳои Ибни Сино махсусияти худро дорад. Ибни Сино дар назарияпардозии хеш ҳолати воқеии ҷомеаро инъикос мекунад. Ӯ сабаби ба табақаҳои иҷтимоӣ ҷудошавии ҷомеа ва мавҷудияти нобаробарии иҷтимоиро ба хусусияти табиати инсон пайванд медиҳад. Дар асоси назарияи Ибни Сино нобаробарии иҷтимоӣ умури азалии илоҳист, ки мувофиқи он мардум ҳам аз ҷиҳати вазъи молию иҷтимоӣ ва ҳам аз ҷиҳати тарзи тафаккур ва ҳуш мухталиф офарида шудаанд: «Хирадмандон медонанд, ки агар ҳамаи мардум подшоҳу шаҳриёр бишаванд, ҳамагӣ аз байн мераванд. Ва агар

ҳамаашон ранҷбару коргар ва тобею раият бишаванд, подшоҳу султоне дар байн набошад, ҷумлагӣ фонӣ ва ҳалок мешаванд. Ҳамчунон ки агар ҳамагӣ дар тавонгарӣ ва сарват мусовӣ ва баробар бо якдигар бишаванд, касе барои касе кор намекунад ва атову муованати дӯст аз дӯст мунқатеъ мегардад. Ва агар ҳамагӣ фақиру муҳтоҷ бошанд, аз фақру фалокат ва бечорагӣ ҷон месупоранд. Пас, тафовути аҳвол ва ихтилофи иқдор сабаби бақои зиндагии одамизодагон мебошад» [6, с. 13].

Он ҷомеаи ормоние, ки Ибни Сино тасаввур мекард, фарогири фаъолияти якҷояи табақаҳои мухталифи ҷомеа ва ваҳдат дар миёни онҳо буд. Давлати ормонии ӯ бар адолату баробарӣ, ваҳдату ҳамгирой ва сулҳу салоҳ миёни табақаҳои ҷомеа асос ёфта, ба тазод ва мушкилоти замона нигоҳ накарда, манфиати ҳамаро ба инобат мегирифт. Ба андешаи ӯ танҳо дар чунин сурат расидан ба ваҳдати куллӣ дар ҷомеа ва ташаккули низоми идоракунии давлат ва баробарии иҷтимоӣ имконпазир буд.

Чунин ғояҳои пешқадами иҷтимоию сиёсии Ибни Сино ба ҷаҳонбинии бисёр олимону донишмандони шарқ таъсири амиқ расонид.

Дар таҳаввули афкори баробарӣ бар иловаи Ибни Сино нақши мутафаккири маъруф Абунасри Форобӣ хеле арзишманд аст. Ӯ низ назарияҳои иҷтимоии хешро дар масъалаҳои муҳимми замон баён кардааст. Оид ба принсипи баробарӣ, ки шарти асосии ваҳдату ҳамгироии ҷомеа аст, Форобӣ мафҳуми “иттиҳоди ашхос”-ро ба кор мебарад. Аз нигоҳи Форобӣ инсон барои “дар мавҷудияти худ ба камолоту саодат расидан ба чизҳои зиёде ниёз дорад. Вале ӯ наметавонад ҳамаи чизҳоро ба танҳоӣ омода созад. Аз ин рӯ, вай фақат тавассути иттиҳоди ашхос – мададӣ ҳамдигар ба камолот ноил мешавад” [7, с. 25]. Аз ин ҷо маълум мешавад, ки майл ба ваҳдат дар мактаби фалсафии Форобӣ аз зарурати дар дохили ҷомеа ба саодати умумии ҳаётӣ расидани инсон сарчашма гирифтааст.

Дар замони рушангарӣ ё худ маорифпарварӣ, ки асрҳои 19-20-ро дар бар мегирифт, маорифпарварони тоҷик дар баробари ташаккули ғояҳои марбут ба маърифату дониш ва илму хирад, ба мақому мартаба ва нақши ҳамгироиву ваҳдат низ дар осори хеш ёдоварӣ мекарданд. Яке аз намояндагони барҷастаи ин замон Аҳмади Дониш мебошад, ки дар асарҳои гаронарзиши хеш нақши ҳамгирой ва ваҳдати назарро дар ободии мулк ва рифоҳу осоиши халқ муҳим арзёбӣ мекунад. Ба андешаи Аҳмади Дониш ободии мулкро наметавон бо фаъолияти фарди алоҳида таъмин кард. Ободӣ ҳамеша дар натиҷаи иттиҳоду муттаҳидии ашхоси зиёд муяссар мешавад, ки барои расидан ба ҳадаф талош меварзанд. Ин ашхос, дар умум, ҷамъиятро ташкил медиҳанд. Дар ин хусус маорифпарвар қайд мекунад, ки «кори зироату иморат, масалан, бе вуҷуди ҷамъе касир сурат нагирад» [5, с. 4].

Дар ҳама замон иттиҳод бар пояи қувват ва қудрати мардум ва иродаи халқ сурат гирифтааст. Халқ, миллат ё худ ҷамъият дар барҷо мондани низомҳои давлатдорӣ ва ташаккули мудаввоми он таъсири бузург мерасонанд. Маҳз чунин андешаҳоро Аҳмади Дониш дар асараш «Рисола дар назми тамаддун ва таовун» овардааст. Ӯ дар ин асар бар иқтидор ва тавоноии “раият” дар умури давлатдорӣ ва назму низоми кишвардорӣ таъкид месозад. Аҳмади Дониш давлатро бе раият ва амну субoти онро бе аскар имконнопазир медонад. Тартиби низоми лашкардорӣ ба зару мол вобастагӣ дорад. Ин дар сурате аст, ки давлат зару молро аз мардум, яъне раият ба даст меорад. Ба гуфтаи Аҳмади Дониш «подшоҳӣ сурат нагирад, то лашкар ороста ва мураттаб нагардад. Ва лашкари ороста муяссар нашавад, магар ба зару мол. Зару мол ба даст наояд, то раияти мавфур ҷамъ набошад. Раият ҷамъ нагардад, то мамлакат ободон набошад ба қурби кӯҳ ва ҷаво зи дарё ё чашма ва корез» [4, с. 130].

Дар ин ҷо Аҳмади Дониш ободии мамлакат ва боигарии онро бар сарҷамъии раият нисбат дода, барои ваҳдату иттиҳоди мардум таъкид ба амал меорад. Ӯ муносибати давлатро низ бо раият бар асоси адолат ва зарурати тарафайн медонад.

Мусаллам аст, ки яке аз рукнҳои асосии таъмини ваҳдат ва иттиҳоду ҳамдилии мардум мавҷудияти адолати иҷтимоӣ дар ҷомеа мебошад. Дар ҳама давру замон адолати иҷтимоӣ, яъне тақсими баробари ниёзҳои моддӣ ва маънавӣ дар ҷомеа муаяйанкунандаи вазъи сиёсӣ ва иҷтимоии давлатҳо буд. Дар ин баробар, Аҳмади Дониш заволи давлат ва парокандагии ҷамъиятро низ аз адами адолати иҷтимоӣ дар ҷомеа медонад. Ӯ салтанат ё худ низоми подшоҳии

идоракунии давлатро дар сурати шахсе нисбат дода, таъкид медорад, ки чунин низом аз чаҳор поя (сутун) иборат аст. Тахти он адолату инсоф буда, пояҳои он сипоҳу раият ва зару об мебошанд. Ба қавли ӯ, агар аз ҳамин чор поя дар яке нуқс пайдо шавад, сеи дигар устувориро аз даст медиҳанд ва дар низоми ҳукуматдорӣ халал ворид шуда, зулму ситам ва истибдод реша мегирад. Зеро «сипоҳ бе зар фаъолият накунад, зар бе раият ҳосил нашавад, раият бе об зар надиҳад ва об бе ҳукму амр наояд. Сипоҳро бо зӯр кор фармоянд, мол аз раият ба зулм ситонанд ва дар натиҷа дар низоми идоракунӣ харақу марақ пайдо шуда, ҷамъият пароканда шавад» [4, с. 131].

Чунин андешаҳо дар осори дигар навандешон низ ба чашм расида, мақоми ваҳдатро дар афкори сиёсӣ-фалсафии даврони маорифпарварӣ муайян месозанд.

Ҳамин тариқ, ваҳдат чун падидаи ҳаёти иҷтимоӣ мазмуну моҳияти худро дар ҳама давраҳои таърихӣ дар якҷоягӣ бо равандҳои сиёсии замон ташаккул бахшида, нақши хешро дар шаклгирии муносибатҳои гуногуни ҷамъиятӣ гузоштааст. Аз таҳлилу баррасиҳои афкори сиёсӣ-фалсафии мутафаккирон ва аҳли адабиёту ирфони тоҷик метавон ба чунин хулоса расид, ки ваҳдат дар андеша ва афкори сиёсӣ-фалсафии гузаштагони мо мақоми махсус доштааст. Ин шаҳодат аз он медиҳад, ки миллати тоҷик дар ҳама даврахои таърихӣ ҳамчун миллати ваҳдатгаро, сулҳдӯсту сулҳҷӯ ва муқобили ҷангу нифоқ ва парокандагӣ дар тамаддуни ҷаҳонӣ нақш гузоштаанд.


***Адабиёт***

1. Эмомалӣ, Р. Чеҳраҳои мондагор. — Душанбе: Эр-граф, 2016. — 364 с.
2. Авесто. — Душанбе, 2005. — 544 с.
3. Алии Ҳамадонӣ. Насиҳатнома / таҳия Х. Асозода. — Кӯлоб, 1993.
4. Аҳмади Дониш. Наводир-ул-вақоеъ: Китоби 2. — Душанбе: Дониш, 1989. — 344 с.
5. Девонақулов, А. Аҳмади Дониш мураббии инсон // Наводир-ул-вақоеъ: Китоби 2. — Душанбе: Дониш, 1989. -339.
6. Ибн Сина. Избранные философские произведения. — 1980. — 552 с.
7. Идиев, Х. У. Фалсафаи иҷтимоӣ. — Душанбе, 2013. -378с.
8. Исоев, Н. Афкори иҷтимоию сиёсии Имоми Аъзам [манбаи дастрасӣ]. — Режим доступа: https://mit.tj/article/. (санаи муроҷиат: 25.11.2024).
9. Назария ва методологияи ваҳдати миллӣ. — Душанбе, 2007.- 376с.
10. Нурзод, Н. Нӯшдоруи наҷоти башар [манбаи дастрасӣ]. — Режим доступа: https://www.hgu.tj/news/post/nusdorui-naoti-basar.html. (санаи муроҷиат: 29.11.2024).
11. Розӣ, З. Мунтахаби осор. — Душанбе: Адиб, 1989. — 160 с.
12. Суфиева, Г. Наврӯзи хуҷастапай ва анъанаҳои миллии он [манбаи дастрасӣ]. — Режим доступа: https://www.tajmedun.tj/tj/. (Санаи муроҷиат: 07.12.2024).
13. Унсурулмаолии Кайковус. Қобуснома. — Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2007. — 210 с.


## МАҚОМИ ВАҲДАТ ДАР АФКОРИ СИЁСӢ – ФАЛСАФИИ ТОҶИК


Мақолаи мазкур фарогири шарҳ ва таҳлили падидаи ваҳдат дар афкори сиёсӣ-фалсафии тоҷику форс мебошад. Муаллиф дар мақола бар зарурати омӯзиши андеша ва афкори ваҳдатгароёнаи гузаштагон дар марҳилаи нави давлатдории миллӣ таъкид намуда, онро омили муҳимми таҳкими ваҳдати миллӣ меҳисобад. Дар мақола аз даврахои тотаърихиву асотирӣ сар карда, то ба замони маорифпарварӣ андеша ва афкори сиёсӣ-фалсафии гузаштагони миллати тоҷик роҷеъ ба ғояи ваҳдат, сулҳ ва суботи сиёсӣ мавриди пажуҳиш ва шарҳу таҳлил қарор гирифтааст. Дар фаъолият ва таълимоти сиёсиву иҷтимоии бузургтарин намояндагони сиёсат, фалсафа ва ирфони тоҷик ғояи ваҳдат мақоми хос дошта, он ҳамчун унсури асосии таъминкунандаи суботи ҷомеа, рушди давлат, ҷамъият ва пешрафти маърифату фарҳанг дониста шудааст. Бо руҷуъ ба сарчашмаҳои таърихӣ ва тафсири таълимоти мутафаккирони даврахои гуногун муаллиф ғояи ваҳдатро ҳамчун арзиши бузурги маънавии миллати тоҷик арзёбӣ кардааст. Маҳз ин паҳлуи кори анҷомшуда арзиши назариявӣ ва амалии мақоларо баланд мебардорад.



**Калидвожаҳо**: ваҳдат, ваҳдати миллӣ, ваҳдати вуҷуд, ваҳдати иҷтимоӣ, таҳаммулпазирӣ, давлатдории миллӣ, афкори сиёсӣ, баробарӣ, сулҳ, суботи сиёсӣ, ҳамзистӣ.

## СТАТУС ЕДИНСТВА В ТАДЖИКСКОЙ ПОЛИТИЧЕСКОЙ И ФИЛОСОФСКОЙ МЫСЛИ

Данная статья включает в себя объяснение и анализ феномена единства в таджикско-персидской политико-философской мысли. В статье автор подчеркивает необходимость изучения объединяющих мыслей и идей прошлого на новом этапе национальной государственности и считает это важным фактором укрепления национального единства. В статье, начиная с историко-мифологического периода и до времени образования, изучены, объяснены и проанализированы политико-философские мысли и взгляды предков таджикской нации относительно идеи единства, мира и политической стабильности. В политической и общественной деятельности и учениях крупнейших представителей таджикской политики, философии и мистики идея единства имеет особый статус, она признается основным элементом, обеспечивающим стабильность общества, развитие общества, государство, общество и прогресс знаний и культуры. Обращаясь к историческим источникам и интерпретируя учения мыслителей разных периодов, автор оценивал идею единства как великую духовную ценность таджикской нации. Этот аспект выполненной работы повышает теоретическую и практическую ценность статьи.

**Ключевые слова:** единство, национальное единство, единство существования, социальное единство, толерантность, национальная государственность, политические мысли, равенство, мир, политическая стабильность, сосуществование.

## THE STATUS OF UNITY IN TAJIK POLITICAL-PHILOSOPHICAL THOUGHTS

The article under consideration herein expounds upon and analyzes the phenomenon of unity in Tajik-Persian political-philosophical thoughts, emphasizing the necessity of studying the unifying thoughts of the past in the new stage of national statehood, which is considered a significant factor in the strengthening of national unity. The article undertakes a comprehensive study of the historical and mythological periods, extending to the contemporary era of education, examining the political and philosophical thought and perspectives of the ancestors of the Tajik nation concerning the concepts of unity, peace, and political stability. It delves into the political and social activities and teachings of the preeminent figures in Tajik politics, philosophy, and mysticism. The concept of unity is accorded a distinctive status within these discourses, being regarded as the foundational element that fosters societal stability, the advancement of the state, society, and the progression of education and culture. By drawing upon historical sources and interpreting the teachings of thinkers from diverse eras, the author ascertains the idea of unity as a profound spiritual value of the Tajik nation. This aspect of the completed work serves **to augment the theoretical and practical value of the article.**

**Keywords**: unity, national unity, unity of existence, social unity, tolerance, national statehood, political thoughts, equality, peace, political stability, coexistence.

**Дар бораи муаллиф**:
Мустаҷобова Рудоба Мукаррамшоевна,
номзади илмҳои филология,
унвонҷӯ (докторант)-и кафедраи равандҳои сиёсӣ дар Тоҷикистони
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
E-mail: rudobaimukarram@mail.ru
Тел.: (+992) 934-80-15-03

**Об авторе:**
Мустаджобова Рудоба Мукаррамшоевна,
кандидат филологических наук,
соискатель (докторант) кафедры политических процессов в Таджикистане.
Таджикский национальный университет.
E-mail: rudobaimukarram@mail.ru,
Тел.: (+992) 934-80-15-03

**About the author:**
Mustajobova Rudoba Mukarramshoevna,
candidate of philological sciences,
applicant (doctoral) of the department of political processes in Tajikistan,
Tajik National University.
E-mail: rudobaimukarram@mail.ru,
Тел.: (+992) 934-80-15-03

ТДУ 327(575.3):32.019.5

# ВОҚЕИЯТИ ОЛАМИ МУОСИР ВА ҲАДАФҲОИ ГЕОПОЛИТИКИИ ТОҶИКИСТОН ДАР РАВНАДИ ТАҲИЯИ ОН

***Абдуллоев Н. С.***

*Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон*

Дар охири солҳои 80-ум ва аввали солҳои 90-ум дар харитаи сиёсии ҷаҳон тағйироти азиме сурат гирифт, яке аз қутбҳои ҷаҳон, давлати ИҶШС аз байн рафт. Бо бавуҷудоии ин ҳолат бештар омилҳои объективӣ ва субъективӣ мусоидат карданд. Пеш аз ҳама фишорҳо аз ҷониби ИМА ва тарафдоронаш ин ҳолатро бавуҷуд овард. Ғарб кӯшиш кард, то ба сарҳади Русияи нав наздик шавад ва дар ин кор хело пешрафт намуд.

Баъди як қатор кӯшишҳо барои чанг маълум шуд, ки дигар масоилҳои мубрамро ба воситаи ҷанги ошкоро ҳал кардан номумкин аст. Ҷаҳон дар давраи Ҷанги Сард ба таври куллӣ тағйир карда буд. Ҳамин тағйиротҳо боиси як қатор дигаргуниҳои ҷиддӣ дар сиёсати ҷаҳонӣ шуд. Махсусан яке аз ин тағйиротҳои бузург моҳи декабри соли 1991 ба амал омад. ИҶШС аз байн рафт.

Русия ва давлатҳои баъдишуравӣ ба марҳилаи нави геополитикӣ дохил шуданд ва онҳо меъёрҳои фаъолияти худро дар асоси стандартҳои демократия ва ИМА бароҳ монанд. Новобаста аз ҳамаи ин тағйиротҳо давлатҳои тозаистиқлол манфиатҳои махсуси миллии хешро доро мебошанд, ки на ба манфиатҳои ғарб рост меояд ва на бо манфиатҳои байни худи онҳо. Дар баробари ин меросхурони бузурги шӯравӣ ба самти гуногун майл доранд. Худи Русия дар ду мавқеъ қарор гирифт як наздик шудан бо ғарб ва дигаре ҷонибдори кардани сиёсати евразиягароӣ. Дар марҳилаи аввал якумин бартари дошт, аммо баъдтар дуюминро дастгири карданд. Давлатҳои турктабори осиёи марказӣ майл ба ҷониби Туркияро намуданд ва кӯшиши сохтани давлати ягонаи туркиро дар асоси консепсияи "Турони Бузург" бароҳ монданд. Давлатҳои аврупои шаркӣ, ки пештар дар зери ҳимояи ИҶШС қарор доштанд, акнун майл ҷониби аврупоӣ ғарбӣ карданд.

Давраи баъдишуравӣ номи Низоми Нави Оламро гирифт. Шаклгирии низоми нави олам дараҷаи баландтарини ҳукумронии тамаддуни ғарбӣ, геополитикаи як, талассократия, атлантизм ва триумфи глобализатсия маҳсуб мешавад. Муқовимат минбаъда дар чаҳорчӯбаи низоми нави олам сурат мегирифт. Низоми нави олам дар фаҳми ҷадид аз ҷониби Ҷорҷ Буш (калони) баъди амалиёти "тӯфон дар биёбон" соли 1991 истифода гардид.

Низоми нави олам ин дар умум низоми либерал-демократӣ аст. Муҳандисони низомии нави олам ба геополитикаи классикӣ такя намекунанд. Аслан мондиализм афзалият дошта ҳукумронии мутлақи оламро дастгири мекунанд. Унсурҳои алоҳидаи ин низомро давлатҳо ҳамчун стандарти ҷаҳонӣ қабул кардаанд. Аз ин рӯ тасхири хокӣ ин кишварҳо муҳим нест.

Низоми нави олам, ки бар пояи арзишҳои ғарбӣ асос ёфтааст, ифодагари таълимоти либерал-демократӣ ва ҳукумронии ғарб тавассути демократияи глобалӣ маҳсуб мешавад. Оянда низоми нави олам ин ҳукумати ҷаҳонӣ тибқи иродаи ғарб аст. Ҷомеаи ҷаҳонӣ стандарти аврупои ва амрикоиро қабул мекунад, чаро ки тақозо ҳамин аст. Интихоби ҳамин масир барои давлатҳо стратегия гардидааст. Дигар алтернатива вуҷуд надорад. Эҳтимолияти кандан аз ин система ва ёфтани масири худ кори саҳл нест. Вале талош дар ин роҳ ба миён омадааст. Яке аз вариантҳоро “бисёрқутбӣ” ташкил медиҳад. Бисёрқутбӣ ба ҷои яккақутбӣ аст.

Амалҳо барои тақвияти бисёрқутбӣ хело зиёд ба амал омадааст. Яке аз он амалҳо ташкил додани созмонҳои минтақавӣ ва ҷаҳонӣ маҳсуб мешавад. БРИКС яке аз он созмонҳо аст. То соли 2011 номи ин ниҳод БРИК буд, он асосан алтернативаи ғарбӣ мебошад. Аъзоёни онро Бразилия, Русия, Ҳиндустон, Чин, ва ҶАҶ ташкил медиҳад.

СҲШ яке аз ниҳодҳои бисёрқутбӣ мебошад. Заминаҳои шаклгирии он солҳои 60-уми асри XX оғоз гардида, дар давраи баъди ИҶШС соли 1996 шакл пайдо кард.

Соли 1994 Нурсултон Назарбоев дар МГУ лоиҳаи сохтани иттифоқи евразиягиро ба миён гузошт.

Туркия метавонад ҷузъи бисёрқутби бошад, агар аз НАТО бароянд, инҷирлиқро миллӣ кунонад ё статусашро дигар кунад, аз стандарти дугона даст кашад.

Шӯрои туркӣ - шӯрои ҳамкории кишварҳои туркӣ, ташкилоти байналхалқӣ буда 3-уми октябри соли 2009 дар Нахичиван (Озарбойҷон) таъсис шудааст. Шӯрои мазкур заминаашро аз солҳои 90 -уми асри XX гирифтааст. Оқсақоли он Султон Назарбоев маҳсуб мешавад. Ба ҳайати ин шӯро Туркия, Озарбойҷон, Қирғизистон, Қазоқистон, Ӯзбекистон шомил мешаванд. Ҳамчунин Туркманистон аъзои потенсиалӣ ва Венгрия мушоҳидачӣ, нозир баромад менамояд.

Шӯравӣ дар даврахои охири мавҷудияташ муносибаташро ба бисёре аз иттифоқчиёнӣ худ бад кард. Махсусан бо Хитой. Асри XXI-ро асри тамаддуни Хатоӣ меноманд. Хитой дар замон муосир тавонист бо бисёре аз рақибони худ пешдасти гирад. Дар геополитикаи муосир низ консепсияи махсуси худро бо номи "Хитойи Бузург" доро аст. Мақсади он муттаҳид намудани тамоми халқиятҳои хитойи дар атрофи як давлати бузург мебошад.

Баъди он ки Амрико дар симои Хитой рақиби ояндаи худро дид бо ҳар воситае ба он кӯшиши наздик шуданро намуд. Амалҳои солҳои охир шаҳодати ин гуфтаҳо аст. Ҷанг дар Афғонистон ва дохил шудани ИМА ба ин минтақа чузъе аз барномаҳои стратегии бузург буд ва ИМА дар ин кор муваффақияти гушношуниде бадаст овард. Ҳанӯз ҳангоми воридшави ҳеҷ давлате ба он муқобил баромада натавонист. Барнома дар асоси стратегияи мубориза бар зидди терроризм сурат гирифт. "Амрико дар ин кор ду бурди асоси намуд якум тавассути Афғонистон интиқоли маводи мухаддирро ба давлатҳои Аврупо ва Русия зиёд намуд, ки ин як навъи фишор ба ин давлатҳо маҳсуб меёбад. Дуюм ба сарҳади Хитой наздик шуд ва қувваҳои сепаратистии ғайрихитойиро дастгири менамуд"[1, с. 26].

Шаклгирии "Хитойи Бузург" ки он муттаҳидшавии Континенти Хитойи, ҷазираҳои Хитойи (Тайван, Гонконг, Сингапур) ва диаспораи Хитойиро дарбар мегирад бар зидди сиёсати Амрико нигаронида шуда ва ҳимоягари манфиатҳои Хитой дар минтақа маҳсуб меёбад. Барномаи мазкур асосан ташкил додани бозори умумичинӣ ва ҳукумати ягонаи хитойиро талаб дорад.

Ҷавоби дигари Пекин ба экспансияи ИМА ташкил додани Созмони Ҳамкории Шанхай мебошад. Он ду аъзои асосӣ дорад яке Ҷумҳурии Чин ва дигаре Федератсияи Русия. Новобаста аз камбудҳо ин созмони минтақави дар як муддати кӯтоҳ тавонист дар сиёсати ҷаҳонӣ накши муассир бозад. Созмони мазкур тақвиятдиҳандаи бисёрмарказии олам аст.

"Дар таърихи 9-уми июни соли 2001 сарварони шаш кишвар аз ҷумла Чин, Русия, Қазоқистон, Тоҷикистон, Қирғизистон ва Узбакистон СҲШ (ШОС)-ро таъсис доданд. Соли 2015 масъала оиди ба созмон дохил шудани Покистон ва Ҳиндустон пайдо гардид ва дар соли 2017 онҳо аъзои комилҳуқуқи ин созмон шуданд. Ҳудудаш 34 млн км2, ки дарбаргирандаи 60%-и ҳудуди Авруосиё аст. Соли 2015 ними аҳолии дунёро дарбар мегирифт"[2].

СҲШ мисли НАТО созмони сирф ҳарбӣ набуда хусусияти кушода надорад ҳар давлат хоҳад аъзоӣ он гардада наметавонад. Мақсади асосии созмони мазкур таъмини амният дар фазои давлатҳои аъзои созмон мебошад. Инчунин дар доираи он ҳамкориҳои иқтисодӣ, фарҳангӣ, ҳамкориҳои энергетикӣ низ сурат мегирад. Заминаҳои асосии таъсиси созмони мазкурро мубориза бар зидди терроризм, сепаратизм, экстремизм ва мубориза бар зидди гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ташкил медиҳад.

Амрико ин фазоро ҳудуди манфиатҳои миллии худ эълон карда буд. Аз ҳамин сабаб СҲШ (ШОС) дар ҳудуди Ӯзбекистон амрикоиҳоро маҷбур кард, ки аз ин ҳудуд бароянд. Бар зидди доктринаи "Монро" ва "Анаконда" Русия ва Чин изҳорот доданд, ки давлатҳои аъзои созмонро аз ҷиҳати ҳарбӣ ва иқтисодӣ дастгири мекунанд ва ҳудуди ин кишварҳоро фазои манфиатҳои миллии хеш эълон карданд"[3, с. 262].

Аз нуқтаи назари геополитикӣ СҲШ ҳимоягари манфиатҳои Хитой буда барои татбиқ намуданӣ ҳадафҳои геополитикии он дар минтақаи мазкур хизмат мекунад. Фаъолияти созмон ба таври спектрӣ бароҳ монда шудааст. Яъне он амаликунандаи сиёсати китайизатсия ва экспансияи иқтисодии Хитой маҳсуб гардида дар як самт маҳдуд намешавад. Дар доираи ҳамкориҳои иқтисодӣ вобастакунии молиявии давлатҳои аъзои он аз Хитой бароҳ монда мешавад. Тоҷикистон давлати ақибмонда буда, сиёсати автаркияро дар сатҳи суст бароҳ мондааст. Барои Чин чунин шароит хело муфид мебошад. Бо роҳи қарзҳои молияви метавонад

Тоҷикистонро ба музофоти хеш табдил диҳад. Баҳсҳои сарҳади оғозӣ сиёсатӣ мазкур маҳсуб меёбад"[3

Оморҳои солҳои охир аз он шаҳодат медиҳад, ки қарзи Тоҷикистон аз Чин торафт зиёд шудаистодааст. Чунин шароит ҳатто экспансияи ҳарбии давлатҳои қудратмандро қонуни ҷилва медиҳад. Барои халоси ёфтан аз чунин шароит роҳу воситаҳои гуногун вуҷуд дорад, аммо як чизро фаромӯш набояд кард, ки ҳеҷ давлати аҷнабӣ ғами миллати мазлумро намехурад, то сиёсати автаркия рӯшд наёбад давлат ва миллат ба истиқлолиятӣ комил намерасад.

Дар самти фарҳанг бошад, паҳнкунандаи тамаддунӣ ғарбӣ дар симои китайизатсия мебошад. Самтҳои асосии онро бо роҳи омӯзониданӣ забон ва фарҳанги чиннӣ ба ҷавонон ташкил медиҳад. Дар Тоҷикистон ду маркази илмию фарҳангии Конфутсий дар назди Донишгоҳи миллӣ ва Донишкадаи кӯҳӣ-металлургӣ фаъолият менамоянд, ки дар онҳо хоҳишмандон метавонанд забон, фарҳанг, расму ойин ва анъанаҳои халқи Чинро омӯзанд. Дар солҳои охир ҳатто шумораи талабгорони марказҳои мазкур бамаротиб афзудаистодааст. Тибқи иттилои Вазорати маорифи Тоҷикистон, феълан дар муассисаҳои олии таълимии Чин беш аз 3000 донишҷӯи тоҷик таҳсил менамоянд ва миқдори зиёди хоҳишмандон хоҳони омӯзиш дар марказҳои мазкур мебошанд.

Хитой дар Тоҷикистон манфиатҳои геопалитикии хешро меҷӯяд чирасад ба манфиатҳои геополитикии Тоҷикистон дар Хитой. Новобаста аз он, ки Хитой сиёсати нармро пеш гирифтааст, аммо дар солҳои наздик метавонад аз ин сам даст кашад. Шароиту холат метавонад раванди сиёсатӣ ҷаҳониро самташро тағйир диҳад. Аз ин хотир далатҳои заифро мебояд чораи ҳодисаро пеш аз вуқӯъ бинад. Бояд аз имкониятҳои хурдтарин истифода кард.

Таърихи абарқудрат шудани Амрико ба таври даврагӣ ва марҳилавӣ ба амал омадааст. Ба таври пурра қудрати ягона шудани он дар охири асри XX сурат гирифт. Ин раванд бештар хусусияти моҷароиро гирифта буд. Ҳанӯз дар замони ташаккулӣ худ Амрико бо халқҳои маҳаллӣ муносибати моҷарогароёнаро пеша карда буд. Онҳоро бо роҳи зӯроварӣ ба тобеияти худ даровард. Акнун дар охири асри XX ба қавли муҳаққиқони амрикоӣ ИМА дар ҷаҳон ҳукмрон шуд ва тамоми халқҳои саркашро, ки ба ИМА мухолифат мекунанд бояд бо формулаи "мақсад воситаро ҳақ мебаранд" мутеъ кунад. Аз ҳамон рӯзҳои аввали ташкилёбии ИМА сиёсатмадорони он бештар ба моддиёт таваҷҷӯҳ доштанд. Ин муносибат ҳатто тамомии соҳаҳои фаъолияти ҳаётии онҳоро фаро гирифта буд. Дар марҳилаи нави геополитикӣ низ табиъист, ки аз ҳамон муносибати пештара бо роҳу усулҳои нав истифода мешавад.

Барои амрикоиҳо аз ҳама қобилияти беҳтар ин ҷамъ кардани пули бештар аст. Ҳатто инсонҳоро воситаи амали кардани мақсадҳои моддии худ қарор доданд. 200 сол ба замини халқҳои дигар рафта онҳоро бо куштор, бомбаборон кардан нобуд карда дар ҷойи онҳо як давлати наверо таъсис доданд, ки дар он даромади асоси аз ҷиноятҳо бар зиддӣ инсоният ба даст меомад. Фурӯш ва истеҳсоли силоҳ, фишор овардан ба сарварони дигар кишварҳо барои амали кардани мақсадҳои худ, паҳн кардани тарзи зиндагии амрикоӣ, ки пурра дар асоси ҷиноят зиндаги карданро ифода менамоянд ва беҳуда нест, ки дар замони муосир ИМА аз ҳисоби содир кардани ҷиноят дар ҷаҳон ҷойи якумро ишғол мекунад"[4, с.246].

Дар замони муосир низ мо ин хусусиятҳои Америкоро дар филмҳо ва сиёсатӣ он мебинем. Демократия, ҳуқуқи инсон, таҳаммулпазирӣ ва ғайра ҳамчун пластдарм барои амали шудани сиёсати Амрико хизмат мекунад. Новобаста аз ҳамаи ин дар замони муосир воситаҳои махсуси таъсиррасонӣ пайдо шудааст, ки коркарди дасти геополитикҳои амрикоӣ мебошад. Яке аз ин воситаҳо "ҷангҳои шабакавӣ" маҳсуб меёбад. Ин воситаи нав буда фазои иттилоотиро бо мақсади амалӣ кардани ҳадафҳои сиёсӣ ва геополитикии хеш истифода мебарад. Мақсади ҷангҳои ҳарбӣ нобуд кардани структураи истеҳсолоти давлатҳои рақиб, ғасб кардани ҳудуди он ва ба манфиати худ истифода кардани сарватҳои он мебошад. Барои ин кор маълум аст, ки қувваи зиёди ҷонӣ ва техникаӣ зиёд даркор мешавад. Дар ин ҷанг заифи дар мағзи инсонҳо аст, чунки ҳадаф низ нуфуз дар рӯҳияи инсон ва водор кардани он ба иҷрои коре буда, ки ба манфиати давлатҳои ҳамлагар аст. Махсусан бедор кардани ҳисси бетафовутӣ дар зеҳни ҷавонон, тағйир додани арзишҳо ва эътиқодоти онҳо, дуздии вакт, манипулатсия дар тамоми шаклҳояш ва ғайра миқдори мухтасари он ҳамлаҳо мебошад [5, с.24].

Ба ақидаи Александр Дугин маҳз тавассути ҳамин ҷанг ИҶШС нобуд карда шуд, дар Шарқи Наздик ҷанг сар шуд ва тамоми инқилобҳое, ки баъди пошхӯрии Шӯравӣ ба амал омад, маҳз бо ҳамин восита сурат гирифт. Ҷавоби қатъӣ ё муборизаи ҷиддӣ ба ин гуна ҳамлаҳо бо роҳи истифода аз методҳои худи хамлагарон ба роҳ монда мешавад. Дезинформатсия яке аз ин методҳо аст. Тамоми иттилоотӣ омада аз хориҷ бояд безарар гардонида шаванд ва ҷавоби хешро дарёбанд. Технологияи худи бояд инкишоф дода шавад. Стратегияи махсуси мубориза таҳия шавад ва он тамоми ҷанбаҳои муборизаро асоснок намояд.

Америко барои тамоми ҷаҳон барномаи махсуси худро доро аст. Авруосиё низ истисно нест. Барномаи ғасби Авруосиё дар доираи доктринаи "ҳалқаи анаконда" сурат мегирад. Аммо геополитикаи анъанавӣ ба ақидаи неоатлантистҳо моҳияташро гум кардааст. Ҳатто онҳо ба Heartland бо назари шубҳа менигаранд. Дар асл масъала тағйир наёфтааст, масъалаи асоси ҳанӯз ҳам ҳалли хешро пайдо накард. "Вашингтон ба мантиқи геополитикаи анъанавӣ амал карда истодааст" Амрико ҳукумрони ҷаҳон нашуд. Баъди низоми дуқутбӣ ва яккақутбӣ, низоми бисёрмарказӣ шакл гирифт [6, с.46].

Амрико танҳо дар асри XX ба Авруосиё сар халонд. Мақсади онҳо тағйир накарда буд. Ҳамон муносибатеро, ки бо халқиятҳои таҳҷоии худ раво диданд дар инҷо низ ҳамонро мехостаанд амали гардонанд. Воситаҳо моддӣ махсусан сарватҳои табиӣ ва энергия, ки барои мавҷудияти Амрико лозим буд дар Авруосиё фаровон дида мешуд аз ҳамин сабаб ИМА барои мавҷудияти хеш бояд дар "ҷаҳони кӯҳна" нуфуз пайдо мекард.

Барои чи Амрико арзишҳои демократиро бо ин қадар кӯшишҳои ҷиддӣ ҳимоя мекунад ва ҳатто мехоҳад ояндаи дигар халқиятҳо бо ин арзишҳо дурахшон кунад? Чи хеле маълум аст Амрико баъди пошхӯрии ва ё бӯҳрони ҷиддии бозори давлатҳои империалистӣ махсусан Британияи Кабир ташкил ёфт. Амрико худ қудрати бузург аст. Барои аз даст надодани бозори ҷаҳонӣ ва ҳимояи манфиатҳои миллии худ он бояд ба тамоми ресурсҳои фазои континенталӣ, махсусан Авруосиё дастраси пайдо намояд. Ин мақсад ба таври спектрӣ анҷом дода мешавад. Яке аз ин воситаҳо тавассути демократияи имитатсионӣ ва интиқолӣ он ба дигар кишварҳо сурат мегирад. Харидани элитаи сиёсӣ ва ҳифзи онҳо дар ниқоби демократия мақсади асосии ИМА аст. Натиҷаи ин кор дар он мебошад, ки Амрико ба тамоми ресурсҳои ҳаётии он кишвар дастраси пайдо менамояд. Он захираҳоро ба манфиати ИМА истифода мебарад. Яъне амалҳои маънавӣ барои ба даст овардани фоидаи моддӣ хизмат мекунад. Охири ин кор ташкили Ҳукумати Ҷаҳонӣ аст [6, с.24].

ИМА ва иттифоқчиёнӣ он махсусан давлатҳои ғарбӣ барои тамоми ҷаҳон консепсияҳои махсуси геополитикии худро доранд. Баъди оне ки ба ИҶШС ғолиб баромаданд, онҳо тавонистанд бисёре аз давлатҳои баъди шӯравиро ба ҷонибӣ худ кашанд. Бештари онҳо давлатҳои аврупои шарқӣ буд. Аммо новобаста аз муваффақиятҳои худ иттифоқи Атлантикаи Шимолӣ натавонист ба Heartland даст ёбанд. Қувваҳои ҳарбии Русия метавонад бо НАТО муқовимат кунад дар ҳолати дигар воситаҳои анъанавии мубориза арзишашонро гум карданд. Барои ҳамин Алянси Атлантизм бо тамоми кӯшиш кишварҳои гирду атрофи Русияро ба ҷониби худ кашидаистодааст. Асосан ин васеъшавиро васеъшавии ҷуғрофӣ меноманд. Шӯрои Амнияти СММ дар ин амал ҳеҷ таъсире расонида наметавонад, чунки дар амал он низ амаликунандаи манфиатҳои Атлантизм баҳисоб меравад. Меросхури бузурги шӯравиро лозим аст, ки худ танҳо ё бо дигар давлатҳо дар асоси манфиатҳои умумӣ манфиатҳои миллӣ ва амнияти миллии хешро ҳифз кунад. Он бояд барои ҳамкори бо тамоми давлатҳо омода бошад. Русия аз аввал бештар дар ҷанги муҳофизати ғолиб баромадааст аз ин ру дар замони муосир низ аз он метод метавон истифода кард.

Барои давлатҳои осиёи марказӣ (баъдишуравӣ) ва Афғонистон ИМА барномаи "Ҳамкории давлатҳои Осиёи Марказии Бузург"-ро ба роҳ мондааст. Ба ҳайати он давлатҳои осиёи марказӣ ва Афғонистон бо роҳбарии ИМА дохил шуда, ба ИМА имконияти дастраси ба захираҳои табии ин минтақаро фароҳам меоварад [7].Таваҷҷӯҳи давлатҳои ғарб ба ноҳияи Осиёи Марказӣ ҳанӯз аз замони "бозии бузург" шӯруъ мешавад. Бозингарони асосии он империяи Британия ва Русия маҳсуб меёфт. Аммо дар замони муосир дар ин ноҳия бозингарон зерин ба мисли Туркия, Эрон, Покистон, Ҳиндустон фаъоланд. Мақсади асосии давлатҳо дастраси пайдо кардан ба ресурсҳои

энергетикии ин минтақа ва назорат аз болои алоқаҳои нақлиётӣ мебошад, лекин Амрико дар ин минтақа мавқеи асосиро иҷро мекунад. Мақсади асосии Амрико дар ин минтақа дар доираи барномаи "Осиёи Марказӣ Бузург" ташкил додани бозори озод, сиёсати кушод ва аз ҳама муҳим нигоҳ доштани муносибати хуби онҳо бо сиёсатӣ Вашингтон мебошад. Чунин шароит ба ИМА имконияти аз таъсири Руссия ва Хитой озод намудани осиёи марказӣ ва ба протекторати худ дохил кардани онҳоро фароҳам меорад.

Амрико муассиси ҳукумати ҷаҳонӣ буда, барои муттаҳид кардани ҷаҳон дар асоси арзишҳои либералӣ тамоми кушишҳоро ба харҷ медиҳад. Дар докринаи геополитики "Ҳамкории давлатҳои Осиёи Марказии Бузург" Тоҷикистон ҳамчун як колония баҳисоб меравад. Муттаҳидшави дар асоси манфиатҳои Амрико сурат мегирад. Дар барномаи "Ҳамкории давлатҳои Осиёи Марказии Бузург" Тоҷикистон танҳо бо Афғонистон умумиятҳои муттаҳидшави дораду халос. Боқимонда давлатҳо турктабор буда, аз ҷиҳатҳои гуногун фарқ доранд [8]. Яке аз камбудиҳои асосии консепсияи мазкур маҳз ҳамин аст. Хуллас консепсияи мазкур ба манфиати Тоҷикистон набуда ҳатто зиддӣ он қарор дорад. Ташкилшавии иттиҳоди мазкур ба мавҷудияти тоҷик ҳамчун миллат зарбаи навбатӣ мешавад.

Осиёи Марказӣ дар низоми бисёрмарказӣ ва хусусан ҳартленд мақоми калон дорад. Абарқудратҳои минтақавӣ ва ҷаҳонӣ нисбат ба ин минтақа нақшаи геополитики доранд. Дар соли 1919 Уинстон Черчил чунин гуфта буд: "Осиёи миёна мисли гови ҷушоест, ки мунтазири тимсоӣ худ аст". Дар гузашта осиёи марказӣ осиёи миёна номбурда мешуд. Аслан номгузориҳам шартист [9]. Дар гузашта макони будубоши мардуми ориёӣ эронитабор буда, дар ҳудудҳои ду дарёи бузург Амударё ва Сирдарё ҳаёт басар мебурданд.

Аз ҷиҳати геополитикӣ андозанамоии Тоҷикистон падидаи нав аст. Зарур аст, ки доктринаҳои баранда дар геополитика дар тавсифи геополитикӣ истифода гардад:

Тоҷикистон ҷузъи муҳими ҳартленд маҳсуб мешавад. Бешубҳа дар гузашта ва дар шароити муосир чунин ҷойгоҳро касб кардааст. Ҳамчун ҷузъи минтақа Тоҷикистон объект ва предмети бозии бузург буд. Муборизаи Русия ва Илоёти мутаҳидаи Америка барои тоҷикзамин аҳамияти онро нишон медиҳад. Дар гузашта низ чунин статусро соҳиб буд;

Тоҷикзамин ҳамчун теллурократия. Табиист ки Тоҷикистон дар Ориё Вайҷаҳ шакл гирифтааст. Он билоди эрон аст. Он дар сарзамини паҳноварии машриқзамин ҷой гирифтааст, континент маҳсуб мешавад, он сарзамини аввалин инсоният аст;

Детерминизми географӣ, таъсири омили гидросферӣ дар шаклгирии тамаддуни тоҷикзамин. Тоҷикзамин бевосита месопотамияи осиёи миёна аст. Он Вароруд ва Мовароуннаҳр маҳсуб мешавад. Таъсири Ому ва Сир шаклгирии тамаддунро дар назди об ҳақ мебарорад. То кунун ҳам омили гидросферӣ барҷаста аст;

Тоҷикистон мутааллиқ ба Шарқ аст. Он ҷойи нур, ҳикмати машриқӣ ва бешубҳа Хуросон аст. Таълимоти геополитикӣ дар тоҷикзамин бояд ин факторҳоро баинобат гирад.

Шароити муосири инкишоф ҳолати дегуманистиро касб кардааст. Филантропи нисбат ба аҳолии олам паҳн намегардад. Он хоси иддаи мардум буда, инкишофҳам хоси онҳост. Масоили рушду инкишофи оянда, ки аз ҷониби элитаи ҷаҳонӣ сурат мегирад хоси тамоми олам нест. Системаи мазкур ботинан зиддиинсонӣ аст. Онҳо худро рептиолит мегӯянд. Аз ин нуқтаи назар зарур аст, ки дар бораи худ андешем. Албатта ин эгоизм нест, балки ҳаққи муваззафини олам аст.

Давлатҳо дар шароити глобализм вобаста ба айниятҳо тамоюли ҳамгирои доранд, ки дар меҳвари онҳо манфиатҳо аст. Манфиатҳо табиатан категорияи объективист. Барои мо ҷанбаи материалии ҳамгирои не, балки арзишӣ ва ҳадафи ҳамгироӣ муҳим аст. Аз он ҷонибе, ки маънавиёт бар моддиёт афзалият дорад, оянда ҳам бояд аз ҳамин контекст пешрафт кард. Чаро ки моддигароӣ капитализмро бавуҷуд овард. Капитализм яъне моддипарастӣ. Вобаста ба ин чорчӯбаҳои инкишоф муайян мегардад. Як бахши муҳими ҳамгироӣ низ ҷанбаи арзишии он аст. Чунки Хуросон моҳиятан нур ва фарҳанг аст.

Ҷустани айниятҳо ба васлгари ягона роҳест, ки иттиҳодро бавуҷуд меоварад. Зарур аст, ки бо андеша ва эътиқод иттиҳод биофарем, на бо манфиатҳо ва ғаразҳо. Замоне ки андеша ва эътиқод ваҳдат меофарад пеши роҳи онро ягон монеа гирифта наметавонад.

Муҳимтарин мушкилии шаклгирии иттиҳоди тоҷикон дар ихтилофи мазҳабӣ мебошад. Оё ин масъала ҳаллӣ худро дорад? Масъалаест, ки танҳо хоси Хуросон нест. Аслан проблема дар сари мазҳаб нест. Иддае ҳастанд, ки аз ин суд мебаранд. Бо ҷори кардани масъалаи шиъа ва суннӣ либерализатсия ва ғарбизатсия хуб ба роҳ монда мешавад. Дар ваҳдати мазоҳиб зарур аст, ки ихтилофкобӣ нашавад. Зарур аст, ки ҷабҳае алайҳи душман бисозем дигар ҳамаи масоил ҷойи худро пайдо мекунад.

Тақдири миллатҳо ва давлатҳо дар дасти худи онҳост. Онҳо худ муайянкунандаи самти фаъолияти худ дар низоми геополитикии олам ба ҳисоб меравнад. Аммо ақлу заковати сиёсатмадорон ва дарки амаиқи манфиатҳои халқ дар ҳама ҳолат пешдаст буд ва пешдаст мемонад. Коркарди тарҳи геополитикӣ барои кишварҳо вазифаи аввалиндараҷаи худи онҳо мебошад. Тарҳи геополитикӣ дар асоси омӯзиши воқеияти геополитикии ҷаҳон ба вуҷуд меояд.

***Адабиёт***


1. Афзоиши қарзи Тоҷикистон ба Чин [Матни электронӣ]. – Режими дастрасӣ: https://parstoday.com/tg/news/tajikistan (сан. истиф.: 08.04.2025).
2. Зокиров, Г. Н. Геополитика / Г. Н. Зокиров. – Душанбе: Эҷод, 2009. – 324 с.
3. Маринченко, А. В. Геополитика / А. В. Маринченко. – Москва, 2009. – 261 с.
4. Назриев, К. Қ. Сиёсати автаркия (худкифоӣ) – василаи ҳифз ва таҳкими истиқлолияти давлатии Тоҷикистон дар шароити муосир, ояндаи наздик ва дур // Ба қуллаҳои дониш. – 2016. – №13. – 10 сентябр.
5. Паромонов, В. Формирование геополитической ситуации в Центральной Азии – внешние факторы / В. Паромонов // Центральная Азия и Кавказ. – 2000.
6. Черкасов, И. А. Геополитика / И. А. Черкасов. – Москва, 1999. – 106 с.
7. Шанхайская организация сотрудничества [Матни электронӣ]. – Режими дастрасӣ: https://ru.wikipedia.org (сан. истиф.: 08.04.2024).
8. Mackinder, H. Geographical Pivot of History / H. Mackinder // Geographical Journal. – 1904. – Рус. тарҷ.: Элементы. Евразийское обозрение, 1996.
9. Nazriev, K. Great Khorasan: a geopolitical model within the framework of multipolarity [Матни электронӣ]. – Режими дастрасӣ: https://www.geopolitica.ru/en/article/great-khorasan-geopolitical-model-within-framework-multipolarity


## ВОҚЕИЯТИ ОЛАМИ МУОСИР ВА ҲАДАФҲОИ ГЕОПОЛИТИКИИ ТОҶИКИСТОН ДАР РАВАНДИ ТАҲИЯИ ОН


Мақолаи мазкур дарбаргирандаи масъалаҳои назариявӣ ва консептуалии омӯзиши дарки омлаи муосир ва мушахасгаронии ҳадафҳои геополитикии актори сиёсати ҷаҳонӣ ва минатавқӣ буда низоми назариявӣ ва амалии омӯзиши онро фарогир мебошад. Дар охири солҳои 80-ум ва аввали солҳои 90-ум дар харитаи сиёсии ҷаҳон тағйироти азиме сурат гирифт, яке аз қутбҳои ҷаҳон, давлати ИҶШС аз байн рафт. Бо бавуҷудоии ин ҳолат бештар омилҳои объективӣ ва субъективӣ мусоидат карданд. Пеш аз ҳама фишорҳо аз ҷониби ИМА ва тарафдоронаш ин ҳолатро бавуҷуд овард. Ғарб кӯшиш кард, то ба сарҳади Русияи нав наздик шавад ва дар ин кор хело пешрафт намуд.

Баъди як қатор кӯшишҳо барои ҷанг маълум шуд, ки дигар масоилҳои мубрамро ба воситаи ҷанги ошкоро ҳал кардан номумкин аст. Ҷаҳон дар давраи Ҷанги Сард ба таври куллӣ тағйир карда буд. Ҳамин тағйиротҳо боиси як қатор дигаргуниҳои ҷиддӣ дар сиёсати ҷаҳонӣ шуд. Махсусан яке аз ин тағйиротҳои бузург моҳи декабри соли 1991 ба амал омад. ИҶШС аз байн рафт.



**Калидвожаҳо:** геополитика, давлат, консепсия, олами муосир, ҳадафҳои геополитикӣ, омӯзиш, қудрати ҷаҳон.


## РЕАЛЬНОСТЬ СОВРЕМЕННОГО МИРА И ГЕОПОЛИТИЧЕСКИЕ ЦЕЛИ ТАДЖИКИСТАНА В ПРОЦЕССЕ ЕГО РАЗВИТИЯ


В статье рассматриваются теоретические и концептуальные вопросы изучения современного общественного восприятия и специфики геополитических целей глобальных и региональных политических акторов, а также излагается теоретическая и практическая система ее изучения. В конце 1980-х и начале 1990-х годов политическая карта мира претерпела серьезные изменения в связи с распадом одного из мировых полюсов — Советского Союза. Во многом сложившейся ситуации

способствовали объективные и субъективные факторы. Такая ситуация была вызвана прежде всего давлением со стороны США и их сторонников. Запад пытался приблизиться к границам новой России и добился в этом начинании больших успехов.

После ряда попыток войны стало ясно, что решить остальные насущные вопросы путем открытой войны невозможно. Во время холодной войны мир кардинально изменился. Эти изменения привели к ряду серьезных сдвигов в мировой политике. Одно из таких крупных изменений произошло в декабре 1991 года. СССР исчез.

**Ключевые слова:** Геополитика, государство, концепция, современный мир, геополитические цели, исследование, мировая держава.

## REALITY OF THE MODERN WORLD AND GEOPOLITICAL GOALS OF TAJIKISTAN IN THE PROCESS OF ITS DEVELOPMENT

The article examines theoretical and conceptual issues of studying modern public perception and specifics of geopolitical goals of global and regional political actors, and also presents a theoretical and practical system of its study. In the late 1980s and early 1990s, the political map of the world underwent major changes due to the collapse of one of the world poles, the Soviet Union. In many ways, objective and subjective factors contributed to the current situation. This situation was caused primarily by pressure from the United States and its supporters. The West tried to get closer to the borders of the new Russia and achieved great success in this endeavor.

After a number of attempts at war, it became clear that it was impossible to resolve other pressing issues through open war. During the Cold War, the world changed dramatically. These changes led to a number of serious shifts in world politics. One of these major changes occurred in December 1991. The USSR disappeared.

**Keywords:** Geopolitics, state, concept, modern world, geopolitical goals, research, world power.

**Дар бораи муаллиф**
Абдуллоев Нуралӣ Содиқович
Аассистенти кафедраи сиёсатшиносӣ ва робита бо ҷомеа
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
Суроға: ш. Душанбе, н. Сино, кучаи Мояковский 6, хонаи 36.
E-mail: 230219971a@gmail.com

**Об авторе**
Абдуллоев Нурали Содикович
Ассистент кафедры политологии и связей с общественностью
Академия государственного управления при Президенте Республики Таджикистан
Адрес: г. Душанбе, район Сино, улица Маяковского 6, квартира 36
E-mail: 230219971a@gmail.com

**About the Author**
Abdulloev Nurali Sodikovich
Assistant at the Department of Political Science and Public Relations
Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan
Address: Dushanbe city, Sino district, Mayakovsky Street 6, Apartment 36
E-mail: 230219971a@gmail.com

ТДУ 327(510:581):323.28

# РОБИТАҲОИ АФҒОНИСТОН ВА ЧИН ДАР ПАСМАНЗАРИ ТАҒЙИРИ НИЗОМҲОИ СИЁСӢ ДАР АФҒОНИСТОН: МУШКИЛОТ ВА ДУРНАМО

***Давлатов Р. М.***
*Маркази мероси хаттии назди Раёсати АМИТ*

Кишварҳое, ки аз нигоҳи ҷуғрофиёӣ дар канори ҳам қарор гирифитаанд, сарфи назар аз сатҳ ва кайфияти робитаҳо дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ дорои собиқаи муносибатҳои қадим ва ҷадид мебошанд. Афғонистони кунунӣ ё ба ривояти таърихӣ Ориёни куҳан ва баъдан Хуросони Бузург бо Чини қадим аз рӯзгори бостон, на танҳо ду сарзамини ҳамсоя ва ҳамҷавор, балки ду тамаддуни бошукуҳ дар канори ҳам буданд ва дар тӯли асрҳо доду ситад ва муносибатҳои хос доштанд. “Ҷодаи абрешим” барҷастатарин намоди ин муносибатҳо ба шумор мераваад. Дар соли 130 пеш аз мелод Ҷиянг Ҷиён аввалин сафири императории силсилаи Ҳон ба сарзаминҳои Ориёно дар моварои дарёи Ому мусофират кард. Аз ин ҷониб ҳам сафири дарбори Кушонӣ ба дарбори императорони Чин дар рафту омад буд. Бо мурури замон ғубори таърих бар рӯйи ҳар ду тамаддуну сарзамин нишаст ва то асри XX ду кишвар дар саҳнаи байналмилалӣ нақши муассире надоштанд ва ҳузурашон қобили эҳсос набуд. Ҳарчанд ҳарду кишвар дар қарнҳои ахир бо истеъмори Аврупо мубориза мекарданд ва шаклгирии давлати ҷадид дар Чин дар нимаи дувуми асри гузашта ва инчунин суботи нисбии сиёсӣ дар Афғонистон боис шуд, ки муносибатҳои ду ҷониб шакли тозае ба худ бигиранд.

Дар соли 1922 аввалин сафири Афғонистон Муҳаммадхон озими Чин шуда, дар шаҳри Кошғар истиқомат ихтиёр кард. Дар соли 1943 миёни Чин ва Афғонистон Шартномаи дӯстӣ ба имзо расид. Соли 1949 Ҷумҳурии мардумии Чин таъсис шуд, аммо Афғонистон дар ба расмият шинохтани он таъхир намуда, баъди ду сол, дар соли 1951 онро ба расмият шинохт. Равобити дипломатии байни ду кишвар дар соли 1955 барқарор гардиданд [1, с. 231].

Дар бештар аз 40 соли охир, ки шаш маротиба низомҳои сиёӣ дар ин кишвар бо роҳи хушунатбор тағйир ёфт, аз замони суқути Ҷумҳурии М.Довудхон то низоми дувуми “Толибон” дар соли 2021 муносибатҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии Афғонистон ва Чин каму беш идома ёфтааст.

Соли 1963 зимни сафари як ҳайати босалоҳияти чинӣ ба Кобул Қарордоди миёни Афғонистон ва Чин ба манзури ҳалли ихтилофоти марзӣ дар минтақаи Вахони Бадахшон ва иёлати Синзсяни Чин ба имзо расид. Ҳалли мунокишаи марзӣ бар асоси ин қарордод заминаи густариши ҳамкориҳои иқтисодӣ ва тиҷоратиро миёни ду кишвар бештар фароҳам намуд. Ҳамин тавр, сатҳи муносибатҳои бештар тақвият пайдо намуд ва дар соли 1964 шоҳи Афғонистон Муҳаммад Зоҳиршо бо як сафари расмӣ ба Пекин сафар намуд. Дар ҳамон сол Ражин Вю, муовини сарвазири ҶХЧ аз Кобул дидан намуд, ки боиси бештар таҳким пайдо намудани муносибатҳои дуҷониб гардид [5, с. 102].

Соли 1973 низоми сиёсии салтанатӣ дар Афғонистон сарнагун шуда, ба ҷойи он низоми ҷумҳурӣ барқарор карда шуд. М.Довудхон ба далели он ки дар дохили ҳукумат афроди чапгаро нуфуз доштанд ва инчунин ба далели майли худаш барои ҳамкорӣ бо Иттиҳоди Шӯравӣ сиёсати худ нисбат ба Чинро бо эҳтиёт пеш мебурд. Дар ҳамон соли 1973 Чин ҷумҳурии навтаъсиси Афғонистонро ба расмият шинохт. Аммо дар айни ҳол ба делели нуфузи Маскав дар Афғонистон сиёсати худро эҳтиёткорона пеш мебурд.

Дар соли 1978 қувваҳои ҷонибдори Иттиҳоди Шуравӣ ҷумҳурии М.Довудхонро суқут дода, худи ӯро ба қатл расонида, ҳокимияти сиёсиро дар ихтиёр гирифтанд. Баъди ин таҳаввулот муносибати эҳтиёткоронаи Чин бо Афғонистон якбора ба сардӣ гароид. Аммо ҳадди ақали муносибатҳо зоҳиран ҳифз шуда буд. Бинобар ин, Шурои инқилобии Афғонистони таҳти роҳбарии Ҳизби демократики халқ ба унвони роҳбари Ҳизби коммунистии Чин нома фиристода, аз он дархост намуд, ки низоми коммунистии Афғонистонро ба расмият бишносанд ва

муносибатҳои дипломатии худро дубора барқарор намоянд. ҶХЧ бидуни таъхир ба ин дархост посух дода, ҳокимияти коммунистии Афғонистонро ба расмият шинохт.

Моҳи декабри соли 1979 қувваҳои маҳдуди Иттиҳоди Шуравӣ вориди Афғонистон шуданд ва ҶХЧ дар як эъломияи расмӣ ин иқдоми Иттиҳоди Шуравиро ба шиддат маҳкум намуд. Ин эъломия боис шуд, ки Кобул сатҳи муносибатҳои дипломатии худ бо Чинро коҳиш диҳад [8, с. 1-8]. Дар вокуниш ба ин қидоми ҳукумати Афғонистон давлати Чин сафири худро аз Кобул фаро хонд ва муносибатҳои худ бо ин кишварро ба ҳадди ақал коҳиш дод. Чин на танҳо ба ин кор даст зад, балки ба маъракаи васеи кишварҳои ғарбӣ алайҳи Иттиҳоди Шуравӣ дар Афғонистон ҳамроҳ шуд ва ба гурӯҳҳои исломгаро дар ҷанги муқобили қувваҳои Шуравӣ кумак намуд. Кумакҳои Чин тавассути Покистон ба дасти гурӯҳҳои исломгарои Афғонистон мерасиданд.

Дар соли 1992 режими коммунистии Афғонистон бо роҳбарии М.Наҷибулло суқут кард ва муҷоҳиддин ё гурӯҳҳои исломгаро бо роҳбарии С.Муҷаддадӣ ва баъди он Б.Раббонӣ қудратро дар даст гирифтанд. Дар маҷмуъ таҳаввулоти даҳ соли ҳузури коммунистҳо дар қудрати сиёсӣ ва ба сари кор омадани гурӯҳҳои исломгаро ба думболи он боис шуд, ки муносибатҳои Чин ва Афғонистон то нуктаи поёнтарин коҳиш пайдо намоянд ва Чин боқимондаи кормандони дипломатии худро аз Кобул фаро хонда, дари сафорати худро баст [7, с. 232].

Дар соли 1996 ҳукумати гурӯҳи тундрави "Толибон" Ҳукумати муҷоҳиддинро дар Кобул сарнагун кард ва ҳокимияти сиёсиро дар даст гирифт. Аммо ҳукумати ин гурӯҳ, ки Аморати исломии Афғонистон унвон шуда буд, аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ эътироф нашуд ва танҳо се кишвар Покистон, Арабистони Саудӣ ва Амороти муттаҳиддаи арабӣ ин ҳукуматро ба расмият шинохта бо он робита барқаро намуданд. Ин давраи ҳукумронии "Толибон" то соли 2001 давом намуд ва онро дар таърихнигории сиёсати хориҷии Афғонистон ба унвони "давраи инзивои сиёсати хориҷӣ" ном мебаранд. Дар ин давра на танҳо Чин, ҳеҷ кишваре ба ҷуз се кишвари номбурда бо Афғонистон робитаи сиёсӣ надоштанд. Агарчанд бархе манбаъҳо аз сафари ҳайати чинӣ дар соли 2000 ба Афғонистон ва мулоқоти он бо роҳбари пешини гурӯҳи "Толибон" Мулло Умар дар Қандаҳор иттилоъ меҳиданд, вале онро сафари бенатиҷа медонанд [4, с. 119].

Толибон дар ин давра сиёсатеро пеш мебурданд, ки боиси норизоятӣ ва хашми мақомоти Чин мешуд. Аз ҷумла, ин гурӯҳ дар сиёстаи хориҷии худ аз ҳамаи нерӯҳои исломгаро дар атрофи олам ҳимоят намуда, гурӯҳҳои исломгарои Чинро низ таҳти ҳимоят қарор дода, дар солҳои 1996-2001 ба уйғурҳои мухолифи ҳукумати Чин дар Кобул дафтари корӣ ва қароргоҳ доданд [6]. Ин ҳолат боиси бештар шудани нигаронии Чин аз вуҷуд ва ҳузури толибон дар Афғонистон ва сиёсати пешгирифтаи онҳо гардид. Чин дар ин миён ҳимояти худ аз давлатии расмии Афғонистон бо роҳбари Б.Раббониро, ки пойтахти худро ба шимоли кишвар, Тахор ва Бадахшон интиқол дода буд, ҳамкорӣ намуда, аз муборизаи онҳо ба муқобли толибон ҳимоят намуд. Толибон ҳимоят аз гурӯҳҳои исломгарои минтақаи Синзяни Чинро аз воҷиботи динии худ дониста, роҳбарони онро паноҳ дода ва ҳимоят мекарданд. Дар соли 1998 ИМА ба пойгоҳҳои толибон ва Ал-қоида дар Қандаҳор ҳамла намуд. Чин ба хотири он ки ризояти толибонро ба даст биорад ва онҳо аз ҳимояти исломгароҳои Синзян даст бардоранд, ин ҳамлаи ИМА-ро маҳкум кард. Аммо ин иқдом ва сафари ҳайати чинӣ ба Афғонистон ва мулоқоташ бо Мулло Умар ба нафъи Чин натиҷа надошт.

Дар охири соли 2001 низоми "Толибон" дар натиҷаи ҳамлаи ҳавоии ИМА ва муборизаи нерӯҳои Давлати исломии Афғонистон ва Ҷабҳаи муттаҳиди шимол сарнагун карда шуд. Ҳукумати муваққатие, ки дар натиҷаи музокироти байниафғонӣ дар конфронси Бони Олмон ба вуҷуд омад, аз кишварҳои ҷаҳон хост, ки бо Афғонистон ҳамкорӣ кунанд. Чин ба ин дархости Ҳукумати муваққати Афғонистон посухи мусбат дод, дар моҳи декабри соли 2001 ҳукумати муваққати Афғонистон бо роҳбарии Ҳомид Карзайро ба расмият шинохт ва сафорати худро дар Кобул бозкушоӣ намуд.

Афғонистон ва Чин дар моҳи декабри соли 2002 Эъломияи Кобул дар мавриди ҳусни ҳамҷаворӣ ва ҳамсоягии некро имзо намуданд, ки заминаи муҳимеро барои густарииш робитаҳои дуҷониба фароҳам намуд. Инчунин, дар соли 2006 ду кишвар "Муоҳидаи ҳусни ҳамҷаворӣ, дӯстӣ ва ҳамкорӣ"-ро имзо намуданд, ки самтҳои асосии робитаҳои дуҷонибаро мушаххас намудаааст. Бар иловаи ин, Афғонистон ва Чин дар тули солҳои 2001 то 2019 бештар аз 30 мувофиқатнома, қарордод, ёддошгти тафоҳум ва соири санадҳои дигари дуҷонибаро ба имзо расонидаанд. Бояд

гуфт, амният ва иқтисод аз масъалаҳои аслии қарордодҳои дуҷониба маҳсуб мешавад. Ду кишвар дар заминаҳои тавсеаи иқтисодӣ, истихроҷи маъдан, манобеи табиӣ, энергетика, роҳсозӣ, нақлиёт, зироат ва барномаҳои зербиноӣ бо ҳамдигар тавофуқ доранд [7, с. 232].

Муносибатҳои ду кишвар баъди суқути низоми ”Толибон” дар соли 2001 (баъди дубора сари кор омадани толибон дар августи соли 2021 низ) шоҳиди таҳаввул ва рушди шигифтангезе шуд. Чин аз барномаи бозсозии Афғонистони баъди толибон ҳимоят намуд ва дар ҷаласаи Токио ба манзури ҷамъоварии кумак барои бозсозии Афғонистон дар соли 2010, 300 млн доллар кумаки бебозгашти молӣ дар ихтиёри Афғонистон қарор дод.

Соли 2010 Ҳомид Карзай ба Чин сафар намуд ва муносибатҳои ду кишварро ҳамсоягии нек, ва дӯстии ҷовидона номид. Ҳомид Карзай ва ҳукумати Афғонистон талош намуданд ба Чин итминон диҳанд, ки Афғонистон сиёсати мустақил ва бетарафиро пеша кардааст ва мехоҳад бо ҳамаи кишварҳо робитаи яксону дӯстона дошта бошад ва хоки Афғонистон василаи мудохилаи як кишвар алайҳи кишвари сеюм ва хусусан, ҳамсоя қарор нахоҳад гирифт. Дар натиҷа, ду кишвар дар соли 2011 Эъломияи ҳамкориҳои стратегиро имзо намуданд.

Ҳамин тавр, баъди ҳодисаҳои 11 сентябри соли 2001 дар ИМА ва суқути низоми “Толибон” ва руйи кор омадани ҳукумати нави Афғонистон заминаи густариши робитаҳои дуҷониба миёни Афғонистон ва Чин фароҳам шуд ва ду ҷониб аз ин фурсат ба таври ҳадди аксар истифода намуданд. Даҳҳо барномаи иқтисодӣ ва иҷтимоии Афғонистон, аз роҳсозӣ, то сохтмони бемористонҳо, корхонаҳои истихроҷи маъдани табиӣ ва ғайра бо сармоягузории Чин иҷро шуданд.

Дар ин миён гурӯҳҳои исломгарои мухолифи давлати Афғонистон дубора фаъол шуданд ва вазъияти низомӣ ва сиёсиро ба чолиш мекашиданд. Аммо аз солҳои 2006 ба баъд рӯйкард ва нигоҳи Чин ба вазъият ва равандҳои дохилӣ ва қувваҳоси сиёсӣ дар Афғонистон назар ба охири садаи бист ва аввали асри бисту як фарқ мекард ва мекунад. Ба ҳамин далел буд, ки Чин бори аввал дар соли 2015 аз Ашраф Ғанӣ, президенти Ҷумҳурии исломии Афғонистон хост, ки бо “Толибон” музокира кунад. Чин мисли Эрон ва Русия баъди соли 2012 робитаҳои худро бо гурӯҳҳои исломгарои мухолифи давлати Афғонистон ҳам ба роҳ андохт. Ҳамин тавр, дар соли 2021, қабл аз он ки толибон ҳокимияти сиёсиро дар Афғонистон ғасб кунанд, Чин ҳайати ин гурӯҳро дар Пекин дар сатҳи олӣ пазироӣ намуд. Ин иқдом аз тағйири рӯйкард дар сиёсати Чин нисбат ба Афғонистон ва равандҳои дохилии он хабар медод.

15 августи соли 2021 “Толибон” дубора ҳокимияти сиёсиро дар Афғонистон забт намуданд. Ягон кишвари олам то кунун ҳукумати ин гурӯҳро, ки онро таҳти унвони “Аморати исломии Афғонистон” эълон намуданд, ба расмият нашинохтааст. Агарчанд бархе кишварҳо намояндаҳои толибонро ба унвони дипломат қабул кардаанд. Чин танҳо кишваре мебошад, ки фиристодаи “Толибон”-ро ҳамчун сафир қабул намуда, сафири нави худро ҳам дар Кобул тайин кардааст. Аммо ҳамчунон ба таври расмӣ аз эътирофи ҳукумати “Толибон” сарфи назар кардааст.

Дар айни ҳол бояд гуфт, ки ҳузури сиёсӣ ва низомии ИМА дар Афғонистон яке аз монеаҳои густариши ҳамкориҳои Чин бо Афғонистон буд. Баъди берун шудани неруҳои ИМА аз ин кишвар Чин аз фурсати пешомада ба таври ҳамаҷониба истифода намуд ва ҳузуру нуфузи худро дар Афғонистон тақвият намуд.

Ҳоло ҷойи холии ширкатҳо ва соҳибкорони ғарбиву шарқиро дар Афғонистон ширкатҳои чинӣ пур мекунанд. Чиниҳо дар бахши истихроҷи маъдан, нафту газ, мису оҳан ва дигар филизот, сохтмони роҳҳо ва неругоҳҳо бо “Толибон” ҳамкорӣ ва дар ин бахшҳо сармоягузорӣ мекунад. Бинобар ин, “Толибон” Чинро шарики асосии сиёсӣ ва иқтисодии худ медонанд.

Бо фароҳам шудани фурсат, ҳанӯз моҳи августи соли 2021 садҳо соҳибкори чинӣ вориди Кобул шуданд. Ва то охири ҳамон сол корхонаи “Чайна-тауна”-ро дар пойтахти Афғонистон бо даҳҳо корхонаи истеҳсоли либос, нассоҷӣ ва пойафзол ба кор даровarданд.

Дар ҳамон моҳи августи соли 2021 ба мақсади осон кардани рафтуомади соҳибкорони чинӣ ва робитаҳо ду тараф Кумитаи тиҷоратии Чину Афғонистонро таъсис доданд. Соҳибкорони чинӣ дар Кобул бовар доранд, ки "дар Афғонистон имкониятҳои тиҷорат нисбат ба хатарҳо бартарӣ доранд." Аз ҷумла, "бозори озод, набудани рақибон ва дурнамои рушди лоиҳаҳои чинӣ" асли

масъала мебошад. Ба думболи он чиниҳо аввалин лоиҳаи инфрасохториро, ки сохтмони парки саноатӣ мебошад, оғоз карданд.

Бояд гуфт, ки таваҷҷуҳи бештари Чин ба сарватҳои табиии Афғонистон аст. Дар ин ҷо конҳои дастнахурдаи металҳои нодир ва ранга ва сиёҳ мавҷуданд. Дар ин миён литий ниҳоят қиматбаҳо ва дорои аҳамияти стратегӣ мебошад, зеро ин метал дар истеҳсоли батареяҳои электромобил дар ҳоли ҳозир маводи бебадал мебошад.

Чин дар соли 2022 ба истихроҷи мис дар кони миси Айнак, дар лугар, истихроҷи сангҳои қимматбаҳо дар Бадахшон ва нафту газ дар вилояти Сари пул шуруъ намуд. Ин бузургтарин кони мис ҳисоб меравад. Ҳеҷ яке аз ширкатҳои байналмилалӣ ва кишварҳои дигар ба ҷуз Чин натавониста аст ба ин манобеи Афғонистон дастрасӣ пайдо кунад.

Дар аввали соли 2023 "Толибон" бо ширкати чинии "Xinjiang Central Asia Petroleum and Gas" қарордоди истихроҷи нафт дар ҳавзаи Амударёро барои 25 сол имзо карданд. Чин солона дар ин лоиҳа 150 миллион доллар сармоягузорӣ мекунад ва дар се сол ин миқдор ба 540 миллион доллар хоҳад расид.

Илова бар ин, моҳи майи соли 2023 "Толибон" дар ҳамкорӣ бо Чин ва Покистон мувофиқа намуданд, ки Афғонистонро ба лоиҳаи "Як камарбанд, як роҳ" – Долони иқтисодии Чину Покистон (CPEC)" шомил кунанд.

Бояд таъкид намуд, ки яке аз масъалаҳои аслӣ ва омили муҳим дар муносибатҳои масъалаи Афғонистон ва Чин ҳузури гурӯҳҳои исломгарои уйғуртабори чинӣ дар қаламрави Афғонистон мебошад. Пекин аз табдил шудани Афғонистон ба қаламрави ташаккул ва рушди ин гурӯҳҳо нигарон буда, намехоҳад, Афғонистон ба пойгоҳи ифрогароёни исломии уйғур табдил шавад. Ҳанӯз қабл аз ишғоли Кобул тавассути "Толибон", зимни сафари ҳайати ин гурӯҳ ба Пекин вазири хориҷаи Чин Ванг Йи бо "Толибон" мулоқот намуда, аз ин гурӯҳ тақозо кард, ки ҳама равобити мавҷуда бо ҷангиёни уйғурро қатъ кунад [2].

Бо мақсади ҳосил намудани ризояти Чин соли 2021 "Толибон" гурӯҳи уйғурҳоро аз минтақаҳои Бадахшон ва Тахор, ки дар наздикии марзи ду кишвар воқеъ аст, ба минтқаҳои марказӣ кӯчониданд. Аммо бояд гуфт, ки то ҳоли ҳозир ҳеҷ гуна иттилое роҷеъ ба он ки "Толибон" роҳбарони ин гурӯҳҳоро боздошт ва ба ихтиёри Чин вогузор карда бошанд, вуҷуд надорад. "Толибон" аз аъзои гурӯҳҳои уйғур ё Ҳаракати исломии Туркистони шарқӣ нахостааст, ки қаламрави Афғонистонро тарк кунанд. Аммо ба Чин ваъда додааст, ки ин гурӯҳҳо хоки Афғонистонро барои ворид намудани зарар ба манофеи Чин истифода нахоҳанд кард. Аммо мушкил хоҳад буд, ки Чин ба ин ваъда бовар кунад. Бояд гуфт, ки аз замони сари кор омадани "Толибон"то кунун чандин маврид ҳамла ба шаҳрвандони чинӣ дар Афғонистон сурат гирифт. Аз ҷумла охирин маврид ҳамла дар январи соли 2025 мушоҳида шуд, ки дар асари он як шаҳрванди чинӣ кушта шуд [9]. Бинобар ин, зуҳури гурӯҳҳои мазкур дар Афғонистон як мушкили аслӣ дар муносибатҳои ду ҷониб ва монеаи густариши ҳамкориҳо дониста мешавад.

Аз ҳамин лиҳоз аст, ки сиёсати Чин феълан ба нигаҳ доштан ва ҳифзи саромягузориҳое нигаронида шудааст, ки қарордодҳои онҳо ҳанӯз дар замони ҳукумати қаблӣ ба имзо расида буд барои имзои қарордодҳои нав ва сармоягузориҳои бузург талош надорад. Зеро ояндаро мубҳам мебинад. Аз нигоҳи дигар, Чин таҳлил дорад, ки Ғарб метавонад бо роҳандозии хушунатҳо дар минтақа монеи рушди лоиҳаҳои иқтисодӣ шавад ва ин тарҳҳои сармоягузориро ба хатар мувоҷеҳ кунад [3].

"Толибон" бо суръат сохтмони роҳи Вахонро барои пайваст шудан ба Чин пеш мебаранд. Аммо чиниҳо ба навъе изҳор доштанд, ки барои сохтмони қитъаи роҳи мазкур адр дохили Чин шитоб надоранд. Зеро то кунун ба суботи минтақа бовар надоранд.

Ҳамин тавр, масъалаҳои амниятӣ, мушкили гурӯҳҳои исломгарои ифротӣ ва ношинохта боқӣ мондани ҳукумати "Толибон" аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ барои густариши муносибатҳои Чин ва Афғонистон монеаи ҷиддӣ эҷод намудааст.


***Адабиёт***

1. Афғонистон ва ҷаҳон. Ҷ.1. – Кобул: Маркази мутолеоти стратегии ВКХ Афғонистон, 2007. – 232 с.

2. Делегация "Талибана" провела переговоры с главой МИД Китая [Манбаи электронӣ] . – URL: https://tass.ru/mezhdunarodnaya-panorama/12002223 (дастрасӣ: 26.01.2025).
3. Логунова К. Первый посол: Китай признал дипломата от талибов главой дипмиссии Афганистана [Манбаи электронӣ]. – URL: https://iz.ru/1643558/kseniia-loginova/pervyi-posol-kitai-priznal-diplomata-ot-talibov-glavoi-dipmissii-afganistana/ (дастрасӣ: 26.01.2025).
4. Мужда В. Афғонистон панҷ сол дар султаи толибон. – Кобул, 1390. – 201 с.
5. Нақибулло М. Чин. Ҷ.1. Кобул, 1391. – 102 с.
6. Ситез М. Саҳми ночизи Афғонистон аз робита бо Чин [Манбаи электронӣ]. – URL: https://www.bbc.com/persian/afghanistan/2012/11/121108_zs_afghan_china_relationship/ (дастрасӣ 25.01.2025).
7. Таманно Ф. Сиёсати хориҷии Афғонистон дар сипеҳри ҳамкориҳои минтақаӣ. – Кобул, 1393. – 232 с.
8. Paliwal A. Silent Game: China’s Engagement in Afghanistan. Observer Research Foundation, 2011. - P. 1-8.
9. واکنش وزارت خارجه چین به کشته شدن یک شهروند چینی درافغانستان [Манбаи электронӣ]. – URL: https://persian.cri.cn/2025/01/23/ARTI1737622629246448 (дастрасӣ: 26.01.2025).

## РОБИТАҲОИ АФҒОНИСТОН ВА ЧИН ДАР ПАСМАНЗАРИ ТАҒЙИРИ НИЗОМҲОИ СИЁСӢ ДАР АФҒОНИСТОН: МУШКИЛОТ ВА ДУРНАМО

Дар мақола таҳаввули муносибатҳои Афғонистон ва Чин дар шароити ивазшавии мунтазами низомҳо ва сохторҳои сиёсӣ дар Афғонистон дар охири асри XX ва аввали асри XXI мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Омилҳо ва сабабҳои сардии робитаҳои ду кишвар дар марҳилаҳои мухталиф зикр гардида, фурсатҳои ба вуҷудомада барои густариши робитаҳои дуҷониба дар марҳилаҳои хоси таърихӣ таҳлил шудааст. Таваҷҷуҳи хоса ба тағйирот дар ин муносибатҳо дар пасманзари бесуботии сиёсӣ дар Афғонистон, аз ҷумла ҳамлаи Шуравӣ, ҳукмронии муҷоҳидин ва ба қудрат расидани "Толибон" дода мешавад. Амалигароии Чин дар ҳамкорӣ бо Афғонистон, бахусус дар бахшҳои иқтисод ва захираҳои табиӣ, сарфи назар аз нигарониҳои Пекин дар бораи ҳузури гурӯҳҳои исломгарои уйғурӣ, таъкид мегардад. Дар мақола роҷеъ ба дурнамои робитаҳои ду кишвар ва омилҳое, ки боиси маҳдуд шудани густариши робитаҳои Афғонистон ва Чин шуда ва мешавад, мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд.

**Калидвожаҳо:** Афғонистон, Чин, сиёсати хориҷӣ, муносибатҳои дуҷониба, амнияти минтақавӣ, ҳамкориҳои минтақавӣ, гурӯҳҳои ифротӣ, ҳамкориҳои иқтисодӣ.

## АФГАНИСТАНСКО-КИТАЙСКИЕ ОТНОШЕНИЯ В КОНТЕКСТЕ РЕГУЛЯРНОГО ИЗМЕНЕНИЯ ПОЛИТИЧЕСКИХ РЕЖИМА В АФГАНИСТАНЕ: ВЫЗОВЫ И ПЕРСПЕКТИВЫ

В статье рассматривается эволюция отношений между Афганистаном и Китаем в контексте постоянной смены политических режимов и структур в Афганистане в конце XX — начале XXI вв. Отмечены факторы и причины охлаждения отношений между двумя стрнами на разных этапах, а также проанализированы возможности и потенциаль расширения двусторонних связей на конкретных исторических этапах. Особое внимание уделяется изменениям в этих отношениях на фоне политической нестабильности в Афганистане, включая советское вторжение, правление моджахедов и приход к власти "Талибана". Подчеркивается прагматизм Китая в сотрудничестве с Афганистаном, особенно в сфере экономики и природных ресурсов, несмотря на опасения Пекина относительно присутствия уйгурских исламистских групп. В статье рассматриваются перспективы отношений двух стран и факторы, которые ограничивали и продолжают ограничивать расширение отношений между Афганистаном и Китаем.

**Ключевые слова:** Афганистан, Китай, внешняя политика, двусторонние отношения, экстремистские группировки, безопасность, региональное сотрудничество, экономическое сотрудничество.

## AFGHANISTAN-CHINESE RELATIONS IN THE CONTEXT OF REGULAR CHANGES IN POLITICAL REGIMES IN AFGHANISTAN: CHALLENGES AND PROSPECTS

The article examines the evolution of relations between Afghanistan and China in the context of constant changes in political regimes and structures in Afghanistan in the late 20th - early 21st centuries. The factors and reasons for the cooling of relations between the two countries at different stages are noted, and the possibilities and potential for expanding bilateral ties at specific historical stages are analyzed. Particular attention is paid to the changes in these relations against the backdrop of political instability in Afghanistan, including the Soviet

invasion, the rule of the Mujahideen, and the rise to power of the "Taliban." China's pragmatism in cooperation with Afghanistan is emphasized, especially in the areas of economy and natural resources, despite Beijing's concerns about the presence of Uyghur Islamist groups. The article examines the prospects for relations between the two countries and the factors that have limited and continue to limit the expansion of relations between Afghanistan and China.

**Keywords:** Afghanistan, China, foreign policy, bilateral relations, extremist groups, security, regional cooperation, economic cooperation.

**Дар бораи муаллиф**

Давлатов Раҳматкарим Мирзокаримович
Номзади илмҳои таърих, директори Маркази мероси хаттӣ
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душнбе, к. Ш. Ҳусейнзода, 35
E-mail: rakhmatkarim@inbox.ru

**About the author**

Davlatov Rakhmatkarim Mirzokarimovich
Candidate of historical sciences, director of the Center for Written Heritage
National Academy of Science of Tajikistan
734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. Sh. Huseinzoda, 35
E-mail: rakhmatkarim@inbox.ru

**Об авторе**

Давлатов Рахматкарим Мирзокаримович
Кандидат исторических наук, директор Центра письменного наследия
Национальная академия наук Таджикистана
734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Ш. Хусейнзода, 35
E-mail: rakhmatkarim@inbox.ru

ТДУ 323.1(575.3)(091)"1992/2021"

# ТАЪРИХИ ТАШАККУЛ ВА ТАТБИҚИ СИЁСАТИ ДАВЛАТИИ ҶАВОНОН ДАР ТОҶИКИСТОН ДАР СОЛҲОИ (1992-2021) -

***Рустамӣ Ф. Ф.***
*Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Академик Бобоҷон Ғафуров*

Сиёсати давлатии ҷавонон яке аз самтҳои муҳими фаъолияти стратегии давлат ба шумор рафта, ҳамчун самти афзалиятноки сиёсати иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври марҳилавӣ татбиқ мегардад. Ин сиёсат тавассути таҳия ва амалисозии маҷмӯи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, барномаҳо, стратегияҳо ва консепсияҳои дахлдор оид ба ҷавонон ва фаъолияти онҳо амалӣ мешавад. Моҳият ва ҳадафи асосии он фарогирии ҳамаҷонибаи табақаи ҷавон ҳамчун омили калидии рушди устувори ҷомеа ва таъмини ояндаи он мебошад. Дар доираи ин сиёсати давлатӣ барои ҷавонон шароити мусоиди таҳсил, рушди шахсият, истироҳат, фаъолияти касбӣ ва ҳаёти иҷтимоӣ фароҳам оварда мешавад.

Худшиносӣ ва ҳувияти миллӣ, ки дар меҳвари он дарки амиқи таърихи гузашта, омӯзиши сабақҳои таърихӣ, шинохти арзишҳои миллӣ ва арҷгузорӣ ба дастовардҳои истиқлолияти давлатӣ қарор доранд, самтҳои муҳими рушди маънавии ҷавононро ташкил медиҳанд. Ин арзишҳо воситаи муҳими ташаккули ҷаҳонбинӣ ва тафаккури миллӣ буда, дар мустаҳкам намудани пояҳои ваҳдати миллӣ ва ҳамгароии иҷтимоӣ нақши ҳалкунанда мебозанд [3, с. 4].

Ҷавонон дар ҳама давру замон нерӯи асосии созанда ва муҳаррики пешрафти ҷомеа ба ҳисоб рафта, дар шароити муосир низ дар тамоми соҳаҳои ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ фаъолона иштирок доранд. Истиқлолияти давлатӣ шароити мусоиди ҳуқуқӣ ва ташкилӣ барои рушди ҷавонон фароҳам оварда, зарурати таҳия ва такмили заминаҳои ҳуқуқии марбут ба ҷавононро ба вуҷуд овард. Маҳз дар ҳамин замина ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон» тағйиру иловаҳои зарурӣ ворид карда шуданд [1, с. 3].

Ҷавонон ҳамчун неруи фаъоли иқтисодӣ бо ташкили корхонаҳо ва ширкатҳои хусусӣ дар таҳкими иқтисоди миллӣ саҳми назаррас мегузоранд. Онҳо дар татбиқи барномаҳои дастгирии соҳибкорӣ, омӯзиши малакаҳои касбӣ ва истифодаи технологияҳои навин иштирок доранд.

Ҷавонон, бахусус донишҷӯён, магистрантон ва аспирантон, дар таҳқиқоти илмӣ, таҳияи лоиҳаҳои навоварона ва татбиқи технологияҳои муосир фаъолона ширкат меварзанд. Онҳо дар баланд бардоштани сифати таълим ва таҳкими мавқеи илмии кишвар нақши муҳим доранд.

Ҷавонон меросбарони арзишҳои фарҳангии миллӣ буда, бо фаъолият дар соҳаҳои мусиқӣ, рассомӣ, театр, адабиёт ва дигар навъҳои санъати миллӣ дар рушди фарҳанги миллӣ саҳм мегузоранд.

Ҷавонон дар таҳияи лоиҳаҳои иҷтимоӣ, кӯмак ба табақаҳои ниёзманд, гузаронидани аксияҳои хайриявӣ ва дигар ташаббусҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ иштироки фаъолона доранд. Ин фаъолиятҳо дар таҳкими ҳамбастагӣ ва адолати иҷтимоӣ мусоидат менамоянд.

Низоми маориф дар шароити муосири иттилоотӣ на танҳо вазифаи маърифатӣ, балки яке аз муҳимтарин механизмҳои рушди иҷтимоӣ ва инсонӣ ба шумор меравад. Маориф на танҳо воситаи интиқоли дониш, балки муҳаррики ташаккули шахсият, ҷаҳонбинӣ ва ҳувияти миллӣ мебошад. Дар ин замина, таълиму тарбияи ҷавонон дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Консепсияи миллии таҳсилот ва дигар санадҳои дахлдор роҳандозӣ мегардад [5, с. 92].

Дар марҳилаи соҳибистиқлолӣ яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ муттаҳид намудани низоми маорифи миллӣ ба фазои таҳсилоти байналмилалӣ мебошад. Ин раванд имконият медиҳад, ки ҷавонони тоҷик дар баробари азхуд кардани арзишҳои миллӣ, ба талаботи ҷаҳони муосир мутобиқ шаванд ва дар майдони байналмилалӣ рақобатпазир гарданд. Дар ин росто, омӯзиши забони давлатӣ, таъриху фарҳанги миллӣ, инчунин забонҳои хориҷӣ – бахусус русӣ ва англисӣ – мавқеи махсус дорад.

Ташаккули ҷаҳонбинии илмии ҷавонон дар замони истиқлол бо суръати назаррас рушд кардааст. Ҷавонон дар конфронсҳои илмии сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ иштирок намуда, мақолаҳои илмии онҳо бо дастгирии давлат ба табъ мерасанд. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

бо мақсади дастгирии ҷавонони лаёқатманд стипендияҳои махсус, аз ҷумла стипендияи Президентии Ҷумҳурии Тоҷикистонро таъсис додааст, ки ҳар сол шумораи гирандагони он афзоиш меёбад. Ин иқдомот ҷавононро ба омӯзиш, таҳқиқот ва навоварӣ ҳидоят менамоянд.

Аз рӯзҳои нахустини ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ташаккули самтҳои муҳими ҳаёти ҷамъиятӣ – аз ҷумла сиёсат, иқтисод, иҷтимоёт ва фарҳанг – тадбирҳои фарогир ва ҳадафмандона роҳандозӣ гардиданд. Дар ин раванд, табақаи ҷавонон ҳамчун неруи ояндасоз ва захираи стратегии рушди кишвар мавқеи хоса пайдо намуд. Бо мақсади беҳсозии шароити зиндагӣ ва фаъолияти онҳо, таҳкими механизмҳои дастгирии давлатии ҷавонон ва вусъати иштироки фаъолонаи онҳо дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва давлатӣ, як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, қарорҳои ҳукуматӣ, барномаҳо ва стратегияҳои давлатӣ қабул ва амалӣ карда шудаанд, ки самараҳои мусбат ва натиҷаҳои чашмраси онҳо имрӯз ба таври возеҳ эҳсос мешаванд.

Дар замони соҳибистиқлолӣ як қатор рӯйдодҳо ва санадҳои муҳими дорои аҳамияти сиёсӣ ва иҷтимоӣ ба қайд гирифта шудаанд, ки заминаи ҳуқуқӣ ва ташкилӣ барои ташаккули сиёсати давлатии ҷавонон фароҳам овардаанд. Аз ҷумла:

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сиёсати давлатии ҷавонон», ки бо Қарори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 марти соли 1992 ба тасвиб расид, нахустин санади ҳуқуқии соҳаи мазкур ба ҳисоб меравад;
2. Мулоқоти расмии Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо намояндагони ҷавонон санаи 2 феврали соли 1993 баргузор гардид, ки оғози муколамаи мустақими роҳбарияти давлат бо ҷавононро ифода мекард;
3. Мулоқоти нахустини Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо намояндагони ҷавонон, ки 17 марти соли 1994 дар доираи Анҷумани якуми ҷавонони Тоҷикистон сурат гирифт, марҳилаи навро дар муносибати давлат бо ҷавонон боз намуд;
4. Марҳилаи ташаккулёбии низоми сиёсати давлатии ҷавонон бо мулоқоти сеюми Президенти кишвар бо ҷавонон, ки 23 майи соли 1997 баргузор шуд, заминаи ташкили сохторҳои махсусгардонидашудаи давлатӣ дар ин самт гардид.

Бо дарназардошти татбиқи Қонуни соли 1992, ҳамчунин тибқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 майи соли 1997 таҳти унвони «Дар бораи тадбирҳои беҳтар намудани кор бо ҷавонон», Кумитаи кор бо ҷавонон назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд, ки ин иқдом оғози ташкили низоми идоракунии давлатӣ дар самти ҷавонон ба ҳисоб меравад.

Рӯзи 16 майи соли 1998 мулоқоти чоруми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҷавонони лаёқатманди кишвар баргузор гардид. Дар он масъалаҳои муҳими таҳияи Консепсияи сиёсати давлатии ҷавонон, Барномаи миллии ҷавонони Тоҷикистон, эълон намудани санаи 23 май ҳамчун Рӯзи ҷавонони Тоҷикистон, инчунин тадбирҳо дар самти пешгирии ҷинояткорӣ ва нашъамандӣ, тарғиби тарзи ҳаёти солим, рушди соҳибкорӣ, ва коҳиши сатҳи бекорӣ мавриди таваҷҷуҳи роҳбарияти олии кишвар қарор гирифтанд.

Дар идомаи ин сиёсат, 21 майи соли 2005 мулоқоти навбатии Пешвои миллат бо ҷавонони ҷумҳурӣ доир гардида, вазифаҳои нави стратегии давлатӣ дар самти сиёсати ҷавонон таъйин шуданд.

Бо фароҳам омадани фазои сулҳу суботи миллӣ ва таъмини амният, заминаҳои ҳуқуқии сиёсати давлатии ҷавонон такмил ёфта, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон» дар таҳрири нав таҳия ва рӯзи 9 июни соли 2004 таҳти №1142 қабул гардид. Бо мақсади таҳкими тарбияи ватандӯстӣ миёни ҷавонон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 31 октябри соли 2005 Барномаи давлатии тарбияи ватанпарастии ҷавонони Тоҷикистон барои солҳои 2006–2010-ро тасдиқ намуд.

Дар пайи ин, бо мақсади ҳифзи саломатии ҷавонон ва пешгирии рафторҳои хавфнок ва одатҳои номатлуб, бори аввал дар таърихи кишвар, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯзи 3 марти соли 2006 Барномаи давлатии рушди саломатии ҷавонон барои солҳои 2006–2010-ро ба тасвиб расонид.

Дар доираи сиёсати давлатии ҷавонон то имрӯз як қатор барномаҳои миёна ва дарозмуддат таҳия ва амалӣ гардидаанд, аз ҷумла:
- Панҷ маротиба Барномаи миллии ҷавонони Тоҷикистон;
- Се маротиба Барномаи давлатии тарбияи ватанпарастии ҷавонони Тоҷикистон;
- Ду маротиба Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013–2015;
- Ҳамчунин Консепсияи миллии сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Ин ҳуҷҷатҳо на танҳо асосҳои ҳуқуқии сиёсати давлатии ҷавононро муайян месозанд, балки ҳадафҳои стратегии давлатро дар самти ташаккули насли бедору ватандӯст, соҳибмаърифат ва созанда инъикос менамоянд.

Дар шароити муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон, як силсила санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ амал мекунанд, ки заминаҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва амалии сиёсати давлатии ҷавононро ташаккул ва танзим менамоянд. Аз ҷумла, қонунҳо ва барномаҳои зерин дар ин самт аҳамияти калидӣ доранд:
- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон» (бо таҳрири нав аз соли 2021);
- Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон барои солҳои 2022–2026;
- Барномаи давлатии тарбияи ватандӯстӣ, таҳкими эҳсоси масъулияти шаҳрвандӣ ва ҳувияти миллии ҷавонони Тоҷикистон барои солҳои 2023–2027;
- Стратегияи сиёсати давлатии ҷавонон то соли 2030;
- Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон» аввалин маротиба 13 марти соли 1992 ба тасвиб расида, ҳамагӣ баъд аз шаш моҳи ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ қабул гардид. Ин санад аввалин заминаи ҳуқуқӣ ва ташкилии сиёсати давлатии ҷавононро дар мамлакат ташкил намуд. Таҳрири нави қонун рӯзи 23 декабри соли 2021 қабул гардида, заминаҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва тарбиявии рушди шахсӣ ва иҷтимоии ҷавононро муқаррар кард. Қонун дар баробари таъини принсипҳо ва самтҳои асосии сиёсати давлатӣ, тадбирҳои мушаххаси татбиқи амалии он, аз ҷумла истифодаи самараноки иқтидори зеҳнӣ ва маънавии ҷавононро барои манфиати ҷомеа дар назар дорад.

Қонун як қатор мафҳумҳои асосии марбут ба ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавононро ба таври дақиқ муайян намудааст, аз ҷумла:
- «Ҷавонон» – ҳамчун гурӯҳи иҷтимоӣ ва демографӣ, шахсони аз 14 то 30-соларо дар бар мегирад;
- «Иттиҳоди ҷамъиятии ҷавонон», «оилаи ҷавон», «муассисаи (хадамоти) иҷтимоии ҷавонон», «воҳидҳои зерсохтории ҷавонон» – ҳар кадом бо тафсири дақиқ ва фарогир тавсиф ёфтаанд;
- «Муассиса ё хадамоти иҷтимоии ҷавонон» – шахси ҳуқуқӣ, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва моликият, ки бо ҷавонон кор мекунад ва ба онҳо хизматрасониҳои иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ, тиббӣ, маишӣ, омӯзишӣ, моддӣ ва молиявӣ мерасонад;
- Ба чунин муассисаҳо инчунин соҳибкорони инфиродӣ шомиланд, ки дар самти хизматрасонии ҷавонон фаъолият менамоянд.

Мафҳуми «Сиёсати давлатии ҷавонон» ҳамчун маҷмӯи ягонаи тадбирҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва тарбиявӣ тавсиф мeёбад, ки аз ҷониби мақомоти ҳокимияти давлатӣ, ташкилоту муассисаҳо ва иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон таҳия ва татбиқ мегардад. Ҳадаф аз ин тадбирҳо таъмини рушду камолоти ҷавонон, ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои онҳо ва истифодаи пурсамари иқтидори онҳо ба манфиати ҷомеа мебошад.

Қонунгузории соҳа дар маҷмӯъ ба ҳадафҳои зерин равона гардидааст:
- Таҳкими рушди маънавӣ, фарҳангӣ, иҷтимоӣ ва ҷисмонии ҷавонон;
- Мусоидат ба иштирок ва масъулияти ҷавонон дар ҳаёти ҷамъиятӣ, сиёсӣ ва иқтисодии кишвар;
- Дастгирии моддӣ, молиявӣ ва иҷтимоии онҳо;
- Таҳкими ташаббусҳои иҷтимоие, ки дорои аҳамияти миллӣ ва иҷтимоӣ мебошанд.

Сиёсати давлатии ҷавонон дар низоми давлатдории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун бахши муҳим ва устувори сиёсати иҷтимоии давлат амал мекунад. Ин сиёсат нақши ҷавононро ҳамчун манбаи асосии ташаккули захираҳои инсонии кишвар эътироф менамояд. Дар меҳвари он идеяи таъмини шароити мусоид барои ба камол расидани насли худогоҳ, худшинос, ватандӯст ва соҳибмаърифат қарор дорад, ки дар оянда масъулияти рушди устувори ҷомеа ва пешбурди давлатдории миллӣ бар дӯши онҳост.

Дар давраи соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишондиҳандаҳои марбут ба таҳсилоти ҷавонон ва иштироки онҳо дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва давлатӣ тамоюли афзоишро касб намудааст. Агар дар соли 1991 шумораи донишҷӯён дар кишвар ҳамагӣ 70 ҳазор нафарро ташкил медод, имрӯз ин нишондиҳанда ба зиёда аз 200 ҳазор нафар расидааст, ки тақрибан се маротиба зиёдтар мебошад. Мувофиқи таҳлилҳои оморӣ, қариб 40 фоизи аҳолии ҷумҳуриро ҷавонони синну соли аз 14 то 30-сола ташкил медиҳанд ва синни миёнаи аҳолӣ 25 солро дар бар мегирад. Танҳо дар соли 2017 шумораи ҷавонон 33 фоиз афзоиш ёфта, ба ҳисоби миёна ҳамасола 1,9 фоиз суръати афзоиши шумораи ҷавонон ба қайд гирифта шудааст.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз ибтидои фаъолияти худ соҳаи маорифро ҳамчун бахши меҳварӣ ва афзалиятноки сиёсати давлатӣ муайян намуда, ба ислоҳоти куллӣ ва густурдаи ин соҳаи сарнавиштсози миллат оғоз бахшиданд. Дар натиҷаи ин ислоҳот ҳаҷми маблағгузории давлатӣ ба соҳаи маориф зиёд гардид, музди меҳнати омӯзгорон боло бурда шуд ва дастгирии давлатӣ аз ин қишри муҳими ҷомеа тақвият ёфт.

Аз ҷумла, таъсиси як қатор ҷоизаҳои давлатӣ ва президентӣ барои дастгирии ҷавонон ва омӯзгорон, аз қабили Ҷоизаи давлатии ба номи Исмоили Сомонӣ барои олимони ҷавон дар соҳаи илм (1998), Ҷоизаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф (2006), Ҷоизаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои олимон ва омӯзгорони фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ (2020), додани қитъаҳои замини наздиҳавлигӣ ба омӯзгорони ҷавон ва дигар имтиёзҳо заминаи мустаҳкамро барои баланд бардоштани сатҳ ва сифати таҳсилот, ҷорӣ гардидани низомҳои пешқадам ва такмили инфрасохтори соҳаи маориф фароҳам оварданд.

Бо ҳадафи ҳавасмандгардонии ҷавонон ва рушди неруи зеҳнӣ ва маънавии онҳо як қатор иқдомҳои назаррас амалӣ карда шудаанд. Аз ҷумла:

- таъсиси стипендияҳои президентӣ барои аспирантон ва олимони ҷавон;
- ҷорӣ гардидани квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дастгирӣ ва ҷалби духтарону писарони деҳот ба таҳсилоти олӣ;
- таъсиси стипендияҳои президентӣ барои хонандагону донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ;
- баланд бардоштани ҳаҷми стипендияҳо;
- таъсиси стипендияи байналмилалии «Дурахшандагон» барои донишҷӯёни тоҷик, ки дар хориҷи кишвар таҳсил мекунанд;
- ҷудо намудани грантҳои давлатӣ барои иттиҳодияҳои ҷамъиятии фаъол дар самти тарбияи ватандӯстии ҷавонон;
- баргузории ҷаласаҳои Шӯрои миллии кор бо ҷавонон дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- ҷалби ҷавонон ба вазифаҳои роҳбарикунанда, азнавсозӣ ва ободонии боғҳои фарҳангӣ, таъсиси марказҳои ҷавонон дар шаҳру ноҳияҳо, бунёди мактабҳо, донишгоҳҳо, китобхонаҳои сатҳи байналмилалӣ, толорҳои варзишӣ, боғу гулгаштҳои фароғатӣ ва сохтмони майдонҳои варзишии ҷавобгӯ ба талаботи замони муосир.

Дар ҳамин замина таъсиси Ҷоизаи давлатии ба номи Исмоили Сомонӣ барои олимон ва ихтироъкорони ҷавон (20 марти соли 1998) ҳамчун як иқдоми беназир барои дастгирии насли ояндасоз ва рушддиҳандаи илму маърифат дар кишвар арзёбӣ мешавад.

Дар давраи соҳибистиқлолӣ ин ҷоизаи давлатӣ беш аз 140 нафар ҷавонолимонро сарфароз гардонидааст. Муҳаққиқон масъалаҳои гуногуни ҳаёти маънавии ҷомеаро мавриди таҳқиқ қарор дода, дар таҳкими арзишҳои миллӣ ва рушди илму фарҳанг саҳми назаррас мегузоранд. Онҳо дастовардҳои худ ва пешрафтҳои илмӣ ва таҳқиқотиро натиҷаи дастгирии пайвастаи Асосгузори

сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон медонанд.

Эълони солҳои 2020–2040 ҳамчун «Бистсолаи омӯзиши илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ» имкониятҳои васеъ барои афзоиши таваҷҷуҳи хонандагону донишҷӯён ба фанҳои мазкур фароҳам овард ва заминаи рушди кашфиёту навовариҳоро фароҳам сохт. Ҳадафҳои бузурги давлатӣ, аз ҷумла эълони солҳои 2022–2026 ҳамчун «Солҳои рушди саноат», дар ҳамин замина бо ҷиддият амалӣ гарданд.

Тағйиру иловаҳои воридшуда ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 майи соли 2016 имкониятҳои навро барои фаъолият ва иштироки ҷавонон дар идоракунии давлат муҳайё сохт. Мувофиқи ин тағйирот, ҷавонон ҳуқуқ ва имкониятҳои бештар дар самтҳои гуногун, аз ҷумла фаъолияти соҳибкорӣ (моддаи 12), иштирок дар ҳаёти сиёсӣ ва идоракунии давлат (моддаи 27), меҳнат (моддаи 35), истироҳат (моддаи 37), ҳифзи саломатӣ (моддаи 38), иштирок дар ҳаёти фарҳангии ҷомеа (моддаи 40) ва таҳсил (моддаи 41) пайдо намуданд.

Бо мақсади ҳамоҳангсозии сиёсати давлатӣ дар соҳаи ҷавонон, дар сохтори олии қонунгузории кишвар – Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Кумитаи оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, ҳифзи сиҳати омма, илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонону занон таъсис ёфт, ки ба масъалаҳои муҳими марбут ба ҷавонон расидагӣ менамояд.

Соли 2017 дар таърихи сиёсати давлатии ҷавонон ҳамчун соли муҳим ва хотирмон сабт шуд. Он ҳамчун «Соли ҷавонон» эълон гардид ва ҳамзамон 25-умин солгарди ташаккули сиёсати давлатии ҷавонон ва 20-умин солгарди фаъолияти мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи кор бо ҷавонон таҷлил карда шуд. Ин иқдом нақши муҳим дар таҳкими сиёсати давлатии ҷавонон ва дастгирии онҳо бозид.

Рӯзи 21 майи соли 2021 мулоқоти навбатии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо намояндагони ҷавонони кишвар баргузор гардид. Дар суханронии худ Пешвои миллат ҷавононро ҳамчун мояи ифтихор ва сарбаландии миллат арзёбӣ намуда, таъкид доштанд, ки давлат ба онҳо эътимоди комил дорад, дастгирии ҷавононро қадр менамояд ва нақши арзишманди онҳоро дар ҳамаи ҷанбаҳои ҳаёти кишвар эътироф мекунад.

- Бо ҳадафи таҳкими заминаҳои ҳуқуқӣ ва институтсионалӣ барои дастгирии ҷавонон ва фароҳам овардани шароити мусоиди иштироки онҳо дар ҳаёти ҷамъиятӣ, сиёсӣ ва иқтисодӣ, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор санадҳои муҳими соҳа қабул ва амалӣ гардидаанд. Аз ҷумла:
- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон»;
- «Барномаи миллии ҷавонони Тоҷикистон»;
- «Барномаи давлатии тарбияи ватанпарастии ҷавонони Тоҷикистон»;
- «Барномаи рушди саломатии ҷавонон»;
- «Барномаи рушди иҷтимоии ҷавонон барои солҳои 2016–2018»;
- «Консепсияи миллии сиёсати давлатии ҷавонон»;
- «Стратегияи сиёсати давлатии ҷавонон то соли 2020».

Ин ҳуҷҷатҳо ҳамчун абзорҳои ҳуқуқӣ барои татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон хизмат карда, шароити мусоид барои рушди қобилиятҳои зеҳнӣ ва маънавии онҳо, ташаккули ҳувияти миллӣ, тарбияи ватандӯстӣ ва иштироки фаъолона дар ҳаёти кишвар фароҳам месозанд.

Имрӯз ҷавонони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар рушду пешрафти тамоми бахшҳои ҳаёти ҷамъиятӣ – сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ – нақши калидӣ доранд. Давлат ва ҷомеа зарурати дастгирии ҳамаҷонибаи ин қишри фаъоли аҳолиро эътироф намуда, бо пуштибонии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон заминаҳои воқеӣ ва устувор барои татбиқи ташаббусҳои созандаи ҷавонон муҳайё месозанд.

Ҷавонон ҳамчун сармояи миллии кишвар ва неруи созандаву пешбарандаи ҷомеа дар шароити сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ ба камол расида, дар рушду ободии Ватани азиз – Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми назаррас мегузоранд.

Дар давраи то истиқлол дар кишвар ҳамагӣ 13 муассисаи таҳсилоти олии касбӣ бо 69 ҳазор донишҷӯ фаъолият менамуд. Дар марҳилаи кунунӣ шумораи чунин муассисаҳо ба 41 адад расида,

теъдоди донишҷӯён зиёда аз 245 ҳазор нафарро ташкил медиҳад. Бо дарназардошти донишҷӯёне, ки дар хориҷи кишвар таҳсил менамоянд, ин рақам ба 285 ҳазор нафар мерасад. Айни замон беш аз 40 ҳазор нафар шаҳрвандони ҷавони Тоҷикистон дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ, магистратура ва аспирантураи кишварҳои хориҷӣ таҳсил доранд. Ин нишондиҳандаҳо шаҳодат медиҳанд, ки имкониятҳои таълимӣ барои ҷавонон ба таври назаррас васеъ гардидаанд.

Бо ҳадафи татбиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нақшаи чорабиниҳо барои солҳои 2020–2025 оид ба амалигардонии “Бистсолаи омӯзиш ва рушди илмҳои табиӣ, дақиқ ва риёзӣ”», солҳои 2020–2040 ҳамчун давраи омӯзиш ва рушди илмҳои мазкур эълон гардиданд.

Пешвои миллат пешниҳод намуданд, ки ҳамасола озмуни ҷумҳуриявӣ таҳти унвони «Илм – фурӯғи маърифат» баргузор гардад, то таваҷҷуҳи хонандагону ҷавонон, омӯзгорон ва муҳаққиқони ҷавон ба омӯзиши илмҳои табиатшиносӣ, риёзӣ ва дақиқ бештар гардида, дар заминаи он навовариҳо ва кашфиётҳои муосир ба амал оянд.

Бо мақсади баланд бардоштани маърифати умумӣ, таҳкими завқи китобхонӣ ва суханварӣ, арҷгузорӣ ба арзишҳои миллӣ ва фарҳангӣ, дар замони истиқлол озмунҳои ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ – китоб аст» ва «Тоҷикистон – Ватани азизи ман» роҳандозӣ гардиданд. Ин озмунҳо ба ташаккули зеҳнии ҷавонон, таҳкими худшиносӣ ва ҳувияти миллӣ, болоравии сатҳи суханварӣ ва мафкураи ватандӯстӣ мусоидат менамоянд. Ҳамзамон дар саросари кишвар марказҳои касбомӯзӣ, курсҳои кӯтоҳмуддат оид ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ, фанҳои технологияи иттилоотӣ (IT) ва барномаҳои мутобиқсозӣ бо бозори меҳнат фаъолият мекунанд, ки самти ҳадафии онҳо рушди қобилиятҳои касбӣ ва мутобиқсозии ҷавонон бо шароити муосири иқтисодӣ мебошад [4, с. 5–6].

Ҳамаи ин ташаббусҳо ва иқдомот гувоҳи равшани таваҷҷуҳи бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нисбат ба наврасону ҷавонон мебошанд. Ҳадафи асосии ин иқдомҳо ояндасозии ҷавонон ва омода намудани онҳо ҳамчун насли худогоҳ ва масъул дар назди Ватан аст. Аз ин рӯ, интизор меравад, ки ҷавонони кишвар посдори ин ғамхориҳо буда, бо иродаи қавӣ ва талоши пайваста дар рушди давлат, таҳкими сулҳу субот ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ саҳми арзандаи худро гузоранд.

Дар марҳилаи соҳибистиқлолӣ мавқеи Истиқлолияти давлатӣ сол то сол таҳким ёфта, бо ибтикори роҳбарияти олии кишвар ва саҳми фаъолонаи ҷавонон мазмун ва муҳтавои нав пайдо намуд. Ҷавонон ҳамчун қишри пешсаф ва ояндасоз, ҳимоягарони асосии истиқлол ва ваҳдати миллӣ ба шумор рафта, бо донишу маҳорат ва ҷаҳонбинии муосир дар арсаҳои миллӣ ва байналмилалӣ Тоҷикистонро бо ифтихор муаррифӣ менамоянд.

Таҳкими арзишҳои истиқлол, ҳифзи сулҳу субот ва посдории марзу буми кишвар бевосита ба масъулияти ҷавонони ватандӯст ва худогоҳ иртибот дорад. Истиқлолияти давлатӣ замоне пойдор боқӣ мемонад, ки ҳар як узви ҷомеа, бахусус ҷавонон, онро ҳамчун дастоварди таърихӣ арҷ гузошта, дар ҳифзи он масъулияти шахсии худро эҳсос намояд.

Дар шароити афзоиши равандҳои ҷаҳонишавӣ, дӯст доштани самимии Ватан, арҷгузорӣ ба арзишҳои миллӣ ва ҳифзу густариши онҳо, инчунин оштинопазирӣ нисбат ба андешаҳои бегонапарастона, заминаи ташаккули мафкураи миллӣ ва ҳувияти устувори ҷавононро фароҳам месозанд. Барои ташаккули чунин ҷаҳонбинӣ масъулияти бештаре аз ҷониби сохторҳои давлатӣ, муассисаҳои таълимӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ тақозо мегардад.

Мубориза бо терроризм, экстремизм, коррупсия, муомилоти ғайриқонунии маводи нашъаовар ва дигар таҳдидҳои замони муосир, ки ба амнияти ҷомеа ва арзишҳои миллӣ хатар эҷод мекунанд, вазифаи муҳими ҷавонони худшинос маҳсуб меёбад. Андешаи миллӣ ҳамчун қувваи маънавӣ ҷавононро ба худшиносиву худогоҳӣ ва ҳимояи давлату миллат раҳнамун месозад.

Ҷавонон такягоҳ ва умеди воқеии давлат ва ҷомеа мебошанд. Аз ин рӯ, зарур аст, ки пайваста ба таҳсил, такмили дониш ва баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии худ машғул бошанд. Зеро паст будани сатҳи маърифати ҳуқуқӣ яке аз сабабҳои асосии содиршавии ҷиноятҳо мебошад. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои вайрон кардани талаботи қонунҳо, аз

ҷумла Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон», ҷавобгариро пешбинӣ намудааст.

Ҳимояи давлату миллат ва ҳифзи сарҳади кишвар пеш аз ҳама бар дӯши ҷавонони далер, шуҷоъ ва ватандӯст вогузор гардидааст. Ҷавонон бояд Ватанро ҳамчун модар дӯст доранд ва онро мисли гавҳараки чашм ҳимоя кунанд.

Дар заминаи ислоҳоти соҳаи маориф, ки бо ташаббуси Пешвои миллат роҳандозӣ гардидааст, маблағгузории давлатӣ ба ин соҳа афзоиш ёфта, маоши омӯзгорон боло бурда шуда, механизми дастгирии қишри омӯзгорон таҳким ёфт. Дар ин замина тадбирҳои муҳим, аз ҷумла таъсиси:

- Ҷоизаи давлатии ба номи Исмоили Сомонӣ барои олимони ҷавон (1998);
- Ҷоизаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф (2006);
- Ҷоизаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ (2020);
- Тақдими қитъаҳои замини наздиҳавлигӣ ба омӯзгорони ҷавон;
- Стипендияҳои президентӣ барои олимон ва аспирантҳои ҷавон;
- Квотаи президентӣ барои ҷалби духтарону писарони деҳот ба таҳсилоти олӣ;

Ҳамаи ин тадбирҳо ба таҳкими соҳаи маориф, рушди қобилиятҳои зеҳнӣ ва зоҳаи инсонӣ ва тақвияти неруи илмии кишвар равона шудаанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нахустин рӯзҳои расидан ба суботи сиёсӣ бо роҳандозии сиёсати муқовимат ба терроризм ва экстремизм дар радифи кишварҳо ва созмонҳои байналмилалӣ амал мекунад. Ҷавонони кишвар низ дар ин ҷабҳа масъулиятшиносӣ ва ватандӯстию шуҷоат нишон дода, дар сафи муқовиматгарон алайҳи ифротгароӣ қарор доранд.

Мубориза бо хурофотпарастӣ, ҷаҳолат ва андешаҳои тундрав вазифаи аввалиндараҷаи ҳар ҷавони худогоҳу худшинос ба шумор меравад [6, с. 3–4].

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати иҷтимоӣ уҳдадор аст, ки барои шаҳрвандон шароити зиндагии шоиста ва рушди озоди шахсият фароҳам оварад. Дар ин замина, ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии ҷавонон ҳамчун қишри сершумори ҷомеа аҳамияти калидӣ дорад. Бино ба таъкиди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ҷавонон неруи созанда, иқтидори воқеии ҷомеа ва кафили пешрафти ояндаи давлату миллат мебошанд.

Ҷавонон дар шароити тағйироти амиқи иқтисодӣ, иттилоотӣ, равонӣ ва фарҳангӣ қарор доранд. Аз ин рӯ, ҳангоми таҳияи сиёсати нави давлатӣ дар бораи ҷавонон бояд воқеиятҳои замони муосир ба инобат гирифта шаванд. Ин маънои онро дорад, ки барномаҳо, стратегияҳо ва консепсияҳои сиёсати давлатии ҷавонон бояд ба ниёзҳо ва талаботи иҷтимоии имрӯза мувофиқат дошта бошанд [2].

Дар давраи соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати давлатии ҷавонон ҳамчун яке аз самтҳои асосии давлатдорӣ ташаккул ёфта, марҳила ба марҳила такмил дода шуд ва имрӯз ба сатҳи баланди рушд расидааст. Қабули қонунҳо, барномаҳо, стратегияҳо ва консепсияҳо, таъсиси сохторҳои махсус, татбиқи ташаббусҳои фарҳангиву маърифатӣ ва сиёсӣ, ҷорӣ гардидани ҷоизаҳо ва стипендияҳои давлатӣ – ҳамаи ин нишонаи таваҷҷуҳи пайвастаи давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавонон мебошанд.

Ҷавонон ҳамчун неруи ояндасоз ва кафили истиқлоли миллӣ дар таҳкими давлатдорӣ, рушди ҳаёти иҷтимоӣ ва муаррифии шоистаи кишвар дар арсаи байналмилалӣ нақши ҳалкунанда доранд. Танҳо бо такя ба дониш, худогоҳиву худшиносӣ, ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва муқовимат ба таҳдидҳои замон, онҳо метавонанд рисолати таърихии худро иҷро намуда, дар пешрафти минбаъдаи Тоҷикистон саҳмгузор бошанд.

***Адабиёт***


1. Азаматзода, Ғ. Феҳристнигории масъалаи ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ғ. Азаматзода. – Душанбе: Матбааи ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 2023. – 3 с.
2. Ғайратова, Ф. А. Ифротгароии ҷавонон ва мушкилоти муқовимат бо он дар Осиёи Марказӣ [Матн] / Ф. А. Ғайратова. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2023. – [кол-во с. не указано].

3. Мавлонзода, А. Х. Нақши созандаи Пешвои миллат дар ташаккули худшиносӣ ва ҳуввияти миллии тоҷикон [Матн] / А. Х. Мавлонзода. – Душанбе: Ношир, 2024. – 4 с.
4. Набиева, В., Бобоева, З. Густариши ифтихории миллии ҷавонони Тоҷикистони соҳибистиқлол [Матн] / В. Набиева, З. Бобоева. – Хуҷанд: Ношир, 2024. – 5–6 с.
5. Назирова, М. Н. Арзишҳои маориф ва нақши он дар ҳаёти ҷавонони муосир (таҳлили сотсиологӣ) [Матн] / М. Н. Назирова. – Душанбе: Аржанг, 2022. – 92 с.
6. Сафарализода, Ҳ. Қ. Нақши маориф дар мубориза бо ифротгароии сиёсӣ ва терроризм: маводи конфронси илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ (ш. Душанбе, 22 феврали соли 2022). Пешгуфтор [Матн] / Ҳ. Қ. Сафарализода. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2022. – 3–4 с.
7. Шарифзода, М. М. Ҷавонон ва пайроҳаи таҳқиқ [Матн] / М. М. Шарифзода. – Хуҷанд: Дабир, 2023. – 3 с.

## ТАЪРИХИ ТАШАККУЛ ВА ТАТБИҚИ СИЁСАТИ ДАВЛАТИИ ҶАВОНОН ДАР ТОҶИКИСТОН ДАР СОЛҲОИ (1992-2021)

Мақолаи пешниҳодгардида ба таҳлили фаъолияти ҷавонон ва нақши онҳо дар рушди ҷомеаи муосири Тоҷикистон бахшида шудааст. Муаллиф дар асоси таҳқиқи раванди ташаккули сиёсати давлатии ҷавонон дар даврони соҳибистиқлолӣ таъкид мекунад, ки ҷавонон ҳамчун неруи созандаву пешбарандаи ҷомеа дар маркази таваҷҷуҳи давлат қарор доранд. Дар мақола таърихи пайдоиш ва такомули санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, аҳамияти онҳо дар ҳавасмандсозии ҷавонон ба донишандӯзӣ, иштироки фаъол дар ҳаёти сиёсӣ ва иҷтимоии кишвар, инчунин саҳмгузорӣ дар рушди иқтисодӣ ва илмию техникӣ нишон дода мешавад.

Муаллиф бо истинод ба Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки сиёсати давлатии ҷавононро яке аз меҳварҳои калидии фаъолияти давлат арзёбӣ кардааст, зарурати дастгирии ташаббусҳои созандаи ҷавононро таъкид менамояд. Дар мақола баён мегардад, ки тавассути татбиқи санадҳои дахлдор шароити мусоиди ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ фароҳам омада, ҷавонон метавонанд дар тамоми соҳаҳои идоракунии давлатӣ, аз ҷумла илм, маориф, ҳимояи Ватан ва бунёдкории миллӣ саҳми арзанда гузоранд.

Муаллиф дар мақола таъкид менамояд, ки сиёсати устувори давлатӣ нисбат ба ҷавонон дар Тоҷикистон на танҳо кафили ҳифзи манфиатҳои насли наврас мебошад, балки заминаи боэътимод барои рушди устувори ҷомеа ва таҳкими давлатдории миллӣ ба шумор меравад.

**Калидвожаҳо:** сиёсати давлатии ҷавонон, Тоҷикистон, ҷавонон, истиқлолият, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, рушди ҷомеа, таҳкими давлатдорӣ, иштироки сиёсӣ ва иҷтимоӣ

## ИСТОРИЯ ФОРМИРОВАНИЯ И РЕАЛИЗАЦИИ ГОСУДАРСТВЕННОЙ МОЛОДЕЖНОЙ ПОЛИТИКИ В ТАДЖИКИСТАНЕ В 1992–2021 ГГ.

Предлагаемая статья посвящена анализу деятельности молодежи и их роли в развитии современного таджикского общества. Автор, опираясь на исследование процесса формирования государственной молодежной политики в годы независимости, подчеркивает, что молодежь как созидательная и движущая сила общества находится в центре внимания государства. В статье рассматривается история возникновения и эволюции нормативно-правовых актов, а также их значение в стимулировании молодежи к получению образования, активному участию в политической и социальной жизни страны, а также вносу вклада в экономическое и научно-техническое развитие.

С опорой на Послание Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона, в котором государственная молодежная политика определяется как один из ключевых приоритетов деятельности государства, автор акцентирует необходимость поддержки созидательных инициатив молодежи. В статье отмечается, что посредством реализации соответствующих нормативно-правовых актов созданы благоприятные правовые и социальные условия, позволяющие молодежи активно участвовать во всех сферах государственного управления, включая науку, образование, защиту Отечества и национальное созидание.

Автор подчеркивает, что устойчивая государственная политика в отношении молодежи в Таджикистане является не только гарантом защиты интересов подрастающего поколения, но и надежной основой для устойчивого развития общества и укрепления национальной государственности.

**Ключевые слова:** государственная молодежная политика, Таджикистан, молодежь, независимость, нормативно-правовые акты, развитие общества, укрепление государственности, политическое и социальное участие

## THE HISTORY OF THE FORMATION AND IMPLEMENTATION OF STATE YOUTH POLICY IN TAJIKISTAN (1992–2021)

The proposed article is devoted to the analysis of youth activities and their role in the development of modern Tajik society. Based on a study of the process of shaping state youth policy in the years of independence, the author emphasizes that youth, as a creative and driving force of society, remain at the center of state attention. The article examines the history of the emergence and evolution of normative legal acts, as well as their significance in motivating young people to acquire knowledge, actively participate in the political and social life of the country, and contribute to economic and scientific-technical development.

Referring to the Address of the President of the Republic of Tajikistan, Emomali Rahmon, in which state youth policy is defined as one of the key priorities of government activity, the author highlights the need to support the constructive initiatives of young people. The article notes that through the implementation of the relevant legislative framework, favorable legal and social conditions have been created, enabling youth to participate actively in all areas of state governance, including science, education, homeland defense, and national development.

The author stresses that a consistent state policy towards youth in Tajikistan is not only a guarantee of protecting the interests of the younger generation but also a reliable foundation for sustainable societal development and the strengthening of national statehood.

**Keywords:** state youth policy, Tajikistan, youth, independence, normative legal acts, social development, state-building, political and social participation

**Дар бораи муаллиф**
Рустамӣ Фарзона Фурқат
Доктарант PhD соли 3-юм
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Академик Бобоҷон Ғафуров
Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлнбеков 1.
E mail: m_farzon90@mail.ru

**Об авторе**
Рустами Фарзона Фуркат
докторант PhD, 3-й год
Худжандский государственный университет имени академика Бободжона Гафурова
Адрес: 735700, Республика Таджикистан, г. Худжанд, проезд Мавлонбекова, 1
E-mail: m_farzon90@mail.ru

**About the Author**
Rustami Farzona Furqat
3rd-year PhD Doctoral Student
Khujand State University named after Academician Bobojon Ghafurov
Address: 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, 1 Mavlonbekov Passage
E-mail: m_farzon90@mail.ru

## Қоидаҳои таҳияи мақолаҳо

Идораи маҷаллаи «Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. Бахши илмҳои фалсафа, ҳуқуқ ва сиёсатшиносӣ» мақолаҳои илмиро дар доираи самтҳои дар мавзуи нашрия мавҷудбуда барои чоп қабул мекунад. Муаллифон ҳангоми таҳия ва пешниҳоди мақолаҳо бояд ба нуктаҳои зерин таваҷҷуҳ дошта бошанд:

1. Мақолаҳо ба идораи маҷалла дар шакли электронӣ ва чопӣ пешниҳод карда мешаванд.
2. Мақола дар вироишгари матни WinWord (формати А4) бо ҳуруфи Times New Roman чоп шуда, бояд ҳошияҳои саҳифаҳо 2 см, ҳаҷми ҳарфҳо 14 ва фосилаи байни сатрҳо 1,0 бошад.
3. Ҳаҷми матлуби мақола якҷо бо аннотатсия ва рӯйхати адабиёт аз 10 то 16 саҳифа мебошад.
4. Дар аввали мақола индекси ТДУ (УДК) дар тарафи чапи саҳифа гузошта мешавад.
5. Маълумот дар бораи муаллиф(он), номи мақола, матни аннотатсия ва калидвожаҳо бо 3 забон – тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ оварда мешаванд.
6. Насаб, ном ва номи падар (пурра), унвон, дараҷаи илмӣ, вазифа, ҷои кор ва суроғаи он, почтаи электронӣ ва шумораи телефони муаллиф(он) дар сатрҳои алоҳида зери ҳам навишта мешаванд.
7. Аннотатсия бояд 100 - 200 вожаро фаро гирифта, дар он хулосаи мухтавои мақола ва натиҷаҳои таҳқиқот дарҷ гардад. Истифодаи ибораҳои умумӣ ва ҷузъиёти беаҳамияти мавзуъ зарурат надорад.
8. Калидвожаҳо аз ҳамдигар бо аломати вергул ҷудо карда шуда, бояд фарогири 5-10 калима ва ибораҳои зарурии мавзуъ бошанд.
9. Дар матни мақола овардани истинод ба манбаи истифодашуда ҳатмӣ мебошад. Истинод ба манбаъ пас аз матни иқтибосшуда бо нишон додани рақами тартибии манбаи иқтибос ва саҳифаи мавриди назари он дар дохили қавсайни чоркунҷа оварда мешавад, масалан: [5, с. 24].
10. Рӯйхати адабиёт пас аз матни мақола ба тартиби алифбо дар шакли феҳристи библиографӣ оварда мешавад. Феҳристи библиографӣ мутобиқи талаботи ГОСТ таҳия карда шуда, дар он нахуст номгӯи адабиёти кириллӣ ва сипас адабиёти хориҷӣ меояд.
11. Дар рӯйхати адабиёт ҳангоми овардани монография, луғатнома, автореферат ва дигар намуди китобҳо овардани ҷой (шаҳр, нашриёт) ва соли нашр, шумораи умумии саҳифаҳо ва барои мақола, фишурда, боб ё фасли китоб ва монанди ин қайд намудани саҳифаҳои онҳо ҳатмист.
12. Рӯйхати адабиёт бояд на кам аз 10 манбаи илмӣ-таҳқиқотӣ, аз ҷумла на кам аз 30% таҳқиқоти илмии дар дохили кишвар ба нашр расидаро фаро гирад. Номгӯи адабиёти мансуб ба муаллиф набояд беш аз 25%-и рӯйхати адабиётро ташкил диҳад.
13. Тавсия дода мешавад, ки аз таҳқиқотҳои доир ба мавзуи мақола қаблан дар нашрияҳои илмии тақризшаванда, хусусан дар маҷаллаи "Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. Бахши илмҳои фалсафа, ҳуқуқ ва сиёсатшиносӣ" нашргардида истифода бурда шавад. Инчунин ба нашри мақолаҳое, ки дар онҳо ба таҳқиқотҳои анҷомёфтаи солҳои охир ва манбаъҳои муътамад истинод сурат гирифтааст, бартарӣ дода мешавад.
14. Маҷалла мақолаҳои илмиеро, ки дорои зиёда аз ду ҳаммуаллиф мебошанд (ба истиснои таҳқиқотҳои таҷрибавӣ), нашр намекунад.
15. Мақолаҳои аспирантон, унвонҷӯён ва докторантон аз рӯи ихтисос (PhD) бо тавсияи роҳбари илмӣ ва мақолаҳои магистрантон дар ҳаммуаллифӣ бо номзади илм ё доктори илм қабул карда мешаванд.
16. Мақолаҳое, ки қаблан дар дигар нашрияҳо ба нашр расидаанд ё барои чоп супорида шудаанд, қабул карда намешаванд. Ҳайати таҳририя ҳуқуқ дорад, ки мақолаи илмиро ихтисор ва ё ислоҳ намояд.
17. Матни маводи пешниҳодшаванда нусхаи ниҳоӣ маҳсуб шуда, бояд таҳриршуда ва беғалат бошад. Масъулияти боэътимодии аснод, рақамҳо ва мухтавои мақолот бар дӯши муаллиф(он) мебошад.
18. Дар ҳолати риоя нашудани талаботҳои дар боло зикршуда идораи маҷалла ҳақ дорад, ки чунин мақолаҳоро баррасӣ нанамояд.

## Правила оформления статей

Редакция журнала «Вестник Педагогического университета. Серия философия, право и политические науки» принимает к печати научные статьи по тематике, соответствующей профилю журнала. При подготовке и представлении статей авторы должны обратить внимание на следующее:

1. Статьи предоставляются в редакцию журнала в электронном и печатном виде.
2. Статья должна быть напечатана в текстовом редакторе WinWord (формат А4) шрифтом Times New Roman, с полями 2 см, кеглем 14 и межстрочным интервалом 1,0.
3. Оптимальный объем статьи вместе с аннотацией и списком литературы составляет от 10 до 16 страниц.
4. В начале статьи слева на странице размещается индекс УДК.
5. Информация об авторе(ах), название статьи, текст аннотации и ключевые слова приводятся на 3 языках - таджикском, русском и английском.
6. Фамилия, имя и отчество (полностью), ученое звание, ученая степень, должность, место работы и его адрес, электронная почта и номер телефона автора(ов) пишутся на отдельных строках.
7. Аннотация должна содержать 100-200 слов, в ней должны быть изложены краткое содержание статьи и результаты исследования. Использование общих фраз и несущественных деталей темы нецелесообразно.
8. Ключевые слова, отделенные друг от друга запятой, должны содержать 5-10 слов и основных фраз темы.
9. В тексте статьи обязательно должны быть ссылки на использованные источники. Ссылка на источник дается после цитируемого текста с указанием порядкового номера источника и страницы в квадратных скобках, например: [5, с. 24].

10. Список литературы приводится после текста статьи в алфавитном порядке в виде библиографического списка. Библиографический список оформляется в соответствии с требованиями ГОСТа, в нем сначала дается литература на кириллице, затем - на латинице.
11. В списке литературы, при описании монографии, словаря, автореферата и других видов книг, необходимо указать место (город, издательство) и год издания, общее количество страниц, а для статьи, тезисов, глав или раздела книги и т.п. - их страницы.
12. Список литературы должен содержать не менее 10 научно-исследовательских источников, из них не менее 30% - научных работ, опубликованных в стране. Библиография автора не должна составлять более 25% списка литературы статьи.
13. Рекомендуется использовать исследования по теме статьи, ранее опубликованные в рецензируемых научных журналах, особенно в журнале «Вестник Педагогического университета. Серия философия, право и политические науки». Приоритет отдается статьям, в которых ссылаются на исследования последних лет и авторитетные источники.
14. Журнал не публикует научные статьи, имеющие более двух соавторов (за исключением экспериментальных исследований).
15. Статьи аспирантов, соискателей и докторантов PhD принимаются к публикации по рекомендации научного руководителя, а статьи магистрантов - в соавторстве с кандидатом наук или доктором наук.
16. Статьи, ранее опубликованные в других изданиях или переданные в печать, не принимаются. Редакционная коллегия имеет право сокращать или редактировать научную статью.
17. Текст представленного материала является окончательной версией, должен быть вычитанным и без ошибок. Ответственность за достоверность фактов, цифр и содержания статей несет автор(ы).
18. В случае несоблюдения вышеуказанных требований редакция журнала имеет право не рецензировать такие статьи.

**Rules for the design of articles**

The editorial board of the journal of «Herald of the Pedagogical University. Series philosophy, law and political sciences» accepts scientific articles on topics corresponding to the journal's for publication profile. During preparing and submitting articles, authors should pay attention to the following:

1. Articles are submitted to the editorial board of the journal in electronic and printed form.
2. The article should be typed in the text editor WinWord (A4 format) in Times New Roman font, with margins of 2 cm, font size 14 and line spacing 1.0.
3. The optimal volume of the article jointly with the abstract and list of references is from 10 to 16 pages.
4. The UDC index is placed on the left side of the page at the beginning of the article.
5. Information about the author(s), the title of the article, the abstract text and keywords are given in 3 languages - Tajik, Russian and English.
6. The author's(s) surname, first name and patronymic (in full), academic title, academic degree, position, place of work and its address, e-mail and phone number are written on separate lines.
7. The abstract should contain 100-200 words and should outline the content of the article and the results of the research. The use of general phrases and insignificant details of the topic is not advisable.
8. Keywords, separated by commas, should contain 5-10 words and main phrases of the topic.
9. The text of the article must contain references to the used sources. The reference to the source is given after the quoted text with the indication of the serial number of the source and the page in square brackets, for example: [5, p. 24].
10. The list of references is given after the text of the article in alphabetical order in the form of a bibliographic list. The bibliographic list is drawn up in accordance with the requirements of GOST; it first lists literature in Cyrillic, then in Latin.
11. During describing a monograph, dictionary, abstract and other types of books in the list of references, it is necessary to indicate the place (city, publisher) and year of publication, the total number of pages, and for an article, abstract, chapter or section of a book, etc. - their pages.
12. The list of references should contain at least 10 scientific research sources, at least 30% of them should be scientific papers published in the country. The author's bibliography should not exceed 25% of the list of references in the article.
13. It is recommended to use research on the topic of the article, previously published in peer-reviewed scientific journals, especially in the journal «Herald of the Pedagogical University. Series philosophy, law and political sciences». Priority is given to articles that refer to research from recent years and authoritative sources.
14. Scientific articles with more than two co-authors (except for experimental research) will not be published in the journal.
15. Articles of postgraduate students, applicants and PhD students are accepted for publication on the recommendation of the scientific supervisor, and articles of master's students - in co-authorship with a candidate of sciences or doctor of sciences.
16. Articles previously published in other publications or submitted for publication are not accepted. The editorial board has the right to shorten or edit the scientific article.
17. The text of the submitted material is the final version, it must be proofread and free of errors. The author(s) is responsible for the accuracy of the facts, figures and content of the articles.
18. In case of non-observance of the above requirements, the editorial board of the journal has the right not to review such articles.

**ВЕСТНИК ПЕДАГОГИЧЕСКОГО УНИВЕРСИТЕТА**
Серия философия, право и политические науки
**№ 3 (19) 2025.**

---

**Издательский центр**
**Таджикского педагогического университета им. С.Айни**
**по изданию научного журнала**
**«Вестник педагогического университета. Серия философия, право и политические науки»:**
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 121
Сайт журнала: http://filosofiya.tgpu.tj
E-mail: vestnik.tgpu@gmail.com
Тел.: (+992 37) 224-20-12, (+992 37) 224-13-83.
Формат 70x108/16. Бумага офсетная. Печать офсетная.
Тираж 100 экз. Уч. изд. л. 19,6
Подписано в печать 30.09.2025 Заказ №179
Отпечатано в типографии ТГПУ им. С.Айни
734025, г.Душанбе, ул.Рудаки 121.